Муҳаммадҷон Шукуров

# Мактаби одамият

Муҳаммадҷон Шукуров

# Мактаби адабият

Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият

ДУШАНБЕ АДИБ 1991

ББК 83.3 Тоҷик
Ш 95

Муҳаррир *Ю. Аҳмадзода*

ISBN 5—8362—0277—X

© Нашриёти «Адиб», 1991



# I. ЁДЕ АЗ ГУЗАШТАГОН

## «БА АСОБАҒАЛ ОДАТ НАКУНЕД»

Монографияи машҳури устод Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» нахустин бор соли 1946—1947 дар чанд шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп шуда буд. Хонандагон ин асарро чунон бо шавқ пешвоз гирифтанд, ки ҳар шумораи маҷалла чанд гоҳ даст ба даст мегашт ва гӯё ҳама пиру ҷавон «бедилхон» шуданд. Дар андак муддат он нусхаҳои маҷалла, ки дар дасти мардум буд, кӯҳна шуда, аз кор баромад, аксари онҳоро дигар хондан мумкин набуд ва мо ба шакли китоб пурра чоп шудани монографияро мунтазир будем. Лекин аз байн чанд сол гузашту ин асар дар шакли китоб пайдо нашуд. Мо ҳайрон будем, ки чаро устод аз чопи ин китоб худдорӣ мекунад.

Ниҳоят, тахминан баҳори соли 1952 ба мо, кормандони Институти забон ва адабиёт эълон карданд, ки он рисолаи Айнӣ муҳокима хоҳад шуд, матни онро аз «Шарқи сурх» ёфта хонем ва ба муҳокима тайёр шавем. Ҳарчанд хостем бифаҳмем, ки мақсади муҳокима чист, касе ба мо чизе намегуфт.

Қамина шумораҳои даркории маҷалларо аз хона ёфтаму боз як бор хондан гирифтам. Баъзе рафиқони дигар ҳам ёфтанд ва ҳар рӯз, ки ба кор меомадем, дар байнамон аз таассуроте, ки дар натиҷаи хониши рисола пайдо мегардид, сухан сар мешуд. Гоҳ рӯзи дароз фақат дар бораи ин китоб гап мезадем.

Чанде пеш аз ин ба сектори адабиёт, ки мо чанд нафар он ҷо бо сарварии Ш. Ҳусейнзода кор мекардем, корманди наве омада буд. Ӯ марди солхӯрдае буд ва камина вайро аз солҳои донишҷӯӣ, аз замони ҷанг, ки дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» кор ҳам мекардам, мешинохтам ва медонистам, ки чандин сол дар маорифу матбуоти республика хизмат кардааст. Чӣ шуд, ки охир ӯро ба институти мо ба кор фиристоданд.

Дар институт мо, ходимони сектори адабиёт, аз ҷумла ин корманди нав дар як хона менишастем ва ҳар дафъа ки аз рисолаи Айнӣ сухан оғоз ёфт, ӯ мегуфт, ки ин асари устод баъзе норасоиҳо дорад, баъзе фикрҳои ӯ аз марксизм-ленинизм дур аст ва ҳоказо. Шояд аз таъсири ин гапҳо бошад ё ба сабаби он ки он солҳо асареро ба муҳокима гузоштан аксаран чунин маънӣ дошт, ки аз он ҳар чӣ бештар камбудӣ ёфтан даркор ва ин камбудиҳоро бо суханҳои сахте гуфтан лозим буд, ё мумкин аст, боз бо сабабҳои дигаре кам-кам камина ҳам аз рисолаи устод «норасоӣ» ёфтан гирифтам. Ҳар дафъа ки дар институт байни мо аз китоби устод гап сар мешуд, камина баъзеи ин «норасоиҳо»-ро мегуфтам. Гапҳои ман ба он корманди нав маъқул меомаданд ва ӯ маро таъриф мекард. Боре ба камина гуфт: «Шумо як ҷавони навкор ҳастеду аз китоби домулло Айнӣ ҳамин қадар камбудӣ ёфтаед, офарин! Рӯзи маҷлиси муҳокима ин камбудиҳоро гуфтанатон даркор, то ки ҳама донанд, ки мо чӣ гуна ҷавонҳо дорем». Ин маслиҳат, албатта, ба ман маъқул шуд ва ман барои дар муҳокимаи асари устод баромад намудан тайёрӣ сар кардам.

Ниҳоят, рӯзи муҳокима фаро расид. Аҳли илму адаб дар зали калони Институти забону адабиёт (ҳозира бинои Институти шарқшиносӣ дар кӯчаи Парвин) ҷамъ шуданд. Худи устод Айнӣ ба ин маҷлис наомад. Устод он рӯзҳо дар Сталинобод вале нотоб будааст. А. Деҳотӣ узри ӯро ба ҳозирон расонид.

Агар хато накунам, аввал А. Деҳотӣ дар бораи рисолаи устод ва аҳамияти он дар адабиётшиносии мо муфассалан сухан ронд. Баъд музокира сар шуд. Дар музокира камина ҳам гап задам ва бо иддиои зиёде чанд эрод гирифтам.

Як эроди ман ин буд: Боби якуми рисолаи устод «Ватани Бедил» ном дошт ва ин боб бо чунин ҷумлаҳо сар шудааст: «Ватани Мирзо Абдулқодири Бедил мам-

лакати Ҳиндустон буда, ин сарзамин ба афсонаҳои динии аҷибу ғариб соҳиб мебошад. Агар мамлакатҳои дигари Шарқ гаҳвораи афсонаҳо бошанд, Ҳиндустон модари он афсонаҳо ба шумор меравад». Чунон ки мебинем, ин ҷо фикри аҷибе баён шудааст ва устод Айнӣ ба роли мардумони Ҳиндустон дар таърихи инкишофи маънавии халқҳои ҷаҳон бағоят баҳои баланд додааст. Аз чӣ сабаб бошад, ки он вақт ин гуфтаҳои устод ба назари ман камбудии калон намуданд. Ман гуфтам, ки Ҳиндустон имрӯз аз юғи мустамликадорон озод шуда зиндагии нав месозад, аммо домулло аз он ҷо ҳанӯз фақат афсона, ҳатто «афсонаҳои динӣ» меҷӯянд.

Ин гапи ман имрӯз хандаовар менамояд ва тамоман равшан аст, ки эрод аз тавзеҳи беасоси худсарона ба миён омадааст, вале он солҳо аксари эродҳои танқидӣ чунин мазмун доштанд ва аз ин рӯ, баромади ман ба баъзеҳо маъқул шуд. Фақат А. Деҳотӣ дар охири маҷлис боз ба сухан баромада, аз ҷумла ба эродҳои ман ҷавоб гуфт ва баъзе ҷавобҳояш сахт буданд.

Қарордоди маҷлис ин шуд, ки рисолаи С. Айнӣ сазовори чоп аст ва муаллиф баъзе норасоиҳои онро ислоҳ кунад.

Ҳангоми маҷлис дар дасти А. Деҳотӣ корректураи ин китоби устодро дидем. Дар дасти баъзе касони дигар ҳам нусхае аз корректура буд. Маълум гардид, ки ин китоб кайҳо бояд чоп мешудааст, вале касе баъди ба чоп рафтани он тақризи манфӣ навиштааст ва аз ин сабаб китобро аз чоп нигоҳ доштаанд. Пас аз андаке фаҳмидем, ки муаллифи он тақризи манфӣ ҳамон кормандӣ нави мо будааст, ба сабаби тақризи ӯ китоби Айнӣ чанд гоҳ аз чоп монда, охируламр ин муҳокимаро ташкил кардаанд. Он гоҳ равшан шуд, ки чаро ин корманди нав маро ва баъзе касони дигарро ба сухаронии танқидӣ ташвиқ менамудааст. Инро дониста будам, ки дуд аз димоғам баромад, аз гапҳое, ки дар маҷлиси муҳокима гуфта будам, пушаймон шудам, зеро надониста ба онҳое, ки нашри чунин китоберо манъ кардан мехостанд, шарик гардидаам. Ғам мехӯрдам, ки акнун дили устод аз ман монд.

Аз миён тахминан як моҳ гузашту Айнӣ ҳанӯз дар Сталинобод буд ва рӯзе фарзанди арҷманди устод Холидахон ба камина гуфт, ки домулло шуморо дидан мехоҳанд. Аҳд кардем, ки Холидахон аз устод пурсида рӯ-

зу соати ба мулоқоти ӯ омадани каминаро муайян мекунад.

Дар андеша будам, ки бо кадом рӯй ба назди устод меравам. Овозаи сахтгирию сахтгапии устодро бисьёр шунида будам. Якин кардам, ки адабамро хохад дод.

Пеш аз ин хар дафъа ба назди устод бо чанд савол мерафтам. Ин бор ҳам эҳтиётан чанд саволеро, ки ҷамъ шуда буд, дар дафтаре навиштам, то ки агар вазъият имкон диҳад ва коҳишҳои устод бисьёр тӯл накашад, ҷавоби онҳоро аз ӯ пурсам.

Устод дар чорбоғи ҳукумат зиндагӣ мекард. Ӯ дар хона танҳо буд. Дар рӯи нимкате дароз кашида ва кампалеро ба болояш то китф гирифта буд. Чун камина даромадам, сар бардошта, нимхез шуда, ба болишт такья кард ва гуфт, ки ҳанӯз бемор аст ва духтурон ба хестану гаштан иҷозат намедиҳанд, бинобар ин аз ҷо нахоҳад хест. Аҷобат дар ин буд, ки каминаро монанди дафъаҳои пеш бо чеҳраи кушод ва гармпурсиҳо пешвоз гирифт ва дар рӯяш асаре аз ранҷиш надидам. Ба майли хотир аз ҳар бобат сухан ба миён меовард ва дар дастам дафтареро дида, фармуд, ки саволҳоямро гӯям. Чун саволеро мегуфтам, устод муфассалан ҷавоб медод. Ҳар ҷавобаш оид ба ҳаёту эҷодиёти худаш як дунё маълумоти аҷиберо дар бар мегирифт.

Афсӯс, ки ман он ҷавобҳоро дуруст шунида наметавонистам, зеро банди хаёлҳое будам, ки коҳиш ва итобу хитоб кай сар мешуда бошад. Вале кохиш сар нашуд. Устод на фақат муҳокимаи рисолаи ӯ ва баромади маро ба хотир наовард, балки номи Бедилро ягон бор ба забон нагирифт. Гӯё воқиае рӯй надода буд ва муомилаи устод ба камина тамоман монанди пештара давом мекард. Фақат дар охир, ки нишонаҳои аз сӯҳбат монда шуданаш намоён шудан гирифт, гуфт, ки дар кори илмӣ бо мавзӯъҳои майда бисёр овора нашуда, мавзӯъҳои калонтар гирифтан даркор аст. Ниҳоят, ба ман муваффақият хост ва ба ҳамон оҳанги хайрхоҳӣ гуфт:

— Лекин ба кадом мавзӯъ, ки даст занед, ба чӣ кор ки машғул шавед, ба асобағал одат накунед. Дар ҳар сурат то ҳадди имкон бе асобағал гаштанро ёд гиред.

Донистам, ки «итобу хитобаш» ҳамин аст. Шубҳае намонд, ки дар маҷлиси муҳокима бо далолати он корманди нави институт барои суханронии айбҷӯёнае ҷуръат кардани маро устод аз куҷое фаҳмидааст ва акнун

падарона насиҳат мекунад, ки дар зиндагӣ ба ақлч худ амал кардан даркор аст, на ба гапи мардум.

Он гуфтаи устод то имрӯз дар гӯшам аст ва ҳеҷ гох фаромӯш нахоҳам кард.

Бо таассуф бояд гуфт, ки устод боби якуми рисола — ҳамон боберо, ки «Ватани Бедил» ном дошт, аз китоб баровардааст: ин боб дар нашри соли 1954 нест ва аз чи сабаб бошад, ҳатто ба ҷилди XI-и Куллиёти ӯ дохил нашудааст. Ба ақидаи камина, ба чопҳои минбаъдаи китоби Айнӣ «Мирзо Абдулкодири Бедил» илова кардани он боб зарур аст.

1983

## УСТОДИ ЧУНИН БОЯД!

Соли 1952 роҳбарияти Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон қарор дод, ки дар матбуот дар масъалаи маданияти сухан баҳсе кушояд. Ба Додоҷон Тоҷиев ва Владимир Аронович Лившиц супориш шуд, ки дар бораи масъалаҳои умумии маданияти сухан мақолае нависанд. Дигар забоншиносон мавзӯъҳои ҷудогонаи ин масъаларо байни худ тақсим намуда, ҳар кадоме ба навиштани мақолае тайёрӣ сар карданд.

Ниҳоят, мақолаи калони Д. Тоҷиеву В. А. Лившиц дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд ва мубоҳиса оғоз ёфт. Ин баҳс дар таърихи забоншиносии мо якумин мубоҳисаи доманадори муташаккил дар бораи маданияти сухан буд. Хусусан солҳои чил чунин муҳокимае зарурат пайдо кард: маданияти сухан ҳар чӣ паст мерафт, сухани пастмаҳак ва нодурусту вайрон дар матбуоту нашриёт афзоиш меёфт. Инро пешгирӣ кардан, чорае андешидан даркор буд. Мақсад аз он мубоҳиса ҳамин буд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва нависандагон дар ин мубоҳиса бо ҷӯшу хурӯш иштирок намуданд.

Мубоҳиса нав сар шуда буд, ки рӯзе директори Институти забон ва адабиёт аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон М. Фозилов каминаро назди худ хонд ва таклиф кард, ки ба ин мубоҳиса ҳамроҳ шавам ва дар бораи забони радиои Тоҷикистон мақолае нависам. Камина дар андеша мондам: азбаски дар шӯъбаи адабиёт кор мекунам, чӣ тавр мешавад, ки дар бораи забон мақола нависам. М. Фозилов исрор дошт, ки масъалаи забони радио хеле муҳим аст, аммо аз забонши-

носон касе намонд, ки дар ин мавзӯъ барои мубоҳиса чизе нависад, зеро дасти ҳамаи онҳо ба мавзӯъҳои дигар банд аст. Вай мегуфт, ки ту дар институти педагогӣ аз забон ҳам дарс медиҳӣ, наход, ки навиштани чунин мақола душвор ояд.

Охир илтимосро қабул намудам. Иҷозат шуд, ки чанд рӯз ба кор наоям, радио гӯш кунам, дар бораи ҳусну қубҳи забони он бештар материал ба даст орам. Ғайр аз ин, чанд чиз дар бораи ин ки забони радио ва сухани дикторҳо бояд чӣ гуна бошад, ёфта хондам.

Ниҳоят, мақолае навиштам, ба ду-се нафар аз рафиқон хонондам, аз рӯи маслиҳати онҳо ислоҳ намудам ва ба «Тоҷикистони сурх» супурдам.

Охири соли 1952 ва аввали соли 1953 мақолаҳои баҳси маданияти сухан дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» мунтазаман нашр мешуданд. Он вақтҳо фикри мо бештар побанди ҳамин мақолаҳо буд. Ҳамин ки мақолае баромад, зуд мехондем ва байни худ хеле мунозира мекардем, муаллифро табрик мегуфтем ё ба сарзаниши ӯ забон мекушодем. Бо ин роҳ бисьёр масъалаҳоро барои худ равшан менамудем.

Лекин мақолаи ман чоп шуда буд, ки якбора ҳама ба даҳан об гирифтанд. Мақоларо на нағз мегуфтанд, на бад. На хурсандӣ изҳор мекарданд, на норозигӣ. Гӯё мақолаи ман чоп нашуда буд. Хусусан дар ҷавонӣ як чизи кас аз чоп барояду мардум дар бораи он чизе нагӯянд, сахт алам мекунад, ҳазор андеша аз дили кас мегузарад. Он мақола якумин мақолаи ман дар бораи забон буд, яқин кардам, ки беҳуда ба коре ғайри ихтисоси худ даст задаам.

Чанд вақт аз байн гузашт. Рӯзе дӯстам Шавкат Ниёзӣ омаду гуфт:

— Имрӯз устод Айнӣ ба Самарқанд бармегарданд. Ҳама нависандагон ба гусел мебароянд. Биё, мо ҳам ба вокзал равем, бинем, ки домуллоро чӣ тавр гусел мекунанд.

Аз ин таклифи ғайри чашмдошт ҳайрон шудам ва гуфтам:

— Ман киву устод Айнӣ кӣ? Ту бо бародарат (яъне Фотеҳ Ниёзӣ) ба гусели домулло бароӣ, маъние дорад. Ба шарофати бародар ба ин давлат мерасӣ. Аммо ман ба чӣ баҳона ба гусел мебароям? Шиносоии ман ба устод ба он дараҷа нест, ки ба пешвозу гуселаш бароям.

Шавкат Ниёзӣ гуфт:

— Не, мо домуллоро гусел намекунем. Дар як канор истода, ба вокзал омадани домулло, ба вагон даромаданашонро аз дур мебинем.

Пас аз долу қазои бисьёре оқибат ба сӯи вокзал равон шудем. То ҳаракати поезд ҳоло зиёдтар аз як соат вақт буд. Шавкат Ниёзӣ гуфт, ки домулло Айнӣ одатан ба вокзал хеле барвақт мебароянд, камаш як соат пеш ба вагон даромада, чизҳоро ҷо ба ҷо гузошта, хотирҷамъ менишинанд. Бино бар ин, ману Шавкат ҳам барвақт ба вокзал омадем. Дар як гӯша истодем ва мунтазири омадани устод будем. Нависандагон гурӯҳ-гурӯҳ, дукасӣ-секасӣ омада ба вокзал медаромаданд. Аммо аз устод дарак набуд. Мо ҳайрон будем, ки чаро устод ин дафъа тарки одат карданд ва ҳанӯз намеоянд.

Аз дур Мирсаид Миршакар намоён шуд. Чашмаш ба мо афтоду наздик омад ва гуфт:

— Ҳа, бачаҳо, чӣ ин ҷо истодаед?

Гуфтем:

— Кор дорем, ба як кас мунтазирем.

Миршакар гуфт:

— Ҳоло ҳама корро монед, биёед, домулло Айниро зиёрат кунед, домулло имрӯз Самарқанд мераванд.

Гуфтем:

— Домулло ҳанӯз наомадаанд.

Миршакар табассум карду:

— Домулло кайҳо омадагӣ, рафтем,— гуфт ва аз дасти мо гирифта, сӯи вокзал кашид.

Вагони ҳукуматӣ зале доштааст, ки пур аз нависандагон буд. М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, Ф. Ниёзӣ, М. Раҳимӣ...— 10—15 нафар ҳозир ва дар курсиҳои пеши девор нишаста буданд. Дар як тараф устод Айнӣ нишаста буд, ки дар тан китель ва дар сар тӯппии чустӣ дошт. Дар паҳлуи устод занеро дидем, ки ҳар замон аз ӯ чизе мепурсид ва ҷавоби саволашро дар дафтарчае менавишт. Баъд фаҳмидем, ки ин зан нависандаи рус Вера Смирнова будааст. Пас аз чанд сол ӯ мазмуни сӯҳбати онрӯзаро дар як мақолааш баён намуд.

Ҳамин ки мо устодро зиёрат карда, курсиҳои холӣ ёфта нишастем, устод ба ман рӯ оварданд:

— Муҳаммадҷон, мақолаатонро хондам. Мақолаи нағз навиштаед. Дар бораи забони радио гапҳои дуруст гуфтаед. Боракалло! Ҳамин тавр навиштан гиред.

Баъд ба М. Турсунзода муроҷиат намуданд:

— Рафиқ Турсунзода! Муҳаммадҷон шуданӣ менамоянд. Ин касро тарбия кардан даркор.

М. Турсунзода ба нишони қабулдошт сар ҷунбонд:

— Барои тарбия ёфтани ҷавонҳо ҳама шароит тайёр. Ин кас дар ҷои нағз кор мекунанд, дар Институти забон ва адабиёт...

Дигар гапҳо чандон ба гӯшам надаромад. Аз сухани устод, ки дар ҳаққи ман гуфтанд, сарам гаранг шуда буд. Дидам, ки ҳама як ба устод менигаранд, як ба ман. Хиҷолат кашидам, гӯё беодобие аз ман рӯй дода бошад, арақ аз сарам шоридан гирифт. Даст ба киса бурдам, дар ягон кисаам рӯймолча набуд, ки араки рӯямро пок кунам. То охир аракшор нишастам ва сар набардоштам. Лекин сари ҳамам ба осмон расида буд.

Ниҳоят, садои занги вокзал баланд шуд ва мо бо устод хайру хуш гуфта, аз вагон баромадем.

Пас аз ин чанд гоҳ биниам ба осмон шуд. Касеро писанд намекардам. Бисьёр касон ба назарам мӯрчае менамуданд. Охир, устод Айнӣ маро таърифа кард. Бисьёр шунидаам, ки ӯ устоди сахтгир аст, сустгузор нест. Бо вуҷуди ин ба мақолаи ман заррае эрод нагирифт. Пас, ман зӯр будаам!

Хайрият, ки ин ҳиссиётамро ба касе нагуфтам. Шояд кайфиятам падидаҳои зоҳирӣ надошт ё кам дошт, ки аз рафиқони наздик ҳам касе ягон бор аз худ рафтани маро сарзаниш ё ишора накард. Қам-кам ба худ омадам.

Солҳо мегузаштанд. Он мулоқот бо устод Айнӣ, инчунин дигар вохӯриҳо, ки пеш аз он бо ӯ доштам, ба ҳар муносибат ба ёд меомад. Симои ӯ ҳамеша пеши назарам буд, суханҳояш доимо дар гӯшам садо медоданд. Ҳоло ҳам аҳвол ҳамин аст.

Баъди чанд сол чӣ шуду ҳамон мақолаи худам аз миёни қоғазҳои хона баромад. Шод гардидаму онро хондан гирифтам. Хондаму бо тааҷҷуб дидам, ки дар чанд ҷои ин мақола забони худам нуқсон дорад, баъзе мисолҳоеро, ки аз забони кормандони радио оварда будам, нодуруст эзоҳ додаам ва ҳоказо. Ҳайрати ман аз ин буд, ки чаро он рӯз устод Айнӣ ба чунин норасоиҳои мақола ишорае накард? Ҳеҷ мумкин нест, ки устод ин камбудиҳоро надида бошад. Пас чаро эроде нагирифт? Ҷузъиёти алоҳида дар ёдаш намонда бошад ҳам, чаро лоақал нагуфт, ки бояд эҳтиёт шавам, чун ба сухани дигарон нукта мегирам, бояд сухани худам дуруст бо-

шад? Ӯ, ки ба сахтгирӣ ном бароварда буд, аз чӣ сабаб маро ҳеҷ ҷанг накард?

Ба ин суолҳо чанд гоҳ ҷавоб ёфта натавонистам. Ҳоло тахмини ман ин аст, ки шояд мақола ба устод асосан маъқул шуда буд ва ӯ аз камбудиҳои он чашм пӯшиданро беҳтар донист. Зеро он рӯз, ки устод мақолаи маро таъриф кард, дар толори вагон нависандагони бисьёре менишастанд ва дар миёни онҳо касоне ҳам буданд, ки кам ё беш кӯтоҳбинӣ ва бадкинагӣ доштанд. Агар устод дар пеши онҳо маро сахт ё андаке коҳиш мекард, аз эҳтимол дур набуд, ки баъзе аз онҳо инро дастак карда, дигар намегузоштанд, ки ман ягон вақт ба забони онҳо эрод гирам — ҳар гоҳ аз онҳо норасоие бинам, метавонистанд ба ман бигӯянд: магар коҳишҳои Айниро фаромӯш кардӣ, ки боз забон баровардӣ!

Ба фикрам, устод он рӯз ба ҳамин қабил андешаҳое маро як зарра сарзаниш накард, аз айбҳоям чашм пӯшид. Яъне гоҳ аз баъзе айбҳои ҷавонон чашм пӯшидан мумкин будааст. Устод мани навкорро дастгирӣ кард, ки ба як роҳи душворе нотарсида қадам гузорам. Алҳақ, устодӣ чунин бояд!

Аз ҳамон вақт нисбат ба масъалаҳои маданияти сухан шавқам афзудан гирифт.

1987

## МАВЗӮИ ШАРҚИ ХОРИҶӢ ДАР ШЕЪРИ М. ТУРСУНЗОДА

Тақдири таърихии Шарқи ҳозира яке аз он проблемаҳои асосӣ буд, ки ҳамеша дар маркази диққати Мирзо Турсунзода қарор ёфта буд. Гоҳ дар андешаҳои шоиронаи ӯ ин Шарқ ба ду — ба Шарқи Советӣ ва Шарқи хориҷӣ тақсим шуда, чунонки дар силсилабандии «Ман аз Шарқи озод» (1950) мебинем, бисьёр қиёсу муқобилаҳои тезу тунди публицистӣ ба миён меоварк. Гоҳ ӯ фақат масъалаҳои ҳаёти халқҳои Шарқи хориҷӣ — Осиёву Африқоро ба андеша мегирифт ва гоҳ тамоми Шарқ, қатъи назар аз ҳудуди сиёсиву иҷтимоии ҳозираи он ба доираи назари М. Турсунзода даромада, таҷрибаи ибратомӯзи инкишофи таърихии халқҳои бостонии сершумор ва гуногунмиллату гуногунзабону гуногунмазҳаби он мавриди баррасии шоирона қарор мегирифт.

Ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки мавзӯи хориҷӣ дар назми

советии халкҳои Осиёи Миёна аз аввали ташаккули он, аз солҳои бисту сӣ вуҷуд дорад. Дар адабиёти советӣ аз аввал мавкеи калон ишғол кардани ин мавзӯъ, ба ҳаёти бародарони хориҷии худ ҳавас зоҳир намудани меҳнаткашони тоҷик, ӯзбек, туркман ва ғайра ҳеҷ ҷои тааҷҷуб надорад. Чунонки медонем, 25—30 сол пеш аз он, яъне солҳои ҳаштоди асри гузашта, маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш одамонеро тасвир карда буд, ки оламро фақат аз деҳаи худ ва атрофи он ё фақат аз Самарқанду Бухоро иборат медонистанд.[1] Маорифпарварон дар ибтидои асри XX ҳам аз чунин тангназарии ҷамъият шикоят кардаанд. М. Турсунзода ҳам гуфта буд:

Аз қадим ин кӯҳсорон Боми дунё ном дошт,
Лекин аз ин бом дунёро намедидем мо.[2]

Октябрь тавонист, ки халкҳои моро аз хоби феодалӣ бедор карда, чашмандози онҳоро вусъат диҳад. Бо фаро расидани худшиносии иҷтимоӣ ва худогоҳии миллӣ доираи назар васеъ шуда, халқи тоҷик худро як ҷузъи хонадони бузурги халкҳо дид, аҳамияти муборизаи инқилобии худро дар ҷараёни пурзӯри муборизаи халқҳои гуногуни наздику дур фаҳмид.

Рӯйдодҳои муҳимми кишварҳои хориҷӣ дар шеъри Пайрав, устод Лоҳутӣ ва дигарон мавқеи муайян ишғол намуд. Ҳамовозӣ ба нидои мазлумони хориҷӣ, ба ҷаҳду ҷадали озодихоҳонаи меҳнаткашони мазлум ва умуман воқиаҳои байналхалқӣ солҳои сӣ дар адабиёти тоҷик ҳодисаи муқаррарӣ шуда монд.

Ин равия, чунин ҳамовозӣ, ба муносибати бедоди ғосибони империалистӣ бо овози баланд изҳор кардани хашму ғазаби мардумони советӣ ё ин ки ғалабаи озодиҷӯёни кишвареро бо ҳиссиёти пурзӯре васф кардан дар шеъри Мирзо Турсунзода ҳам давом ёфт.

Вале ба зудӣ маълум шуд, ки мазмуни асосии шеъри ӯро фақат ин чиз ташкил намедиҳад, балки эҷодиёти Турсунзода дар мавриди дарки мавзӯи хориҷӣ сифати нав пайдо карда истодааст. Сифати нав иборат аз ин буд, ки акнун на воқиаҳои алоҳидаи ҳаёти бай-

[1] Ниг.: *Аҳмади Дониш.* Осори баргузидаи бадеӣ, ба чоп тайёркунандагон Р. Ҳодизода ва А. Абдуллоев. «Ирфон», 1976, с. 33—34.

[2] *М. Турсунзода.* Куллиёт, ч. 1, «Ирфон», 1971, с. 78. Минбаъд ҷилду саҳифаи ин Куллиёт дар матн ишора хоҳад шуд.

налҳалкӣ ва ё ягон ҷиҳати зиндагиву муборизаи халқҳои кишварҳои хориҷӣ, балки тамоми ҳастии иҷтимоиву таърихии халқҳои мубориз, масъалаҳои асосии озодиву истиклоли онҳо бо ҳама мураккабиҳояш дар шеъри Турсунзода инъикос ёфтан гирифт.

Ин аст, ки дар ҳудуди солҳои чилу панҷоҳ дар мавриди дарки ғоявию бадеии мавзӯи хориҷӣ дар эҷодиёти Турсунзода як давраи нав, давраи дуввум сар шуд. Тадриҷан мавзӯи хориҷӣ дар шеъри М. Турсунзода бағоят вусъат ёфта, ба дараҷаи мавзӯи асосии тамоми эҷодиёти ӯ расид.

Ходимони намоёни ҷамъиятӣ, адибон, олимон ва санъаткорони барҷастаи советӣ дар роҳи сулҳ ва бар зидди ҷанги нави ҷаҳонӣ мубориза сар карданд. Мирзо Турсунзода ба сафи ҳамин муборизани фаъол даромада, як масъулияти азими граждании ба ӯҳда гирифт. Он суханони Мирзо Турсунзодаро, ки дар бораи худ мегуфт: «Шодам, аммо меҳӯрам ғамҳои халқи дигаре» (1, 173) ё ин ки «Меҳӯрӣ ғамҳои оламрову шод астӣ ҳанӯз» (1, 298), низ ба ҳамин маънӣ фаҳмидан лозим аст. «Ғамҳои олам» бо ҷараёни пурқуввате ба шеъри Турсунзода дохил шуд. Турсунзода метавонист дар хаққи худ он суханонеро гӯяд, ки Ҳайнеи бузург гуфта буд: «Захмҳои ҷаҳон аз дили ман гузар мекунанд».

Бояд гуфт, ки ин «ғамҳои халқи дигаре», ин «ғамхои олам» акнун умуман мавзӯи хориҷӣ набуда, балки маҳз мавзӯи Шарқ аст ва метавон гуфт, ки сонитар гӯё тамоми Осиёву Африқоро фаро гирифта, муҳимтарин масъалаҳои ҳаракати таърихии имрӯзи он ба доираи назари шоир даромад.

Хусусан солҳои панҷоҳу шаст дарки амиқи фалсафии воқиаҳои таърихии Шарқи имрӯз дар назми М. Турсунзода мавқеи асосӣ пайдо кард. Вай кӯшиш дошт, ки воқиаҳои конкрети мамлакатҳои Осиёву Африқоро ба муҳокима гирифта ва моҳияти онҳоро ошкор намуда, ҷамъбастҳои вусъатноки фалсафӣ ба миён биёрад.

Шеъри М. Турсунзода ба назми фалсафии публицистӣ табдил ёфт. Инро аз манзумаи «Садои Осиё» (1955), достонҳои «Чароғи абадӣ» (1957), «Ҷони ширин» (1960), «Аз Ганг то Кремль» (1970), аз лирикаи солҳои гуногун, чунончи аз шеърҳое ба монанди «Хоҳари мубориз, Африқо» (1961), «Ҳар касе гӯяд — Лумумба!» (1962), «Шоиро!» (1962) ва ғайра, яъне аз асарҳое, ки қисми асосии мероси ӯро ташкил мекунанд, дидан мумкин аст.

Ба ин тариқ, давраи дуввуми инкишофи мавзӯи Шарқ дар шеъри Турсунзода давраи дарки фалсафии рафти таърихии замони ҳозира буд. Шоир муҳимтарин воқиаҳои рӯзро бо нигоҳи моҳиятҷӯй аз назар гузаронида ва гоҳ онҳоро бо воқиаҳои дирӯзу парирӯз муқоиса карда, маънои аслии вазъияти ҳозираро падид овардан мехост. Шоир рӯйдодҳои конкрети имрӯзаро ба андеша мегирифт ва аз онҳо маънои умумии таърихӣ меҷуст.

Муҳаққиқи эҷодиёти Турсунзода Ю. И. Бобоев таъкид мекунад, ки «Садои Осиё» (1955) «ҳангоми воқиаҳои фоҷиаангези Шарқи Миёнаи нимаи солҳои панҷоҳ ба вуҷуд омада, он рӯзҳо чун садои виҷдони халқҳои дунъё ба гӯшҳо расид, дар дили мардум бовар ба ғалабаро устувор намуд».[1]

Ин аҳамияти актуалии онрӯзаи асарро муайян мекунад. Манзумаи «Садои Осиё» силоҳе дар дасти муборизони араб буд. Бечиз нест, ки маҷаллаи лубнонии «Аттариқ» фавран тарҷумаи арабии онро чоп карда буд.

Турсунзода дар як мақолааш гуфта буд, ки «силоҳи сухан... аз силоҳи муқаррарӣ ба маротиб зӯртар аст».[2] Ин ҳақиқат бо таҷрибаи худи Турсунзода ҳам чандин бор исбот шуд.

Лекин аҳамияти «Садои Осиё» аз ин амали фаврӣ, аз ин ки дар дасти муборизон он рӯзҳо монанди силоҳ хидмат кард, зиёдтар аст. Ин асар маҳсули кӯшиши ҷиддие дар роҳи дарки маънои таърихии воқиаҳои рӯз мебошад. Шоир дар асоси рӯйдодҳои конкрет мазмуни таърихии замони худро ошкор кардан мехоҳад. «Садои Осиё» ҷавоб ба як воқиаи навбатии байналхалқӣ нест, балки як намуна аз ҷашмандози васеъ ба вазъи замон, ба моҳияти инкишофи таърихии он мебошад.

Шоир садои пурқудрати Осиё, садои ғулғулаандози онро, ки бо наъраи рустамӣ занҷирҳои дасту поро пора карда, ба майдони мубориза қадам гузошт, ба гӯши ҷаҳониён мерасонад:

Осиё гӯяд сухан,
Овози онро бишнавед!
Мавҷи дарё,
Ғурриши баҳри дамонро бишнавед!

---

[1] *Ю. Бабаев.* Певец солнечных вершин.— Душ., «Ирфон», 1978, с. 158.

[2] *М. Турсун-заде.* Самое дорогое наследство. «Правда», 25 июня 1972 г.

Осиё бедор шуд, бедор, тарки хоб кард,
Ростиву дӯстиро оқибат дарёб кард (11, 171).

Ин манзума пур аз садоҳои гуногун аст. Гоҳ «ғурриши баҳр» ва «нидои азму суботи» мубориздон, гоҳ «нолаҳои зор-зору оҳҳои сард» ва овози «боди хазон», гоҳ «суруди коргар» ва садои пора шудани «занҷиру каманд» ва ғайраро мешунавем. Гоҳ садои асрҳо ба гӯш мерасад: байтҳои олии Ҳофизу Саъдӣ, суруди қадимии фаллоҳони соҳили Нил ва орзуҳои деринии модарони Миср моро ба ҳаяҷон меорад ва гоҳе нидои духтари Чин ё ҳинду ва ё индонезиву бирмагӣ ва ғайра шунида мешавад. Ба ин овозҳои гуногун, ки гоҳ ҳазин ва гоҳ бо ғурриши инқилобӣ садо медиҳанд, овози дарьёи Ҳисор низ ҷӯр аст:

Рӯди хурди деҳаи ман
рӯди пуршӯр аст, шӯр,
Бо садои рӯдҳои Осиё
ҷӯр аст, ҷӯр.

Ду чиз — садоҳои гуногун ва манзараҳои мухталиф дар ин манзума роли бағоят калон иҷро кардаанд. Ин ду унсур дар хотимаи шеър ба ҳам як шудааст: ҳам озодипарастони бо азм қомат росткардаро мебинем ва ҳам садои ҷӯши халқи Осиёи озодихоҳро мешунем:

Нест аммо қуввае, ки азмро орад завол,
Рӯҳи озодипарастонро намояд поймол.
Баҳри озодӣ, садои Осиё омад ба гӯш,
Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш,
омад ба ҷӯш!

Ин ҳусни хотима аст ва он ҳама мулоҳизаҳои доманадори қаҳрамони лирикӣ, он ҳама фикру андешаҳо, мукоисаву муқобилаҳо, силсилаи ассоциацияҳои дур аз якдигарро ҷамъбаст намуда, ҳукми қатъии дили пурҷӯши қаҳрамони муборизро баён месозад ва ин ҳукми ӯ ба маънои ҳақиқии он ҳама рӯйдодҳо, ба фаҳмиши амиқи моҳияти аслии замон асос ёфтааст. Ҷамъбасти пурвусъати таърихиву фалсафии воқиаҳои замон дар «Садои Осиё» ба дараҷаи баланд расид.

Дар публицистикаи сиёсии Айнӣ, ки солҳои 1919—1921 ва солҳои бист дар мавзӯъҳои байналхалқӣ на-

вишта буд, инчунин дар шеърҳои хориҷимавзӯи Пайрав, Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Миршакар ва дигарон бедории иҷтимоиву таърихии халқи тоҷик ва якумин пояҳои худогоҳии миллии вай ифода ёфта бошад, назми Турсунзода савияи баландтари худогоҳии халқ, савияи замони моро дар худ акс дод.

Дар инкишофи эҷодии Турсунзода рушду камоли халқаш аз нахустин қадамҳои худшиносии нав то солҳои шасту ҳафтод акс ёфта буд. Аз ин рӯ, худи вай комилан ҳақ дошт, ки гӯяд: «Тарҷумаи ҳоли ман як қисми тарҷумаи ҳоли халқам шудааст»[1].

Ба назари мо чунин мерасад, ки аз солҳои шаст, хусусан солҳои ҳафтод дар хусусияти ҷамъбасти бадеии Турсунзода боз андак дигаргунӣ рӯй дод. Ин дигаргунӣ аз ҳамин иборат буд, ки шоир аз баъзе ҷузъиёти конкрет, аз баъзе нишонаҳои махсуси замону маконе як қадар худдорӣ карда, андешаҳои ҳаётии конкреташро ба шакли умумии ҳикмат ва панду андарз ифода мекардагӣ шуд. Ин аз принципҳои асосии ҷамъбасти бадеӣ дар адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ буд ва дар охири умри Турсунзода дар шеъри ӯ ҳам ба шаклҳои хосе намоён шуд.

Асоси онро дар бисьёр шеърҳои Турсунзода, чунончи дар шеърҳои «Шоиро!» (1962), «Ошьёни баланд» (1968), «Қалам» (1975), «Дӯстонро гум макун» (1975) ва монанди инҳо дидан мумкин аст. Чунончи шеъри охиринро бинем:

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкун касонро гум макун.
Дӯстро аз дӯст, ҷонам, фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун.
Зинати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун.
Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.
Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

---

[1] *М. Турсунзода.* Ман аз Шарқи озод, «Маданияти Тоҷикистон», 3 июли с. 1981.

Ин шеър асосан ба шакли андарзу ҳикмати классикии форсиву тоҷикӣ гуфта шудааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки принципҳои ҷамъбасти бадеӣ дар эҷодиёти Турсунзода дар охири умри ӯ ба анъанаҳои панду ҳикмати классикии форсу тоҷик бисьёр наздик омад ва дар натиҷа, конкретияти тасвир кам шуда бошад ҳам, мазмуни фалсафӣ ва аҳамияти умуминсонии он амиқтар шуд. Дар айни замон мазмуни публицистӣ гирифтани анъанаҳои панду ҳикмат, ки дар шеъри советии тоҷикӣ аз солҳои инқилоб сар шуда буд, дар назми ӯ давом ёфт.

Шакли андарзу ҳикмати классикиро гирифтани ҷамъбасти бадеиву фалсафӣ, ба назари мо, давраи саввуми дарки иҷтимоии воқеияти Шарқи хориҷиро дар шеъри Мирзо Турсунзода ташкил медиҳад.

Ҷустуҷӯйҳои ғоявию бадеии Турсунзода дар мавриди дарки иҷтимоиву фалсафии муборизаи халқҳои Осиёву Африқо, бешубҳа, дар муддати солҳои зиёде якранг давом накарда, чанд марҳиларо тай кардаанд. Муайян кардани ин пояҳову марҳилаҳо кори душвор ва дастҷамъист. Он чи мо арз кардем, шояд барои кушода шудани баъзе уқдаҳо ёрмандӣ кунад.

1981



## II. БОЗҶУСТҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚӢ

### АНДЕШАПАРВАРӢ — ФАЪОЛИЯТМАНДИИ ИҶТИМОӢ

Дар соли 1957 романи на чандон калони Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳгорам» чоп шуда буд. Воқиаҳое, ки дар ин роман тасвир шудаанд, низ на чандон калон ва дар назари аввал на чандон ҷиддӣ мебошанд. Вале баъзеи он одамонеро, ки дар ин воқиаҳо иштирок доранд, фикру андешаҳои ҷиддӣ фаро гирифтааст. Дар характери Анвар — қаҳрамони асосии романи «Ман гунаҳгорам» худтаҳлилӣ мавқеи калон пайдо кард. Анвар қобил аст, ки рафтору гуфтори худ, фикру ҳиссиёти худро гаштаву баргашта таҳлил намояд, маъною мазмуни онро санҷад ва дар охир моҳияти аслии онро ошкор созад. Ин таҳлилу худтаҳлилӣ шакли нави тасвири инсон дар насри тоҷикӣ буд.

Ҷалол Икромӣ бо образи Анвар масъалаи муносибати ҷиддӣ ба зиндагӣ, масъалаи масъулиятшиносии маънавии шахсро ба муҳокима гирифта буд.

Ин масъала дар солҳои шаст ба қатори масъалаҳои асосии насри тоҷикӣ гузашт ва аз чанд ҷониб тадқиқ шуд. Он қаҳрамоне, ки ин масъаларо ба мулоҳиза овардааст, кам-кам дигар мешуд, сифатҳои нав пайдо мекард, ба пояҳои баландтари камоли маънавӣ қадам мегузошт. Дар солҳои ҳафтод симои маънавии чунин қаҳрамони ҳамзамони тафаккурписанди мо тамоман тағйир ёфтааст.

Ба назар мерасад, ки Иброҳимҷон — қаҳрамони асо-

сии романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» додари ҳамон Анвар аст, ки дар романи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳгорам» тасвир шуда буд. Вале Иброхимҷон додарест, ки аз бародари калонии худ хеле ҷиддитар ва ба маротиб амиқтар фикру андеша меронад. Дар характери Иброҳимҷон ҳам худтаҳлилӣ, худҷӯӣ ва худшиносӣ мавқеи муҳим дорад. Назари Иброхимҷон дар ин худҷӯиву худрасӣ хеле васеътар, олами бодтинии ӯ мураккабтар аст. Назари қаҳрамони Муҳаммадиев на фақат ба худ ва атрофиён балки ба таърих ҳам нигаронида шудааст. Таҷрибаи таърихии халкҳои гуногуни дуньё ба доираи биниши Иброхимҷон даромадааст. Нависанда гӯё таҷрибаи таърихии халқу замонҳои гуногунро меъёри баҳои воқиаҳои бузурги замони мо, инчунин меъёри баҳои воқиаҳои хурд ва рафтори шахсони алоҳида қарор додааст.

Қаҳрамони Икромӣ Анвар масъалаи ҷавобгарии шахсро барои рафтору кирдори худаш, барои ҳар як қадами худаш пеш гузошта буд, аммо қаҳрамонони Муҳаммадиев на фақат барои рафтору кирдори худ, балки барои ҳар он чи дар ҷамъият рӯй дода истодааст, худро ҷавобгар медонанд. Эҳсоси ҷавобгарии маънавӣ барои ҳар он чи дар ҷамъият рӯй медиҳад, муҳимтарин сифати қаҳрамонони романи «Палатаи кунҷакӣ» Иброхимҷон, Носир Аббос, Ивон-амак, Алихон Зардодхон аст. Ин хусусияти маънавиву психологии онҳо маҳсули замонест, ки бемаънавиятӣ ва фасоиди ахлоқ дар ҷамъият ривоҷ меёфт.

Дар атрофи чунин хусусиятҳои романи Муҳаммадиев дар матбуоти Тоҷикистон муфассалан гуфтугузор шуда буд. Бо вуҷуди ин, мо лозим медонем, ки ҳоло ба ин масъала боз диққат ҷалб намоем. Мо ақида дорем, ки ин ҷо яке аз равияҳои асосии инкишофи насри ҳозираи тоҷикӣ намудор шуда, ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагони моро ба муҳимтарин ҷустуҷӯҳои эҷодии умумиттифоқӣ мепайвандад. Бисьёр хусусиятҳои мавзӯу мундариҷа ва шаклу таркиби ин романи нависандаи тоҷик ҳозир дар насри советии сермиллати мо мавқеи калон ишғол карда истодаанд. Чунончи, ассоциацияҳои таърихӣ, ки дар «Палатаи кунҷакӣ» фаровонанд, ҳоло дар баъзе асарҳои адабиёти халқҳои бародар ҳам ба шаклҳои гуногун зоҳир шуда, дар ташаккули маънавиёти ҳамзамонони мо роли муҳим бозида истодаанд.

Аз ҷумла дар асари нависандаи қазоқ Анвар Олим-

ҷонов «Армуғони Утрор» таърих ба олами маънавии қаҳрамонони ҳамзамони мо дохил шуда, дар фаро расидани камолоти граждании мардуми имрӯза иштирок менамояд. Ё ки сохтори романи нависандаи туркман Тиркиш Ҷумъагелдиев «Замин ҳамаро ёд дорад» чунин аст, ки гоҳе тасвири ҳаёти имрӯза ва руҷӯъ ба гузашта паҳлу ба паҳлу омадааст. Дар романи нависандаи қазоқ Такин Олимқулов «Аспи сафед» журналист Ялавсиз Дӯстов дар бораи зиндагии онҳое, ки бояд каҳрамонони очерки ӯ шаванд, дуру дароз ва бо шиддат ба фикру андеша рафтааст. Мунаққиди қазоқ Муҳаммадҷон Қаратоев ин асарро романи андешаҳо, романи фикрҳо номида буд. Дар баъзе асарҳои нависандаи ӯзбек Асқад Мухтор, хусусан дар романи ӯ «Чинор» мулоҳизаву андешаҳо хеле вусъат ёфта ва амиқ шуда, ранги фалсафӣ пайдо карданд.

Чунин ба назар мерасад, ки мунаққид М. Қаратоев бо таъбири «романи андеша» моҳияти хусусиятҳои нави баъзе романҳои ҳозираро дуруст муайян кард. Дар адабиёти советӣ, аз ҷумла дар адабиёти Осиёи Миёнаву Қазоқистон як шакли нави роману повесть ташаккул ёфт, ки бунёди он бар фикру андеша ва муҳокимаю мунозира аст. «Палатаи кунҷакӣ»-и Муҳаммадиев аз ҷумлаи ҷунин асарҳост.

Ба ин маънӣ романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» дар адабиёти тоҷикӣ аҳамияти калони навоварона дорад. Он ҷустуҷӯҳое, ки нависанда дар ин роҳ аз повести «Одамони кӯҳна» сар карда, дар повести «Дар он дунъё» амиқтар бурда буд, дар якумин романи ӯ натиҷаи ҷиддӣ дод.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар адабиёти тоҷик дар ин роҳ Муҳаммадиев танҳо нест. Урун Кӯҳзод ва Саттор Турсун ҳам бештар ба «повести андешапарварӣ» майл доранд.

Як повести нави Урун Кӯҳзод «Андешаҳо дар танҳоӣ» (1976) ном дошта, баъд «Кини Хумор» унвон ёфт. Чунон ки мебинем, калимаи «андешаҳо» ҳатто дар номи ин асар зикр шудааст. Ба фикри мо, ин повесть ҳам маҳз аз ҳамин ҷиҳат бағоят ҷолиби диққат аст, ки дар роҳи тадқиқи бадеии характери ҳамзамонони ҷавони мо амиқтар шуда истодани асосҳои таҳлилии насрро нишон медиҳад.

Дар характери қаҳрамони ин повесть Исфандиёр ҳам худтаҳлилӣ мавқеи калон дорад. Фикру андешаҳои

танҳоии Исфандиёр хеле ҷиддӣ, гуногунҷиҳат ва мураккаб мебошанд. Ин асари Ӯрун Кӯҳзод пур аз мулоҳизаву андеша, пур аз ҳиссиёту ҳаяҷон буда, фикри хонандаро бедор мекунад ва қуввае дорад, ки барои ҷамъиятро ба ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ сафарбар намудан хизмат карда метавонад. Дуруст аст, ки вусъати назари қаҳрамони Кӯҳзод баъзан ҳанӯз ба дараҷаи қаҳрамони Муҳаммадиев нест, пухтагӣ ва амикии андешаҳои ӯ ҳам ҳоло ба он дараҷа нарасидааст. Андешаҳои ӯ чандон ранги фалсафӣ надоранд. Лекин муҳимтар аз ҳама ин аст, ки рӯҳи гражданини мулоҳизаю муҳокимаҳои ӯ бағоят пурзӯр аст. Аз повести «Писанддара» то «Андешаҳои танҳоӣ» биниши қаҳрамони Ӯрун Кӯҳзод хеле нозуктар шуда, фикру ҳиссиёти ӯ камолоти гражданӣ пайдо кардааст.

Мутаассифона, қаҳрамони повести Кӯҳзод дар амалиёт чандон фаъол нест, дар роҳи ба амал ҷорӣ кардани он ҳама андешаҳое, ки дорад, ҳанӯз ҷиддан фаъолият нишон надодааст. Дар характери ӯ ҳанӯз фаъолиятмандии ботинӣ ва зоҳирӣ як нашудааст, байни ин ҳар ду ҳоло то андозае ҷудоӣ ба назар мерасад. Ин ҳолат шояд аз он сабаб рӯй дода бошад, ки қаҳрамон ҳанӯз ҷавон буда, дар зиндагӣ, дар рафтору фаъолият таҷриба надорад, гӯё ӯ ҳоло фикран ба амалиёти ҷиддӣ тайёр шуда истодааст.

Ба ин маънӣ, қаҳрамони Кӯҳзодро комилан қаҳрамони нофаъол донистан лозим нест. Муҳим ин аст, ки ӯ ботинан фаъол аст. Вай қобил аст, ки бо шиддати андешаҳои худ фикри хонандаро ҷиддан ба ҷунбиш орад, ҳамияти гражданини хонандаро бедор кунад, ӯро низ ба амалиёту фаъолият тайёр намояд. Шак нест, ки бо чунин тайёрии ҷиддии ботинӣ амалиёт сар кардан бештар аҳамият дорад. Зеро ҳангоми чунин андешаҳои пуршиддат эътиқодмандии ғоявии ҳақиқӣ, қарордоди қатъии огоҳона ҳосил мегардад ва фаъолияти амалие, ки ба чунин эътиқодмандии устувор асос ёфтааст, фаъолияти собитқадамона ва пурсамаре хоҳад буд.

Чи дар романи «Палатаи кунҷакӣ» ва чи дар повести «Андешаҳои танҳоӣ» ба доираи фикру андешаҳои қаҳрамонон муҳимтарин масъалаҳои воқеияти иҷтимоии имрӯзӣ дохил шудааст. Бо шиддати тамом ба муҳокима гирифтани масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҳозира, навъҳои нави психологизм дар ин асарҳо рӯҳи публицистиро қувват додааст. Оҳанги публицистӣ дар ин асарҳо як во-

ситаи пуртаъсири ба процессҳои иҷтимоӣ ҷасурона дахолат кардани қаҳрамон ва нависанда, яке аз падидаҳои асосии фаъолиятмандии иҷтимоии онҳост. Тезутундии публицистӣ аҳамияти ҷамъиятӣ ва роли тарбиявии ин асарҳоро зиёдтар кардааст.

Лекин ба воситаи андешаҳои доманадор пеш гузоштани масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳамеша боиси қувват гирифтани оҳанги публицистӣ намегардад. Гоҳе андешаҳои мураккаб ва зиддиятноки нависандаю қаҳрамони ӯ нисбатан ба оромӣ ва тамкин ҷараён меёбад, камтар талотум дорад ва дар сари як масъала бештар марказият ёфтааст. Дар повести Саттор Турсун «Пайванд» (1976) ҳамин ҳолатро мебинем. Мақсади Саттор Турсун ба як ё якчанд масъалаи калони иҷтимоӣ ба тарзи тезу тунде ҷалб кардани диққати аҳли ҷамъият нест. Қаҳрамони ҷавони ӯ Фарҳод гӯё як масъалаи хурди маишӣ — феъли бади падарашро, он озорҳоеро, ки дар хурдсолӣ ва овони наврасӣ аз падар, аз модарандар, аз хонаводаи худ дида буд, ба мулоҳиза гирифтааст. Лекин масъала фақат дар назари аввал хурд менамояд, вале дар ҳақиқат нависанда кӯшиш дорад, ки ҷиддияти ҷустуҷӯҳои маънавии қаҳрамони ҷавон, ба воқиаҳои зиндагии худ назари фалсафӣ афкандани ӯро нишон диҳад.

Аз нахустин повести Саттор Турсун «Сукути қуллаҳо», хусусан аз асарҳои баъдинаи ӯ, ба мисли ҳикояи «Нисфирӯзӣ» ва ғайра маълум шудан гирифт, ки ӯ нависандаи андешапарвар аст. Ҳоло андешаҳои ӯ ҷиддитар, баёнаш пухтатар ва техникаи адабиаш мукаммалтар шуда истодааст. Метавон гуфт, ки повести «Пайванд» асари шогирдона нест. Ӯ дар роҳи муайян кардани маънои амиқи рафтору кирдор ва фикру эҳсосоти инсон, дар роҳи дарки моҳияти аслии ҷидду ҷаҳди маънавии ҳамзамонони мо нахустин муваффақиятҳо ба даст овarда истодааст.

Фарҳод — қаҳрамони повести «Пайванд» астрофизики ҷавон аст, ки кайҳонро меомӯзад. Ӯ дар Москва таҳсили олӣ ва аспирантураро тамом карда, номзади илм шудааст ва ҳоло дар он ҷо кор мекунад. Лекин азоби солҳои кӯдакию наврасӣ — ноинсофӣ ва ҷафои падар ҳеҷ аз ёдаш намеравад. Ҳоло ӯ пас аз даҳ сол боз ба зодгоҳаш, ба як деҳаи кӯҳистон омадааст ва дар бораи зиндагии худ, зиндагии падару модарандар ва додарону хоҳаронаш бо шиддати тамом фикр меронад ва маъ-

нои онро муайян кардан мехоҳад. Ин андешаҳо ҳама ҷолиби диққатанд.

Асари Кӯҳзод «Андешаҳои танҳоӣ» қариб сар то по аз монологи ботинӣ иборат аст. Повести Саттор Турсун чунин нест. Дар асари ӯ ҳам монологи ботинӣ бисьёр аст, лекин тасвири бевоситаи амалиёти қаҳрамон ҳам бештар мавқеъ дорад. Гоҳе худи муаллиф ҳам баробари қаҳрамон ба фикру мулоҳиза рафтааст ва баъзан муайян кардани ҳудуди андешаҳои муаллифу қаҳрамон душвор аст. Муаллифу қаҳрамон ҳар ду баробар фикр мекунанд, баробар дар сари ҳалли муаммоҳои зиндагӣ теша ба пои андеша мезананд, фикру ҳисси ҳар ду гӯё як аст.

Ин фикру андешаҳо, ин ҳама тадқиқу таҳлилҳо дар охир робитаю ҳамбастагӣ ва ягонагии диалектикии ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ, ҳатто ҳодисаҳои зидди якдигарро падид овардааст.

Падару фарзанд — Ҳакиму Фарҳод аз ҳар ҷиҳат зидди якдигаранд. Яке ҷоҳилу нодон, дуруштy дағал ва ноинсоф, дигаре оқилу доно, ҳалиму ботамкин, ҷавони маданин ҳозиразамон аст. Дар зиндагӣ чунин ҳодисахое ҳам воқеъ мешавад, ки аз чунон падар чунин фарзанде мерӯяд. Тадқиқи бадеии нависанда сабабҳои ҳодиса, сабабҳои пайдо шудани чунин фарқи байни падару фарзандро аз чанд ҷиҳат муайян кардааст.

Ҳарчанд ки байни ин ду насли як хонавода то ин дараҷа фарқи калон мавҷуд аст, таҳлилу таҳқиқи батаннии нависанда кам-кам моро водор мекунад, ки алоқаю вобастагии ин ду наслро бинем, бовар ҳосил кунем, ки яке давоми дигарест. Он ҳама зиштӣ ва ногуворӣ, ки дар ин рӯзгори тӯфонии мо пайдо шудааст, ба фаро расидани ояндаи нек, ба пешрафти замон монеъ шуда наметавонад. Риштаи пайванди наслҳои гуногуни он қувваҳои нек ва бунъёдкор, ки ҷамъиятро пеш мебаранд, бағоят мустаҳкам аст ва ба чандин ранг зоҳир мегардад. Фарҳод дар охири сафар, дар он вақт ки ба сӯи Москва раҳсипор буд, ҳис кард, ки ҳамин «роҳи ноҳамвор», «ҳамин роҳи танг»-и он деҳаи кӯҳистон ӯро «ба бисьёр роҳҳои фарох медарорад», «ҳамин роҳаки носоз як вақтҳо ӯро тадриҷан ба паҳнои олам баровар-да буд ва боз ба шаҳру деҳоти зиёд ва шоҳроҳу пайроҳаҳои шиносу ношинос мебарад». Фарҳод донист, ки «ин роҳаки ноobод ибтидои ӯст, оғози зиндагии ӯст».

Мо аз қаҳрамони асар дар ҳолате ҷудо шудем, ки ӯ

бо ҳамин ақида, бо ҳамин бовару эътиқод қадам зада, ба сӯи «паҳнои олам» роҳ пеш гирифтааст ва рӯй ба ҷониби аъмоқи кайҳон дорад.

Дар назари аввал ҷашмандози қаҳрамони повести Саттор Турсун фақат бо воқиаҳои конкрети зиндагии худ маҳдуд аст, вале дар ҳақиқат ӯ ба маънои аслии ҳодисаҳои ҷамъият, ба моҳияти зиндагӣ ва қонунҳои ҳастӣ чашми диққат дӯхтааст. Ин қаҳрамон аз андешаронӣ дар атрофи воқиаҳои конкрети зиндагии худ ва сарнавишти наздиконаш хулосаҳои ҷомеътари фалсафӣ баровардан мехоҳад. Аз андешаҳои ӯ торафт баландтар шуда истодани савияи интеллектуалии қаҳрамони ҷавони ҳамзамон, то рафт амиқтар гардидани ҷустуҷӯҳои маънавии ӯ намудор аст.

Масъалаи пайванди наслҳо дар адабиёти сермиллати советӣ, аз ҷумла дар адабиёти тоҷикӣ ҳоло то рафт ҷиддитар муҳокима шуда истодааст. Чунончи, ҳамон тавре ки зикраш гузашт, қисман дар повести Фазлиддин Муҳаммадиев «Дар он дунё», хусусан дар романи ӯ «Палатаи кунҷакӣ» таҷрибаи маънавии замонҳову халқҳои гуногун, баъзе лаҳзаҳои таҷрибаи таърихии башарияти тараққипарвар ба доираи андешаҳои чанде аз қаҳрамонон дохил шуда, дар қатори муҳимтарини ангезаҳое, ки маънавияти онҳоро ташаккул медиҳанд, қарор гирифтааст. Дар повести хурди Саттор Турсун гузориши масъала ин дараҷа вусъат надорад ва Фарҳод фақат робитаи маънавии худро бо «ватани кӯчакаш», бо зодгоҳаш, бо падари бебахт, бо бародарону ҳоҳаронаш, бо амакаш ва дигарон ба мулоҳиза гирифтааст. Ин ҳам як ҷузъи муҳимми масъала мебошад. Нависанда масъалаи ҷиддии бузургро фақат аз як ҷиҳаташ ба муҳокима оварда бошад ҳам, боз яке аз падидаҳои мураккабияти ҳодисаҳои зиндагӣ ва диалектикаи зиддиятҳои он намоён гардидааст.

Дар романи «Палатаи кунҷакӣ», дар повести «Андешаҳои танҳоӣ» ва «Пайванд» фаъолиятмандии иҷтимоии нависандагон ва қаҳрамонон ба дарки амиқи масъалаҳои асосии воқеияти кунунӣ нигаронида шуда, аз ҳамин сабаб боиси амиқ сар фурӯ бурдан ба олами ботинии ҳамзамонони мо гардид. Дар натиҷа, буньёди таҳқиқию таҳлилии наср устувортар шуд.

Ба назари мо, андешапарварӣ ва майлу рағбати махсус ба таҳлили муфассал ҳозир яке аз равияҳои асосии

насри тоҷикӣ буда, барои инкишофи минбаъдаи он аҳамияти махсус дорад.

Одатан моҳияти ҳар як ҳодисаи зиндагӣ фақат ба воситаи он ҷунбишҳое, ки дар дили инсон, дар олами ҳиссиёту ҳаяҷони вай рӯй додааст, муайян мегардад. Такроран мегӯем, ки асли зуҳургоҳи ҳақиқат дили инсон аст ва моҳияти замонро аз ниҳонхонаҳои дили мардум бояд ҷуст. Ҳақиқати таърихро фақат аз зоҳири воқиаҳо ҷустан мумкин нест. Аз зоҳир баъзан танҳо як қисми ҳақиқат намоён мешавад ва аксаран ҳамин як қисми онро ҳам дидан муяссар намегардад.

Албатта, падидаҳои зоҳирии процессҳои ҳаёт ҳамеша дар адабиёт аҳамият хоҳанд дошт, чунки онҳо ҳам як ҷузъи ҳаётанд. Лекин агар моҳияти ин процессҳоро муайян кардан хоҳем, бояд ба умқи онҳо, хусусан ба дили одамон нигоҳ андозем.

Ногуфта намонад, ки психологизми насри таҳлилӣ психологизми маҳз нест. Мақсади нависандагон ин нест, ки ба ҳар муносибат ҳама фикру ҳиссиёти персонажҳоро баҳудаю беҳуда тагу рӯ карда, абраву астар ва пату ғозашро ба мо нишон диҳанд. Асоси таҳлилии наср аз он сабаб қувват гирифта истодааст, ки тадқиқи бадеии нависандагон торафт хусусияти таҳқиқи бамуддаои иҷтимоию психологиро ба худ бештар мегирад. Адабиёт процессҳои мураккаби психологӣ, процессҳои маънавии ҷамъиятро ба тадқиқ гирифта, типҳои нави иҷтимоии психологӣ кашф намудан ва барои амиқ фаҳмидани моҳияти онҳо кӯшиш кардан мехоҳад. Шубҳае нест, ки чунин кӯшиш ниҳоят зарур ва бағоят муҳим аст.

Масъалаи асосҳои психологии наср хусусан ба муносибати пешрафти илмию техникӣ аҳамияти калон пайдо кардааст. Революцияи илмию техникӣ процесси амиқи психологӣ мебошад ва на фақат ҳаёти моддӣ, балки тарзи тафаккури мардуми замони мо, психикаи мо, ҳиссиёту ҳаяҷони моро дигар мекунад. Ин дигаргуниҳои психологӣ дар насри тоҷикӣ акс ёфта истодааст. Мо инро аз қувват гирифтани асосҳои интеллектуалии роману повесть мебинем. Вале дар назди адабиёт як вазифаи муҳим ва душвор пеш омадааст, ки дар шароити ҳаёти халқи тоҷик бо чӣ хусусиятҳо чараён ёфтани он процессҳои нави психологиро тадқиқ кардан аст. Он тадқиқи бадеӣ, ки ин ҷиҳати ҳаёти имрӯзаро фаро нагирифтааст, тадқиқи мукаммал ҳисоб шуда наметавонад.

Фаъолиятмандии ҳақиқии эҷодӣ, фикру андешаҳои

амику шадиде дар сари масъалаҳои асосии замон қобил аст, ки арзишҳои ҳақиқии бадей ба ҳосил орад. Ҳамин гуна фаъолиятмандии пурсамари эҷодӣ, муносибати ҷиддӣ ва тааммуқомез ба муҳимтарин масъалаҳои замон барои дарки амиқи таърихию фалсафии воқеият замина ҳозир мекунад.

Ба ранги фаъолиятмандии фикрӣ падид омадани фаъолиятмандии иҷтимоӣ дар насри ҳозираи тоҷик шаклҳои гуногун дорад. Аз байни онҳо мо ин ҷо ду шакли асосиро аз назар гузаронидем: гоҳе ин фаъолиятмандӣ аз кӯшиши ҷиддӣ дар роҳи дарки амиқи таърихию фалсафии воқиаҳои замон ва ҳастии худ сар зада, гоҳе мубориза дар роҳи тозаву пок нигоҳ доштани идеалҳои олии ҷамъияти мо, дар роҳи софкории ахлоқи афроди он, дар роҳи пешбурди минбаъдаи вай мебошад. Шакли якум дар повести Саттор Турсун «Пайванд» ва навъи дуввум дар повести Ӯрун Кӯҳзод «Андешаҳои танҳоӣ» зоҳир гардидааст. Аммо дар романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» ҳар ду шакли фаъолиятмандии иҷтимоӣ як ҷо омадааст. Чашмандози вусъатноки Муҳаммадиев ҷиҳатҳои гуногуни фаъолиятгарии фикрии ҳамзамонони мо ва ҷилваҳои мухталифи онро фаро гирифта истодааст.

Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки чунин андешапарварӣ ва тааммуқписандӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ равона шудааст, дар насри ҳозираи тоҷикӣ мавқеи бештар, балки асосӣ дорад. Назари фалсафии қаҳрамони ҳамзамон дар асарҳои нависандагони имрӯзаи тоҷик ҳанӯз ба маротиб суcттар аст, вале ҳозир афзоиши камоли иҷтимоиву гражданин ин қаҳрамон барои ин ки андешаҳои ӯ минбаъд торафт бештар ранги фалсафӣ гирад, замина тайёр карда истодааст.

Муносибати фаъолона ба ҳодисаҳои ҷамъият, андешапарварии фаъолонаи иҷтимоӣ боиси рушду камоли маънавию интеллектуалии шахс мегардад ва ҷанбаи фалсафии мулоҳизаҳои ӯро амиқ мебарад. Аммо фикру андешаҳои рӯякии оҷизона ва ҳақиқатҳои оддии маълум монеаи ҷиддӣ дар роҳи устувор кардани пояҳои фалсафии наср аст. Мо инро аз баъзе асарҳои насрнависҳои тоҷик дида истодаем. Қатъиян бартараф намудани ин монеа яке аз шартҳои муҳими ба даст овардани ҷамъбастҳои амиқи таърихии фалсафӣ мебошад.

Шакли дуввуми фаъолиятмандии иҷтимоӣ, ки мо дар боло гуфтем, одатан боиси қувват гирифтани рӯҳи граж-

данӣ ва оҳанги публицистии асар мегардад. Боло гирифтани ҳиссиёту ҳарорати гражданӣ ба асар қувваи махсуси эмоционалӣ бахшида, роли адабиётро дар ҳалли масъалаҳои пешрафти иҷтимоӣ зиёдтар мекунад. Дар айни замон, аз ҳад зиёд қувват ёфтани рӯҳи публицистӣ мумкин аст, ки дар баъзе мавридҳо ба ҳалли бадеии масъалаҳои иҷтимоӣ халал расонад. Мо чанд мисоли ин ҳолатро дар як мақолаи дигар аз назар гузаронида будем.

Як натиҷаи қувват ёфтани рӯҳи гражданӣ ин аст, ки гоҳ на як-ду масъала, балки якбора масъалаҳои бисьёре ба доираи андешаҳои қаҳрамонон дохил мегардад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми симои маънавии қаҳрамонони «Палатаи кунҷакӣ» ва «Андешаҳои танҳоӣ» маҳз ҳамин аст: бисьёр вақтҳо фикри онҳо дар сари як масъала қарор наёфта, гӯё ҳамаи масъалаҳо ва тамоми ҷамъиятро фаро гирифтан мехоҳад. Ин ҳам яке аз нишонаҳои фаъолиятмандии гражданинии онҳост. Гӯё ягон масъалаи иҷтимоӣ нест, ки ба онҳо дахл надошта бошад ва фикри онҳоро ба худ банд накунад.

Ин чашмандози васеи қаҳрамони ҳамзамони адабиёти мо асоси ҳаётӣ дорад ва дигаргуниҳои ҷиддиеро, ки дар симои маънавии мардуми советӣ рӯй додаанд — мураккаб шудани маънавият ва шавқу ҳавасҳои иҷтимоӣ, афзудани масъулиятшиносии онҳоро ифода мекунад.

Васеъ шудани доираи масъалаҳои иҷтимоӣ — масъалаҳои бисьёреро дар бар гирифтани асари бадеӣ (на фақат роман, балки ҳатто повесть) ҳодисаи муҳимми замони мост. Ин ҳодиса душвориҳои нави эстетикӣ пеш меорад ва ҳоло ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон ба ҳалли ин душвориҳо равона гардидааст. Душвории асосӣ ин аст, ки чун масъала бисьёр шуд, ҳалли мукаммали ҳамаи онҳо ҳамеша муяссар намегардад. Инро хусусан аз асари Ӯрун Кӯҳзод «Андешаҳои танҳоӣ» дидан мумкин аст. Чунон ки проф. Р. Амонов дар як муҳокима қайд карда буд, нависандаи ҷавон дар ин повесть ба баъзе масъалаҳое, ки пеш гузоштааст, ҳанӯз ҷавоб нагуфтааст. Дар асар фақат гузориши масъала дида мешавад, аммо ҳалли он ба назар намерасад. Дар охири ин повесть ҳатто ҳалли конфликт бо ҷазои маъмурӣ, бо ёрии прокурору милиция сурат гирифтааст, ки барои ҳалли ҷиддии ғоявию бадеии он кӯшиш накардани нависандаро нишон медиҳад. Бешубҳа, инро яке аз сустиҳои повести Кӯҳзод бояд донист.

Дар айни замон, инро ҳам бояд гуфт, ки аз ҳар асари бадеӣ оид ба ҳар як масъалаи иҷтимоӣ ҳатман як ҷавоби тайёр талаб кардан лозим нест. Хусусан дар навъи дуввуми «роману повести андешаҳо», ки масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғайра бо ҳиссиёти баланди публицистӣ ба муҳокима омадааст, беҷавоб мондани баъзе саволҳо ҳеҷ ҷои тааҷҷуб надорад. Дар ин гуна асарҳо бештар масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ, масъалаҳое, ки ҷамъият бояд ҳал кунад, мавриди андеша қарор меёбанд. Аз эҳтимол дур нест, ки худи нависанда ба он масъалаҳо, ба он саволҳои худ ҳанӯз ҷавоб наёфтааст ва мехоҳад, ки ҷамъият ҷавоб ҷӯяд. Шояд нависанда мехоҳад, ки фикри аҳли ҷамъиятро дар сари ин масъалаҳо гирд оварад, фикрҳоро такон ва ҷунбиш дода, ба ёфтани роҳи ҳалли ин масъалаҳо сафарбар кунад. Худи нависанда роҳи ҳалли масъаларо наёфта ё нагуфта бошад, айбе нест, балки баръакс гоҳ дар ин сурат қувваи сафарбарии асар зиёдтар мешавад. То чӣ андоза қувваи сафарбарӣ доштани асар вобаста ба ин аст, ки нависанда масъаларо то чӣ андоза дуруст пеш гузоштааст ва моҳияти онҳоро то чӣ дараҷа амиқ муайян кардааст. Агар нависанда масъаларо лоақал аз ягон ҷиҳат бо диққат санҷида, аҳамияти ҷамъиятӣ ва ҷиддияти онро намоён карда бошад, асари ӯ имкон хоҳад дошт, ки фикрҳоро ба ҳаракат оварда, барои ҳалли масъала ба роҳи ҷӯяндагӣ барад. Аҳамияти чунин асарҳо дар ҳамин аст.

Мо ақида дорем, ки ҳам романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» ва ҳам повести Ӯрун Кӯҳзод «Андешаҳои танҳоӣ» дорои чунин қувваи сафарбарӣ мебошад. Ин асарҳо қудрате доранд, ки бо гузориши амиқ ва тезу тунди масъалаҳо фикри хонандаро, фикри ҷамъиятро фаъол мекунанд. Қаҳрамони асари Кӯҳзод дар амалиёт ҳанӯз фаъол набошад ҳам, на фақат фикри ӯ фаъол аст, балки мавқеи ҷамъиятии худи нависанда ҳам мавқеи фаъолона мебошад. Ҳамин мавқеи ҷамъиятии фаъолонаи нависандагон, фикри амиқрав ва эҳтироси баланди граждании онҳо мазмуни ғоявии асарашонро муайян кардааст.

Гӯё он рӯз дур нест, ки шахсияти тафаккурписанд, чунин шахсияти кавӣ, ки ҳамеша дар ҳаракату дигаргунии ботинии пуршиддате буда, олами маънавиаш вусъат мегирад, дар қатори қаҳрамонони асосии насри тоҷикӣ ҷойгоҳ ёбад. Ба назар мерасад, ки повестьҳои Фазлид-

дин Муҳаммадиев ва романи ӯ «Палатаи кунҷакӣ», повестьҳои Урун Кӯҳзод ва Саттор Турсун «Андешаҳои танҳоӣ» ва «Пайванд» бо вуҷуди баъзе камбудиҳояшон (хусусан нуфузи публицистика) ба омадани чунин қаҳрамони тааммуқписанд, ки ба оламу одам бо нигоҳи баркамоли фалсафӣ менигарад, замина тайёр карда истодаанд. Ҷустуҷӯҳои эҷодии солҳои ҳафтод барои пайдоиши чунин қаҳрамон беш аз пеш шароит муҳайё кард. Омадан ё наомадан ва ба чӣ ранг омадани ин қаҳрамон вобаста ба он хоҳад буд, ки ҷустуҷӯҳои эҷодии ҳозираи нависандагони мо минбаъд чӣ мазмуне ба худ хоҳад гирифт ва то чӣ андоза амиқ хоҳад рафт.

Ба чӣ ранг, ки бошад, ин қаҳрамон бояд ҳатман дар майдони наср пайдо шавад!

1977

## САДОҚАТ БА ИДЕАЛҲОИ ОЛӢ

### 1

Шоири маъруфи советӣ Евгений Винокуров дар як сӯҳбат гуфта буд:

«Машҳур аст, ки шоир гирифтори як фикри сахтчаспи доимии худ ба дуньё меояд. Ин фикр як умр бо ӯ хоҳад буд ва ӯ ҳамеша кӯшиш хоҳад кард, ки онро бо образҳо баён намояд. Ҳамин фикр ба ҳама шеърҳои як шоир ягонагии ботинӣ мебахшад. Шоир аз миёни рӯйдодҳои бениҳояти дуньё фақат он чизеро, ки ба навъе бо он фикр алоқамандӣ дорад, интихоб менамояд: он фикр риштаест, ки шоирро дар байни факту ҳодисаҳо роҳ гум кардан намемонад».[1]

Ин гап на фақат дар бораи шоирон, балки дар ҳаққи бисьёр носирон, драматургҳо ва дигар эҷодкорон низ дуруст аст. Нависандаи ҳақиқӣ ба мардум ҳатман фикри муҳиме мегӯяд. Мумкин аст, ки ин фикри вай дар як ё ду-се асараш барҷастатар, дар дигар асарҳояш нисбатан ноаён ифода шуда бошад, лекин ҳама такопӯҳои вай дар атрофи ҳамон фикри асосӣ ҷараён мeёбад. Ӯ мехоҳад, ки онро барои худ ҳамаҷониба равшан кунад, паҳлуҳои нав ба нав, тобишҳои тоза ба тозаи он-

---

[1] *Евг. Винокуров.* «Подайте мне смысл!», «Лит. Росс», 29 июня 1979 г., с. 11.

ро ошкор созад ва мардумонро — хонандагони худро низ ба ин процесси мураккабу пурмашаққати ҷустуҷӯҳои маънавӣ шарик намояд. Бино бар ин, аз чунин асарҳо олами фикру эҳсосоти хонанда ғанитар, чашми вай бинотар, ақли ӯ расотар мешавад.

Тамоми насри бадеии устод Айнӣ ба таҳқиқи як мавзӯъ бахшида шудааст. Мавзӯи асосии ӯ сарнавишти таърихии халқи тоҷик, роҳи тоҷикон ба сӯи Октябрь, ба сӯи эҳьёи миллӣ мебошад. Устод ҳамин мавзӯъро аз ҷиҳатҳои гуногунаш тадқиқ кард, таҳқиқро торафт амиқтар бурд ва ҳақиқати таърихиро торафт мукаммалтар падидор овард. Ҳатто як ҳодисаи конкретро чанд бор ба таҳқиқ гирифтани Айнӣ ба назар мерасад: ҳам дар «Одина» ва ҳам дар «Дохунда» аз тӯю сур ва азову мотами заҳматкашон истифода кардани истисморгарон ва бенавоёни софдилро бо фиребу найранги «ғамхорӣ» ба доми худ гирифтор кардани онҳо тасвир ёфтааст. Вале чунон ки дар зиндагӣ ҳар воқиа чанд бор такрор шавад, ҳар дафъа кам ё беш ба тарзи дигаре рӯй медиҳад ва маънои наве мегирад, он лаҳзаҳои монанди якдигар дар асарҳои Айнӣ ҳам такрори маҳз нестанд, балки дар роҳи кашфи асрори зиндагии халқ торафт амиқ шудани фикри ҷӯяндаи ӯро нишон медиҳанд.

Ягонагии мавзӯи масъала дар эҷодиёти баъзе аз дигар нависандагони ҳозираи тоҷик ҳам дида мешавад. Ин ягонагӣ гоҳ тамоман ошкоро ба назар мерасад, аммо дар баъзе мавридҳо зоҳиран чандон равшану возеҳ ифода нашудааст ва нишонаҳои зоҳирии чашмрас кам дорад. Дар ин сурат, чунин ягонагиро муайян кардан душвортар аст ва аз мунаққидон дар таҳлилу ҷамъбаст нозукбинии бештаре талаб мекунад.

Мавзӯу масъалаи асосии эҷодиёти баъзе нависандагон хеле барвақт муайян шудааст. Яке аз чунин насрнависони мо Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Аз аввал тамоман равшан аст, ки ӯ фикру андешаҳои муҳимме дорад ва ҳамаи онҳо дар гирди як масъалаи муайян чарх мезананд. Хусусан ҳангоме ки маҷмӯаи ӯ «Кини Хумор» чоп шуд (1978), он ҳодисаҳое, ки диққати ӯро ба худ бештар кашида истодаанд, он андешаву мулоҳизаҳое, ки ӯро ҳамеша победи худ медоранд, равшантар намоён гардид.

Пас, он ҷиҳатҳои зиндагӣ, ки мавриди омӯзиш ва андешаҳои Ӯрун Кӯҳзод қарор ёфтаанд, кадоманд?

Кӯҳзод он ҳодисаҳоеро, ки ба инкишофи фардияти

инсон, ба тараққии ҳамаҷонибаи шахс мамониат мекунанд, чунин хислатҳоеро, ки инсони имрӯз дар натиҷаи озод шудан аз қайди онҳо шахсияти худро устувор менамояд, бештар ба муҳокима гирифтааст.

Вай муборизаи сахти навию кӯҳнагӣ, то чӣ андоза ҷонсахт будани ҷаҳонбинии кӯҳна, тасаввуроти нодуруст ва пиндоштҳои нораво, бо чӣ азобҳо ташаккул ёфтани шуури тозаи замониро таъкид кардан мехоҳад.

Ҳоло аз тадқиқоти илмии социологҳои советӣ ва баъзе кишварҳои социалистӣ торафт равшантар маълум шуда истодааст, ки ташаккули шуури нав, меъёрҳои нави зиндагиро дар амалиёти ҳаррӯзаи худ устувор кардани шахс процесси басо мураккаб ва сермашаққат буда, баъзан хеле дуру дароз давом ёфтанаш мумкин аст. Ғайр аз ин, дигар шудани ҷаҳонбинии инсон, бо таъсири омилҳои муайяне аз баъзе тасаввуроти устувор дил канда ба фаҳмиши наве майл пайдо кардани шахс як процесси механикӣ нест, ки худ ба худ ва беозор сурат гирад, балки гоҳ бағоят кори душвор буда, шиддати азими қувваи ҷисмониву маънавиро ба миён меорад, сабабгори драмаҳо ва фоҷиаҳое мегардад. Кӯҳзод ҳам дар ин роҳ фоҷиаҳоеро дидааст ва дар сари моҳияти онҳо бо ҳаяҷон андеша рондааст. Аз ин фоҷиаҳо инчунин маълум мешавад, ки зиштиву бадкорӣ дорои қувваи даҳшатангезе мебошад ва дар дами марг, ҳангоми талвосаи ҷонканӣ мумкин аст, ки қувваи он яке бар чанд афзояд.

Лекин дар асарҳои Кӯҳзод фақат гоҳе шиддати вазъият то дараҷаи фоҷиа расидааст (чунончи дар ҳикояҳои «Пули ларзон» ва «Достони муаллим»). Дар дигар мавридҳо бештар як навъ драматизми ҳолати рӯҳӣ, драматизми фикр ба назар мерасад.

Насри Кӯҳзод насри психологӣ, насри андешаҳост. Нависанда ва қаҳрамонони ӯ рӯйдодҳои зиндагиро бо ҳиссиёт ба андеша гирифта, маънoю мазмуни онро ҳартарафа санҷидан мехоҳанд ва хонандаро маҷбур мекунанд, ки низ баробари онҳо фикр кунад, барои фаҳмидани моҳияти он ҳодисаҳо кӯшиш намояд.

Ҳамин андешаву ҳиссиёти пуршиддати қаҳрамонони Кӯҳзод бисьёр муҳим аст. Аз он сабаб муҳим аст, ки қувваи фаъол мебошад, ба дили хонанда, ба шуури вай таъсири пурзӯре мерасонад, оламии фикру ҳиссиёти ӯро фаъол мекунад. Ба назар мерасад, ки Кӯҳзод дар назди худ чунин вазифа гузоштааст: мехоҳад бо қувваи суха-

ни бадеии публицистӣ, бо таъсири шиддати фикру хиссиёти қаҳрамононаш маънои ҳодисаҳои зиндагиро ба хонанда фаҳмонад, то ки хонанда моҳияти рӯйдодҳои атроф, моҳияти ҳастии худро амиқ фаҳмад ва аз рӯи ин фаҳм тарзи зиндагии худро дигар кунад.

Албатта, дарки амиқи моҳияти рӯйдодҳои зиндагӣ вазифаи ҳар як нависанда дар ҳар як асари бадеӣ мебошад. Лекин Кӯҳзод ин вазифаро хеле ошкоро ва бо мулоҳизаронииҳои ҳаяҷономези публицистӣ иҷро кардан мехоҳад. Аз ин сабаб, дар насри бадеии Кӯҳзод ҷиҳати маърифатомӯзӣ хеле қувват гирифта, то андозае хусусияти маорифпарварӣ пайдо кардааст. Гоҳ асарҳои Кӯҳзод он танқиди сахти урфу одатҳои зарарнок, он танқиди бераҳмона, вале маърифатомӯзона ва маорифпарваронаро, ки дар эҷодиёти нависандагони ибтидои асри XX, на фақат нависандагони онвақтаи тоҷик, балки дар маҷаллаи озарии «Мулло Насриддин», дар эҷодиёти ҳаҷвнависи озарӣ Ҷалил Муҳаммадқулизода ва дигарҳо дида мешавад, андаке ба хотир меоранд. Тасаввуроте пайдо мешавад, ки ҳамон равия бо мазмуну шакли наве дар навиштаҳои Ӯрун Кӯҳзод давом ёфта истодааст. Албатта, шояд асарҳои Кӯҳзод бо «Мулло Насриддин» ва ё дигарон заррае алоқаи бевосита надошта бошад, вале ба ҳар ҳол вазифае, ки ӯ дар назди эҷодиёти худ гузоштааст, гоҳ-гоҳ андаке унсурҳои маорифпарвариро ба миён меорад.

Ба фикри мо, дар асарҳои Кӯҳзод қувват гирифтани ҷанбаи маърифатомӯзӣ ва пайдо шудани баъзе нишонаҳои оҳанги маорифпарварӣ ҳодисаи муҳиммест. Инро ба ҳеҷ ваҷҳ анахронизм ё ҳодисаи тасодуфӣ донистан лозим нест. Ин аз зарурати иҷтимоӣ, аз вазифаҳои тарбиявии адабиёт, аз он шаклҳои хоси зуҳуроти вазифаи тарбиявии адабиёт, ки аз шароити ҳаёти халқи тоҷик пайдо шудаанд, сар задааст.

Маорифпарварии ҳозира аз маорифпарварии пештара, чунончи аз давраи ибтидои асри XX, ба куллӣ фарқ мекунад. Акнун асоси иҷтимоии он дигар шудааст. Ҳоло маърифатпарварӣ ба воқеияти нави замони мо такья дорад ва равшангари афкори мардуми замони инқилоби илмию техникӣ мебошад.

Муборизаи зидди боқимондаҳои зарарноки замонҳои гузашта ҳоло дар республикаи мо аҳамияти махсус дорад ва рӯз то рӯз тезу тунд шуда истодааст. Ин ҳолат водошт ки ҳам кори тарбиявӣ ҳам кори ходимони ада-

биёту санъат, аз ҷумла тадқиқи бадеӣ шаклҳои хос дошта бошад. Андак ранги маорифпарварӣ пайдо кардани тадқиқи нависанда яке аз ҳамин хосиятҳост ва аз хосияти миллии зиндагӣ пайдо шудааст. Ин ҷо бо ҳаёти воқеии халқ, бо иҷрои муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоии рӯз сахт алоқаманд будани адабиёти тоҷикӣ, инчунин насри Ӯрун Кӯҳзод ба хубӣ намоён мегардад.

Ин хусусиятҳои эҷодиёти Кӯҳзод аввал дар дуввумин повести ӯ «Писанддара» (1974) барҷаста падид омад. Зуҳуроти гуногуни зиндагии бемаънавият, тангназарӣ ва кӯтоҳбинӣ, бехабарӣ аз дуньё ва аз худ, ки ба шаъни инсон, хусусан ба шаъни мардумони замони мо ҳеҷ муносиб нест, дар ин повесть хеле муфассал, аз чанд ҷониб бо тобишҳову ҷилваҳои мухталифаш аз назар гузаронида шуд. Аз ҳамон вақт тасвирҳои Кӯҳзод тасвирҳои бетарафона ва беҳиссиёт набуданд, балки ҳар як лавҳа бо ҳаяҷони баланд ба қалам омада буд. Нависанда аз дилу ҷон хостааст, ки қабоҳати зиндагии маҳрум аз идеалҳои олии инсониро ба худи онҳое, ки чунин зиндагӣ ба сар мебаранд, намоён кунад, ба худи онҳо фаҳмонад, ки онҳо бо чунин зиндагӣ моҳияти инсонии худро аз даст медиҳанд.

Ин тасвирҳои муфассал аҳамияти калон доранд. Яке аз қаҳрамонони Кӯҳзод дар повести «Қини Хумор» он ҳақиқатеро, ки кайҳо боз маълум аст, боз як бор бо ин савол ба миён гузошт: «Магар он одатҳое, ки замони нав ба муқобилаш қиём кард, ба қатори душманҳо намедароянд?» Албатта, дар повесть ба ин савол ҷавоби мусбат дода шудааст. Дар ҳақиқат, он боқимондаҳои зарарноки гузаштаи дур дар шароити имрӯз, дар замони инқилоби илмиву техникӣ барои халқи мо аз сахттарин душманҳо мебошанд. Пас душманро бояд донист. Мо ин душманро бояд ҳар чӣ мукаммалтар донем, шаклҳои нав, шаклҳои имрӯзаи зоҳир шудани моҳияти тағйирнопазири онро бояд нағз шиносем, то ки бо вай мубориза бурда тавонем. Он тасвирҳои муфассали Кӯҳзод дар роҳи ҳамин мақсад хизмат мекунанд. Таҳқиқу таҳлилҳои доманадоре, ки аз онҳо зиндагиро нағз донистани нависанда маълум мегардад, нишонаҳои конкрети он ҳодисаҳоеро, ки мавриди тадқиқ қарор ёфтаанд, намудор мекунанд, моҳияти онҳоро амиқ мекушоянд.

Аҳамияти ҷанбаи публицистии тадқиқи Кӯҳзодро алоҳида қайд кардан лозим аст. Оҳанги публицистӣ, он мулоҳизарониҳои публицистии ҳаяҷономез, ки гоҳ аз забони муаллиф ва гоҳ аз забони қаҳрамонон омадаанд, на фақат барои амиқтар намудор кардани моҳияти рӯйдодҳо ёрманди мекунанд, балки мабдаи фаъолонаи тадқиқи нависанда ва рӯҳи гражданини асарро қувват медиҳанд. Мабдаи фаъолонаи публицистӣ як қисми тасвири психологӣ мебошад, зеро мулоҳизаронихое дар атрофи масъалаҳои ҷамъиятӣ (дар бораи масъулиятшиносии иҷтимоиву гражданини шахс ва монанди инҳо) ба олами маънавии қаҳрамон фаровон роҳ ёфта, дар андешаҳои ӯ, инчунин дар таҳлили психологии нависанда мавқеи калон ишғол менамоянд. Ин ҷанбаи публицистӣ рӯҳи гражданӣ ва таъсири эмоционалию ғоявии тасвири психологиро ба маротиб меафзоянд.

Аз ин ҷост, ки дар ҳикояҳои психологии Кӯҳзод ҳам порчаҳои очеркӣ дида мешаванд ва баъзе порчаҳо ҳатто ба мақолаи публицистӣ наздик шудаанд.

Ҳикояи «Достони муаллим» сар то по аз андешаҳои қаҳрамони беном — як муаллим ва фидоии ҷатини роҳи маорифи халқ иборат аст, аз он фикру хаёлхое иборат аст, ки ӯ дар дами марг, дар остонаи ба ҳалокат расиданаш аз дасти босмачиён дошт. Нависанда образи яке аз он босмачиён — Табари қулдурро, ки «марди содда ва чашми дилаш кӯр» буда, аз ӯ «хӯса сохтаанду худаш бехабар аст», ба вуҷуд овардааст. Вақте ки муаллими қаҳрамон рафтору кирдори Табар, мутеиву фармонбардорӣ, беандешагиву бетамизиҳои ӯро фикр мекард, «Табар ба назараш рамзи ҷаҳолату торикӣ намуд, ки дар сурати одамӣ» намудор аст. Табар аз намояндагони синфҳои истисморгар нест, аз мардуми оддист, лекин бозичаи дасти босмачиён мебошад. Муаллим сабаби ин ҳолатро аз тарзи зиндагии аҳли деҳаи Хунукчашма ҷуста, он муносибатҳоеро, ки дар байни мардуми деҳа ҳукмрон буд, сабаби асосӣ донистааст. Муаллиф ба чунин андешаҳо рафтааст: «Шахс дар ин деҳа озодии комили рафтор надошт, кори дилхоҳи худро озодаву дилпурона ба амал бароварда наметавонист: ҳамеша дар зери тазъиқи бори назорату надомату[1] таънаи атрофи-

[1] Калимаи «надомат», ки маънои он пушаймонист, ин ҷо мавриди надорад ва зиёдатӣ омадааст.

ён меистод — мулохиза домангираш буд, ки кунам чӣ шаваду накунам чӣ шавад? Ҳар як фард худро ҳақдор мешуморид ба кори шахси дигаре дахолат кунад ва дар ҳар кор бартарӣ доштани худро таъкид карда истад. Дар айни ҳол ҳамаи ин «даъвоҳо» аз доираи одоби мутеона берун намебаромад. Хулоса, расму одатҳои мардуми Хунукчашма монанди ҳотаҳои назди ҳавлиашон, монанди заминҳои корами порча-порчаи адирҳо ва ниҳоят монанди косагии байни кӯҳҳо, ки деҳа (он ҷо) воқеъ гардидааст, доираи маҳдуде дошт».

Ин андешаҳои қаҳрамон дароз аст. Мо ин ҷо фақат як қисми онҳоро зикр кардем. Маҳз ҳамин мулоҳизаронихо дар сари масъалаи иҷтимоӣ, дар бораи чигунагии муносибатҳои ҷамъиятии мардум ва нақши онҳо дар хислатҳои инсон — мулоҳизаронихое, ки ошкоро тамоюли публицистӣ доранд, яке аз муҳимтарин воситаҳои кушодани характер — ҳам характери қаҳрамони асосӣ ва ҳам Табар мебошад.

Аз порчае, ки дар боло овардем, ҳарчанд ки дар баъзе мавридҳо матлаб чандон равшану возеҳ ифода нашудааст, чӣ чизҳоро боқимондаи зарарноки ҷамъияти кӯҳна ҳисоб кардани нависанда ва онҳоро аз чӣ сабаб зарарнок донистани ӯ равшан аст.

Нависанда масъалаи шахс ва ҷамъиятро пеш гузошта, бештар он чизҳоеро, ки дар ҷамъияти гузашта ба инкишофи озодонаи шахсияти инсон халал мерасонид ва боқимондаҳои он имрӯз ҳам халал мерасонад ба таҳқиқ гирифтааст ва дар роҳи решакан кардани таъсири онҳо ҷидду ҷаҳд дорад. Дар ҳикояи боло ва ҳикояҳои дигари Кӯҳзод падидаҳои гуногуни чунин маҳдудияти назар, чунин бебасоратӣ, ки боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон, сабабгори таҳқир дидани ҳиссиёти инсонии вай гардида, дар зандагӣ бемақсадӣ, беиродагӣ ва нотавониву оҷизиро ба миён меорад, бо диққат аз назари таҳқиқ гузарондааст.

Нависанда аз ин дидгоҳ ба тақдири занони тоҷик бештар назар афкандааст. Дар ҳикояҳои ӯ исьёни занон, сар бардоштани онҳо бар зидди маҳдудиятҳои бешуморе, ки урфу одат дар роҳи бахту саодати инсонии занон мегузорад, тасвир ёфтааст. Боз ҳам падидаҳои гуногуни ин ҳодиса ба таҳқиқ омадааст. Исьёни занон шаклан ва моҳиятан гуногун аст.

Қаҳрамони ҳикояи «Пули ларзон» Нурбибӣ охир худ-

ро ба дарьё партофт ва аз зиндагии чӯривор, аз азобҳои тоқатфарсои хонадоне, ки он ҷо занро канизаки зархарид медонанд, халос шуд. Худкушии Нурбибӣ нишонаи ноилоҷӣ, аломати оҷиз омадани ӯ аз мубориза буд. Лекин ба ҳар ҳол ин ҳам исьён аст, ин ҳам як навъе овози эътироз баланд кардан, сахт маҳкум намудани расму таомули дур аз инсоният мебошад.

Нависанда сабабҳои асосии чунин ранг гирифтани сарнавишти қаҳрамонашро боз дар ҳамон кӯшишҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон дидааст. Падару модари меҳрубон фарзанди қобил, баодоб ва боиффат тарбия кардан мехостанд, лекин қобиливу одобро чунин мефаҳмиданд, ки агар фарзанд андак истиқлол зоҳир кунад, дарди дил гуфтанӣ ва ё норозигӣ карданӣ шавад, мегуфтанд: «Ба рӯи падару модар надав, онҳо бахти туро мехоҳанд». Тамоми «муҳит талқин мекард, ки шарти фарзандӣ дар итоат» аст. «Дилбастагии ғуломона ба хешу табор, тарси соддалавҳона аз ғайбату таънаи мардум» дасту пои занро баста медорад ва имкон намедиҳад, ки ӯ қадаме ба хоҳиши дил пеш гузорад. Нурбибӣ ба чунин муносибати ноинсофона, ба чунин муомилаи хориовар ва пуртаҳқир дигар тоқат карда натавонист.

Боз як навъи исьёни зан дар асарҳои Кӯҳзод тасвир шудааст. Ин бо сарбаландӣ намоён кардани ҳиссиёти дили меҳрпарвари худ, бо ифтихор устувор намудани ҳуқуқи инсонии худ мебошад. Санавбар дар ҳикояи «Никоҳ бо корд» (ки соли 1974 бо номи «Ишқи нотамом» чоп шуда буд) ба ҳамин роҳ қадам гузошт. Вай рӯзе, ки маҳбубаш Умар ба майдони ҷанги зидди фашистон мерафт, ҳиссиёти пурҷӯши худро пинҳон накарда, дар пеши чашми тамоми аҳли деҳа «ба гардани Умар даст ҳалқа кард ва тез-тез се бор бӯсид». Албатта, дар шароити ҳукмронии тасаввуроти кӯҳна ин кори Санавбар як навъ қаҳрамонӣ буд. Ҳамаи онҳое, ки намудор шудани ҳиссиёти зебо ва муқаддаси инсонро айб медонистанд, Санавбарро маҳкум карданд. Ин аст, ки «дар як деҳа дар байни одамони бисьёре Санавбар танҳо буд». Вале ӯ қатъан бовар дошт, ки «аз ҳамаи гирду пеш будагон як сару гардан баландтар меистад», зеро «муҳаббати худро ҳимоя карда тавонист».

Мо аз «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ Ҳабибаи соҳибҷамол, нозук ва шеърияпарварро дар хотир дорем, ки ба сарзаниши мардум эътибор надода, дар роҳи ишқ ус-

тувор қадам гузошт ва аз дасти маҳбубаш гирифта ба қозихона бурду аз қозӣ талаб кард, ки онҳоро никоҳ кунад. Санавбари ҳикояи Кӯҳзод низ аз ҳамин гуна ҷасорату қатъият баҳраманд аст. Снавбар ҳам тацассуми қувваи ишқ ва азму иродаи қавӣ, вафо ва устуворӣ мебошад.

Чунон ки дидем, дар ҳикояи «Достони муаллим» тазъиқи бори «назорату таънаи атрофиён» ёке аз сарчашмаҳои тангназарӣ дониста шуда буд. Дар ҳикояи «Пули ларзон» ҳам «тарси соддалавҳона аз ғайбату таънаи мардум» маҳкум шудааст. Дар ҳикояи «Никоҳ бо корд» боз ба ин мавзӯъ дучор меоем. Ин ҷо ҳам аз хусуси «роҳи халосӣ аз таънаву маломати мардум» сухан рафтааст. Нависанда гаштаву баргашта ба ин масъала рӯ оварда, чи онҳоеро, ки зиндагиашон бо ғайбату сарзаниши дигарон мегузарад ва ба қавли халқамон «кӯри худу бинои мардум» ҳастанд, чи онҳоеро, ки аз гап-гапи бефаросатҳо, аз миш-миши ҳангоматалабҳо, аз айбҷӯиву айбшумории нотавонбинон андеша карда, падидаҳои эҳсосоти наҷиби инсонӣ ва рафтори принципиалии мустақилонаи худро маҳдуд менамоянд ё истиқлоли фикрро аз даст медиҳанд, баробар мазаммат кардааст.

Дар ҳақиқат, аз рӯи гапи мардум зиндагӣ кардан мумкин нест. Мардумон гуногунанд ва ҳар кас ба таври худ фикр мекунад. Ба гуфти Ҳофиз, фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст. Аммо онҳое, ки фикри худро ба гардани дигарон бор кардан, фикри дигаронро ба тобеияти худ даровардан мехоҳанд, аксаран аз ҳиммат бегонаанд. Ҳар кас худаш бояд як фикру ақидаи муайян, як мақсаду мароми наҷиб, як эътиқоди қавӣ дошта бошад ва аз рӯи он дар зиндагӣ амал кунад, аз ҷумла фикри дигаронро қабул ё рад намояд.

Санавбари ҳикояи «Никоҳ бо корд» бо ҳама ҷавонӣ дар дил чунин қуввае дошт, ки ба муқобили фикри норавои мардум, бар зидди маҳдудкории соҳибони тасавввуроти пӯсидаи урфӣ бо камоли ҷасорат исьён кунад ва дар роҳи устувор намудани шахсияти зӯрманди худ қадами қатъӣ бардорад. На фақат ин қаҳрамонии ӯ маҳсули замони мо, маҳсули таълиму тарбияи мактаби советист, балки беҷазо мондани ҷасорати вай ҳам фақат дар замони мо имконпазир шуд. Аз ин рӯ, падараш бо ҳасрат мегуфт: «Замона намебардорад, набошад, ин сиёҳмиларо бо дасти худам хафа карда мекуштам». Оре,

замона дигар шудааст ва акнун дасти чунин «ғайратмандон»-и беандеша кӯтоҳ аст.

Дигар шудани замона барои зоҳир шудани шахсияти Санавбар, барои ҳаёти пурмазмуни ҷарбаландона сар кардани ӯ заминаи мустаҳкам ба вуҷуд оварда бошад, чунон ки дидем, ба баъзеҳо маъқул нест. Дар дигар мавридҳо ҳам муносибати қаҳрамонон ба тағйироти зиндагӣ гуногун аст. Қаҳрамони ҳикояи «Арафаи наврӯз» Миробид низ дар охири умр фаҳмид, ки «замона дигар шудааст, одамон ҳам дигар шудаанд». Вай дар назари аввал ҳанӯз намедонад, ки замона «хуб шудааст ё бад», лекин тағйир ёфтани онро ба якин дидааст. Боз муҳим ин аст, ки Миробид аз зиндагии пештараи худ, аз зиндагии он вақтҳо, ки дигар шудани дуньёро ҳанӯз нафаҳмида буд, сахт пушаймон аст. Ин қаҳрамони Кӯҳзод монанди қаҳрамони ҳикояи Саттор Турсун «Ситораи корвонкуш» дар дами марг роҳи ҳаётии худро ба ҳасрату надомат аз пеши назар гузаронидааст.

Миробид дар дами вопасин аз кадом кирдорҳои худ пушаймон аст? Ин ҷо боз дар андешаҳои қаҳрамон масъалаи муомила ба зан ба мавқеи аввал меистад. Миробид акнун фаҳмидааст, ки дар давоми чил соли ҳамхонагӣ бо зани марҳумаш «ҳамеша ҳамроҳ ва ҳамеша бегона будаанд». Вай акнун ба рӯҳи поки завҷааш муроҷиаткунон иқрор мекунад, ки ин шавҳари ношуд (яъне худи Миробид) як умр «аз паи таъмини рӯзгорат буд. Ғалла меовард, латта меовард, молу ҳол ғун мекард» вале «туро ҳам қатори молаш мешуморид. Рози дил намегуфт, баробари худ намедонист. Орзуву ҳавасатро намепурсид. Кӯдак гирья кунад, ба сари ту мушт мебардошт; нон сӯзад, туро мезад: таом дер тайёр шавад, туро дашном медод. Ва ту лом намегуфтӣ».

Нишонаҳои кӯрдилӣ, ки дар муносибати ба зан зоҳир мешавад, дар ин андешаҳои Миробид муфассалан омадаанд. Миробид ҳамаи онҳоро фикран аз назар гузаронида, он хислатҳоро ҳам ва худро ҳам маҳкум кард. Худи қаҳрамон дар ҳаққи худ ҳукм баровард. Албатта, чунин ҳукме, ки кас дар ҳаққи худ барорад, аз ҳукми дигарон зӯртар аст.

Лекин нависанда на фақат ба ин тариқ қаҳрамони худро сахт маҳкум менамояд, балки ин ҳама худбаҳоиҳои бераҳмона ва андешамандонаи пирамардро низ як нишонаи дигар шудани замон ва ҳодисаи бисьёр муҳим

медонад. Ин аз он ҷиҳат бағоят муҳим аст, ки акнун барои ин марди солхӯрда ҳам замони нав, ҷаҳони тоза оғоз ёфта истодааст. Аз ин рӯ, номи ҳикоя маънои рамзӣ дорад: охири умри Миробид барои вай «арафаи наврӯз», арафаи зиндагии тоза гардид. Фаҳмиши нави Миробид бо ӯ ба гӯр нахоҳад рафт, балки барои пешбурди ҷамъияти мо хизмат хоҳад кард. Дигаргуниҳои шуури Миробид дар натиҷаи фаҳмиши моҳияти ҳаёти пурмазмуни фарзандонаш, машраби олӣ ва ҷашмандози васеи онҳо, дар натиҷаи нағз эҳсос шудани бартариҳои зиндагии мардумони нави замон сурат гирифт.

Нависанда гаштаву баргашта даҳшатҳои зиндагии кӯрдилона, бемақсаду беандеша, рафтори бетамизонаро нишон додааст. Дар ҳикояи «Шаби чордаҳ» кирдори чанд нафаре, ки як ҷавони ҳамсоядеҳаро бе ягон сабаб мурданивор заданд, дар ҳақиқат ваҳшате дорад. Фақат сангдилони дур аз одамият дар ҳаққи бегуноҳе чунин ваҳшониятро раво мебинанд.

«Шаби чордаҳ» низ ҳикояи психологӣ мебошад. Аммо психологизми он асосан ба нишон додани ҳолати бемор, алоигӯӣ ва хобҳои пурдаҳшати ӯ нигаронида шуда, таҳлили иҷтимоии психологӣ, муайян кардани моҳият ва сабабҳои рӯйдод ба вазифаи он надаромадааст. Ба ин маънӣ, ба назари мо, психологизми ҳикояи «Шаби чордаҳ» бештар психологизми маҳз аст, як воситаи тадқиқи бадеии бамуддао нест ва асар бештар аз баёни фактҳо, аз тасвирҳое, ки ҷандон мақсади муайян надоранд, иборат мебошад. Аз ин сабаб, чунин хулосаи муҳимми қаҳрамон, ки гуфт: «Табиби ҳар кас ғайрати ӯст», ва ин гӯё хулосаи тамоми ҳикоя аст, низ асос надорад ва номафҳум мемонад. Ҳоло аз ин асар чунин хулоса баровардан мумкин нест.

Ин гуна камбудиҳо дар дигар асарҳои Қӯҳзод ҳам ба назар мерасанд: Чунончи дар ҳикояи «Қаси якка дар кӯҳ» тасвири табиати кӯҳистон ва ҳунари воззакашӣ нағз ва фикри бадеии нависанда муҳим аст. Нависанда чунин ҳақиқатро ифода кардан мехоҳад, ки кас бо ҳама тавоноиву ҷасорат ба танҳоӣ оҷиз аст. Ин фикр нағз ифода шудааст. Бо вуҷуди инҳо, дар ин асар, ба назари мо, мантиқи ҳикояпардозӣ суст аст: Ғафур якка ба кӯҳ рафт ва ба танҳоӣ ҳалок шуд. Қасе набуд, ки чигунагии марги ӯро дида бошад. Пас ҳикояпардоз (таҳкиягар) он ҳама тафсилоти воззакашӣ ва ҳалокати

Ғафурро аз куҷо донист ва ба чӣ асос ба мо ҳикоя карда истодааст?

Лекин камбудии асосӣ, ба ақидаи мо, дар таҳлилҳои бадеии иҷтимоӣ, дар маънидоди сабабҳои иҷтимоии рӯйдодҳо роҳ ёфтааст. Кӯҳзод падидаҳои гуногуни бемаънавиятӣ, маҳдудназарӣ ва кӯрдилӣ, зиндагии пучи бемақсад ва оқибатҳои даҳшатангези онро аз назар гузаронида, мутаассифона, дар баъзе мавридҳо решаҳои иҷтимоии онро наҷустааст. Дар он мавридҳое, ки ҷустуҷӯи сабабҳои иҷтимоиву таърихии ходисаҳо дида мешавад, дар баробари андешаҳои ҷиддии амиқ баъзан эзоҳоти оддии рӯякӣ (чунончи дар ҳикояи «Пули ларзон») ё тасаввуроти нодуруст ҳам ба назар мерасад.

Мо дар боло як порча аз ҳикояи «Достони муаллим» оварда будем, ки дар монологи ботинии қаҳрамон сабабҳои пайдоиши расму одатҳои бад ва психологияи мутеъиву беиродагӣ мавқеи калон ишғол кардааст. Дар ҳамон мулоҳизаронихои муаллим чунин фикре ҳам ҳаст: «Муаллим пас аз мушоҳидаву андешаҳо хулоса бароварда буд, ки ҳамаи ин маҳдудиҳо натиҷаи бесаводӣ ва ғафлат аз илм аст. Торикӣ онҳоро сеҳр кардааст, ки аз равнақу ривоҷи илму ирфони ватанӣ бехабар мондаанд». Аз ин андешаҳо акси садои ақидаҳои маорифпарварон ба гӯш мерасад. Маорифпарварон бесаводиву беилмиро сабаби асосии ҳама иллатҳои иҷтимоӣ медонистанд ва аз ин рӯ, саводнок шудани мардум, аз маданияти нави замонӣ баҳраманд гардидани онҳоро шарти аввал дар озодиву хушбахтӣ мешумориданд. Қаҳрамони ҳикояи Кӯҳзод, ки муаллими солҳои бист ё сӣ мебошад (афсӯс ки аз тасвирҳои нависанда замони воқиаро конкреттар муайян кардан мумкин нест), ҳатто шояд аз шогирдони маорифпарварони дирӯза бошад, дар баёни сабабҳои нодониву ҷаҳолати мардуми меҳнатӣ таълимоти маорифпарваронаро пайравӣ намудааст. Лекин дар ҳикоя ин фикри қаҳрамон назари муаллифро ҳам ифода мекунад, яъне нависанда ҳам шарики он фикр аст. Ва ҳол он ки дар ин масъала маорифпарварони мо саҳв карда буданд: чигунагии заминаи иҷтимоии ҳаётро ба назар намегирифтанд. Пас чун фикри нависандаи имрӯза намоён шудани он ақида нуқсоне дар таҳлили иҷтимоист.

Албатта, бесаводиву беилмӣ дар ҷамъият сабабгори бисьёр ҳодисаҳои ногувор шуда метавонад. Лекин аслан бесаводиву беилмӣ дар ин маврид сабаб нест, натиҷа

аст. Вай натиҷаи қонунманди сохти феодалӣ мебошад. Маҳз табиати истисмории созмони феодалӣ дар тамоми ҷамъият, аз як тараф, мутеиву итоаткории бефикру андеша, сарҳамӣ ва «хоксорӣ»-и ғуломона ва аз ҷониби дигар, худсарии ҷоҳилона, калонгириву насабтарошӣ ва монанди инҳоро ривоҷ дода буд. Ин омил дар давоми чандин асри ҳукмронии феодализми бадмур муносибати байни аъзоёни ҷамъиятро муайян мекард. Аз ин рӯ, аср то аср он расму одатҳои зарарноке, ки Кӯҳзод ба тадқиқ гирифта, аз ҷумла дар ҳикояи «Достони муаллим» дар тарзи зиндагии мардумони деҳаи Хунукчашма ва дар характери Табари қулдур нақши онҳоро дидааст, мустаҳкам мешуд.

Бесабаб нест, ки ин ходисаҳо солҳои охир дар адабиёти тоҷикӣ торафт бештар мавқеъ ишғол карда истодаанд. Ҷалол Икромӣ дар романи «Зоғҳои бадмур», Муҳиддин Хоҷаев бо образи Бобо Қароӣ романи «Об — рӯшноӣ» таъсири залолатовари муносибатҳои феодаливу боёнаро тадқиқ намуданд ва чунон ки таъкид шуд, Кӯҳзод тамоми эҷодиёташро ба ин масъала бахшидааст. Лекин бо таассуф бояд гуфт, ки нависандагони мо аксаран худи ҳодиса ва оқибатҳои онро ба тадқиқ мегиранд, аммо решаҳои иҷтимоиву таърихии онро чуқур намекованд. Барои ин ки моҳияти ғайриинсонии боқимондаҳои муносибати феодаливу боёна ва урфу одатҳои зарарнок пурра намоён шавад, бояд саргаҳу сарманшаъ, замина ва сабабҳои иҷтимоиву таърихии ҳодиса амиқу ҳартарафа ба доираи тадқиқи бадеӣ дарояд. Назари амиқрави таърихӣ лозим аст, ки моҳияти аслии ин гуна ҳодисаҳои иҷтимоӣ ошкор шавад.

Аз ин гапи мо набояд чунин хулоса баровард, ки гӯё моҳияти иҷтимоии расму одатҳои кӯҳнаро фақат дар жанри таърихӣ, фақат дар асарҳое, ки ба воқеияти феодалӣ бахшида шудаанд, амиқан падид овардан мумкин будааст. Не, мо ин ҷо асосан асарҳои ҳозирамавзӯъро дар назар дорем. Дуруст муайян кардани решаҳои таърихии ҳодиса, ба ин восита мукаммалтар ошкор намудани моҳияти он умуман яке аз муҳимтарин талаботи таърихияти бадеист. Ин ба жанри таърихӣ ва асари ҳозирамавзӯъ баробар тааллуқ дорад. Дарки иҷтимоиву таърихӣ дар тадқиқи бадеӣ чӣ қадар амиқ рафта бошад, бунёди фалсафии асар ва аҳамияти иҷтимоии он ба ҳамон дараҷа ҷиддитар хоҳад буд.

3

Нахустин қадамҳои эҷодии Ўрун Кўҳзод аз ҳаҷв сар шуда буд ва аввалҳо мо ўро асосан ба сифати ҳаҷвнавис мешинохтем Дар маҷмўаи «Қини Ҳумор» ҳам чанд ҳикояи ҳаҷвии солҳои гуногун мавҷуд аст. Дар байни ин ҳикояҳо асарҳои хоми шогирдона ҳам ҳаст. Чунончи ба фикри мо, ҳикояи «Такмили ихтисос» нотамом ва аз ҷиҳати бадеият суст буда, лоиқи чунин маҷмўа нест ва хусусан ҳусни хотимаи он шуда наметавонад. Ё ки ҳикояи «Хеши дур» бисьёр нағз оғоз ёфта, ба таври оддӣ анҷом пазируфтааст. Лекин аксари онҳо дорои ҳаҷви намакин ва мазмунан баланд мебошанд ё аз ягон ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Дар ҳаҷвиёти Кўҳзод ҳам монанди ҳикояҳои ғайриҳаҷвиаш ҷанбаи психологӣ ва таҳлилӣ пурқувват аст. Дурусттар ин ки ҳамон андешаҳои ў дар бораи бемаънавиятӣ ва кўтоҳназарӣ, ҷаҳолату ҳаромкорӣ ва ғайра, ки дар боло дидем, аввал аз ҳикояҳои ҳаҷвӣ сар шуда буданд ва баъд кам-кам доман пахн карда, дар доираи ҳаҷв нағунҷиданд ва шаклу воситаҳои дигареро низ талаб карданд. Дар натиҷа, як идда ҳикояҳои психологии публитсистии ў ба миён омадан гирифтанд.

Ҳоло доираи назари нависанда торафт васеъ, андешаву мулоҳизаҳои вай ҷиддӣ, ҳиссу ҳаяҷони граждании ў баландтар шуда истодааст. Ҷиҳатҳои нав ба нави воқеияти ҳозира ба чашмандози ў даромада, мавриди тадқиқи таҳлилӣ ва муҳокимаи ҳарҷонибаи публитсистии пурҳиссиёти вай қарор меёбанд ва пафоси фаъолонаи граждаииву ватандўстонаи асарҳои вай меафзоянд.

Инро аз повести ў «Қини Ҳумор» дидан мумкин аст. Кўҳзод аз ҷумлаи он нависандагон аст, ки дар насри тоҷикӣ як равияи нав, равияеро, ки «насри таҳлилӣ» ва «насри андешаҳо» номидаем, давом медиҳанд. Хусусияти асосии чунин асарҳои адабиёти ҳозираи тоҷикӣ аз дидгоҳи идеалҳои олӣ бо диққати тамом ба андеша гирифтани рўйдодҳои муҳимми зиндагӣ ва ҳарҷониба аз назари таҳлил гузаронидани онҳо мебошад.

Қаҳрамон дар «насри андеша» одатан дар ҳолате тасвир мешавад, ки оқибати ягон воқиаи калон ё як марҳилаи зиндагии худ ва ё тамоми роҳи ҳаёташро ҷамъбаст кардан мехоҳад, онро гаштаву баргашта фикр карда ва таҳлил намуда, аз нав баҳо доданӣ ва моҳияти онро амиқтар муайян карданист. Гоҳ ин қаҳрамон

баъди воқиаҳои пуршӯре ба бистари беморӣ меафтад ва он ҷо ба андеша меравад. Чунончи қаҳрамонони романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» (1974), қаҳрамони романи нависандаи номии эстон Пауль Куасберг «Як чакра борон» («Қапля дождя», 1977) Андреас Яллак, қаҳрамони романи нависандаи машҳури гурҷӣ Нодар Думбадзе «Қонуни абадият» (1978) Бачана Рамишвили ва ғайра пас аз бемории инфаркт дар бемористон дар сари андешаҳо тасвир шудаанд. Гоҳ қаҳрамони чунин асарҳо дар охири умр, пеш аз марг тасвир мешавад ва бо қаноатмандӣ ё бо ҳасрату афсӯс зиндагии худро аз пеши назар мегузаронад. Қаҳрамонони ҳикояҳои Кӯҳзод «Достони муаллим», «Арафаи наврӯз», «Ҳосили умр», чунон ки дидем, дар чунин ҳолат нишон дода шудаанд. Гоҳо ба сари қаҳрамон воқиаи ногаҳоние меояд ва ӯро ба андешаҳои ҳаяҷономез водор менамояд. Қаҳрамони романи Александр Крон «Беҳобӣ» («Бессоница», 1977), Исфандиёр дар повести Кӯҳзод «Қини Ҳумор» ва устод Айнӣ дар дигар повести ӯ «Як рӯзи дароз, рӯзи бисьёр дароз» (1977) дар чунин ҳолат тасвир ёфтаанд.

Дар ин сурат нависанда имкон дорад, ки ба олами фикру андешаҳои қаҳрамон бештар роҳ ёбад, чунин ҳиссу ҳаяҷони ниҳонии ӯро, ки дар назди мардум шояд ҳеҷ гоҳ ба забон наоварда буд ва наҳоҳад овард, намудор созад, шавқу завқи ӯ, марому мақсад, орзую идеалҳо, ғаму шодиҳоеро, ки ҳастии ӯро фаро гирифтаанд, пурратар аз назари озмоиш гузаронад.

Андешаҳои як ҷавони кушодафикри замони мо — муаллими навкоре ки як сол пеш институтро тамом карда, дар мактаби як деҳаи дурдаст ба таълиму тарбияи насли наврас машғул аст, дар повести «Қини Ҳумор» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Одатан ҷавонон ба кори солхӯрдагон бо чашми танқид менигаранд, аз он кор нуқсони бисьёре ёфта ислоҳ кадан меҳоҳанд, лекин пас аз андак муддат маълум мегардад, ки он чӣ онҳо камбудӣ гумон карда буданд, дар бисьёр мавридҳо норасоӣ набудааст, балки ҳикмате доштааст. Дар «Қини Ҳумор» ин тавр нест. Андешаҳои Исфандиёр ҳама хеле ҷиддӣ буда, буньёдашон мустаҳкам аст. Дар бисьёр мавридҳо дилтанг шудани ӯ, бо бетоқатӣ андеша ронданаш, роҳҳои нав ҷустанаш, ислоҳи вазъиятро талаб карданаш асос дорад. Яъне боз ҳам баъзе ҳодисаҳои ногувори воқеияти иҷтимоии имрӯз ба муҳокима омадааст.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар «Қини Хумор» боз ҳамон масъалаи муносибат ба зан, масъалаи шаъни одамии вай, худогоҳии инсонӣ ва иҷтимоии ӯст. Ин масъала бо сарнавишти Хумор, ки ҷавонзани соҳибҷамол ва хушзеҳне буда, ҳоло дар хонаи шавҳари пулёбу хушдаромад ғайр аз хурсандии либосҳои қиматбаҳои ранг ба ранг ягон шодмонии дигар надорад, ба миён гузошта шудааст. Аҳволи Хумор дар андешаҳои Исфандиёр, инчунин дар мулоҳизаҳои Вера, ки низ муаллими ҷавони хушфикр аст, мавқеи калон ишғол менамояд. Афсӯс ки Хумор на бевосита бо рафтору кирдор ва фикру андешаҳои худи ӯ, балки аз назари дигарон — аз диди Исфандиёру Вера нишон дода шудааст. Ин ҷо яке аз душвориҳои умумии «насри андеша» намудор омадааст: нависанда аксаран маҷбур аст, ки ҳама персонажҳоро аз биниши қаҳрамони асосӣ тасвир кунад ва дар ин сурат хавфе ба миён меояд, ки характеристикаи баъзе персонажҳо яктарафа монад ё ҳукми қаҳрамон ҳукми худи нависанда пиндошта шавад. Бо вуҷуди ин, аз баски Исфандиёр ва украиндухтар Вера аз ҷавонони пешқадаму тозафикри замони мо мебошанд, метавон гуфт, ки психологияи Хумор, мазмуни характер ва моҳияти исьёни ӯ аз чанд ҷиҳат ва асосан дуруст муайян гардидааст.

Боз ҳам бемақсадӣ, беиродагӣ, фармонбардорӣ муҳимтарин хислатҳои Хумор буда, аз тарбияи анъанавии хонавода ҳосил гардидааст. Хумор бо «сари ҳаму дили пуралам» зиндагӣ мекунад, тақдири ӯро дигарон — падараш, шавҳараш, хешу наздиконаш муайян менамоянд, раъйи онҳо, ки аксаран барои Хумор норавост, расму таомули умумӣ, ки асрҳо боз барқарор буда, на фақат талаботи замони нав, балки хоҳиши дили шахси алоҳида ва нозукиҳои фардияти инсонро қатъан ба назар намегирад, раҳбару раҳнамои вай дар зиндагӣ мебошад. Хумор «ҳамчун фард, ҳамчун шахс ҳеҷ қурбе надорад» ва «бозичаи дасти дигарон» аст. Ин ҳоли вай Исфандиёру Вераро ба як силсила андешаҳои мураккаб ва пуршӯре водоштааст.

Қаҳрамонони андешаманди Кӯҳзод — ҳам Исфандиёр, ҳам Вера на фақат ба мулоҳизаронӣ қобиланд, балки то андозае дар амал ҳам фаъоланд. Идеалҳои замони мо на фақат дар фикру андешаҳои онҳо, балки дар фаъолияти меҳнативу ҷамъиятӣ, дар ҳар як қадамашон низ ифода шуда, қуввааи амалӣ пайдо кардааст.

Бечиз нест, ки фикри исьён дар дили Хумор бо таъсири бевоситаи онҳо — бо таъсири Вера ва Исфандиёр торафт қувват гирифта, охир бо як қатъият амалӣ шуд.

Агарчи зиндагии оилавии Ҳумор аз рӯи тартибу қоидаҳои чандинасра сар шуд ва мувофиқи онҳо давом мекард, ба ҳар ҳол ӯ одами имрӯз аст: воқеияти замони мо, мактаби советӣ, мардумони тозафикри атроф, афзоиши сифатҳои байналмилалии зиндагӣ доимо ба шуури Хумор таъсир мерасониданд. Дар шуури Хумор таъсири тасаввуроти кӯҳнаву пӯсида бисьёр аст, вале охируламр ба фишори воқеияти замони мо тоб оварда натавонист. Ба ин муносибат бояд таъкид кард, ки Хумор аз Нурбибӣ ва Санавбар, ки дар ҳикояҳои Кӯҳзод тасвир шудаанд ва чунонки дидем, низ исьёнгарони зидди тартиботи кӯҳнаи зиндагӣ мебошанд, фарқи ҷиддӣ дорад. Вай аз онҳо ба маротиб зиёдтар қобил аст, ки фикр кунад, андеша ронад, рӯйдодҳои атрофро ба мулоҳиза гирад, байни ҳоли худ ва аҳволи дигарон, масалан, байни тарзи зиндагии худ ва Вера қиёсу муқобилаҳо ба миён орад ва хулосаҳо ҷӯяд. Заминаи ин қобилияти андешапарварии ҷиддӣ воқеияти рӯз мебошад. Замони мо замони афзоиши фаъолиятмандии фикрӣ ва савияи интеллектуалӣ, замони инқилоби илмиву техникӣ ва ҷустуҷӯҳои ҷасуронаи маънавию ахлоқӣ буда, шахсияти инсон ва маънавияти ӯ дар ҷамъият беш аз пеш аҳамият пайдо кард. Тадқиқи иҷтимоиву психологии Кӯҳзод ба хубӣ нишон дод, ки ҳатто дар як гӯшаи дурдасти республика таркиби шуури Хумор барин зане ҳам, ки оғуштаи кӯҳнагиҳост, дигар аст, дар ин таркиб унсурҳое, ки бар зидди он кӯҳнагиҳо амал мекунанд, хеле зиёд ва пурзӯранд, барои охируламр ғалаба кардани онҳо имкон бештар аст.

Аз ин ҷиҳат, боби ҳаждаҳи повесть хеле ҷолиби диққат аст. Ин ҷо моҳияти зиндагии Хумор ва пояҳои гуногуни инкишофи шуури вай баён шудааст. Аввал бояд гӯем, ки таркиби ин баён бисьёр аҷиб буда, аз се қабат иборат аст: он чӣ Хумор дар зарфи чанд вақт ба Вера ҳикоя карда ва баъд Вера ба Исфандиёр нақл карда буд, дар ин боб аз забони Исфандиёр омадааст. Ин нақли сеқабата якбора фаҳмиши се нафарро ифода мекунад. Албатта, савияи биниши онҳо аз якдигар фарқ дорад, вале ин фарқҳо мазмуну моҳияти аслии саргузашти ибратомӯзи Хуморро дигар накарда, баръакс натиҷаи андешаҳои дуру дарози ҳар се ва хулосаи умумии

онҳо ба тарзи ҷамъбаст омадааст. Дар ин сурат аввал муайян кардан душвор аст, ки кадоми ин гапҳо ба худи Хумор тааллуқ дорад ва кадоми онҳо аз андешаҳои Вера ё Исфандиёр омадааст, худи Хумор маънои сарнавишти худро бо кадом суханҳо, бо чӣ таъбироте баён карда буд. Ва ҳол он ки чигунагии шакли баён барои фаҳмидани савияи фикр, маънавият ва ахлоқи гӯянда аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар аввалҳои боб таркиби секабатаи ҳикояпардозӣ таъкид шуда бошад ҳам, баъдтар оҳанги эмоционалӣ торафт қувват гирифта ва дигар шуда, мо ҳам ҳар чӣ бештар ҳис кардан мегирем, ки ин шӯру ҳаяҷон ғалаёни дили Хумор аст, ба худи ӯ тааллуқ дорад. Рафта-рафта эҳсоси таркиби секабата кам шуда, оҳанги сухани Хумор ба гӯши мо бештар расидан мегирад. Ин ҷо душвории асосии «насри андешаҳо»-ро бо муваффақият бартараф кардани Кӯҳзод дида мешавад.

Вера ба таври худ инкишофи Хуморро ба се давра тақсим карда буд: давраи беғамӣ ва бемақсадӣ, давраи эътироз ва давраи исьён. Хусусан дар давраи саввум тарзи тафаккури Хумор бештар ранги имрӯза гирифта, вай бо категорияҳои ҳозира фикр кардааст, мафҳумҳое аз қабили «фард» ва «шахс», «озодии шахс», «иззати нафси инсон» ва ғайра, ки аз мактаби миёна медонист, аз гӯшаҳои дурдасти ҳофизааш берун шуда, дар андешаҳои ӯ фаъол гардидаанд. Инак, намунае аз андешаҳои пуртуғьёни ӯ: «Хумор фаҳмид, ки озодиро гум карда будааст. Вай мустақил нест, озод нест. Мутеъ аст. Ҳамчун сурат зиндагӣ мекунад. Ҳатто дар хонаи худаш мақоме надорад. Мақоми ӯ аз паси меҳнати худаш нест[1], обрӯяшро худаш барпо накардааст. Ба тайёраш омадааст, ба мақому обрӯи дигарон шарик шудааст. Нишастанаш, хестанаш, гап заданаш, ҳамааш ба ихтиёри худаш нест, ба ихтиёри дигарон аст».

Барои чунин ранг гирифтани андешаҳои Хумор таъсири Вера калон аст. Ибрати шахсии Вера, тарзи тафаккури ӯ, сӯҳбатҳои вай дар бораи шаъни инсонии зан, дар бораи мақсади зиндагӣ ва маънои бахт, аз ҷумла фидокории занҳои декабристҳоро мисол овар-

[1] Ин ҷо дар мантиқи сухан нуқсон ҳаст ва матлабро ба шакли дигаре, масалан, ин тавр ифода кардан даркор буд: «...дар хонаи худаш мақоме надорад. Дошта бошад ҳам, аз паси меҳнати худаш нест». Мутаассифона, чунин нуқсонҳои забон дар «Қиши Хумор» гоҳ-гоҳ дучор меояд ва ин мавзӯи гуфтугӯи махсус аст.

дани вай барои кушода шудани чашми Хумор роли муҳим доштанд. Таъсири Вера яке аз муҳимтарин омилҳо дар ташаккули шахсияти Хумор, дар инкишофи маънавияти вай, дар фаро расидани исьёни иҷтимоии ӯ мебошад. Муносибати байни образи Вера ва Хумор моҳияти баъзе процессҳои муҳимми иҷтимоӣ, чунончи интернационалӣ шудани ҳаёти халқи тоҷик ва аҳамияти инқилобкоронаи онро намудор мекунад.

Процесси байналмилалӣ шудани зиндагии ҷамъиятӣ ҳар лаҳза дар фикрҳо инқилоб ангехта, гоҳ боиси худшиносии иҷтимоии шахс мегардад ё худогоҳии маънавию ахлоқии ӯро ба пояҳои баландтар мебардорад, ҳаёти маънавии мардумонро ба дараҷаи ҳозира мерасонад. Ин ҳақиқат дар романи Муҳиддин Хоҷаев «Об — рӯшноӣ» бо образи Гулбегим, дар романи Юсуфҷон Акобиров «Норак» бо образи Антон Карпов ба хубӣ зоҳир гардид. Образи Вера дар повести Ӯрун Кӯҳзод «Кини Хумор» ҳам ба он сабаб ҷолиби диққат аст, ки як ҷиҳати муҳимми зиндагии ҳозираи ҳалқи моро равшан мекунад.

## 4

Дар бадбахтиҳои Хумор падари ӯ — Раҷаби саройкамарӣ роли калон бозидааст. Мутаассифона, Ӯрун Кӯҳзод дар образи Раҷаб аз принципи асосии худ — аз таҳқиқу таҳлил даст кашидааст. Раҷаб яке аз инқилобкорони собиқ аст, ки дар вақташ дар роҳи устувор кардани Ҳокимияти Советӣ ҷонбозиҳо карда буд ва ҳоло бо ифтихор ба хотир меорад, ки «бо худи рафиқ Калинин рӯ ба рӯ истода сӯҳбат кардааст, аз дасти худи Фрунзе шамшер мукофот гирифтааст». Ҳамин сарбози фидокори инқилоб омада-омада як рӯз «фарзандашро чун мол ба фурӯш монд». Пас ҷаро ин тавр шуд? Чӣ шуд, ки он кас, ки дирӯз ҳаёти кӯҳнаро зеру забар карда буд, имрӯз худаш саропо ба қайду банди кӯҳнагиҳо ва тасаввуроту таомулоти пӯсидаи дохиёнусӣ афтод? Дар повесть ба ин савол ҷавоб нест. Нависанда дар тасвири Раҷаб фақат бо қайди фактҳо, танҳо бо баёни ҳол маҳдуд шудааст ва диалектикаи тағайюроти характерро наҷустааст. Ва ҳол он ки то сабаби ин дигаргуниҳо муайян нашавад, моҳияти образро фаҳмидан мумкин нест.

Ба фикри мо, сабаби чунин тағьир ёфтани симои

маънавии ин гуна шахсҳо — сабаби асосӣ, ки дар саргузашти ҳар кас ба тарзи дигаре зоҳир шуданаш мумкин аст, ин аст: ин сарбозони фидокор дар вақташ бо душманони инқилоб, бо душманони синфӣ мубориза мекарданд. Ин мубориза ба дараҷаи муайян бедории шуури синфиро талаб дошт ва худаш низ инкишофи шуури иҷтимоиро таъмин менамуд. Лекин шуури синфӣ, ҳатто васеътар гирем — шуури иҷтимоӣ ҳам фақат як ҷузъи маънавияти инсон аст. Дигар соҳаҳои маънавият дар шароити дигаре, бо дигар муборизаҳо бештар инкишоф меёбад. Раҷаб зоҳиран дар зиндагии нав аз нахустин муваффақиятҳои худ саргаранг шуд ё ба сабабҳои дигаре дар шароити тозаи баъдина дигар соҳаҳои маънавияти худро инкишоф дода натавонист. Барои ин ки Раҷаб шахсияти духтари худро ҳурмат карда ё маънои нав ва аслии бахти духтару занро фаҳмида тавонад, лозим буд, ки ба дараҷаҳои баландтари маънавият расад ва тамоми ҳастии худро дигар кунад. Ва ҳол он ки аксаран душман шикастан осон, худ шикастан душвор аст. Худро тамоман дигар кардан, мувофиқи талаботи нав ба нави замон ақидаву тасаввуроти худро тағйир ва такмил додан, маданияти нави ботинӣ ва шуури тозаи ахлоқиро соҳиб шудан осон нест ва ҳар кас ба ин муваффақ намегардад. Ин ба Раҷаб ҳам муяссар нашуд.

Ин ҳодиса, ки сабабҳо ва падидаҳои гуногун дорад, бағоят ҷолиби диққат буда, сазовори тадқиқи махсуси таҳлилӣ мебошад. Чунин тадқиқи бадеии ҳамаҷониба барои ташаккули маънавияти наслҳои наврас ва таъмини инкишофи гармоникии шахс зиёда зарур аст.

Ба назари мо, повести Ӯрун Кӯҳзод «Қини Хумор» дар адабиёти ҳозираи тоҷикӣ аз он сабаб аҳамияти ҷудогона дорад, ки баъзе масъалаҳои муҳимми ҳастии инсони имрӯзро ба миён гузошт. Нависанда умдатарин масъалаҳои доимии ҳаётро аз қабили ин, ки инсон бояд чӣ гуна бошад, мақсад аз зиндагӣ чист, чӣ чизеро бахт номидан мумкин аст ва ҳоказо дар асоси талаботи замони мо муҳокима кардааст. Ин саволҳо на фақат дар андешаҳои бепоёни Исфандиёр, Вера ва Хумор мавқеи асосӣ доранд, балки падари Хумор — Раҷаб, дӯсти ӯ Ҷӯра Тӯрабоевичи ҳаромкору ҳаромхӯр, муаллимони бесалоҳият Талбонову Талбаков ва дигарон ҳам, ҳарчанд ба муҳокимаи чунин масъалаҳо қобил нестанд, дар ҳақиқат бо ҳама рафтору кирдорашон ба таври худ ба

он саволҳо ҷавоб гуфтаанд. Баъзан ин ҷавобҳо аз якдигар аз замин то осмон фарқ доранд. Нависанда бо як силсила муқоисаву муқобилаҳо гӯё баробари қаҳрамононаш дар сари ҳалли масъала теша ба пои андеша мезанад ва моро ҳам ба андешаҳои қаҳрамононаш шарик кардан мехоҳад.

Мутаассифона, бояд гуфт, ки чунин саволҳо дар адабиёти ҳозираи тоҷикӣ камтар кам ба муҳокима гузошта мешаванд. Аз ин сабаб ҳам ҷасорати ин нависанда сазовори дастгирист.

Бо повести Ӯрун Кӯхзод дар адабиёти тоҷикӣ як сифати нави ҷанбаи публицистӣ — мулоҳизаронӣ дар бораи зиндагӣ, андешаҳои пурҳиссиёти маҳрамона ва розгӯёна чи дар бобати мақсадҳои олии ҳаёт ва чи дар хусуси рӯйдодҳои муқаррарии ҳаррӯза хеле устувор шуд.

Ҳамаи он саволҳо, ҳамаи андешаву мулоҳизаҳои Исфандиёр ва Вера моро боз ба сари ҳамон масъалаи бузурги шахс ва ҷамъият меоранд. Фикри нависанда ва қаҳрамонони ӯ моҳиятан, чунонки дар романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» дида будем, дар гирди масъалаи масъулиятшиносии маънавӣ — ҷавобгарии шахс дар назди ҷамъият ва ҷавобгарии ҷамъият барои шахс чарх мезанад.

Исфандиёр ва Вера аз чунин ҷавонони замони мо мебошанд, ки эҳсоси гражданӣ ва ҳисси масъулиятшиносиашон хеле тараққӣ кардааст ва тамоми хатти ҳаракати онҳо, ҳар як қадамашонро дар зиндагии шахсӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша фаҳмиши амиқи ҷавобгарӣ барои имрӯзу фардои ҷамъият муайян мекунад.

Ба ин муносибат дар повести «Қини Ҳумор» якумин бор дар адабиёти ҳозираи тоҷикӣ баъзе ҷиҳатҳои хаёбор ва мактабу маориф, усули таълим, роҳҳои тарбияи кӯтидакон пеш гузошта шудааст. Нависанда инҳоро ба сифати як ҷузъи муҳимми тарбияи шахсияти инсон ва гражданин гирифтааст. Тақдири ибратомӯзи Ҳумор, тарбияи доқиёнусӣ, дар масъалаи мақсадҳои зиндагии зан назари кӯтоҳбин ва тасаввуроти ботиле зоҳир кардани падару модари Ҳумор, ки боиси бадбахтии ӯ гардид, фақат як ҷиҳати он масъалаи калон буда, нависанда дар ин бобат чашмандозро васеъ гирифтааст.

Бинобар ин маълум нест, ки ҷаро номи повесть фақат аз сарнавишти Ҳумор гирифта шудааст. Исьёни зан фақат як ҷузъи масъалаи гуногунҷиҳати повесть буда, номи он бояд ҳамаи ҷиҳатҳоро ифода мекард. Аз ин рӯ

ба назари мо, номи пештара, яъне «Андешаҳои танҳоӣ», ки ҳоло номи дуввум аст, ба ин асар бештар мувофиқ меояд.

Ҷавҳари андешаҳои пурҳиссиёти Исфандиёр ин аст, ки ҳам Раҷаб, ки аз фарзанди худ монанди занони чанд асри пеш зиндагӣ карданро талаб менамояд, ҳам муаллим Талбонов, ки дар сари деги палав монанди паҳлавонест, аммо дар навиштани як ҷумла чанд хато мекунад (ва аз забони чунин беҳунарон гуфта шуда буд: Манам паҳлавони сари деги ош, Кунам лашкари пашшаро пош-пош), ҳам онҳое, ки барои иҷрои шартҳои мусобиқа ё ба сабаби дигаре ба талаба ба ҷои ду баҳои се мегузоранд, ҳам касоне, ки маҷлиси муаллимони районро фақат барои расмият, бо суханҳои умумӣ, бидуни таҳлилу муҳокимаи конкрет мегузаронанд, ӯ ҳама масъулияти худро дар назди ҷамъият фаромӯш кардаанд, тамоман ё як лаҳза вазифашиносиро аз ёд баровардаанд, эҳсоси қарзи гражданиро аз даст додаанд.

Ҳар яки инҳо шахсан дар назди ҷамъият, дар пеши халқу мамлакат ҷавобгар ҳастанд, дар назди Ҳумор, дар назди ҳар як талабае, ки кӯрсавод монд ё мустақилона фикр карданро ёд нагирифт ё ки дар бораи зиндагӣ ва ҷамъият аз аввал тасаввуроти нодуруст пайдо кард, гунаҳкор мебошанд. Ҷамъият бояд аз онҳо ҷавоб талаб кунад.

Дар айни замон агар духтаре монанди Ҳумор бадбахт шуда бошад ё дар мактабе як муаллими бесавод чанд сол боз кор мекарда бошад ё ки роҳбари бемасъулияте ба роҳи ҳаромхӯрӣ даромада бошад — барои ҳар кадоми ин рӯйдодҳои ногувор тамоми ҷамъият ҳам ҷавобгар аст. Шахс ва ҷамъият дар назди якдигар ҷавобгаранд. Ҳар яки мо барои ҷамъият хизмат мекунем ва ҷамъият дар ҳаққи ҳар кадоми мо бояд ғамхорӣ намояд.

Вера боре воқеаҳои атрофро фикр карда, андешамандона гуфт: «Муаллим хуни ҷигар хӯрда даҳ сол таълим диҳад, ки одами нав ба воя мерасонам ва дар ниҳояти кор онҳо ба Тӯрабоевичу Раҷабу Ҳумор монанд шаванд, хуб нест».

Баъзе ҷиҳатҳои кори мактабу маориф, ки масъалаи бузурги ҷамъиятист ва тақдири Ҳумор, ки дар назари аввал масъалаи хурди шахсӣ менамояд, ба ҳам сахт алоқа дорад. Исфандиёр аз он тарзҳои таълими адабиёт, ки ҳоло дар мактабҳо расм шудааст, норозист. Вай

мехохад, ки талабагон дар мактаб на факат ҷой ва соли таваллуду вафоти нависанда ё сафарҳои вай, на танҳо вокиаҳои ҳаёти ӯ, номи асарҳову қаҳрамонони вай ва монанди инҳоро аз ёд кунанд, балки кам-кам ба моҳияти акидаҳои иҷтимоиву ахлокии нависанда амиқ сар фурӯ бурданро ёд гиранд, ба таҷрибаи маънавии чандин насли мардум, ки дар адабиёт акс ёфтааст, шарик шуданро омӯзанд. Рафики Исфандиёр — Зокир боре ба ӯ ҳазломез гуфт, ки «адабиёт туро вайрон кардааст». Не, ин ҷо акидаи кӯтоҳбинони замони мо ифода шудааст. Адабиёти ҳакикӣ касро вайрон намекунад, балки виҷдони шахсро ба ҷунбиш меорад, виҷдони гражданиро фаъол месозад. Аз ин рӯ, Исфандиёр дар дарсҳои адабиёт ва махфили адабӣ кӯшиш дорад, ки талабагон мустакилона фикр кардан, андеша рондан, фаҳмидаву дониста хулоса баровarданро ёд гиранд, яъне монанди Хумори онвакта не, балки мустакил ва сарбаланд, аъзои баробарҳукуки ҷамъият бошанд, ҳар кадоме як зарра бори ҷамъиятро ба китф гиранд ва ба манзили максуд расонанд. Адабиёт як омили пуртаъсир дар чунин худҷӯиву худрасии шахс, дар пешрафти ҷамъият аст.

Дар назди муаллим вазифаҳои душворе истодааст. Иҷрои ин вазифаҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳар як шахс ва тамоми ҷамъият дар ин роҳ ҷандала кунанд. Моҳияти андешаҳои қаҳрамони марказии повести «Қини Хумор» ҳамин аст. Андешаҳои ӯ диалектикаи алокаи шахс ва ҷамъиятро мекушоянд. Вай дар сари худшиносии ҷамъиятии шахс ва худогоҳии маънавии ҷамъият андеша рондааст. Аз ин адешаҳо худогоҳии баркамоли гражданини Исфандиёр намоён аст.

Дар маънавияти Исфандиёр ва Вера савияи нави шуури ҷамъиятии ҷавонон — савияи имрӯзаи он ифода шудааст. Муҳимтарин хусусияти симои маънавии онҳо ин аст, ки вазъиятро ҳамаҷониба таҳлил карда, хулосаҳои ҷиддӣ бароварда, бо масъулиятшиносии тамом дар назди худ ва ҷамъият вазифаҳои нав гузошта метавонанд. Ҷамъияте, ки чунин ҷавонони дилсӯз, дорои акли расо ва шуури баланди гражданиро тарбия кардааст, кодир аст, ки ҳар вазифаеро бомуваффакият иҷро намояд. Аз ин ҷост, ки Исфандиёр «ба тадбири одам, ба кувваи худ бовар дошт. Беҳ шуд, боз беҳтар мекунем — мегуфт».

Мутаассифона, чунонки дар танкиди адабӣ қайд шуда буд, фаъолияти амалии қаҳрамони асосии повести

«Қини Хумор» ҳанӯз кам тасвир гардидааст. Мо ӯро асосан дар сари фикру андеша мебинем ва аз фаъолияти амалиаш кам хабар дорем, он ҳама принципҳои ҳаётиашро дар амал чӣ тавр ҷорӣ кардани ӯ асосан номаълум мемонад. Аз ин ҷо чунин тасаввур пайдо шуданаш мумкин аст, ки мавқеи ҳаётии фаъолонаи қаҳрамон ҳанӯз мукаммал нест.

Ин ҷиҳати масъалаи қаҳрамон на фақат дар повести Қӯҳзод «Қини Хумор», балки дар эҷодиёти аксари насрнависон қариб дар тамоми адабиёти советии сермиллати мо ҳозир ба қатори муҳимтарин масъалаҳо гузаштааст. Соли 1978 дар як шумораи «Роман-газета» чанд ҳикояву повести нависандагони ҷавон, аз ҷумла ҳикояи Саттор Турсун «Аз субҳ то шом» чоп шуд. Котиби Правленияи Иттифоқи нависандагони СССР Ф. Кузнецов дар сарсухани он гуфтааст: «Фаъолиятмандии мавқеи ахлоқии қаҳрамон дар ҳаёт ва адабиёт масъалаи асосӣ ва ҳоло то охир ҳалношудаи насри ҷавонон аст».[1]

Чунонки аз ин таъкиди мунаққид мебинем, масъалаи фаъолиятгарии амалии шахс на танҳо дар адабиёт, балки дар зиндагонӣ ҳам ҳоло ҳал нашудааст ва ҳалли он дар адабиёт, пеш аз ҳама, ба ҳалли ҳаётии он вобаста аст.

Ёфтани роҳҳои гуногуни ҳалли бадеии ин масъала яке аз вазифаҳои муҳим дар ҷустуҷӯҳои эҷодии минбаъдаи ҷавонон хоҳад буд. Минбаъд дар асарҳои Қӯҳзод хоҳ қаҳрамони андешапарвар бештар мавқеъ ишғол кунад, хоҳ қаҳрамони амалкунанда ва ё қаҳрамоне, ки ин ду сифатро ба ҳам як кардааст,— дар ҳар сурат умед кардан мумкин аст, ки на фақат чашмандози ӯ торафт васеъ хоҳад шуд, балки назараш амиқтар рафта, дарки иҷтимоиву фалсафии воқеият дар андешаҳову амалиёти ӯ пухтатар ва мукаммалтар зоҳир хоҳад гардид ва ҷои мулоҳизаронии ҳову маънидоди публицистиро, ки оҳанги маорифпарварӣ ҳам дорад, ҷамъбастҳои васеътари фалсафӣ хоҳад гирифт.

Повести «Қини Хумор» гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолиятмандии иҷтимоии адабиёти тоҷикӣ, кӯшиши он дар роҳи дахолати ҷасурона ба процессҳои муҳими иҷтимоӣ

---

[1] *Ф. Кузнецов.* Путь к зрелости.— Поиск. Повести и рассказы молодых писателей. Роман-газета, 1978, № 24, с. 5.

хеле қувват гирифта истодааст. Ин имрӯз муҳимтарин хусусияти тамоми адабиёти советии сермиллати мо мебошад.

1980

## ЗАРРАҲОИ ОДАМИЯТ

### 1

Дар зиндагӣ нисбат ба якдигар бодиққат ва бо эҳтиёт будани мо зиёда зарур аст. Мо бояд на фақат аз аҳволи наздикон ва атрофиён ҳамеша огоҳ бошем, балки ба ҳар кас, ки дар сари роҳамон дучор меояд, бо диққат ва хайрхоҳӣ назар кунем, ҳар як кирдору гуфтори ӯро бодиққат ба мулоҳиза гирем, кӯшиш кунем, ки маънои ҳар кор ва ҳар сухани ӯро фаҳмем, аз он хулосае барорем. Мо бояд мушоҳидакор бошем, зеро он чи устод Рӯдакӣ «таҷрибаи рӯзгор» номида буд, аксаран аз ҳамин мушоҳидакорӣ ва кӯшиши хулосабарорӣ оғоз меёбад. Ин мушоҳидаву хулосаҳо дар зиндагии мо ҳар лаҳза даркор мешаванд, ҳар лаҳза як мушкили моро осон мекунанд.

Онҳое, ки аз наздикону атрофиён бепарво ҳастанд, парвое надоранд, ки дар атроф чӣ воқеаҳо рӯй дода истодааст, чӣ некӣ ё бадиҳое ба вуҷуд меояд ва ҳоказо, касоне, ки аз ин ҳама парво надоранд, зиндагии худро беҳуда мегузаронанд. Чаро? Чунки дар зиндагӣ бо мардуми бисьёре рӯ ба рӯ меоем, ҳампаҳлу қарор мегирем, ҳамкор мешавем, лекин агар тақдири ин одамон, хислатҳо, фикру зикр, шодию ғамашон диққати моро ба худ накашад, одамиятро ёд гирифтани мо душвор мешавад. Зиёда аз ин, он гоҳ маълум мегардад, ки мо худбин ҳастем, фақат худро фикр мекунем. Ва ҳол он ки ҳар кас, ки худбину худхоҳ бошад, мумкин аст, ки оқибат дар зиндагӣ танҳо монад, радди мардум шавад. Аммо танҳоӣ, радди маърака шудан рӯзи сахт аст. Касе радди мардум мешавад, ки сифатҳои инсонии худро кам ё беш аз даст додааст ва мардум ба ӯ эътибор намедиҳанд.

Ҳоло адабиёти мо масъалаи одамиятро, масъалаи инро, ки инсон чӣ гуна бошад ва муомилаи байни мардум бояд ба чӣ принципҳое асос ёбад, ҳамаҷониба муҳокима мекунад.

Баҳром Фирӯз яке аз ҳамон нависандагонест, ки дар

сари ин масъала бисьёр фикр мекунанд. Асарҳои Баҳром Фирӯз пур аз фикру мулоҳизаҳост ва моро, хонандагонро низ водор месозад, ки баробари ӯ фикр кунем, масъалаҳои муҳиммеро аз қабили ин, ки одам кист ва одамгарӣ чист, ҳаматарафа ба мулоҳиза гирем.

Лекин Баҳром Фирӯз мулоҳизаҳои худро батафсил баён намекунад. Дар асарҳои ӯ андешаву мулоҳизаҳои дуру дароз ба назар намерасанд. Вай мақсади худро бо қувваи тасвир ба даст меорад: дидаву шунидаҳояшро як-як нишон медиҳад ва мо аз ин тасвирҳои ӯ ба фикр меравем, хулосаҳое мебарорем.

Ҳар як асари бадеӣ, хусусан асарҳоеро аз қабили ҳикояҳои Баҳром Фирӯз хеле бодиққат хондан лозим аст. Назари ӯ дар мушоҳидакорӣ баъзан нозук меравад ва хислатҳои инсонии қаҳрамон ё ноодамии ӯро нозук ба мушоҳида гирифта, ба назари мо намоён мекунад.

Инак, ҳикояи «Омаду рафт», («Усто Равшан», 1979). Дар ин ҳикоя, чунон ки ҳоло дар бисьёр асарҳои нависандагони советӣ мебинем, қаҳрамон дар дами марг тасвир меёбад. Усто Равшан дар бистари марг баъзе лаҳзаҳои зиндагии худро аз назар мегузаронад, феълу атвори баъзе касонро фикр мекунад. Аз ин мулоҳизаҳо мебинем, ки тамоми зиндагии ӯ бо меҳнати ҳалол, бо некӯкорӣ гузаштааст. Лекин барои фаҳмидани ин, ки усто Равшан чӣ касест, чанд гуфтаи вай, хусусан охирин сухани ӯ муҳим аст. Охирин сухани ӯ ин буд, ки канда-канда гуфт: «Хоб, дидам... асп маро гирифта... андохт... аз қисмат ҷои гурез нест... Афсӯс, ҳаво носоз омад...» Чунонки мебинем, қаҳрамони нависанда дар дами вопасин афсӯс мехӯрад, ки «ҳаво носоз омад». Вай аз поён ёфтани умри худ афсӯс намехӯрад, аз ин ки умраш бо меҳнат гузашт ва чунонки занаш гуфт, ҳанӯз аз фарзандон роҳат надидааст, аз ин дар ҳасрат нест, балки дар ташвиш аст, ки «ҳаво носоз омад» ва мардум барои гӯронидани ӯ азоб хоҳанд кашид. Усто Равшан дар дами марг ҳам ғами дигаронро мехӯрад.

Чунин аст услуби Баҳром Фирӯз. Вай ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни фикру ҳисси қаҳрамон чашми диққат медӯзад, гоҳ нозуктарин нишонаҳо феълу атвори инсонро аз назар мегузаронад, аз ҳар қадоми онҳо як маънӣ мекашад. Мо ҳам аз асарҳои ӯ беҳтар фаҳмидани маънои рафтору гуфтори одамонро ёд мегирем. Ба рӯйдодҳои оддӣ, ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни феълу атвори инсон бодиққат нигоҳ кар-

дани нависанда боис мегардад, ки мо, хонандагон, низ ба муҳит, ба мардумони атрофи худ бодиққат нигоҳ мекардагӣ мешавем, ҳангоми дидани маънои зиндагӣ ва одамию ноодамӣ чашми мо бинотар, ақли мо гиротар мешавад.

Баҳром Фирӯз аввалҳо шеър мегуфт ва фақат аз оғози солҳои ҳафтод ба наср гузашт. Ӯро ба сифати насрнавис аз ҳикояи «Бобо», ки соли 1970 навишта ва соли 1972 чоп шуда буд, мешиносем. Ин ҳикоя зуд диққати хонандагон ва нависандагону мунаққидонро ба худ кашид. Мушоҳидакорӣ ва нозукбинии ӯ аз ҳамин ҳикоя маълум буд.

Нависанда дар ин ҷо як кӯдак ва бобои пиронсоли ӯро тасвир кардааст, ки ҳар ду ба деҳа равонанд. Сӯҳбати бобову набера дар роҳ, манзараҳои кӯҳсор ва ғайра, ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, аксаран гӯё чизи оддист: гуфтугузори одатӣ ва манзараҳои муқаррарӣ мебошад. Лекин дар ҳақиқат як порча аз зиндагии бисьёр аҷиби мардуми мо дар ин ҳикоят тасвир шудааст. Кӯдак дар ҳар қадам чизе аз аҷоиботи зиндагии одамон ва ҳайвонот мебинад ё мешунавад. Гоҳ медид, ки «қуллаҳо чун сутун ба китфи худ осмонро бардошта истодаанд» ва «дилашро ваҳм зер мекард», гоҳ аз бобо ҳикоятҳои аҷибе дар бораи гургон мешунавид. Кӯдак бо ҳайрату таааҷҷуб барои худ аҷоиботи табиатро кашф мекунад ва мо ба кунҷковӣ, ҳайрату таааҷҷуб ва ҳиссиёти баланди ин кӯдаки хурдсол мафтун мешавем. Нависанда процесси мураккабе,— процесси аз тарафи як кӯдаки зираку ҳассос кам-кам кашф шудани асрори зиндагиро ба тадқиқ гирифтааст ва бо ҷузъиёти аҷиби психологиаш ба мо нишон додааст. Образи бобо — ин пиракии пурдидаву пурдон ва коркӯфта низ ҳар лаҳза дар пеши чашми мо намоён мегардад.

Баҳром Фирӯзро нависандаи маишатнигор ва услуби ӯро услуби маишатнигории иҷтимоӣ гӯем, шояд саҳв нашавад. Диққати ӯ ба зисту маишати мардум равона гардидааст ва гоҳ онро бо майдатарин падидаҳояш мебинад, бо дақиқназарӣ ба мулоҳиза мегирад. Аз хондани ҳикояҳои ӯ чашми мо ҳам ба хурдабинӣ одат мекунад, фикри мо ҳам дар сари моҳияти он ҷузъиёти маишат ба ҷавлон меояд ва дар роҳи дарки маънои ҳодисаҳои зиндагӣ фаъол мешавад. Майдатасвирӣ дар аксари ҳикояҳои маҷмӯаи «Ҳақиқати талх» (1981) шакли асосии ифода шудани нозукбинии хоссосонаи Баҳром

Фирӯз буда, барои инкишофи қобилияти мӯшикофии хонанда, барои такон додан ба фаъолиятмандии иҷтимоии вай иқтидор дорад.

Тасвирҳои Баҳром Фирӯз дар ҳикоя аксаран вусъат надоранд. Вай бештар воқиаҳои хурдеро мегирад, ки аз талотум маҳрум буда, як гӯшаи зиндагиро андак равшан мекунанду бас. Вале ин гап чунин маънӣ надорад, ки ҳикояҳои ӯ каммазмун мебошанд. Қалами ӯ ҳоло чунин иқтидор пайдо карда истодааст, ки аз реза-пораҳои зиндагӣ маънои муҳимме бароварда, пеш аз ҳама, одамиятро устувор мекунад. Ҳам пирамарди нотавони ҳикояи «Бобо» ва усто Равшане, ки дар бистари марг аст, ҳам Кӯмил-полвони ҳикояи «Гӯштигирӣ» (1974), ки номардию нотандеҳии шогирдаш Сангин-полвонро боиси сарҳамии худ донист, ҳам сарнавишти пуралами Сабои ҳикояи «Оғоз» (1979), ки бо вуҷуди номуродиҳо ҳиссиёти олии инсониро аз даст надодааст ва дигарҳо аз худ сифатҳои баланди инсонӣ зоҳир намуда, моро водор месозанд, ки дар сари баъзе масъалаҳои зиндагӣ, дар хусуси одаму одамият ба андеша равем. Қаҳрамони хурдсоли ҳикояи «Ҳақиқати талх» (1976) сагчаи дӯстдори худро ба чӯпоне фурӯхт, то ки саги калони чӯпонӣ шавад, аммо чун падар ӯро сахт коҳиш кард, ки фақат «нокас дӯсташро мефурӯшад», ин ҳасрат як умр дар дилаш монд ва ин сухан дар гӯши хонанда ҳам садо дода сахт менишинад.

Ҳамин тариқ, нависанда одамияти баланди қаҳрамонон, адлу инсоф ва виҷдони поки онҳоро на бо тасвирҳои пурвусъат ва лавҳаҳои бузург, балки гӯё ҷузъиёти алоҳидаи зисту маишатро реза-реза гирд оварда, як манзараи мукаммалро пеши чашми мо ҷилва медиҳад. Ҳар қадар ки нависанда воқиаҳои зиндагиро нозуктар ба мушоҳида гирифта, моро бештар ба андеша мебарад, ба ҳамон дараҷа хислатҳои неки инсониро устувор менамояд.

Оре, одамият зарра-зарра гирд меояд. Ҳар инсони асил бо ягон хислати мардумии худ, ҳатто бо хислатҳои хурду ноаён сифатҳои одамии дигаронро зиррае зиёд мекунад. Ҳар қадоми мо бояд қобилияте дошта бошем, ки ин зарраҳои инсониятро дида тавонем, ҳарисона аз худ намоем, аз онҳо дар зиндагӣ дастури амал ҷӯем. Нависандагон бо нигоҳи заррабини худ ин қобилияти моро равнақ медиҳанд. Нигоҳи нависандагон ҳар чӣ нозукбинтар бошад, бинои мо ҳам тезтар хоҳад буд.

Адабиёти советии тоҷикӣ аввал хислатҳои намоёни халқ ва бузургии вай, қаҳрамонӣ ва рустамсифатии онро дид. На фақат дар асарҳои устод Айнӣ, балки дар жанри таърихӣ ва таърихии инқилобии ҳозира, ҳатто дар баъзе асарҳои ҳозирамавзӯи имрӯза ҳам халқ ва намояндагони вай бо ҳама бузургиву иқтидормандӣ, бо ҳашамати эпикӣ, бо қаҳрамонию фидокорӣ ё худ бо таъкиди махсуси қувваи зоҳирию ботинии онҳо тасвир ёфтаанд. Ин равияи муҳимме дар концепцияи халқ ва қаҳрамон буда, барои такомули худшиносии меҳнаткашон ва худогоҳии миллӣ аҳамияти калон дорад.

Дар айни замон дар тасвири бузургии халқ як равияи дигаре ривоҷ ёфта истодааст. Ин ҳам бошад, ба сифатҳои хурду ноаёни симои шахс бодиққат чашм дӯхтан ва ба ин восита нишон додани бузургии халқ аст. Ба назари мо, Баҳром Фирӯз ҳамин равияро пеш гирифтааст. Ин ҳам барои худшиносии маънавию ахлоқии шахс ва халқ дорои аҳамияти бузургест. Дар ин сурат шахс вазифаи инсонии худро боз ҳам нозуктар дарк месозад, зеро рӯҳи поки инсонӣ, хулқи неки мардумӣ, дили софи беолоиш ва монанди инҳо зарра-зарра дар назари ӯ намоён шуда, бо падидаҳои хурде аҳамияти калони худро намудор меоранд.

## 2

Дар баъзе ҳикояҳои Баҳром Фирӯз инсон дар оғӯши табиат нишон дода шудааст, инсон ва ҳайвоноти гуногуни дастию ёбоӣ як ҷо амал кардаанд («Бобо», «Бузғола ва писарак», «Бераҳм» ва ғайра). Чунин ҳикояҳо монанди бисьёр ҳикояҳои дигари ӯ асосан барои кӯдакон ва ҷавонон навишта шудаанд, вале муаллиф дар ин асарҳояш хонандаи калонсолро низ дар назар дорад. Ҳар қадоми ин ҳикояҳо як ҳикмати ҳаётро ифода менамоянд ва ин ҳикмат чунон ифода шудааст, ки барои хурду калон баробар аҳамият пайдо кардааст.

Пайванди ногусистании инсон ва табиат, бо чашми ҳайрат ва мафтунӣ ба сирру асрори табиат, аҷоибот ва ҳусни беолоиши он нигаристани инсон, хусусан хурдсолон дар ин ҳикояҳо на бо калимаҳои зебо ва суханороии зоҳирӣ, балки бо сухани оддӣ, бо қувваи тасвири конкрет нишон дода шудааст. Б. Фирӯз аз рангу равғани романтикӣ худдорӣ мекунад. Шавқи пурзӯри инсон, ки аз мушоҳидаи манзараҳои табиат ва ё рафтори ҳайво-

ноти гуногун бедор шудааст, дилбастагӣ ва меҳри самимии одам нисбат ба боғу роғ, кӯҳу дара, чашмасорону обшорон ё ки нисбат ба ҷонварони дӯструи содиқ ва монанди инҳо дар асарҳои Б. Фирӯз бо падидаҳои конкреташон намудор мегарданд.

Чунин манзараҳои зебои кӯҳистон, ки бо ҳусну худхоссагӣ моро ба ҳайрат меоранд, ҳам дар ҳикояҳои маҷмӯаи «Ҳақиқати талх» ва ҳам дар повести «Ту танҳо не» (1979) гоҳ-гоҳ ба назар мерасанд.

Чашми хонанда, хусусан хонандаи ҷавонро ба зебоиҳои зиндагӣ, ба ҳусни табиат ва дуньё кушодан, диққати хонандаро ба дидани наҷобати дили инсон ва хулқи неки ӯ равона кардан, ба ин восита барои устувор шудани пояҳои инсоният дар ҷамъият кӯшидан як шакли ифодаи гуманизми ҳақиқӣ дар асарҳои Б. Фирӯз аст. Ин гуманизми олӣ масъулиятшиносии шахсро низ дар бар дорад. Нависанда на фақат меҳри зиндагӣ ва инсонро дар дили шахс мустаҳкам мекунад, балки зимнан чунин фикреро ҳам талқин менамояд, ки шахс дар назди чунин инсони олиҷаноб, дар назди чунин зиндагӣ ва сарзамин ҷавобгар буда, бояд хулқашро ба онхо мувофиқ гардонад, барои муҳофизати онҳо тайёр бошад, нагузорад, ки ба ин ҳама ҳусну зебоӣ ва назокату наҷобат осебе расад. Б. Фирӯз ба тарзи хосе ҳисси масъулияти шахсро дар назди ҷамъият қувват медиҳад.

Ғояи масъулиятшиносӣ аксаран аз маънои таҳтуллафзи матн ҳосил шуда, гоҳ дар мулоҳизаронихо андаке бевосита ифода меёбад. Чунончи, Қомил-полвон (ҳикояи «Гӯштигирӣ») рафтори норавои шогирдаш Сангинро дида буд, ки аз дилаш чунин фикрхо гузашт: «Усули гуштиро ёд додан кам аст, одамию одамгарӣ, ҷавонмардию тандехиро ҳам ёд додан даркор...»

Дар айбҳову гуноҳҳои каси дигаре худро низ айбдор донистан, аз ин бобат виҷдонан азоб кашидан, дар роҳи тақвияти одамият ва пешгирии ноодамӣ ҷидду ҷаҳд кардан, ки дар зиндагии баъзе қаҳрамонони Баҳром Фирӯз мебинем, падидаҳои гуногуни масъулиятшиносии шахс дар назди ҷамъият аст.

Хислатҳои бади инсон ҳам дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз бо диққаткорию резабинӣ нишон дода шудаанд. Вай ба ҳар яке аз падидаҳои ноодамию ноинсофӣ, беақлию бетамизӣ, ки муносиби шаъни инсон нест, низ бодиққат нигариста, сабабҳои онро меҷӯяд ва мардумро аз сабук-

сарию беандешагӣ бар ҳазар медорад. Ҳикояҳои «Чинор-кампир» (1977), «Як шаби танҳоӣ», «Товуси маст», (1977), «Қамгап» (1979) ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд.

Агарчи дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз тасвири конкрет, мӯҷаз ва оромона мавқеи асосӣ дошта, мулоҳизаронихои доманадору пурхиссиёти муаллиф ё персонажҳо ба назар намерасад, дар баъзе мавридҳо, хусусан он гоҳ ки аз хулқи нораво ва гумроҳии инсон сухан меравад, фикру ҳисси таҳқиягар ногоҳ ба ҷӯш омада, овози ӯ баланд шунида мешавад. Аз ҷумла дар ҳикояи «Муаллими сахтгир» (1981) аз сабаби раҳмдилии модар ва саҳлгириҳои ӯ аз кӯдакӣ кам-кам аз роҳи дуруст бароматани ҷавоне тасвир ёфта, яке аз персонажхо сабаби ин ҳодисаро чунин эзоҳ додааст, ки «агар худи кас одам шудан нахоҳад, ҳеҷ кас ӯро одам карда наметавонад». Ҳикояпардоз ба ҳаққонияти ин сухан шубҳа надорад. Бо вуҷуди ин, аз забони ӯ чунин андешаҳо ҳам омадааст: «Ҳар ду дақиқае чанд хомӯш мондем. Ман ботинан ин гуфтугӯро давом медодам: — Ба фикри ман, дар ин бадбахтӣ танҳо худи Шодӣ гунаҳкор не,— мегуфтам худ ба худ.— Фақат як худи модараш гунаҳкор не. Ҳамаи аҳли деҳа гунаҳкорем. Бале, хурду калон — ҳама. Дар пеши назарамон (як) дузду авбош, кохилу кӯрнамак ба воя расид, ҳеҷ кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд».

Ин ҷо, чунонки дар эҷодиёти бисьёр нависандагон мебинем, як ҷиҳати дигари проблемаи «шахс ва ҷамъият» дахл шудааст: нависанда андаке ба масъалаи масъулияти ҷамъият дар назди шахс наздик омадааст.

Чунонки шахс дар назди ҷамъият ҷавобгар аст, ҷамъият ҳам барои ҳар як фард ва сарнавишти ӯ масъулият дорад. Чигунагии ташаккули шахсияти инсон, чӣ хусусиятҳо пайдо кардани роҳи ҳаётии одам на фақат ба худи ӯ, балки ба муҳити иҷтимоӣ ҳам вобаста аст ва агар инсон ба роҳи бад дарояд, як қисми гуноҳ ба гардани ҷамъият ҳам мефарояд, ҳатто гоҳе мумкин аст, ки гуноҳ тамоман ба гардани ҷамъият бошад. Ин проблемаи бузургу мураккаб паҳлуҳои бисьёре дошта, Баҳром Фирӯз дар ҳикояи «Муаллими сахтгир» фақат як ҷиҳати онро аз назар гузаронидааст, ки муносибати мардуми атроф ба неку бади зиндагӣ мебошад. Мардум ба рӯйдодҳои атрофи худ бояд муносибати фаъолона дошта бошанд. Муносибати бетарафона ва ғайрифаъолона, бепарвоӣ, бедахолатӣ, оромонаю хунсардона нигоҳ кар-

дани баъзеҳо ба рӯйдодҳои нохуш, ба ғами дигарон, ба нокасӣ ё каҷрафтории атрофиён боиси вусъат ёфтани бадиҳо мешавад. Як кас аз роҳи рост бароянд, чанд кас гунаҳкор аст. Нависанда ҳамин ҳақиқатро хотиррасон намудааст.

Духтури ҷавон Даврон — қаҳрамони асосии повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд» (1983) ба ҳилаву найранги бадкирдорон гирифтор шуда ва рафтори онҳоро хеле аз назар гузаронида, охир чанд хулосаи муҳим баровард, ки яке аз онҳо ин аст: «Ба ҳамаи ин пасту баландиҳо худамон гунаҳкор... Нуқсонро, ҷиноятро мебинему «ба ман чӣ» гуфта чашм пӯшида мегузарем».

Ин ҷо қаҳрамон «худамон» гуфта худро ва касонеро, ки монанди ӯ ҳалолкору ростқавл мебошанд, дар назар дорад. Яъне ҳам шахси алоҳида ва ҳам мардуми бисьёреро баробар ба назар гирифтааст. Маълум нест, ки сухан аз масъулиятшиносии шахсони алоҳида меравад ё тамоми ҷамъият. Ин номуайянӣ чунин маънӣ дорад, ки нависанда барои ҳодисаҳои манфие, ки дар зиндагии мо ҳастанд, барои бемамоният амал кардани «мардуми ба ҳарому ҳалол бефарқ» ҳам шахсҳои алоҳида ва ҳам тамоми ҷамъиятро баробар ҷавобгар медонад. Ҷавобгарии граждании шахс ва вазифашиносии гуманистии ҷамъият сахт ба ҳам марбутанд. На фақат шахс дар назди ҷамъият ва ҷамъият нисбат ба шахс ҷавобгар аст, балки ҳам шахси ҷудогона, ҳам коллективҳои хурду калон ва ҳам тамоми ҷамъият вазифадоранд, ки ба муқобили бадиҳои иҷтимоӣ муттаҳид бошанд, аз як гиребон сар бароранд. Модомки зиштиҳои иҷтимоӣ қувват гирифтаанд, бояд ҳамаи қувваҳои зидди онҳо ба дараҷаи баробар фаъолияти қатъии якҷоя дошта бошанд.

Чунин ҷамъбастҳои вусъатноки бадеӣ дар ҳикояҳои Б. Фирӯз каманд. Вай дар ҳикояҳо хислатҳои қаҳрамон ва симои инсонии ӯро бо нишонаҳои хурд ва падидаҳои конкрет нишон дода, аз ҷамъбастҳои вусъатнок худдорӣ мекунад. Инро норасоии биниши бадеии ӯ донистан лозим нест. Он ҳама майдатасвирҳои конкрети ӯ барои васеътар шудани дуньёфаҳмию зиндагидонии мо хизмат карда, бо таъсири эмоционалии худ моро водор месозад, ки худ хулосаҳои муҳим барорем.

Фақат баъзан худи нависанда аз тасвирҳои на чандон калон, аз ҳодисаҳои маҳдуд, ки зоҳиран ночиз менамоянд, баъзе хулосаҳои муҳимми умумӣ мебарорад.

Дар як маврид чунин хулосаи ӯ хеле вусъат ёфта, ба ҳодисаҳои умумии ҷаҳон дахл намудааст. Дар охири ҳикояи «Қабкҷанг» (1976) таассуроти таҳқиягар чунин баён шудааст:

«Агар аз кабкҷанги аввал дилтанг будам, аз ин ҷанги нобаробар нафратам ва ғазабам ҷӯшид. Умуман, ду ҷонвари бегунохро ба ин тариқ ҷанг андохта, паркаиию чашмкании онҳоро тамошо кардан ва гарав бастан — бераҳмӣ, беақлӣ. Аз дилам гузашт, ки башариятро ҳам ана ҳамин хелҳо ба ҷанги бародаркушӣ меандохтагистанд».

Ин тарз аз тасвири як воқиаи хурди муқаррарӣ ба ҳодисаҳои калони ҷаҳонӣ гузаштани нависанда ғайри чашмдошт аст. Вале шояд маҳз ҳамин гардиши ғайри чашмдошт бо таъсири пурзӯри эмоционалӣ моҳияти даҳшатангези ҷангҳоеро, ки сангдилони одамбезор ва дуньёхӯр сар мекунанд, равшан менамояд.

Ҷамъбастҳои калонтари бадеӣ дар повести Баҳром Фирӯз «Ту танҳо не», хусусан дар «Тору пуд» бештаранд.

## 3

Повести «Ту танҳо не» бо баррасии проблемаҳои муҳимми ахлоқу одоб ва ташаккули шахсияти қаҳрамони ҷавон чолиб аст. Дар повести «Тору пуд» бошад, масъалаи одамият ва муҳофизати он аз тааррузи ноодамон хеле тезу тунд мавриди тадқиқи бадеӣ қарор ёфтааст. Нависандае, ки то ҳол ҳатталимкон аз ошкор шудани ҳиссиёти субъективӣ худдорӣ мекард, дар повести «Тору пуд» гоҳе ӯро ончунон ҳаяҷон фаро гирифтааст, ки суханаш ба фарьёд монанд аст. Инак, порае аз монологи ботинии қаҳрамони асар, ки садои муаллифро ҳам аз он мешунавем:

«Духтур бисьёр шуду беморӣ ҳам афзуд — мегӯянд, гӯё сабабгори беморӣ духтурҳо бошанд. Ана, ин хел маразҳо бисьёранд, инҳо одамонро касал мекунанд. Стресс. Стресси рӯҳу эҳсос... Ғалатӣ, чаро барои дурӯягӣ, тӯрачигӣ ҳеҷ касро ҷазо намедиҳанд?.. Аслан ин ҳам мараз, торафт меафзояд. Яъне марази ҳамагир аст. Қай пеши роҳаш мегирем, ҳой мардум?! Ин ҳам грипп барин, дарди зарпарвин барин, балки аз ин маразҳо батар аст...»

Нависанда дар повести «Тору пуд» ноодамии ҳаром-

хўрону пулмастони бетамиз ва ҳомиёни маснаднишини онҳоро бо хашми тамом тасвир кардааст. Баъзан сухани ӯ тири заҳролудест, ки бехато ба ҳадаф, ба ҷигаргоҳи кӯрдилони ваҳшисимо мерасад. Сӯзи дили нависанда бисьёр баланд буда, виҷдони граждании хонандаро ба ҷӯш меорад, ҳиссиёти масъулиятшиносии граждании ва фаъолиятгарии иҷтимоии ӯро сахт такон медиҳад. Бар хилофи аксари ҳикояҳои Б. Фирӯз дар ин повесть оҳанги публицистӣ қувват гирифта, боиси ин шуд, ки мавқеи ҷамъиятии фаъолонаи ӯ буррову гӯё ифода гардид. Сухани бадеии Баҳром Фирӯз дар «Тору пуд» сухани асили гуманистӣ мебошад ва бо ҷидду ҷаҳди бештаре пояҳои одамиятро устувор ва ноодамиро маҳкум менамояд.

Масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷамъият дар «Тору пуд» андак ранги дигар гирифт ва такмил ёфт. Нависанда акнун барои ҳар чӣ ҳодисаи бадс, ки дар атрофи мо рӯй медиҳад, барои падидаҳои ҳаромкорӣ, бетамизӣ, худсарӣ, бемаънавиятӣ на фақат худи онҳоеро, ки ин хислатҳо аз онҳо сар задааст, на танҳо ҳар шахси ҷудогона ё як гурӯҳ мардумеро, ки расвоиҳоро дида чашм пӯшидаанд, гунаҳкор медонад, балки масъалаи ҷавобгарии махсуси масъулони расмиро пеш гузоштааст. Қормандони масъули идораҳо, намояндагони ҳокимияти иҷрокор вазифадоранд, ки барои пешгирии ноинсофиҳо, барои аз роҳи хато нигоҳ доштани шахсони алоҳида мубориза кунанд ва дар ин роҳ ҳама ҳуқуқу имкониятҳои худро пурра истифода баранд. Саргузашти қаҳрамони повесть нишон дод, ки вазифаи худро фаромӯш кардани кормандони масъул, ба роҳи беинсофӣ даромадани онҳо ба сари мардумони поквиҷдони чӣ даҳшатҳое метавонад орад.

Фикри бадеии нависанда дар повести «Тору пуд» бо ин байти олиҷанобн Фирдавсӣ хулоса шудааст:

> Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
> Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

Ин гӯё хулосаи бадеии ҳамаи воқиаҳои повесть ва тамоми саргузашти қаҳрамонон, хулосаи таҳқиқи гуногунҷиҳати масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷамъият мебошад, хулосаи амикест, ки моҳияти масъаларо ба хубӣ равшан мекунад. Нависанда бо мантиқи ҳамаи воқиаҳо ва сарнавишти қаҳрамонон, аз забони шоири

бузурги моҳиятбин моро огоҳ месозад, ки ҷавобгарию вазифашиносиро бояд як лаҳза фаромӯш накунем. Инсон барои ҳар қадам ва ҳар суханаш дар пеши дигарон ҷавобгар аст ва ягон кору ягон гуфтори ӯ беоқибат намемонад. Аз ҳамаи ин рафтору гуфтори шахсони алоҳида симои умумии ҷамъият ҳосил мегардад ва ин ҷамъият ҳам дар пеши ҳар як узви худ, дар пеши мардумони имрӯз ва фардо, дар пеши таърих масъулият дорад. Шахс аз ҷамъият ҷудо нест ва ҷамъият аз шахсони ҷудогона. Муносибати шахс ва ҷамъият, масъулияти шахс ва ҷамъият дар назди якдигар робитаи диалектикӣ дорад ва ҳар чӣ неку баде, ки дар ин миён ҳаст, инчунин оқибатҳои он ба дараҷаи баробар чӣ сарнавишти шахс ва чӣ вазъи ҷамъиятро муайян мекунад.

Даврон — қаҳрамони «Тору пуд» дар беморхона саргузашти даҳшатноки худ ва беинсофию ноодамиҳоеро, ки дар андак муддат дид, фикр карда, дар охир чунин хулоса баровард: «Зиндагӣ худаш ислоҳ мекунад, гузашти замон мусаҳҳеҳи забардаст аст. Ҷамъият агар солим аст, монанди оби баҳр худашро аз ҳар олоише покиза месозад».

Аз ин андешаҳои Даврон ва аз ҳама муборизаҳои ӯ дида мешавад, ки моҳияти замони худро дуруст фаҳмидааст, ва дар зиндагӣ бо дилпурӣ қадам мезанад. Ҷамъияти мо баҳри пурмавҷест, ки ҳамеша худро «аз ҳар олоише покиза месозад». Ҳоло афкори ҷамъиятӣ барои ба соҳили нестӣ бароварда партофтани бетартибию бенизомӣ, худсарию худбинӣ, бюрократизм ва дигар рӯйдодҳои манфӣ роли калон бозида истодааст.

Ин аст, ки Баҳром Фирӯз, ки ҳикоянависиро аз ҷузъиёти хурди зисту маишат, аз таҳкияи батаанни оромона оғоз карда буд, имрӯз дар асарҳои калонаш ба нақли ҳаяҷономез бештар майл намуда, ба ҷамъбастҳои бадеии пургунҷоиш муваффақ шудааст.

## 4

Дар баъзе ҳикояҳои Баҳром Фирӯз диққат додан ба ҷузъиёти зисту маишат аҳамияти мутлақ пайдо карда, асар аз фикри амиқи бадеӣ маҳрум мондааст. Нависанда гоҳ фақат бо қайди факт маҳдуд шуда, аз ифодаи назари хос, аз маънидоди амиқи оригиналӣ худдорӣ мекунад.

Ҳикояи «Шикаст» (1977) аз ҳамин ҷумла аст. На-

висанда ин ҷо як талабаи худписанди густохро тасвир кардааст, ки аз ҳар куҷо як шингил донише дошт ва ҳар дафъа ки ба синфашон муаллими наве меомад, аз он шингилҳо як-ду савол ба муаллим медод ва муаллими бетаҷриба дасту по гум карда «мағлуб мешуд». Ниҳоят, як муаллим аз он саволҳо нотарсида, ҷавобҳои босавод гуфт ва он талабаи ҳавобаланд шикаст ёфт. Мазмуни умумии ҳикоя иҷмолан ҳамин аст.

Ба назари мо, дар ин ҳикоя маънои махсус ва фикри ҳикматомӯзе нест. Он чӣ нависанда гуфтааст, мо медонистем: барои мағлуб кардани он ҳавобаланди бенӯхта касе лозим аст, ки худро аз даст надиҳад ва бо қатъият рафтор кунад. Агар рафти вокиа ва инкишофи характер чунин гардише медошт, ки ин ҳақиқатро ба мо аз ягон паҳлуи наваш нишон медод, моро водор мекард, ки ҳақиқати маълумро аз як ҷиҳати тозаи номаълуму ноаёнаш бубинем ва бовари мо устувор гардад, он гоҳ ҳикоя маъно пайдо мекард ва вазифаи ғоявию бадеии худро иҷро менамуд.

Фақат кашфи ҳақиқат ё намудор кардани паҳлуҳои тозаи он ба асари санъат қувваи ғоявию бадеӣ мебахшад.

Чунин менамояд, ки ҳикояи «Қамгап» (1979) низ фақат аз қайди факт иборат буда, маънои ҳикматомезе надорад. Ҳикояи «Ганҷи шойгон» (1977) гӯё нотамом аст, ба ҳар ҳол фикри бадеии нависанда барҷаста ифода нашудааст. Дар ин асар фидокориҳои як зани соҳибҷамоли хуштадбир ва меҳнатдӯст, ки шавҳари ношудашро ислоҳ кардан ва ба сӯи одамият раҳнамун шудан хост, тасвир ёфтааст. Асоси нияти бадеии нависандаро як байти машҳури Саъдӣ ташкил кардааст, ки гуфта буд:

Зани хубу фармонбару порсо
Кунад марди дарвешро подшо.

Аммо вокиаҳои ҳикояи Б. Фирӯз бар хилофи мазмуни ин байт анҷом ёфтаанд: Толиб одам нашуд, кӯшишҳои Назокат бар абас рафтанд. Чаро ин тавр шуд? Он шароити конкрет, ки барои ба роҳи рост даромадан Толиб имкон надод, аз чӣ иборат буд? Тадкики бадеии нависанда, ба фикри мо, бояд ба ин саволҳо ҷавоб м... ёфт ва решаҳои ҳодисаро чуқуртар мекофт.

Ба ақидаи мо, ҳикояи нағзи «Бобо» ҳам як нуқс дорад: хусусан дар аввал баъзе гапҳои қаҳрамони хурд-

соли ин асар сухани кӯдакона нестанд ва агар онҳоро аз бобо мешунидем, гӯё муносиб меафтод.

Ҳикояи повестьмонанди «Ситораи думдор» (1976) аз ҷиҳати материали ҳаётӣ ва нияти эҷодии нависанда ҷолиби диққат бошад ҳам, ба эътибори ҳалли бадеӣ суст менамояд Феълу атвори персонажҳо дар баъзе мавридҳо ҳанӯз муайян нест ва характеристикаи онҳо аз забони худи муаллиф омадааст ва ҳол он ки дар дигар асарҳои нависанда, ҷунонки мебояд, инсон асосан ба воситаи рафтору кирдораш ва фикру ҳиссиёташ нишон дода шудааст.

Забони асарҳои Баҳром Фирӯз ҳам баъзе норасоиҳо дорад. Чунончи калимаҳои «асрорангез» ба ҷои «асроромез» («Ҳамсафарон»), «маъруфӣ» ба ҷои «муаррифӣ» («Шикаст»), «хонаи панҷҳуҷрадор» ба ҷои «панҷҳуҷрагӣ» ё «панҷхуҷра» («Буду шуд 38 тин!»), ибораи «аз ҳама зӯртарин» ба ҷои «аз ҳама зӯр» («Бузғола ва писарак») омадааст ва ҳоказо. Ин нависанда ҳам монанди бисьёр қаламкашҳои имрӯза баъзе шаклҳои примитиви ибораи сифати феълиро ба кор мебарад. Чунончи ибораи «роҳи ба ғор мебурда», ки «мебурда» монанди сифати феълии «мегуфта», «мерафта» ва ғ. тамоман шакли нодуруст буда, на дар забони гуфтугӯӣ ва на дар забони адабии пеш аз инқилоб ҳеҷ дида намешавад. Ба фикри ман, он ибораҳои сифати феълӣ, ки ба ин қолиб воқеъ шудаанд: «қитъаи замини дар тарафи рости роҳ воқеъбуда» «захми дар таҳи манаҳи ман буда» ва ҳоказо, ки дар навиштаҳои Б. Фирӯз ҳам гоҳ ба чашм мехӯранд, низ аз шаклҳои примитиви иборабандӣ буда ба ҷумла вазнинӣ меоранд ва ҳусни онро аз байн мебаранд. Ба назари камина, дар ин мавридҳо матлабро на бо ибораи сифати феълии пешояндор, балки бо пайванди муқаррарии изофӣ ифода кардан беҳтар ва дурусттар аст: «роҳи ғор», «қитъаи замини тарафи рости роҳ», «захми таҳи манаҳи ман».

Аксари чунин норасоиҳо хоси Баҳром Фирӯз нестанд, балки ба он сабаб рӯй додаанд, ки ба услуби аҳли матбуот кам бо назари танқид нигоҳ мекунад. Дар айни замон таъкид кардан даркор аст, ки забони ӯ асосан рӯза ва ба дараҷаи муайян ғанӣ буда, ғанои он бештар аз ҳисоби забони зиндаи мардум аст. Дар навиштаҳои Баҳром Фирӯз бисьёр калимаю ибораҳои хоси урфият, ташбеҳот ва маҷозҳои халқиро дидан мумкин аст ва аксари онҳо бамаврид кор фармуда шудаанд. Ибораҳои

халқии «дар дарунаш гов мепазад» («Падар ва писар»), «ишқам танбӯр навохт» («Гӯштигирӣ»), «бо нозаш осмона сӯз медиҳад» («Як шаби танҳоӣ»), «нағз-нағз гуфтанду нағзак баровард», «на дар дег мепояду на дар кафлес», «дилаш таҳ кашид», «ресмони адолат дароз аст», «санг ба дари шикастагӣ мезанад» («Тору пуд») ва монанди инҳо аз ҳамин қабил буда, гувоҳи онанд, ки Баҳром Фирӯз аз гуфтори халқ ва тасаввуроти вай нағз огоҳӣ дорад.

Ба забони халқ бо эҳтиёткории тамом наздик шудан ва аз ин ганҷина дурдонаҳо ҷустан аз давраҳои аввали таърихи адабиёти советии тоҷикӣ, хусусан бо ҷаҳду ҷадали устод Айнӣ бисьёр ривоҷ ёфта буд. Имрӯз ин корро нависандагони миёнсол ва ҷавон давом дода истодаанд. Хусусан Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Ҷонибек Акобиров ва боз чанд нафари дигар имрӯз дар ин роҳ баъзан хеле эҳтиёткор буда, анъанаҳои Айнӣ, Икромӣ, Улуғзодаро аксаран ба тарзи дигаре ва ҳар кадоме ба таври худ инкишоф медиҳанд. Баҳром Фирӯз ҳам дар ҳамин қатор аст.

## 5

Насри Баҳром Фирӯз аз дигар ҷиҳатҳо ҳам як ҳисса аз он ҷараёнест, ки бо номи Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Кӯҳзод, А. Самадов, А. Рабиев ва монанди инҳо вобастагӣ дорад. Бо диққати тамом нигаристан ба симои ҳамзамонон, аз феълу атвори онҳо зарра-зарра ҷамъ овардани нишонаҳои одамият ва кӯшиши ҷиддӣ дар роҳи устувор кардани пояҳои он ҳоло моҳияти эҷодиёти бисьёр нависандагони тоҷикро ташкил мекунад ва Б. Фирӯз яке аз онҳост.

Ғайр аз ин, Баҳром Фирӯз чун дар повести «Тору пуд» ба масъалаҳои ҷиддии ахлоқи иҷтимоӣ, ба масъалаи инсону инсоният нисбатан пурвусъат ва амиқтар назар кардан хост, низ монанди баъзе аз нависандагони номбурда, чунончи мисли Ф. Муҳаммадиев ва С. Турсун ба таҷрибаи чандин насли мардум, ба тасаввуроту эътиқодот ва ҳикмати халқ, ба адабиёти классикӣ ва таърих рӯй овард. Аз боби якуми ин асар дар фикру андешаҳои қаҳрамон гоҳ ёде аз гузашта — аз солҳои наврасию навҷавонии худ, гоҳ шеъри Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ё ривояте аз ҳаёти онҳо, гоҳ латифае ё гуфтаҳои ҳикматомези падару бобо ва ғайра бисьёр

ба назар мерасад. Инҳо як ҷузъи муҳимми шуури маънавии Даврон — духтури ҷавони хушмулоҳизае мебошанд ва ҳар замон барои ҳалли масъалае даркор мешаванд.

Ҳоло аҳамияти бузурги ҳамаи навъҳои таҷрибаи таърихии дуру наздик ҳар чӣ бештар маълум мешавад. Имрӯз тамоми инсонияти тараққихоҳ сабақҳои таърих, таҷрибаи рӯзгори мардум, падидаҳои маънавияти халқ — мифҳо, афсонаҳо, ривояту латифаҳо ва монанди инҳоро ба андеша гирифтааст. Гузашта дар тафаккури ҳамзамонони мо бештар роҳ меёбад ва мавқеъ мегирад. Аз ин рӯ, дар адабиёт ҳам муроҷиат ба дирӯз, ба андӯхтаҳои маънавии гузаштагон яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти қаҳрамони ҳамзамони мо, шарти муҳимме дар тадқиқи масъалаҳои ахлоқи иҷтимоии имрӯз ва назар андохтан ба фардо мебошад. Таҷрибаи таърихӣ санги маҳак қарор ёфтааст ва инсони замони мо, инчунин қаҳрамони адабиёти ҳозира барои ин, ки моҳияти ҳастии худро дуруст фаҳмад, хатти ҳаракати худро дар шароити мураккабу тундпечи дуньёи имрӯзӣ бо санҷишкорӣ муайян созад, дар ҳалли муаммоҳои конкрети воқеияти иҷтимоӣ ва ахлоқу одоби худ саҳв накунад, вазъияти худ ва рӯйдодҳои атрофро кам ё беш алоқамандона бо гузашта аз назар мегузаронад. Вай дар роҳи ҷӯяндагиҳо, дар роҳи сарфаҳм рафтан ба маънои рӯйдодҳои имрӯзӣ машъали таърих ба даст гирифтааст. Албатта, таърих ягона восита равшан кардани роҳи ба сӯи оянда нест. Воситаи асосӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти воқеӣ ва рӯйдодҳои имрӯзист. Таърих як ҷузъи муҳимми ин таҳлил мебошад.

Ҳангоме ки қаҳрамони Баҳром Фирӯз дар повести «Тору пуд» порчаеро аз «Шоҳнома», ривоятеро аз зиндагии Ҷомӣ, байтеро аз Саъдӣ ё Ҳофиз, латифаеро ё ягон гуфтаи ҳикматомези падарашро ба хотир меорад, дар олами маънавияти ӯ ҷилое пайдо мешавад. Ҳофизаи таърихӣ ҷавлони фикру ҳисро қувват дода, инсонро ба дарки маънои рӯйдодҳои конкрети атроф, моҳияти ҳастии худ ва ҳақиқати замони хеш наздик меорад. Даврон дар сари андешаҳои мураккаби худ бештар ҷозиба дорад, фикри ҷӯянда ва назари моҳиятҷӯи вай, ки имрӯз ва дирӯзро баробар фаро гирифтан мехоҳад, ба ӯ як навъ ҳусни ботинӣ мебахшад. Фикру ҳисси вай болу паре дорад ва гоҳ суханаш шоирона аст. Чун мошин ронда ба сари ағба расид, ба ин тарз аз мушоҳидаи

баландии кӯҳ табъаш болид ва ба қавли занаш, ба «хаёлтарошӣ» сар кард: «Вакте ки кас ба ин хел баландӣ мебарояд, вусъати нигоҳаш ҳам, парвози хаёлаш ҳам, уфқи пеши назараш ҳам доманадор мегардад».

Яке аз ҷузъҳои гуногуни таҷрибаи асрҳо, ки Баҳром Фирӯз дар ин повесташ дахл намудааст, масъалаи шукр аст. Чунонки медонем, шукр дар асарҳои адабиёти дидактикию фалсафии асрҳои гузашта яке аз муҳимтарин принципҳои ахлоқ буд. Тасаввури халқ ҳам ҳамин буд, ки файзу баракат аз шукрона аст ва аз ношукрӣ файзу баракат мепарад. Дар ин маврид маънои шукру шукрона асосан донистани қадри неъмат аст. Донистани қадри неъмат — қадри нон ва фаровонӣ, рӯзи хуш ва бахту саодат, қадри андак чиз ва ё камтар шодие, ки муяссар шудааст, зарур аст. Агар қадри онро надонем, онро пешпо занем, аз ин нодонӣ рӯзҳои нохуш ба сарамон хоҳад омад. Ин яке аз тасаввуроти халқ аст, ки аз таҷрибаи рӯзгораш ҳосил шудааст.

Баҳром Фирӯз аз байни нависандагони ҳозираи тоҷик ҳоло қариб ягона касест, ки қаҳрамонони ӯ гоҳ-гоҳ ин принципи муҳимми ахлоқи халқ ва дидактикаи классикиро ба ёд меоранд.

Дар дами марги қаҳрамони ҳикояи «Омаду рафт» («Усто Равшан») байни ӯ ва занаш аз ҷумла чунин гуфтугузоре ба вуқӯъ пайваст:

«— Парво накун, оча,— гуфт усто, бо нимтабассум ва лаҳзае ба рӯи ҳамсараш зеҳн монда, дуру дароз нигарист.— Ман умрамро дидам, ҳар чӣ насибам буд, гирифтам...

— Э, ин қадар... чӣ дидед? — даст афшонд пиразан.— Меҳнати дунёи катӣ гузаштагӣ умр ҳам умр аст чӣ? Хуни ҷигар катӣ фарзанд калон кардед, акнун роҳаташонро бинед-дия...

— Шукр кун, оча, шукр гӯй!

Ин ҷо гуфтугӯи онҳо катъ шуд ва ҳар ду ба андеша рафтанд. Ҳам ҳасрати ин пиразан, ки дар зиндагӣ роҳате надида имрӯз аз дунёи чашм пӯшида истодани шавҳараш дили ӯро фишор медиҳад, ҳам шукри оқилонаи пирамард, ки бо вуҷуди меҳнату машаққат ва номуродиҳо дар зиндагӣ дарнамонданаш, фарзандҳо калон карданаш, андаке бошад ҳам, ба хизмати мардум расиданашро давлати бузург медонад, маънои амиқе дорад. Агарчи фикри пиразан ва пирамард ду фикри зидди якдигар менамояд, ҳар ду ҳам идеалҳои мардуми

меҳнатӣ, мақсаду маром ва фалсафаи зиндагии онҳоро ифода мекунад. Ин фалсафаи ҳаёт бо сухани мукаррарии мардуми оддӣ ба забон омадааст.

Масъалаи шукр дар ҳикояи «Усто Равшан» андак дахл шудааст, аммо дар повести «Тору пуд» нисбатан тафсил дорад. Дар «Тору пуд» аввал дар андешаҳои қаҳрамони асосӣ Даврон аз зарурати шукрона андак ёдоварӣ шудааст. Вай боре бо ҳамсараш Азиза чунин гуфтугӯ дошт: «Падару бобоёнамон сари ҳар гап «шукр кун» мегуфтанд,— гуфт Даврон оқибат аз дур сухан сар карда.— Ту ҳам ягон бор шукр гӯй, аз ин фалокат саломат мондем». Баъд Даврон ба андеша гуфт: «Аз дили Даврон гузашт, ки ибораи «шукр кун» ба Азиза ҳамеша сеҳру ҷоду барин асар мекунад... Ҳоло фикр мекард, ки чаро ин сухан ба ҳамсараш чунин таъсир дорад. Аз хурдӣ дар хонавода падару модар ҳамаи моро ба шукр гуфтан водор мекунанд. Худашон ҳам дар сари ҳар кор — хоҳӣ бад ояд, хоҳӣ нек, шукр мегӯянд. Падари Азиза ҳатто ҳангоми ҳалокати писари ягонаашон хам «шукр» мегуфтаанд. Ҳамаи ин беасар намегузарад. Аз як тараф, барои таскини дили одам, барои тасаллӣ шукр кардан хуб аст, вале, аз тарафи дигар, касро ба қаноатмандӣ талқин мекунад. Фалсафаи хоси мардуми мусулмон... Ҳатто агар нобарорие пеш ояд, баъзан сабаби онро ба ношукрӣ ҳамл мекунанд».

Ин ҷо аз забони қаҳрамон шукру қаноатро фақат ба «мардуми мусулмон», фақат ба ислом нисбат додани қаҳрамон эҳтимол чандон дуруст набошад. Шукр ва қаноат дар байни принципҳои ахлоқи динӣ ҳам мавқеи калон дошт, вале решаҳои онро аз таҷрибаи зиндагӣ ва фаҳмишу дониши халқ, аз идеалҳои иҷтимоиву эстетикӣ ва принципҳои ахлоқии вай, аз ҷустуҷӯйҳои маънавии фарзандони бузурги ӯ ҷӯем, шояд ба ҳақиқат наздик омадан осонтар шавад.

Чунонки мебинем, андешаҳои Даврон хеле доманадор буда, тасаввуроти ҳаётии мардум, таҷрибаи халқро хамаҷониба фикр мекунад ва маънои ҳикматҳои халқро фаҳмидан, ба таҷрибаи чандин насли мардум шарик шудан мехоҳад. Даврон, ки зиёии ҷавон ва духтури ҷӯянда аст, худро як ҷузъи халқаш медонад ва ҳар чиро, ки хоси ин халқ аст, аз ҷумла маънои он хулосаҳои аҷибу ғарибро, ки халқ аз рӯйдодҳои зиндагӣ мебарорад, пай бурдан яке аз мақсадҳои ӯст. Дар ин маврид ҳам ҳофизаи таърихӣ қувваи фаъол буда, барои ҳалли масъ-

алаҳои имрӯзии ахлоқи иҷтимоӣ, барои муайян шудани хатти ҳаракати ҳозираи инсон хизмат мекунад. Ҳофизаи таърихӣ, пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ аз муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки дар ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқии ин қаҳрамони ҷавон, дар ташаккули шахсияти ӯ роли калон доранд.

## 6

Нависанда бо рафти воқиаҳо ва бо мантиқи инкишофи характери қаҳрамонҳо таъкид кардааст, ки пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ, фаъол шудани ҳофизаи таърихӣ дар ҷиддитарин лаҳзаҳои зиндагии инсон бештар натиҷа медиҳад, ҳалли масъалаҳои мураккаб ва куллӣ, кӯшиши бартараф кардани душвориҳо, чунин лаҳзаҳое, ки инсон дар назди худ вазифаҳои ҷиддӣ гузошт ё чунин вазифаҳо пеш омад, ҳофизаи таърихӣ бештар фаъол мешавад, ба маънои амиқи таҷрибаи ҳаётию маънавии наслҳои гузашта даст ёфтани инсон бештар муяссар мегардад. Ҳеҷ чиз бе ҷидду ҷаҳди махсус ба даст намеояд. Фақат ҷаҳду ҷадали ҷиддӣ дар роҳи ҳалли умдатарин масъалаҳои ҳаёт боиси рушду камоли маънавӣ мешавад. Аз ҷумла ба ҷустуҷӯйҳои маънавии гузаштагон ҳамроҳ шудан, ба қадри таҷрибаи онҳо расидан ва онро давом додан ҳам дар айни фаъолӣ, дар айни шиддати қувваҳои рӯҳии шахс бештар рӯй медиҳад.

Инро дар повести «Тору пуд» аз саргузашти Даврону Азиза ба хубӣ дидан мумкин аст. Чунонки умуман дар душвортарин лаҳзаҳо фаъолияти фикрии инсон қувват мегирад, қаҳрамонони ин повесть низ чун ба сарашон фалокате омад, бошиддат фикр кардан гирифтанд ва таҳлилу худтаҳлилӣ дар фикри онҳо зиёд шуд. Муҳим ин аст, ки фикру андешаҳои онҳо дар ин лаҳзаҳо бештар мазмуни маънавӣ мегирад ва хулосаҳояшон аз афзудани ғанои маънавии шахсияташон гувоҳӣ медиҳад. Дар ин маврид боз ҳам масъалаи шукру қаноат пеш омадааст. Инак, як қисми андешаҳои Азиза:

«Ман маст будам, ҳушьёр шудам,— мегуфт ҳоло Азиза бо дард.— Хоб будам, бедор шудам. Як бор сарам ба обу поям ба гирдоб афтоду сонӣ маънии бисьёр гапу корро фаҳмидам. Даврон ҳамеша як байт шеъри Хоҷа Ҳофизро такрор мекард: «Замони хушдилӣ дарьёб, дарьёб, ки доим дар садаф гавҳар набошад». Вай понздаҳ

сол боз ин байтро гуфта мегашт, вале ман маънии онро дуруст наандешидаам ё худ барои андешаи чуқур фурсат надоштам. Акнун фаҳмидам... Одамизод чӣ махлуқи ношукр будааст! Ана, расо се моҳ боз шабу рӯзамон бо парешонӣ мегузарад. Се моҳ боз ба лабам табассум надавидааст. Дар ҳақиқат, ба монанди садафе, ки гавҳар надорад, ҳаёту зиндагӣ холӣ, пуч, бекора шуд. Се моҳ боз акрабакҳои ин соати ба ман харида додагиаш беҳуда мегарданд, рӯзу шабҳои ба ман нодаркорро ҳисоб мекунанд... Даврон доим мегуфт: «Ман на аз он қаноатмандам, ки хушбахтам, балки хушбахтиам аз он, ки ҳамеша қаноатмандам ва шукр мекунам». Маънии ин суханбозиашро намефаҳмидам, ақаллан бифаҳмам гӯён ақламро намедавондам. Баръакс, аз ин хел суханон дилтанг будам. Ӯ ба рӯи ман маҳзун менигаристу хомӯш механдид. Ҳа, Даврон аз кору бори худ, аз хонавода, умуман, аз ҳаёт қаноатманд буд. Кӯдак барин баъзан ягон ҳодисаи оддӣ ва ё муколимаи лутфомезро гуфта, соат-соат механдид. Боре як воқеаро гуфта, Испанд катӣ ҳар ду қариб то ними шаб хандиданд. Дар саҳни хона ғел зада, шикамашонро дошта механдиданд. Ана, акнун ба лабони писарам табассум намедавад».

Мо аз андешаҳои ин қаҳрамон ба он сабаб чунин порчаи калон мисол овардем, ки то чӣ андоза гуногун ва ғанӣ будани олами фикру ҳисси ӯро таъкид кунем. Ҳам воқиаҳои ҷории рӯзмарра, ҳам хулосаҳои ҷиддие аз онҳо, ҳам байти Ҳофиз, ҳам суханбозии ҳикматомезе дар бораи шукру қаноат ва бахту саодат як ҷо шуда, ҳама ҳастии онлаҳзаинаи қаҳрамонро маълум кардаанд. Ин ҳастии ӯ мазмуни баланди маънавӣ дорад. Вай дар айни шиддати фикру ҳиссааш рафти воқиаҳои зиндагии худ ва хонаводаашро, зоҳири воқеаҳоро не, балки моҳияти онҳоро аз назар гузаронидан мехоҳад. Мақсади ӯ ба маънои ботинии рӯйдодҳо сарфаҳм рафтан, аз онҳо сабақ омӯхтан, барои оянда хулосаи ҷиддӣ баровардан аст. Қаҳрамон дар ин лаҳза дар сари ҷустуҷӯйҳои маънавӣ, дар сари худшиносӣ мебошад, мақсади вай зиндагӣ ва маънои ҳаёти худро ба андеша гирифтан аст.

Ҳамин тавр, инсон дар муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёташ маънои зиндагӣ ва одаму одамиятро беҳтар мефаҳмад, ба қадри таҷрибаи рӯзгор ва андӯхтаҳои маънавии дигарон беҳтар мерасад. Пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ бештар маҳсули он лаҳзаҳоест, ки

инсон фаъол аст ва фикру хисси ӯ ба шиддат омадааст. Идомакории маънавии наслҳои гуногун, мувофиқи шароити замони нав санҷидану ғанӣ гардондани таҷрибаи маънавии гузаштагону ҳамзамонон кори фаъолон аст, натиҷаи ҷустуҷӯйҳои фаъолонаю шиддатнок мебошад, фақат ба онхое муяссар мегардад, ки барои бо шиддати тамом фикр кардан қобилият доранд. Ҳоло чунин қаҳрамоне, ки фикран ва ҳиссан фаъол буда, бо ҷустуҷӯйҳои шадиди маънавию ахлоқӣ фаъолияти иҷтимоӣ зоҳир мекунад, дар адабиёт мавқеи асосӣ ишғол карда истодааст.

Ба таҷрибаи маънавии наслҳои гузашта, ҳатто бо категорияҳои ахлоқие аз қабили шукру қаноат рӯй овардани қаҳрамонони тааммуқписанди адабиёти ҳозира чунин маънӣ дорад, ки процессҳои ҷиддие дар ҳаёти маънавии халқ ҷараён доранд ва дар адабиёт акс андохта истодаанд. Мо арзишҳои маънавии кӯҳнаи чандин асрро дар партави таҷрибаи иҷтимоиву таърихии тозаи имрӯзаи худ аз нав санҷида, аз санги маҳак гузаронида истодаем, то муайян кунем, ки кадоме аз онҳоро бо худ ба оянда бурдан мумкин аст ва аз баҳри кадоме гузаштан беҳтар аст. Солҳои бисту сӣ ва чил аҳамияти бисьёре аз андӯхтаҳои маънавии наслҳои гузаштаро инкор мекардем, хусусан мафҳумҳоеро монанди шукру қаноат комилан боқимондаҳои тафаккури асримиёнагии феодаливу динӣ ба шумор меовардем. Ин нигилизми маънавии таърихӣ кам-кам бартараф шуда истодааст. Ҳоло як навъ бо назари тозае нигоҳ кардан ба андӯхтаҳои маънавии гузаштагон оғоз ёфтааст, ки хеле муҳим буда, намунае аз инкишофи нави камолоти маънавии миллат мебошад.

Пояи нави камолоти маънавӣ имкон медиҳад, ки дар ин роҳ боэҳтиёт қадам гузорем, арзишҳои ҳақиқиро аз пули пучак фарқ кунем, хасҳои бодоварди таърихро аз роҳамон рӯфта партоем, сангу сафолпорароро баробари дурру гавҳар ба борхалтаи сафари оянда наандозем. Адабиёт барои анҷом додани чунин интихобкории боэҳтиёти маънавии таърихӣ ёрии ҷиддӣ метавонад расонад. Барои ин лозим аст, ки тадқиқи бадеӣ ҳамаҷониба анҷом ёбад ва решаҳои иҷтимоиву таърихии ҳар ҳодисаро бо чашми амиқбини нависандаи замоншинос ошкор созад.

Масъалаи шукру қаноат дар повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд», ба назарам, ҳанӯз ҳартарафа таҳқиқ на-

шудааст, хусусан барои муайян намудани мазмуни имрӯзаи ин мафҳумҳои қадим нависанда кам имкон ёфтааст ва ҳол он ки ҳангоми тадқиқи ҳамаи масъалаҳои маънавию ахлоқии умумиинсонӣ ва қадимӣ масъалаи мазмуни иҷтимоии имрӯзаи онҳо аҳамияти калон дорад. Мо бояд саргаҳу сарчашмаи онҳоро муайян кунем ва бинем, ки дар гузашта чӣ мазмун доштанду чӣ натиҷаҳо медоданд ва имрӯз моҳияташон аз чӣ иборат аст.

Арзишҳои маънавии ҷовид бунёди одамиятро ташкил менамоянд. Онҳоро бодиққат омӯхтан, дар рафти дигаргуниҳои пурсуръати замони тӯфонии мо муҳимтарин падидаҳои онҳоро аз даст надода, бо худ эҳтиёткорона ба оянда бурдан ва барои фардои башарият маҳфуз доштан вазифаи бузурги гуманистӣ мебошад. Адабиёт ҳам дар ин роҳ хизмат карда истодааст. Аҳамияти аксари асарҳои Баҳром Фирӯз низ дар ҳамин аст.

1989

•

## ТАДҚИҚИ БАДЕӢ ВА ҶАНБАИ ПУБЛИЦИСТӢ

### 1

Ҷанбаи публицистӣ дар насри нави реалистии тоҷик аз аввали пайдоиши он роли калон ва ба худ хосе бозидааст. Ин роли он дар давраҳои гуногуни сайри таърихии насри советии тоҷикӣ як хел намондааст ва дар эҷодиёти насрнависони барҷаста мувофиқи майлу рағбатҳои фардӣ ва сабку услуби ҳар кадоми онҳо ҳам хусусиятҳо пайдо кардааст. Дар ҷустуҷӯҳои эҷодии имрӯзаи нависандагон низ оҳанги публицистӣ мавқеи муайян дорад ва гоҳо роли он ба ғоят меафзояд.

Дар ташаккули насри реалистии тоҷикӣ нақши махсус гузоштани мабдаи публицистӣ ҳодисаи тасодуфӣ нест ва сабабҳои ҷиддӣ дорад. Ба гумони қавӣ, яке аз ин сабабҳо ҳамоно аз реализми маорифпарварӣ бевосита ба реализми социалистӣ гузаштани адабиёти тоҷик мебошад. Рационализм, дидактика ва тамоюли публицистӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои реализми маорифпарварӣ буд. Тамоюли публицистӣ хусусан дар насри ибтидои асри XX, аз ҷумла дар сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким «Тuҳфаи аҳли Бухоро» /1911/, повестьҳои Абдурауфи Фитрат «Мунозира» /1909/ ва «Баёноти сайёҳи Ҳинд» /1912/, ки низ ба сафарнома наздик буда, му-

боҳисаи тезу тундеро дар бораи баъзе масъалаҳои иҷтимоии воқеияти Бухоро дар бар гирифтаанд[1], инчунин дар баъзе асарҳои дигар бағоят қувват ёфт. Бисьёре аз хусусиятҳои реализми маорифпарварии тоҷик, аз ҷумла рӯҳи пуркуввати публицистии он дар давраҳои аввали сайри таърихии насри советӣ тағйири шакл дода ва моҳиятан дигар шуда, алалхусус дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ барин носирон, ки худ чанде пеш намояндагони реализми маорифпарварӣ буданд, нақши муайян гузоштааст.

Таъсири эстетикаи реализми маорифпарвариро, чунончи дар нахустин романи адабиёти тоҷик — асари устод Айнӣ «Дохунда» /1930/ баъзан то андозае мушоҳида кардан мумкин аст. «Дохунда» қадами ҷиддӣ дар роҳи аз худ кардани сирру асрори санъати нави тасвиркории реалистӣ, қадами муҳимме дар роҳи реализми социалистӣ буд, вале ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки дар охирин қисмҳои ин роман, дар он бобҳое, ки воқеияти нав, давраи советии зиндагии қаҳрамонон ва ҷанги зидди босмачиён тасвир ёфтааст, нависанда қариб тамоман аз тадқиқи бадеӣ ба нақли пурҳарорати публицистӣ гузаштааст. Фарогирии эстетикии воқеияти нави революционӣ, замони ҳозира ба устод Айнӣ ҳатто дар жанри роман аввалин дафъа бештар на аз роҳи тадқиқи батафсилии ҳамаҷонибаи бадеӣ, балки аз роҳи тадқиқи ҳиссиётомези публицистӣ, ки рангу нақшҳои романтикӣ дорад, муяссар гардидааст.

Ин ҳодиса дар таърихи насри нави реалистии тоҷикӣ то чӣ андоза роли калон доштани мабдаи публицистиро нишон медиҳад. Мабдаи публицистӣ дар инкишофи реализми Айнӣ зинаи муҳимме барои дарки амиқи иҷтимоию фалсафии воқеияти нав буд. Чунин фарогирии воқеияти нав дар романи дуввумаш — эпопеяи «Ғуломон» /1934-1935/ амиқтар шуд.

Ҳангоме ки сабабҳои гуногуни дар насри реалистии тоҷикӣ роли махсус бозидани ҷанбаи публицистиро меҷӯем, бояд таъкид кард, ки сабаби асосӣ талаби ҳаёт ва тақозои замон буд. Дар хусусиятҳои рӯҳи публицистии насри советии тоҷик яке аз муҳимтарин қонуниятҳои инкишофи чунин насри реалистӣ, ки ташаккули он ба

[1] Дар бораи хусусиятҳои маорифпарварии Абдурауфи Фитрат дар давраи пеш аз революция ниг.: *Э. Каримов.* Развитие реализма в узбекской литературе, «Фан»,— Ташкент, 1975, с. 91—126.

давраи инқилоби иҷтимоӣ ва муборизаҳои сахти синфӣ рост омадааст, ифода меёбад. Замони революция ва муборизаҳои шадид аз санъаткорон талаб мекард, ки назари худро равшану возеҳ баён намоянд. Шароити иҷтимоию сиёсии замон санъаткорро водор мекард, ки муносибати худро ба воқиаҳо, ба қаҳрамон ва фикру ҳиссиёти ӯ ошкоро ва бо эҳтироси сиёсӣ зоҳир кунад. Аз ин ҷост, ки рӯҳи романтикӣ ва тезию тундии публицистонаи адабиёт қувват гирифт. Рӯҳи публицистӣ яке аз шаклҳои асосии зоҳир шудани манфиатмандии шахсии нависандаи мубориз, дахолати фаъолонаи ӯ ба процесҳои зиндагӣ, иштироки бевоситаи вай дар мубориза буд ва ҳаст.

Ҳаким Карим солҳои сӣ дар як сӯҳбати хусусӣ гуфтааст : «Ҳикояе, ки ҷӯши ҳаёт дар он набошад, ба нӯҳ пул намеарзад»[1]. Нависандагон дар деги ҳаёту муборизаи қаҳрамонон меҷӯшиданд ва рӯҳи романтикию эҳтиросоти публицистӣ аз муҳимтарин воситаҳои намудор кардани мазмуни амиқи иҷтимоии ҳамин «ҷӯши ҳаёт» буд.

Рӯҳи қаҳрамононаи замони инқилоб ва сохтмони ҷамъияти нав анъанаҳои романтикии адабиёти классикии форсу тоҷикро ба қуввам нав ба ҷунбиш овард ва хеле фаъол кард. Қувват гирифтани тамоюлоти публицистӣ низ ба ҳамин процесс сахт алоқаманд мебошад. Байни ҳарорати романтикӣ ва рӯҳи публицистии адабиёти советии тоҷикӣ ҳамбастагие ҳаст. Тасодуф нест, ки на фақат солҳои бисту сӣ, балки дар давраҳои баъдина ҳам тамоюлоти публицистии насри тоҷикӣ аз рангҳои баланд, аз нақшҳои дурахшнок, аз ҳиссиётангезӣ ва илҳомомезии анъанаҳои романтикии классикӣ хеле баҳра бурдааст. Сарманшаи хусусиятҳои мабдаи публицистии насри тоҷикӣ аз бисьёр ҷиҳатҳо ба ҳамон анъанаҳои романтикӣ вабастагӣ дорад.

Аз ин ҷиҳат, насри бадеии Садриддин Айнӣ бағоят ҷолиби диққат аст. Оҳанги публицистӣ кам ё беш қариб дар ҳамаи асарҳои асосии Айнӣ — аз нахустин повести ӯ «Ҷаллодони Бухоро» /1922/ то охирин асараш «Ёддоштҳо» /1948-1954/ иштирок дошта, вазифаи ғоявию бадеии он гуногун аст ва муҳимтар аз ҳама ин аст, ки ин вазифа торафт аниқтар ва конкреттар шуда, ба тадқиқи гуногунҷиҳат бештар тобеъ гардидааст. Мо хо-

---

[1] Ниг.: *З. Раҷабов.* Дӯсти ман, «Ҳақиқати Ленинобод», 24 июни, с. 1975.

ло ба шаклҳои гуногуни сухани публицистии Айнӣ, вазифаҳои гуногун ва таҳаввулу такомули тадриҷии он дар асарҳои бадеии ӯ дахл накарда, фақат ба обу ранги романтикии мабдаи публицистии эҷодиёти вай диққат ҷалб карданӣ ҳастем.

Ин хусусияти сухани публицистии Айнӣ бештар аз ҳама дар тасвири образҳои пурҳарорати романтикӣ намоён мегардад. Агар дар тасвири эҳсосоти пуртуғьён ва назокату дилкашии Ҳабиба /«Ёддоштҳо»,қ. I/ ва духтари ноком /«Ёддоштҳо», қ. П/ лирикаи романтикӣ мавқеи асосӣ дошта бошад, барои ифодаи рӯҳияи мубориизони ҷаррор унсурҳои публицистикаи романтикӣ фаровон истифода шудааст. Дар очерки таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» /1944/ нақли пурэҳтироси нависанда дар бисьёр мавридҳо аз ҷузъиёти конкрет маҳрум шуда, ба публицистика ва патетикаи рангини романтикӣ мегузарад ва ин яке аз воситаҳои муҳимми ба вуҷуд овардани образи муборизи шӯълавари зидди истилогарони муғул мебошад. Дар «Ёддоштҳо» /қ. IV/ образи илҳомомезу бузургворонаи мулло Амон, ки «хуруҷи умуми»-и зидди тартиботи феодалиро орзу мекард, бештар ба воситаи монологҳои муфассал тасвир ёфтааст ва ин монологҳои ӯ бағоят ҳаяҷонангез, публицистию экспрессивӣ ва пур аз патетикаи рангомезу дурахшон аст.

Ин рангҳои романтикии ҷанбаи публицистии асарҳои Айнӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои фардияти эҷодии ӯ буда, аз худи ҳаёти воқеӣ ва диди эстетикии халқ сар задааст.

Таркиби бадеии «Ёддоштҳо»-и Айнӣ хеле мураккаб ва оҳанги услубии он гуногун аст. Ҳикояҳое, ки дар онҳо оҳанги орому ботамкини эпикӣ бештар аст, ҳикояҳои лирикӣ ва лирикии романтикӣ, ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва мутоибаомез паҳлу ба паҳлу ҷо гирифтаанд. Дар баъзе бобҳо маълумоти умумии таърихӣ ё портрети намояндагони намоёни адабиёту санъати вақт омадааст. Дар ин бобҳо оҳанги публицистӣ ва илмии публицистӣ бештар аст. Бояд гуфт, ки дар баъзе бобҳои маълумоти умумии таърихӣ оҳанги сухани нависанда ба сабки Абдурауфи Фитрат то андозае наздик мешавад. Масалан, бобҳои аввали қиси П, ки аз тартиботи мадраса ва программаи машғулоти муллобачагон сухан рафтааст, гоҳ то андозае баъзе қисмҳои «Мунозира»-и Фитратро ба хотир меорад.

Умуман эҷодиёти Айнӣ аз ягонагии табиии шаклҳои гуногуни жанрию услубӣ ва эмоционалию эстетикӣ фароҳам омадааст ва дар ин байн оҳанги публицистӣ ҳам мавқеи муайян дорад. Ҳамаи ин шаклҳои гуногун дар якҷоягӣ аз тарафи нависанда ба таври ба худ хос ва нотакрор дарк шудани воқеиятро дар худ инъикос додаанд ва аз анъанаҳои гуногуни адабӣ баҳраманд шудани ӯро нишон медиҳанд.

## 2

Дарки публицистии воқеият дар солҳои сӣ ба мустаҳкам шудани асосҳои реалистии наср мусоидат намуда, барои қувват гирифтани диди тадқиқию таҳлилии нависандагон замина тайёр кард. Инро хусусан аз аввалин қадамҳои эҷодии насли дуввуми нависандагони тоҷик дидан мумкин аст.

Барои насрнависони ҷавони солҳои сӣ нахустин шакли аз худ кардани материали ҳаёт очерку ҳикоя буд ва ин ду жанр барои аз сирру асрори санъати реалистӣ пай бурдани онҳо роли калон бозид. Муҳаққиқи насри солҳои сӣ Л.Н. Демидчик қайд намудааст, ки ҳуҷҷатписандӣ ва оҳанги публицистӣ аз муҳимтарин сифатҳои ҳикояи тоҷикӣ дар солҳои сӣ буд. Л.Н. Демидчик масъалае дар бораи синкретизми жанрҳои хурд пеш гузошт: «Ягонагии материали ҳаёт, умумияти принципҳои дарки бадеии он як навъ синкретизми ба худ хоси жанрҳои хурди насрро ба миён овард. Қайди ҳуҷҷатии он чи нависанда дидааст, нишонаҳои хоси жанрро аз байн бурда, вазифаҳои очерк ва ҳикояро ба ҳам баробар кардааст»[1].

Дар ин маврид ҷанбаи бадеӣ ва ҷанбаи публицистӣ сахт ба ҳам алоқаманд шуда ва баробар аҳамият пайдо карда, баъзан дигар шудани таносуби онҳо барои муайян кардани жанр, барои таъин кардани ин, ки ин асар очерк аст ё ҳикоя, имкон медиҳад, лекин баъзан мо аз имкон маҳрумем, яъне муайян кардан душвор аст, ки ин асар ҳикоя аст ё очерк.

Чунонки маълум аст, дар тамоми адабиёти советии сермиллат «ҳикоя... дар ибтидои солҳои 30-ум дар бисьёр мавридҳо бо очерк тамоман паҳлу ба паҳлу ме-

[1] *Л. Н. Демидчик.* Реалистическое обновление таджикской прозаической традиции, автореф. докт. дисс.— Душ., 1973, с. 34. Инчунин ниг.: Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ. 11, с. 170—177.

рафт»[1]. Аз ин ҷиҳат инкишофи ҳикояи тоҷикӣ дар ҷараёни процесси адабии умумиттифоқ сурат мегирифт, вале ба ҳар ҳол ин процесс дар адабиёти тоҷикӣ ба шаклҳои хосе ба зуҳур омадааст.

Пеш аз ҳама, ягонагии ду мабдаъ — аксаран аз тадқиқи публицистӣ ҳанӯз ҷудо нашудани тадқиқи бадеӣ яке аз қонуниятҳои объективии инкишофи ҳикоя дар даврахои аввали ташаккули санъати тасвири реалистии насри советии тоҷикӣ буд. Дар ташаккули ин қонуният, аз як ҷониб, хусусиятҳои тараққии таърихии наср, ки аз ҷавонии реализм, аз махсусияти анъанаҳои миллӣ ва ғайра ба таври объективӣ сар зада буданд, инъикос карда бошад, аз ҷониби дигар, роли ангезаҳои субъективӣ низ кам нест.

Ин омилҳои субъективӣ иборат аз он буд, ки нависандагон ҳар кадоме ба таври худ, вале ҳама дидаву дониста ва ба таври даркшудае ба оҳанги публицистӣ майлу рағбати махсус зоҳир мекарданд. Ин майлу рағбат аз вазифаҳои ҷанговаронаи адабиёт, аз вазифаҳои тарбиявию маърифатомӯзии он сар зада буд. Рӯҳи ҷанговаронаи адабиёт хусусан аз нимаи солҳои сӣ ба сабаби афзудани хавфи ҳуҷуми фашизми Германия бағоят қувват гирифт. Ин ҳам хоси тамоми адабиёти советии умумиттифоқӣ буда, аз ҷумла барои нависандагони тоҷик низ ходисаи комилан даркшудае буд. Ҳаким Карим дар бораи оҳанги ошкорои публицистии ҳикояи худ «Писар» гуфта буд: «Ба фикри ман, ҳозир ҳамин зарур аст. Зеро халқро тарбия кардан, вайро ба ҳимояи мамлакат омода кардан, сафарбар намудан зарур мебошад. Аз ин нуқтаи назар шояд ман кори дуруст карда бошам»[2].

Ин аст, ки нависандагон дидаву дониста роҳҳои ба эҷодиёти бадеӣ, хусусан ба ҳикоя барин жанри хурди фаврӣ дохил намудани унсурҳои публицистикаи сиёсиро ҷустуҷӯ мекарданд. Ин тамоюл солҳои Ҷанги Ватанӣ зӯртар шуд.

Аммо ин ҷустуҷӯҳо ҳамеша муваффақиятомез анҷом намеёфтанд. Ба анҷоми муваффақиятомези онҳо бисьёр омилҳо халал мерасонид ва дар ин қатор ҷавонии реализм, муносибати ғайриэҷодӣ ба баъзе анъана-

[1] История советской многонациональной литературы, т. 2, кн. 1, М., 1971, с. 117.

[2] Ниг.: *Ҷ. Икромӣ.* Мактубҳои Ҳаким Карим, «Садои Шарқ», 1969, № 1, с. 111.

ҳои гузашта ва мисли инҳоро номбар кардан мумкин аст. Дар бисьёр мавридҳо, хусусан интишори чунин тасаввуроти оддии нодуруст, ки гӯё вазифаи адабиёт бо як мисол исбот кардани ҳақиқатҳои маълум мебошад, бисьёр зарар овард. Ин тасаввурот боиси пайдо шудани як навъ оҳанги публицистии рӯякӣ ва оддӣ гардид, ки нависандаро аз имкони тадқиқ маҳрум мекард. Натиҷаи ин дар солҳои чил ва то нимаи солҳои панҷоҳ, аз ҷумла дар қисми дуввуми романи Ҷалол Икромӣ «Шодӣ» /1949/ ва ҳикояҳои ӯ, дар аксари ҳикояҳои Раҳим Ҷалил ва қисми дуввуми романи вай «Одамони ҷовид» /1949/ ҳис мешавад. Ҳикояҳое пайдо шуданд, ки ба мақолаҳои нимбадей монанд мебошанд ва нависанда аз ҳалли бадеии мавзӯъ даст кашида, ба мулоҳизаронихои рӯякӣ, ба дидактизми маҳз, ба пандомӯзии ошкоро ва оддӣ гузаштааст. Дар бисьёрии ҳикояҳое, ки ба шакли мақола нестанд, низ мақсади оддии публицистӣ асоси тадқиқии ҳикояро ба ҳеҷ овард. Дар ҳикояҳои «Пахтакорон» /1946/, «Номус» /1948/ «Дилсӯз», «Ҳарифон» ва ғайра, ки ба мавзӯи меҳнат бахшида шудаанд, Раҳим Ҷалил мехоҳад бо як сужети схемавӣ нишон диҳад, ки чӣ тавр кор кардан лозим аст ва дар мавридҳои муайян чӣ тавр рафтор бояд кард. Тасвири нависанда, сухани қаҳрамонон дар бораи кор ва таҷрибаи меҳнатии худ мисли дастуруламале дар бораи пахтакорӣ намудор мегардад.

Ин ҳам «оҳанги публицистӣ» буд, вале ин оҳанг хилофи вазифаҳои тадқиқии адабиёт, хилофи табиати бадеии он буд.

Ин аст, ки дар солҳои чил ва то нимаи солҳои панҷоҳ муносибати нависандагон ба мабдаи публицистӣ гуногун ва зиддиятнок буд. Аз як ҷиҳат, ҷустуҷӯҳои пурсамаре /масалан, дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ/ давом карда, натиҷаҳои ҷиддии ғоявию эстетикӣ дода бошад, аз ҷиҳати дигар, нодуруст фаҳмидани муносибати бадеият ва ҷанбаи пулицистӣ ба назар мерасад.

## 3

Солҳои шаст дар адабиёти тоҷик давраи қувват гирифтани назари тадқиқӣ ба воқеият, давраи пайдоиши шаклҳои нави тасвиркории реалистӣ буд. Насрнависон, хусусан ҷавонон ба симои маънавии ҳамзамонони худ бештар чашми диққат дӯхтанд. Адабиёт ба ҷустуҷӯҳои маънавии ҳамзамонони ҷавон, ба масъалаҳои муҳим-

ми ахлоқи иҷтимоӣ бештар аҳамият дод. Дар натиҷа асосҳои таҳлилии наср зӯртар гардид. Тасодуфӣ нест, ки дар яке аз аввалин асарҳои давраи ҳозираи инкишофи адабиёти тоҷик — романи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳгорам» /1957/ таҳлили психологӣ ва монологи ботинии батафсил мавқеи калон ишғол намуд.

Ҷ. Икромӣ дар романи «Ман гунаҳгорам» сужети бошиддатро бо фикру андешаҳои доманадоре дар бораи зиндагӣ ва одамон, бо характеристикаи психологии батафсил як карда, масъалаи муносибати ҷиддӣ ба ҳаёт, масъалаи масъулиятшиносии маънавии шахсро пеш гузошт. Ин масъала дар баъзе асарҳои баъдинаи нависандагони тоҷик мавқеи калон ишғол карда, аз ҷиҳатҳои гуногун муҳокима шуда, дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ахлоқи иҷтимоии замони ҳозира гӯё санги маҳак қарор ёфт. Пурратар фаро гирифтани олами эҳсосоти ҳамзамонон, ҷиддитар ба тадқиқ омадани муносибати шахс ва ҷамъият муҳимтарин дастоварди повести солҳои шаст буд.

Оҳанги публицистӣ рӯҳи ҷанговаронаи гражданини бисьёре аз ин асарҳоро қувват додааст.

Аз нимаи солҳои панҷоҳ зуҳуроти наве дар муносибати байни жанрҳои бадеӣ ва публицистӣ ба назар расидан гирифт. Очерк дар сурати аз даст надодани тезию тундии публицистӣ торафт бештар бадеияти ҳақиқӣ пайдо мекард, ки ин хусусан аз очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев «Раиси нав» /1955/, «Фаттоҳ ва Музаффар» /1958/, асари Ғаффор Мирзо «Сафари диёри дӯстон» /1957/, асари Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов «Аҷоиботи сафар» /1961-1962/ ба хубӣ ба мушоҳида меояд. Дар айни замон, шаклҳои нави ба якдигар роҳ ёфтани хусусиятҳои жанрии очерк ва ҳикоя, очерк ва повесть ба миён омад. Аз ин ҷиҳат, асарҳои Ю. Акобиров, М. Хоҷаев ва дигарон, хусусан повестьҳои Ф. Муҳаммадиев «Одамони кӯҳна» /1962/ ва «Дар он дунъё» /1965/ ҷолиби диққат аст.

Дигаргуниҳои ҷиддие, ки аз охири солҳои панҷоҳ ва дар давоми солҳои шаст дар наср рӯй доданд, хусусан дар маркази диққат қарор гирифтани масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ ва ба ин муносибат, ба симои ҳамзамонони худ бештар чашми диққат дӯхтани нависандагон боиси ин шуд, ки мавқеи мабдаи публицистӣ дар асари бадеӣ низ то андозае тағьир ёфт, муайянтар ва конкреттар ифода гардид.

Акнун роли ҷанбаи публицистӣ дар асари бадеӣ ба сифати як ҷузъи табиии тасвири психологӣ торафт муайянтар ва равшантар намудор шудан гирифт, рӯҳи публицистӣ воситаи муҳимме дар зоҳир намудани олами ботинии инсон ва мазмуни иҷтимоии фикру ҳиссиёти ӯ гардид.

Аз ин ҷиҳат эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев, хусусан повестьҳои ӯ ҷолиби диққат аст.

Ф. Муҳаммадиев аз хизмати матбуот ба адабиёт омадааст ва нахустин қадамҳои эҷодии ӯ бо очеркҳои тезу тунди рӯзмарраи проблемӣ сар шудааст. Тезию тундии публицистӣ ба муҳимтарин хусусиятҳои эҷодии ӯ табдил ёфта, дар баъзе ҳикояҳо ва хусусан дар повестьҳои ӯ барҷаста намоён шудааст.

Шахсияти фаъол ва мубориз, ки ҷамъияти моро пеш мебарад, қаҳрамони асосии повестьҳои Ф. Муҳаммадиев қарор ёфт. Нависанда масъалаҳои муҳимми ҷамъиятро ба воситаи тадқиқи характер, фаъолият ва андешаҳои шиддатноки чунин қаҳрамон пеш мегузорад. Тадқиқи ӯ тадқиқи фаъолонаи бамуддаоест, ки ба зоҳир кардани ақидаву афкор ва рӯҳи граждании шахс равона гардидааст. Ин тамоюл роли мабдаи публицистиро дар тадқиқи иҷтимоии психологӣ бағоят қувват дод.

Хусусиятҳои публицистӣ ва унсурҳои очеркӣ бо нақли пурҳаяҷон як шуда, ба нависанда имкон додаанд, ки рафтору кирдор, фикру андешаҳо ва ҳиссиёти мардумро ҷиддан ба муҳокима гирад, моҳияти иҷтимоии онҳоро муайян кунад ва дар партави идеалҳои олӣ бисанҷад. Дар повести «Одамони кӯҳна» унсури публицистӣ як ҷузъи табиии юмори лирикӣ буда, нависанда бо як мафтунию дилхушӣ рӯҳи граждании қаҳрамонони худро намудор кардааст. Дар масъалаи муайян кардани хусусиятҳои жанрии дуввумин повести Ф. Муҳаммадиев «Дар он дунъё» дар байни мунаққидон ихтилофи назар рӯй дода буд. Ин асарро баъзеҳо повесть, баъзеҳо очерк гуфтанд ва маҳрум В. Дорофеев роман номида буд[1]. Ба ақидаи мо, хусусияти жанри ин асарро М. Турсунзода дуруст муайян кардааст. Вай «Дар он дунъё»-ро «жанри дар насри тоҷик нав — жанри повести публицистӣ» [2] ҳисоб карда буд.

---

[1] Ниг.: «Садои Шарқ», 1967, № 8, с. 136, 140, 144, 146—147.

[2] *М. Турсунзода.* Ҳаёт устоди беҳтарин аст, «Садои Шарқ», 1965, № 11, с. 4.

Бисьёр ҷолиби диққат аст, ки «Дар он дуньё» ба эътибори зоҳир очерки сафарнома буда, моҳиятан повести публицистӣ мебошад, яъне чунин повесте мебошад, ки бисьёр хусусиятҳои очеркӣ ҳам дорад.

Зотан повести публицистӣ дар насри тоҷикӣ дар натиҷаи тараққии тадриҷии очерк /хусусан очерки проблемӣ/, дар натиҷаи торафт зиёдтар хусусияти бадеӣ пайдо кардани он ба миён омад. Тағайюроти ҷиддии сифатӣ, ки дар очерк рӯй медод, боиси ба вуҷуд омадани ташаккулоти нави жанрӣ гардид. Табиати эстетикии ин шаклҳои нави жанрӣ ҳанӯз дар илм дуруст муайян нашудааст ва худи нависандагон ҳам баъзан дар таъин кардани жанри асарашон душворӣ мекашанд. Аз ҳамин сабаб аст, ки асари А. Сидқӣ «Ҷӯраи деринаи ман», асари А. Шукӯҳӣ ва Ҳ. Аскар «Имзои шахсӣ», асари Р. Ҳодизода «Аҳмади Дониш» ва ғайра, ки ҳамагӣ маҳсули солҳои шаст мебошанд, аз муаллифон ва мунаққидон гоҳ очерк ва гоҳ повесть ном гирифтаанд.

Ба фикри мо, меъёри асосии таъин кардани жанри чунин асарҳо дараҷаи иштироки мабдаи бадеӣ, таносуби мабдаи бадеӣ ва публицистӣ мебошад. Аксари ин асарҳоро, ки дар онҳо ҷанбаи публицистӣ ва бадеӣ баробар аҳамият пайдо кардааст, очерки бадеӣ номидан беҳтар аст. Фақат дар баъзеи чунин асарҳо асоси бадеӣ хеле қувват гирифта, хусусиятҳои очеркиро ба худ тобеъ менамоянд ва чунин асарҳоро повести публицистӣ номидан мумкин аст.

Асарaи Ф. Муҳаммадиев «Дар он дуньё», ба назари мо, аз ҷумлаи ҳамин гуна повестьҳои публицистӣ мебошад. Дар ин асар тадқиқи бадеӣ мавқеи асосӣ дорад. Унсурҳои очеркӣ ва ҳаҷв дар ин асар ба тарзҳои типсозӣ махсусиятҳое бахшидааст, вале вазифаи асосии он ҳамоно тақвияти тадқиқи ҷиддии иҷтимоию психологист. Ҳақ ба ҷониби Л. Якименко мебошад, ки дар бораи «Дар он дуньё» гуфта буд: «Шакли мавзуни «повести новеллаҳо» ба муаллиф имкон додааст, ки инкишофи тезу тунди воқеаро бо характеристикаҳои психологӣ пайвандад»[1].

Бояд гуфт, ки ҳаҷв, аз як тараф, бадеияти «Дар он дуньё»-ро қувват дода бошад, аз ҷониби дигар, дар роҳи тақвияти оҳанги публицистии он хизмат кардааст.

---

[1] *Л. Якименко.* На дорогах века. М., 1973, с. 140.

Аксари мулоҳизаронихои пурҳиссиёти публицистии қаҳрамони асосии ин повесть пур аз ҳаҷву тамасхур ва кинояву таъриз мебошанд ва ин ҳаҷв ба андешаҳои публицистӣ тезию тундии махсус бахшидааст. Зотан ҳаҷв ҳам мисли публицистика яке аз зуҳуроти ҷанбаи субъективӣ ва дахолати фаъолона ба воқеият аст. А. Бочаров дар вақташ ҳатто гуфта буд, ки «жанрҳои ҳаҷвӣ бо бисьёр сифатҳои худ як қисми публицистика, яке аз шаклҳои асосии онро ташкил медиҳанд»[1]. Мумкин аст, ки дар ин сухани муҳаққиқ муболиға рафта бошад. Ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки ҳаҷву публицистика ба якдигар хеле наздиканд ва публицистикаро бе ҳаҷв тасаввур кардан мумкин бошад ҳам, ҳаҷвро бе оҳанги публицистӣ тасаввур наметавон кард. Мисоли барҷастаи ин ҳақиқат повести ҳаҷвии устод Айнӣ «Марги судхӯр» мебошад.

Хангоме ки аз қувват ёфтани рӯҳи публицистии насри ҳозираи тоҷик сухан меронем, бояд таъкид кард, ки адабиёти тоҷикӣ аз ин ҷиҳат дар байни адабиёти халқҳои мамлакати мо мустасно нест. Ин процес дар адабиёти ҳамаи халқҳои СССР давом дорад ва ҳамаи жанрҳои насрро фаро гирифтааст. Дар насри русӣ оҳанги публицистӣ хусусан дар солҳои панҷоҳ то нимаи солҳои шаст пурқувват буд. Ҳатто насри лирикии адабиёти рус дар солҳои шаст аз омезиши табиии лиризми амиқ ва ҳуҷҷатписандию хусусиятҳои очеркӣ ҳосил шуда буд. Инро аз повестьҳои гуногун, масалан, аз асарҳои Владимир Солоухин «Як қатра шабнам» /1960/, Василий Фёдоров «Халтае пур аз дил» /1961/, Михаил Алексеев «Нон исм аст» /1964/, Сергей Крутилин «Липягӣ» /1964/ ва ғайра дидан мумкин аст. В. Фёдоров гуфта буд: «Ба назар чунин мерасад, ки суханҳое, ки аз лиризм ва ҳуҷҷатписандӣ зиёдтар зидди якдигар бошанд, мавҷуд нестанд. Ин ҳар ду гӯё оташу ях мебошанд. Бо вуҷуди ин, ба фикри ман, дар насри бадеии айёми мо ба ҳам наздик шудани лиризм ва ҳуҷҷатписандии таърихӣ ба хубӣ ҳис мешавад»[2].

Дар ин асарҳо тасвири лирикии воқеият асоси мустаҳками ҳуҷҷатию фактологӣ дорад, баъзан муаллифон аз овардани рақамҳо ва муқоисаи онҳо ҳам худдо-

---

[1] Иқтибос аз: Современная русская советская повесть. Л., 1975, с. 163.

[2] *А. Бочаров.* Существует такое качество — публицистичность... «Вопросы литературы». 1958, № 10, с. 103.

рӣ намекунанд, гоҳе характеристикаи социологии ҳодисаҳои зиндагӣ ошкоро ранги очеркӣ мегирад. Андешаронихои публицистӣ як қисми муҳим ва табиии таркиби лирикии асарро ташкил мекунанд.

Зуҳуроти гуногуни ин ҳодисаро на фақат дар насри лирикии русӣ, балки дар «насри деҳот» /асарҳое, ки ба зиндагии қишлоқ бахшида шудаанд/ ва ғайра низ мушоҳида мекунем. Аз ҳамин сабаб, муҳаққиқи повестьҳои адабиёти ҳозираи русӣ чунин хулосаи умумӣ баровардааст: «Повести ин солҳо /солҳои шаст — М.Ш./ бо очерк сахт алоқаманд аст. Вай дар бисьёр мавридҳо асоси ҳуҷҷатӣ дорад. Муаллиф бо тамоми асараш тасаввуре ба вуҷуд меорад, ки гӯё рӯйдодҳои тасвиршуда комилан воқеӣ мебошанд ва шахсони тасвиргардида воқеан вуҷуд доранд»[1].

Ҳоло дар насри Литва ва Эстония буньёди таҳлилию психологӣ бағоят қувват гирифта, аз ҷумла монологи ботинӣ, худтаҳлилӣ ва усули «ҷараёни фикр» торафт вусъат ёфта ва амиқ шуда, дар таҳлили ҳарҷонибаи психологӣ имконоти нав ба нав зоҳир карда истодааст. Лекин дар адабиёти ин халқҳои бародар ҳам мустаҳкам шудани асоси таҳлилӣ боиси суст шудани ҷанбаи публицистӣ нагардид, балки баръакс, дар баробари бо қувваи нав ва шаклҳои тоза зоҳир шудани он давом дорад. Зиёда аз ин, ҳатто махсусан таъкид шуда буд, ки «дар солҳои охир ғанитар шудани насри эстонӣ маҳз ба таваҷҷӯҳи нисбат ба факти буррову гӯё, ба ҳуҷҷатписандӣ ва публицистика алоқа дорад /«Як шаб»-и П. Куасберг, «Аз паи осори ҷанг»-и Юло Туулик, «Дар таги дарвозаи фаҷри шимолӣ»-и Л. Мери ва дигарҳо/»[2].

Рӯҳи публицистӣ яке аз нишонаҳои асосии баланд шудани ҳиссиёти иҷтимоии нависанда аст. Ҳар гоҳ, ки нависанда дар атрофи муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии замон ва инкишофи таърихии ҷамъият бо шиддати тамом фикр карда, ба рафти зиндагонӣ бо қатъият дахолат карданӣ шуд, дар асари ӯ рӯҳи публицистӣ боло мегирад. Боло гирифтани оҳанги публицистӣ аломати ин аст, ки «адабиёт ба иҷрои вазифаҳои ҷиддии ҷамъиятӣ камар бастааст. «Адабиёти ҳар як мамлакат

---

[1] Современная русская повесть, с. 182.

[2] *К. Кург.* Поиски и процесс, «Дружба народов»: 1974, № 11, с. 268.

ба андозаи дарк кардани аҳамияти ҷамъиятии худ торафт васеътар публицистикаро дар бар мегирад»[1].

Хусусан дар муҳимтарин давраҳои тараққии ҷамъият роли публицистика дар адабиёт зиёдтар мешавад. Аз ҳамин сабаб, публицистика дар адабиёти советии ҳамаи халқҳои мамлакати мо аз аввал ҷойгоҳи басазо дошт ва имрӯз ҳам аҳамияти он афзуда истодааст.

Ба асари бадеӣ роҳ ёфтани ҷанбаи публицистӣ ҳоло ба шаклу намудҳои гуногун сурат мегирад. Баъзе шаклҳои зуҳуроти ин ҳодиса хеле пурсамар буда, дар ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагон натиҷаҳои ҷиддӣ дода истодааст, аммо аз баъзеи ин шаклҳо, ба фикри мо, натиҷаҳои номатлуб ҳам ҳосил шуда истодааст.

Натиҷаи муҳим асосан дар он сурат ба даст меояд, ки унсури публицистӣ як ҷузъи таркиби бофти бадеии асар буда, дар баробари дигар ҷузъҳои он ба сифати як воситаи муҳимми амиқбурди тадқиқи бадеӣ хизмат кардааст. Аммо гоҳ ҷанбаи публицистӣ аз асоси бадеии асар ҷудо шуда меистад ва кам ё беш истиқлоли эстетикӣ пайдо мекунад. Дар ин сурат ҷанбаи публицистӣ гоҳ дорои иқтидоре мегардад, ки буньёди бадеии асарро вайрон мекунад.

Мо ҳоло ба ин масъала махсусан диққат ҷалб намуда, таъкид карданӣ ҳастем, ки чи дар роман ва чи дар повесть аз ҳад зиёд қувват гирифтани ҷанбаи публицистӣ дар бисьёр мавридҳо ба вазифаҳои тадқиқии адабиёт халал оварда истодааст. Инак, чанд мисол.

Романи Раҳим Ҷалил «Шӯроб» /1956-1967/ асари таърихии инқилобӣ мебошад. Вале қисми охир — қисми саввуми он аз ҳаёти ибтидоии солҳои шаст, аз тақдири имрӯзаи қаҳрамонони инқилоб ва ҷангҳои гражданӣ, аз зиндагӣ ва мубориза насли нави мардуми советӣ ва ангиштканҳои кони Шӯроб ҳикоя мекунад.

Чандин боби қисми III-ро тасвири очеркӣ ва баёни соф публицистӣ фаро гирифтааст. Нависанда ва қаҳрамонони ӯ масъалаҳои гуногуни истеҳсолот, сиёсат ва воқиаҳои байналхалқиро хеле муфассал муҳокима кардаанд. Мо ин ҷо фақат ба тарзи муҳокимаи публицистӣ пеш гузошта шудани чанд масъалаи истеҳсолот, якяк номбар гардидани онҳо ва муфассалан баён ёфтани моҳияташонро мебинем, аммо тасвири ҳақиқии бадеии ин, ки он масъалаҳо дар рафти ҳаёт чӣ тавр ҳал

---

[1] *А. Бочаров.* Асари мазкур, саҳ. 81.

шуда истодаанд, дида намешавад. Шарҳу баён ба ҷои бадеият омадааст, публицистика ҷои тасвири бадеии манзараҳои конкрети зиндагиро гирифтааст, ба нишон додани шароиту вазъияти конкрети мубориза̄и ҷамъиятӣ ва зуҳуроти фардию хусусии он монеъ шудааст ва аз ин сабаб, ба масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ як андоза ранги мавҳумӣ ва муҷаррадӣ додааст.

Ин мавҳумию муҷаррадӣ таъсири ҷамъиятии асарро кам мекунад, имконоти нависандаро барои сафарбар кардани ҷамъият ба ҳалли масъалаҳои муҳим маҳдуд менамояд. Ва ҳол он ки вазифаи асосии ҷанбаи публицистӣ, баръакс, тақвияи рӯҳи ҷанговарона ва таъсири ҷамъиятии асар аст.

Дар қисми саввуми «Шӯроб» унсурҳои очерк ва репортаж аҳамияти мутлақ пайдо кардааст. Порчаҳои очеркӣ, репортажӣ ва лекциямонанд дар ин қисм хеле бисьёранд ва рафта-рафта буньёди тасвири бадеиро вайрон кардаанд. Тасвири бадеӣ аксаран пора-пора омада, ин пораҳо аз якдигар ҷудоанд ва агар пайвастагие байни онҳо ҳаст, ҳамоно унсури публицистӣ вазифаи «пайвандкориро» иҷро намудааст. Аслан ин ҳаргиз пайвандкорӣ нест, балки, баръакс, ба фикри мо, нуфузи номаҳдуди публицистика ба сифати қувваи вайронкор, ба сифати қуввае, ки комилан бар зарари бадеият амал мекунад, намоён шудааст.

Ҳоло нақши манфии воситаҳои публицистӣ дар насри тоҷикӣ ба шаклҳои гуногун намудор шуда истодааст.

Дар баъзе асарҳо аз ду хатти сужет яке бештар хосияти публицистӣ дорад. Гоҳе агар мувофиқати услубии байни ин ду хатти сужет вайрон шавад, асоси тадқиқии асар зиён мебинад, имконоти нависанда дар тадқиқи бадеии воқеият ва характер маҳдуд мегардад.

Дар романи Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ», ба ақидаи мо, то андозае ҳамин ҳолат рӯй додааст.

Афсӯс, ки дар хатти дуввуми сужет — дар он чи ба Носир Аббос ва Ивон-амак дахл дорад, назари нависанда ба инсон чандон ҳамаҷониба нест. Чунон ки дар мавриде зикраш гузашта буд, ба фикри мо, сабаби асосии яктарафа мондани характери Носир Аббос ва Ивонамак ҳамоно бағоят қувват гирифтани рӯҳи публицистӣ дар хатти дуввуми сужет аст. Оҳанги пурқуввати публицистӣ, ки ҳатто баъзе бобҳо ё як қисми онҳо ба мақолаи публицистӣ монанд шудааст, доираи назари

нависандаро танг кардааст, ба ӯ имкон надодааст, ки ба инсон аз ҳар ҷониб нигарад, тамоми ҳастии ӯро намудор кунад, ҳарактери мукаммали гуногунҷиҳат офарад.

Албатта, ин ҷо айб дар худи воситаҳои публицистӣ нест. Медонем, ки дар романи Л. Леонов «Бешазори рус» /1953/ ҳам суханҳои қаҳрамони асосӣ Иван Вихров дар бораи ҷангалзор дар як маврид ба лекция, ба мақолаи калони публицистӣ монанд шуда буд. Дар ин «лекцияи илмии» Вихров аз аҳамияти ҷамъиятии беша сухан меравад ва таҳлили амиқи масъалаи аҳамияти ҷангал ва зарурати зиёдтар кардани ҷангалзорҳо омадааст. Сухани қаҳрамон образнок ва пур аз эҳтиросоти публицистӣ мебошад. Вале ин фақат як воситаи характеристикаи Вихров дар романи Леонов аст.

Ё ки романи Ю. Бондарев «Соҳил»-ро /1975/ гирем. Дар ин асар буньёди таҳлилии эҷодиёти муаллиф боз ҳам камол ёфта, санъати тасвири амиқи психологӣ нозуктар ва мукаммалтар шудааст. Аммо ин роман дар бисьёр мавридҳо оҳанги публицистӣ дорад. Метавон гуфт, ки қисми Іва III аз қисми II то андозае услубан фарқ мекунад. Ин фарқ аз ҳама пеш пурқувват будани рӯҳи публицистӣ дар қ. I ва III мебошад. Дар ин ду қисм сафари Никитин ба Германияи Ғарбӣ, ба Ҳамбург тасвир шудааст. Дар ин тасвир хусусиятҳои очерки сафарнома, диққат ба ҷиҳатҳои хоси зиндагии ғарбиён, ки баъзе аз он хусусиятҳо ба назари мо ҳайратангез менамоянд, бисьёр аст. Нуқтаи олии рӯҳи публицистӣ дар он лавҳа дида мешавад, ки нависанда баҳси сиёсии байни Никитин ва Дицманро ба тарзи репортажи муфассал, ба шакли протоколи маҷлис баён намудааст. Ин баёни публицистӣ ба сабки умумии қ. I ва III-и ин романи таҳлилӣ мувофиқ аст ва буньёди романро вайрон накардааст, балки ба иҷрои вазифаи асосии асар ва такмили образи қаҳрамони асосӣ ёрмандӣ кардааст.

Дар романи Юсуф Акобиров «Замини падарон» дохил шудани интервью ва конференцияи матбуот бо иштироки рӯзноманигорони америкоӣ низ чунин як воситаи публицистӣ мебошад, ки ба иҷрои вазифаҳои асосии ғоявию бадеии асар хизмат мекунад.

Аммо дар романи Ф. Муҳаммадиев, дар образи Носир Аббос ва Ивон-амак, мутаассифона, характеристикаи публицистӣ ва тасвири очеркӣ аҳамияти асосӣ пайдо кардааст. Носир Аббос ва Ивон-амак дар системаи

ғоявию эстетикии роман мавқеи калон доранд ва дил мехоҳад, ки низ ҳамаҷониба ва бо зоҳир кардани фардияти нотакрори характерашон тасвир шуда бошанд. Аммо онҳо асосан аз як ҷиҳат — аз ҷиҳати муносибаташон ба баъзе масъалаҳои ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд, фақат як паҳлуи психологии характер дар мадди назари нависанда аст ва ин ду персонаж аз якдигар фарқи казой надоранд.

Бешубҳа, дар ин сурат ҷанбаи публицистӣ як воситаи муҳимми тадқиқи фаъолонаи бамуддао нест, монеи он аст.

Ин ҳақиқатро аз баъзе асарҳои дигари насри ҳозираи тоҷикӣ ҳам дидан мумкин аст, вале, ба назари мо, барҷастатар аз ҳама дар повести М. Наҷмиддинов «Ширмоҳ»» /1974/ зоҳир шудааст.

Повести Мутеулло Наҷмиддинов «Ширмоҳ» низ ду хатти сужет дорад: яке — зиндагии вазнини Ширмоҳи ҷавон дар ҳавлии шавҳари гӯлу ҷоҳил ва номаҳбуб, муносибати Ширмоҳ ва духтури ҷавони шаҳрӣ Мирзо, дигаре — ҳаёти чӯпонон, шароити зиндагӣ ва кори онҳо. Муаллиф дар хатти якуми сужет, дар тасвири образи Ширмоҳ ва Мирзо то андозае бо роҳи тадқиқи бадеӣ рафта бошад, дар тасвири зисту зиндагии чӯпонон асосан баёни публицистию очеркиро пеш гирифтааст. Дар хатти дуввуми сужет мулоҳизаронихои публицистии муаллиф ба ҷои тафсилоту ҷузъиёти конкрети ҳаётӣ омадааст. Дар натиҷа, баъзе бобҳои он ба очерк монанд шудааст. Байни ин ду равияи жанрию услубии повесть алоқаи мустаҳками ботинӣ нест ва асар аз ягонагию яклухтии эстетикӣ маҳрум аст.

Хуруҷи ботинии Ширмоҳ, исьёни ӯ ба муқобили зиндагии дилфишори канизона, ҷидду ҷаҳди вай ба сӯи олами равшану фараҳбахш, ба сӯи ҳаёти маънавӣ, бешубҳа, мавзӯи ҷиддӣ ва бузург, мавзӯи психологии пур аз драматизм мебошад. Бо ҷиддияти тамом психологизми амиқ ва драматизми пуршиддати мавзӯъро зоҳир кардан муҳимтар ва зарууртар буд. Аммо саргармӣ бо хатти публицистии сужет яке аз он омилҳоест, ки диққати нависандаро аз ин вазифаи ҷиддӣ дур карда, ӯро ба ҳалли рӯякии мавзӯъ овардааст. Нависанда аз ҳалли амиқи психологӣ гурехта, худро ба шарҳу баёни публицистӣ задааст.

Чунон ки мебинем, роли ҷанбаи публицистӣ дар инкишофи насри ҳозираи тоҷикӣ аз зиддиятҳои ҷиддӣ холӣ нест. Дар баъзе мавридҳо оҳанги публицистӣ як ҷузъи табиии тадқиқи бадей ва тасвири психологӣ бошад, дар мавридҳои дигар монеи он аст, ба он зарар оварда истодааст.

Мо ақида дорем, ки ин масъала ҳоло яке аз муҳимтарин масъалаҳои тараққии насри тоҷикист. Ҳоло дар мавриди фарогирии эстетикии воқеияти ҳозира муайян кардани мавқеи мабдаи публицистӣ, таносуби публицистика ва бадеият, дарки амиқи табиати эстетикии амали мутақобили ин ду мабдаъ бояд ҷузъи муҳимми ҷустуҷӯҳои ғоявию бадей бошад. Ин ҷо меъёри асосӣ он аст, ки мабдаи публицистӣ бояд буньёди бадеии асарро вайрон накунад, балки як ҷузъи табиии он бошад, ба тадқиқи таҳлилӣ, ба дарки фалсафии воқеият халал наорад, балки мусоидат кунад. Дар акси ҳол, публицистика додари психологизм ё лиризм нахоҳад буд, балки душмани он хоҳад буд, чаро ки ҳарорати ҳақиқии инсониро аз дили қаҳрамон берун меронад, ӯро ба ифодагари хушки фикрҳои маълум табдил медиҳад.

Чунон ки Л. Якименко ҳаққонӣ таъкид карда буд, «адабиёт ҳақ надорад, ки ба публицистика ва ё очерки таърихӣ табдил ёбад»[1].

Зотан боло гирифтани рӯҳи публицистӣ натиҷаи фаъолиятмандии иҷтимоии нависанда, натиҷаи манфиатмандии шахсӣ ва гражданинии нависанда дар ҳалли ҷиддитарин масъалаҳои ҷамъиятист. Лекин дар айни замон мумкин аст, ки оҳанги публицистӣ аз назари рӯякии нависанда, аз рафтори ғайриҷиддии ӯ ҳосил шуда бошад, нишонаи оҷиз омадани ӯ аз тасвиркории ҳақиқии бадей, аз ҳалли амиқу ҳамаҷонибаи масъаlaлаҳои иҷтимоӣ, аз дахолати ҷасуронаву донишмандона ба процессҳои зиндагӣ бошад.

Мунаққид Феликс Кузнецов боре дар бораи таносуби мабдаъҳои бадей ва публицистӣ бо зарофат гап зада буд: «Қувваи тасвиркори суханро бо назари кам дидан хавф дорад — нависандагоне, ки кӯшиш доранд дар адабиёт ба таври публицистӣ урьён «фикр кунанд», мисли касеанд, ки маълумоти олӣ дорад, аммо маълу-

[1] *Л. Якименко.* Художественная летопись бессмертного подвига, «Лит. обзор», 1975, 5, с. 21.

моти миёна нагирифтааст. Лекин ифроти дигар ҳам беҳтар нест: сухандонӣ ва тасвиркорӣ дар сурати инфантилизм ва оҷизии фикр монанди он аст, ки кас дорои маълумоти миёнаи адабист, лекин маълумоти олӣ надорад»[1].

Оре, адабиёт аз як шудани чанд қувва, аз ҷумла қувваи тасвири дақиқ ва қувввваи тафаккуру тааммуқ фароҳам меояд, санъати тасвиркорӣ бо фикру ҳиссиёти олии гуманистӣ як шуда, ҷамъбастҳои вусъатноки таърихӣ ба миён меорад.

Албатта, жанрҳои публицистӣ, аз ҷумла шаклҳои гуногуни очерк барои адабиёт бисьёр заруранд ва тараққии адабиётро аз ғайри тараққии онҳо тасаввур кардан мумкин нест. Дар айни замон, ҳаминро ҳам дар хотир бояд дошт, ки публицистика адабиёт аст, вале адабиёт публицистика нест. Байни ин ду ҳоло фарқи ҷиддӣ бояд гузошт. Ҳозир, ки давраи ҷавонии реализми адабиёти тоҷикӣ тай шуда, давраи камоли он расидааст, таносуби публицистика ва бадеият низ бояд ба тарзи дигаре муайян шавад.

Адабиёт бо бадеияти олӣ, тадқиқи таҳлилию фалсафии зиндагӣ ва характерҳои барҷастае, ки мантиқи инкишофи онҳо моҳияти замонро амиқ мекушояд, арзиш дорад. Агар адабиёт ба дараҷаи публицистика расад, моҳияти эстетикии худро аз даст дода, вазифаҳои махсуси худро дар роҳи санъати инсоншиносию замонасанҷӣ иҷро карда наметавонад.

Публицистика фақат ба дараҷае, ки ба мақсади муайяне равона гардидани тадқиқи бадеӣ ва рӯҳи ҷанговаронаи онро ифода менамояд, фақат дар сурате ки тадқиқи психологӣ ва лиризми асарро қувват дода, барои зоҳир шудани мазмуни иҷтимоии он ёрмандӣ мекунад, ҳодисаи мусбат аст.

Аз он чи гуфта шуд, чунин хулоса баровардан лозим нест, ки дар насри ҳозираи тоҷикӣ мақоми мабдаи публицистӣ дар тадқиқи бадеӣ ҳанӯз муайян нашудааст ва ё воситаҳои публицистию очеркӣ фақат роли манфӣ бозида истодаанд. Не, мо фақат ба ҳамин матлаб диққат ҷалб карданӣ ҳастем, ки дар ин соҳа масъалаҳои эҷодии ҳалталаб, ки ҷустуҷӯҳои ҷиддии ғоявию эстетикиро тақозо доранд, ҳанӯз бисьёранд.

---

[1] *Ф. Кузнецов.* Литература зрелого социализма. «Лит. газ.». 5 ноября 1975, № 45, с. 4.

Ин ҷустуҷӯҳо аксаран бо ҷиддияти тамом давом карда истодаанд ва дар фарогирии воқеияти ҳозира, хусусан дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев натиҷаҳои ҷолиби диққат доданд. Ғайр аз ин, ҳамин гуна ҷӯяндагиҳо дар жанри таърихӣ ва таърихии инқилобӣ ҳам дида мешаванд. Дар ин соҳа дастовардҳои Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил кам нест.

Чи дар жанри таърихӣ ва чи дар ҳалли мавзӯъҳои замони ҳозира, чи дар ҳикояву повесть ва чи дар роман зуҳуроти гуногуни ҷанбаи публицистӣ, вазифаҳои гуногуни ғоявию эстетикӣ иҷро кардани он ба муоина мерасад, ки мо дар ин мақола ҳамаи онҳоро аз назар гузаронида натавонистем. Мо ин ҷо назди худ вазифа нагузоштем, ки ҳамаи жанрҳои наср, ҳамаи шаклҳои зоҳир шудани ҷанбаи публицистӣ ва ҳамаи вазифаҳои ғоявию эстетикии онро фаро гирем. Дарки назарии ин ҳама гуногунию рангорангӣ, муайян кардани моҳияти бадеии ин ҳама шаклу вазифаҳои ҷанбаи публицистӣ тадқиқоти махсуси илмию танқидӣ мехоҳад.

1976

## ДАР САРИ РОҲҲОИ НАВ

Абдулҳамид Самадов бо номи «Майдон» ҳикоячае дорад. Дар ин ҳикояи миниатурӣ тасвир шудааст, ки фасли баҳорон «майдони канори деҳа боз мисли тӯйхона пури одам шуд... Калонсолон ҷо-ҷо рӯи сабзаҳо нишаста, аз ҳарорати офтоби баҳорон ҳаловат бурда сӯҳбат доштанд. Духтаракон дар шохи бед арғунчак овехта, бо навбат ба он савор шуда алвонҷ мерафтанд ва сурудеро замзама мекарданд». Нависанда як лавҳаи лирикии дилнишине ба вуҷуд оварда, аз файзи баҳор ҳаловат бурдани мардумро тасвир намудааст. Вай ҷон гирифтани табиат ва ба ҷӯш омадани зиндагиро нишон медиҳад. Ҳама дар ҳаракатанд, ҳама дар ҷунбиш ва таку дав мебошанд. Як кӯдак, ки нав пой баровардааст, «хандону парпанакзанон рӯй-рӯи сабзаҳо пой мондан гирифт». Вақте, ки ӯ ба санге пешпо хӯрду афтид, «банди дили модар ларзид». Модар он сангро «бо нафрат аз майдон берун партофт». Пирамарде ба модар гуфт: «Бача аз қадами аввал пешпо хӯрда, афтидаву хеста, пухта шуда, ба воя расад, нағз. Аз мани пиракӣ ба ту насиҳат: ба кӯдакат аз ҳозир ёд бидеҳ, ки

санги сари роҳаша худаш гирифта партояд. О, ту то кай аз пеши роҳаш санга гирифта мепартой?» Аз ин гапҳои мўйсафед модари ҷавон ба андеша рафт. Пирамард ҳам ба андеша рафта буд ва боз гуфт: «Лекин дар пиронсолӣ пешпо хўрдан аломовар аст». Ин пиракӣ аз воқиаҳо румузи ҳаёт меҷўяд ва дар ҳақиқат, он лавҳаи лирикии ҳаяҷонангези Абдулҳамид Самадов як навъ маънои рамзӣ пайдо кардааст.

Нависанда дар як лаҳзаи баҳорони майдони деҳа рамзи ҷавонӣ, рамзи ҷўшу хурўши ҳаёт, гуногуниву рангорангиҳо, пастиву баландиҳо ва афтухезҳои онро дидааст. Оре, зиндагӣ бо ғавғоҳою рангиниҳо, бо ҷўшу хурўш ва афтухезҳояш ширин аст. Нависанда бо андак қаламронӣ меҳри зиндагиро дар дили мо афзун мекунад, на фақат ба ҷону тани мо роҳату ҳаловат ва қуввату мадор мебахшад, балки фикри моро ҳам равшан мекунад.

Ин миниатураи А. Самадов аз он ҷиҳат ҳам ҷолиби диққат аст, ки барои фаҳмидани самти асосии инкишофи ҳикояи имрўзаи тоҷикӣ ёрмандӣ мекунад. Ҳикоя ҳоло барои ифодаи кайфияту рўҳияи инсон, фикру ҳиссиёт ва ҳолати ў бештар имкон дорад. Чашми диққат дўхтан ба маънову мундариҷаи аслии ҳодисаҳои зиндагӣ дар ҳикоянависӣ, аз ҷумла дар ҳикояҳои ҷавонон торафт бештар натиҷа дода истодааст. Ҷустуҷўйҳои эҷодии ҷавонон дар жанри ҳикоя ба падид овардани ҳодисаҳо равона гардидааст ва бояд бо хурсандӣ қайд кунем, ки дар ин роҳи душвор комёбии онҳо кам нест.

Қувваи азими меҳри зиндагӣ, қувваи беназири инсон аз ҳикояи Абдурофеъ Рабиев «Талош» намоён мегардад. Нависанда таъкид кардааст, ки ин ҳикояи ў воқеист ва «дар асоси саргузашти Қосим Зиё, сокини деҳаи Шитхарви райони Ишкошим навишта шудааст». Зиё ба ҳезум рафту ба ҷар афтод ва дар девори кўҳ ба буттае часпида овезон монд. Вай як рўзу як шаби дароз дар ин ҳолат дар болои вартаи ҳалокат овезон буд, вале дасти пурқувваташ ба буттаи кўҳӣ чунон сахт часпида буд, ки баъди аз ҳуш рафтанаш ҳам буттаро сар надод. Нависанда муборизаи инсонро бо марг тасвир кардааст, бо аҷал даст ба гиребон шудани одам ва охируламр ғалаба кардани ўро бисьёр мўҷаз, бо суханҳои оддии бедабдаба нишон додааст. Муаллиф мафтуни қаҳрамони худ аст, вале эҳсосоташро намудор намекунад, балки фақат ҳолату вазъиятро тасвир кардан

мехоҳад, сухани дақиқ меҷӯяд, тасвири қобили биниш ба вуҷуд овarданист, манзараро равшану возеҳ пеши чашми мо ҷилва доданист. Бояд гӯем, ки нависанда ин нияти худро ба хубӣ амалӣ кардааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки қуввai бозу ва қуввai рӯҳи инсонро зоҳир кунад.

Диққати Абдурофеъ Рабиевро қуввai тан ва қуввai иродаю матонати одамӣ ба худ кашида бошад, диққати Муаззама дар ҳикояи «Истгоҳи шинос» ба қуввai меҳри падарӣ равона шудааст. Муаззама як мӯйсафедро дар ҳолате тасвир кардааст, ки бо автобуси пассажирӣ ба дидани писараш рафта истода буд ва ҳазору як фикру андеша аз дилаш мегузашт. Дар назари аввал чунин менамояд, ки қаҳрамони ин ҳикоя як пири фартут аст ва дар танаш мадоре намондааст. Вале муаллиф фикру андешаҳо ва ҳиссу ҳаяҷони қаҳрамонашро бо тасвирҳои нозуки психологӣ нишон дода, қадам ба қадам моро ба чунин хулоса меорад, ки қуввai дили ин пирамард поён надорад, дили ӯ бо меҳри фарзанд ва набераҳо дорои қуввai бузурги ҳаётӣ буда, қобили некӣ ва бунёдкорист.

Кӯшише дар роҳи намоён кардани моҳияти фикру ҳиссиёти амиқи инсон ва ҳусни одамии ҳамзамонони мо, он кӯшиши ҷиддие, ки дар ҳикояҳои ҷавонону навқаламон мебинем, бо ҷидду ҷаҳди нависандагони таҷрибакор ҳамсадост. Аз ин ҷиҳат, мо ба як ҳикояи Раҷаб Амонов, ки «Дарси забони русӣ» ном дорад, диққат ҷалб карданӣ ҳастем.

Раҷаб Амонов дар ин ҳикояи ёддоштӣ як мактаби тоҷикии солҳои сӣ ва якумин дарсҳои забони русиро тасвир кардааст. Вай дар назди худ як вазифаи душвори психологӣ гузоштааст. Мақсади ӯ тасвири ҳолати кӯдакон дар лаҳзаҳои қадам гузоштани онҳо ба олами нави шавқангезе мебошад. Муаллимаи рус бо ҳама ҳастиаш — бо либосҳо, бо рафтору гуфтор, ҳатто бо номаш — Александра Дмитриевна Дьякова, ки аз се ном иборат будани он барои тоҷикбачагони он солҳо ҳайратангез буд, зуд диққати кӯдаконро ба худ кашид. Калимаҳои аҷиби русӣ, ки оҳангу садои дигаре доранд, гоҳ ба калимаҳои тоҷикӣ монанд мебошанд ва гоҳ аз онҳо тамоман фарқ мекунанд, шавқи бачагонро бедор кардан гирифт. Нависанда процесси бедор шудани шавқу завқи кӯдаконро тасвир карда, ҳолатҳои нозуки эмоционалиро ба тадқиқ гирифтааст. Ба ҷунбиш омадани

ҳисси кунҷковӣ ва ҳирси навҷӯии кӯдакон, бо ҳайрату тааҷҷуб ва ҷӯшу хурӯше дида ба як олами нав дӯхтани онҳо хеле табиӣ воқеъ гаштааст. Мо ифодаи эмоционалии фаъол шудани фикри ҷӯяндаро мебинем. Падидаҳои аҷиби ҳиссу ҳаяҷон, шавқу завқ ва ҳайрату тааҷҷуби кӯдакон моро аз дили ҳассос ва фикри дарроки онҳо огоҳ месозад.

Чунон ки дида мешавад, тадқиқи ҳастии мардумони замони мо, фикру эҳсосоти онҳо дар доираи ҳикоя давом дорад. Ҳикоя ҳам монанди дигар жанрҳои наср ҷиҳатҳои нав ба нави воқеияти имрӯзаро фаро гирифта истодааст. Азбаски нависандагон, ҳатто насрнависони ҷавон ҳам ба олами дили ҳамзамонони худ чашми диққат дӯхтаанд ва онро ҳамаҷониба санҷидан мехоҳанд, он ҷо на фақат ҳиссиёти олӣ ва наҷобат, балки дар бисьёр мавридҳо фикру эҳсосоти нораво ҳам мебинанд. Ҳоло хислатҳои манфии мардум, баъзе ҳодисаҳои манфии ҳаёти мо диққати нависандагонро бо камоли ҷиддият ба худ кашидааст.

Дар мавриди ба андеша гирифтани воқиаҳои ногувори зиндагӣ муносибати фаъолонаи нависандагон ба воқеият бештар дида мешавад. Лекин камбудӣ ва назари рӯякии онҳо ҳам маҳз дар ҳамин маврид бештар ба мушоҳида меояд. Бинобар ин, ба ин масъала муфассалтар таваққуф кардан даркор аст.

Психологияи худхоҳиву худкомӣ нависандагони моро бисьёр вақтҳо ба андешаҳои доманадор мебарад. Нависандагон падидаҳои чашмгуруснагӣ ва ҳирси молу пул, хоҳиши беҳадду қанори доройӣ афзудан ва бо ин мақсад ба роҳҳои пастиву разолат қадам гузоштанро маҳкум кардаанд, дар бораи чунин одамон бо хашму ғазаб сухан рондаанд.

Дар ҳикояҳои Сорбон «Баҳона» ва «Парвози кабки қафас», дар ҳикояҳои Абдумалик Баҳорӣ «Хати беимзо», «Маслиҳатошӣ» ва «Қарз», дар ҳикояи Абдулҳамид Самадов «Ҳазл», Эҳсон Субҳонов «Чор чашм», Неъматулло Худойбахш «Дар бозор» ва ғайра бисьёр хислатҳои манфии инсон, ки ӯро ба пастӣ мекашад ва аз симои ҳақиқии инсонӣ маҳрум месозад, мазаммат шудааст. Ин нависандагон вазъиятҳои гуногуни ҳаётиро аз назар гузаронида, то чӣ андоза нафратовар будани хислатҳои бадро нишон додаанд ва мехоҳанд, ки хонандаро ҳам ба ин ҳиссиёти худ шарик кунанд, нафрати хонандаро ба вуҷуд оранд, то ки ӯ аз он хислатҳо

дур бошад. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки ҳодисаи манфӣ фақат тасвир шудаасту бас ва гӯё тасвири нависанда бетарафона мебошад. Вале дар асл чунин нест. Он нафрате, ки дар дили хонанда нисбат ба мардумони бадкирдор, бетамиз, каммулоҳиза, ҳарису дуньёхӯр ва ғайра пайдо мешавад, худ як навъ ҳисси фаъол аст ва аз муносибати фаъолонаи муаллиф ҳосил мегардад.

Дар баъзе ҳикояҳо фаъол будани мавқеи гражданини нависанда падидаҳои барҷаста дорад ва ба структураи бадеии асар нақши амиқ гузоштааст. Ҳикояи Абдулҳамид Самадов «Ҳазл» чунин аст. Қаҳрамони ин ҳикоя Азиз, ки ӯро Азизи майлис мегуфтанд, як марди худписанди бадкирдор аст, ки мансаб ва фармонфармоиро дӯст медорад ва ба сари ҳама чормағз шикастан мехоҳад. Тасвири нависанда чунон аст, ки хама вақт фикри мардум дар бораи он бетамиз, аз тарафи меҳнаткашони колхоз маҳкум шудани ӯ равшану возеҳ маълум шуда меистад. Дар охир муносибати мардуми заҳматкаш ниҳоят тезу тунд ва ба шакли халқии мутоибаомез зоҳир шуд: онҳо Азизро сахт масхара карданд ва бо ин кор муносибати худро ба маҷлисбозиву гапфурӯшӣ, дағдағаю даҳонкалонӣ ва фармонфармоиҳо ошкоро баён намуданд.

Ҳамин тавр, муносибати худро ба ҳодисаи манфӣ ошкоро зоҳир кардани қаҳрамон дар ҳикояи Баҳром Фирӯз «Кӯҳна ва нав» низ дида мешавад. Дар ин ҳикоя як раиси колхоз тасвир шудааст, ки марди бадҷаҳли худраъю худписанде буда, мардумро бо доду фарёд ва дашному ҳақорат кор мефармояд. Ӯ ақида дорад, ки «халқ зулмпарвар аст». Ин аст, ки қаҳрамон зулмро аз зердастон дареғ намедорад. Аз тасвири нависанда то чӣ дараҷа даҳшатангез будани рафтору кирдори худкоми бетамизе равшан аст. Лекин хулосае, ки нависанда аз ин тасвирҳо баровардааст, моро қаноат кунонида наметавонад. Охирин хулосаи ӯ ин аст, ки «усули кори» ин раис «хеле кӯҳна шудааст» ва аз он даст кашидан лозим аст. Ба фикри мо, он ҳама худсарию тааддиҳои он раиси зобитро фақат усули кӯҳнаи кордорӣ номидан кам аст, балки нодуруст мебошад. Чунин рафтору кирдор, ки он раис дорад, дирӯз ҳам ба ҷамъияти мо, ба принципҳои инсоният бегона буд ва имрӯз ҳам бегона аст. Мо онро на ба сифати чизе, ки дирӯз ҷоиз буду имрӯз ҷоиз нест, балки чун чизе, ки умуман ре-

шакан кардан лозим аст, бо қатъияти тамом бояд рад кунем. Сарлавҳаи ин ҳикоя — «Нав ва кӯҳна», инчунин хулосаи мазкури муаллиф аҳамияти иҷтимоии ҳодисаро кам карда, барои барҷаста зоҳир шудани он халал мерасонад ва ҷиддияти онро аз назари мо мепӯшад. Ва ҳол он ки тадқиқи бадеӣ бояд чашми моро бинотар, зеҳни моро тезтар, қобилияти муборизии моро афзунтар кунад.

Ҷонибек Акобиров дар ҳикояи «Посбони сабзазор» як гурӯҳ ҳаннотону ҳаромхӯронро тасвир кардааст, ки ба хонаи як ҳаромхӯри дигар меҳмон шудаанд ва бо ӯ нақшаеро амалӣ кардан мехоҳанд. Лекин чанд мӯйсафед ба болои маслиҳати онҳо омаданд ва бобои Сафол ҳатто воқеаи бо ғӯл гӯштӣ гирифтани худ ва ба он ғолиб омаданашро бо бароварду фуровард ҳикоя кард. Дар дили меҳмонон воҳимае афтод ва онҳо аз баҳри маслиҳат гузашта, роҳи гурез пеш гирифтанд.

Чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҳикоя фикри бадеии нависанда равшан нест, мақсади ӯ номаълум аст. Ба ҳар ҳол, агар фиребгарону беинсофон ин қадар тарсончак мебуданд ва онҳоро ба ин осонӣ гурезонидан мумкин мегардид, боке намедоштем. Гап дар он аст, ки ин мардум чандон содда нестанд ва онҳоро ба чашми кам дидан ҳаргиз нашояд. Ин ҷо ба саҳлангорӣ роҳ додан мумкин нест. Тадқиқи бадеӣ бояд тамоми ҷиддияти масъаларо ошкор намояд ва бо қувваи тасвир ҷамъиятро ба муборизаи зидди ҳодисаҳои манфӣ сафарбар кунад.

Нависандагон роҳҳои гуногуни нишон додани таъсири эмоционалии ҳикоя ва ба ин восита зоҳир намудани ҷиддияти масъалаҳои ҷамъиятиро ҷуста истодаанд. Баъзеи онҳо дар ин роҳ аз истифодаи шаклҳои шартӣ ҳам худдорӣ накардаанд ва ин кор натиҷаҳои муҳим додааст. Чунончи дар ҳикояи Абдумалик Баҳорӣ «Роҳи сеюм» Насриддин Афандӣ баробари як ҳамзамони мо амал кардааст, худ як ҳамзамони зираку мушоҳидакори мост. Гуфтугӯи қаҳрамони ин ҳикоя бо Насриддин Афандӣ зарофате дорад. Ин зарофатгӯӣ ба шаклҳои халқӣ ифода шудааст ва ба асар як навъ оҳанги хандаи дардомезро додааст.

Бисьёр ҳикояҳои Абдумалик Баҳорӣ ҳикояҳои хурд мебошанд. Нависанда воқеаи хурдеро, масалан, як гуфтугузори кӯтоҳ, як лаҳзаи вохӯрди ду нафар, як кори касеро бо камгӯӣ ва мухтасарбаёнӣ ҳикоя мекунад, ва-

ле аз ин воқиаи хурд маънои калони як ҳодисаи зиндагиро ошкор кардан мехоҳад. Ин кӯшиши ӯ бисьёр муҳим буда, ба афзудани гунҷоиши фикрию эмоционалии ҳикоя нигаронида шудааст. Лекин, мутаассифона, дар баъзе мавридҳо фикри муаллиф урьён аст. Чунончи дар ҳикояи «Афсӯс намехӯрам» нақли хушк, фикри урьён, ки ошкоро ва луччаку пӯстканда баён шудааст, андешаи амиқ ва таъсири эмоционалӣ кам дорад. Аз ин гуна ҳикояҳо тасаввуре пайдо мешавад, ки мақсади нависанда гӯё бевосита ифода кардани моҳияти иҷтимоӣ буда, аз дарки эстетикии ҳамаҷониба даст кашидааст.

Қувваи азими тасвири барҷастаи бадеиро ба назар нагирифтан аз ҳикояти Раҷаб Амонов «Духтар чӣ мегӯяд?» низ дида мешавад. Ин асар бештар ба як мақолаи публицистӣ монанд аст, зеро нақли воқиа бо шарҳу эзоҳи муфассал омадааст. Унсури бадеӣ ва тасвир мавқеи ночизе дошта, ба мулоҳизаронии публицистӣ тобеъ аст. Албатта, дар бораи масъулияти падару модар дар назди фарзанд, дар бораи ин ки падару модарон барои хушбахтии духтарони худ бояд собитқадамона мубориза кунанд, мақолаи публицистии пуршӯре ҳам навистан мумкин аст. Вале ҳокояи Р. Амонов «Духтар чӣ мегӯяд?», ба назари ман, ҳоло дар байни мақолаи публицистӣ ва асари бадеӣ қарор ёфтааст ва аз таъсири эстетикии пурқуввати матлуб маҳрум мондааст.

Нависандагон солҳои охир ахлоқу одоби ҳамзамонони моро амиқтар санҷида истодаанд. Инро ҳатто аз ҳикояҳои насрнависони ҷавон дидан мумкин аст. Дар натиҷаи ҳамин амиқрафти назари таҳқиқии нависандагон аст, ки чанд гоҳ боз, хусусан дар ҳикояҳо масъалаи меҳри фарзандӣ, дурусттар ин ки масъалаи кам шудани меҳри фарзандон бештар аҳамият пайдо карда истодааст. Дар ҳикояҳои нависандагони ҷавон кам шудани меҳри фарзандон аксаран бо афзоиши шаҳрнишинӣ вобастагӣ дорад. То рафт ривоҷ ёфтани шаҳрнишинӣ, бештар ба гирдоби ташвишҳо ва шӯру ғавғои шаҳр афтодани қишлоқиёни дирӯза,афзоиши доимии суръату шиддати зиндагонии шаҳриён дар ҳикояҳои ҷавонони мо боиси ин мегардад, ки инсон ба панҷаи ҳодиса, ба ҷараёни пуртуғьёни зиндагии шаҳр гирифтор шуда, кам-кам баъзе эҳсосоти нозук ва меҳру дилбастагиҳояшро аз даст медиҳад, аз онҳо кам ё беш маҳрум

мегардад. Сабаби бемехрии фарзандон дар бисьёр ҳикояҳои мо ҳамин аст. Инро аз ҳикояҳои Муаззама «Истгоҳи шинос», Ҷонибек Акобиров «Азоби хотир», Кароматулло Мирзоев «Хонаи бобо», Муҳиб Қурбон «Душмани ширин» ва ғайра ба хубӣ дидан мумкин аст.

Дар аксари ин ҳикояҳо қаҳрамони асосӣ падарону модарон ва гоҳ furбобоҳову бибиҳо буда, фикру андешаи ҷонкоҳи онҳо, аз бепарвоию каммеҳрии фарзандон азоби рӯҳӣ кашиданашон тасвир шудааст. Оғози ин тасвирҳо аз ҳикояи Саттор Турсун «Падар» /1972/ ва баъзе дигар ҳикояҳои ибтидои солҳои ҳафтод аст. Лекин дар ҳикояҳои охири солҳои ҳафтод ва ибтидои солҳои ҳаштод тадқиқи ин ҳодисаҳои ҳаёт хеле доман паҳн карда, аз ҷиҳати психологӣ мураккабтар шуд.

Ба ақидаи мо, аз ин ҷиҳат яке аз ҷолибтарин ҳикояҳо асари Ҷонибек Акобиров «Азоби хотир» мебошад.

Қаҳрамони ин ҳикоя як ҷавони сивудусола аст, ки чанд гоҳ боз дар шаҳр зиндагӣ мекунад ва зану фарзанд ҳам дорад. Ӯ дар шароити шаҳр асабони шудааст ва бехобӣ мекашад. Андешаҳое, ки як шаби бехобӣ аз сари вай гузаштанд, заддиятҳои аҷибе доранд. Гоҳ ӯро масъалаи бехонагӣ ба ташвиш гузошта, сарзанишҳои занаш азоб медиҳад, ки мегуфт: Юсуфи магазинчӣ дар пеши чашмат ба духтару писараш хонаи нав гирифта дод... Ту бошӣ навбат мепоӣ. Ҳунар доштан даркор, қишлоқӣ!» Оре, ӯ кайҳо боз шаҳрист, вале ҳанӯз таъна мекунанд, ки деҳотӣ мебошад.

Дар айни замон, ин қаҳрамонро фильме, ки имшаб аз телевизион дида буд, сахт мутаассир кардааст. Тақдири пиразане, ки чор фарзандаш ӯро дар деҳа гузошта ба шаҳрҳо рафтаанд ва акнун ба дидори онҳо зор аст, сарнавишти ин кампири бадбахт, ки аз телевизион нишон доданд, боиси фикру андешаҳои пуразоби қаҳрамони ҳикоя гардид. Дили қаҳрамон ба он кампир месӯхт вале ҳеҷ ба хотираш намеомад, ки худаш ҳам бобояшро дар деҳа гузоштааст, худаш ҳам аз аҳволи он пиракӣ хабар намегирад ва мӯйсафед ҳамеша чашм дар роҳи набераву абера дорад. Фақат дар охир ҷавон боборо ба хотир оварду ба ӯ мактубе навишт, вале онро ҳам саҳарӣ даронда партофт, ба деҳа нафиристод.

Қаҳрамони ин ҳикояи Ҷонибек аз дидани фильми телевизион мутаассир шуда бошад ҳам, ин хассосияташ рӯякӣ, балки қалбакӣ ва ноасил аст. Дар ҳақиқат, касе, ки аз аҳволи бобои худ бепарвост, магар аз азоби бе-

гонае, аз аҳволи як кампири фильме ҳақиқатан мутаассир шуда метавонад? Ҳиссу ҳаяҷон, раҳму дилсӯзиҳои ӯ аз табиият ва аз сифатҳои аслӣ маҳрум шудаанд, сохтаю сунъӣ ва яклаҳзагӣ мебошанд, ҳиссиёти амике нестанд, ки тамоми ҳастии ӯро фаро гирифта тавонанд. Асабоният ва бехобӣ, бемеҳрӣ ва кӯрдилӣ ҳама натиҷаи ташвишҳои беохири зиндагӣ мебошанд, аз бесару сомониҳои рӯзгору маишат, аз маҷлисҳои сершумори бесамару вақтхӯр, аз даводави доимӣ, шиддати рӯзафзун ва ғайра ҳосил шудаанд. Ин аст, ки он шаби бехобӣ дар сари ӯ чунин фикре ҳам пайдо шуд: «Шӯру ғавғои шаҳр гӯё ки ӯро дар банди ҷоду бастааст. Акнун аз ин банд раҳоӣ ёфтанаш амри маҳол».

Инро фикри асосии ҳикояи Ҷонибек «Азоби хотир» донистан мумкин аст.

Ба нависанда муяссар шудааст, ки кайфияту рӯҳияи касеро, ки дирӯз қишлоқӣ буду имрӯз шаҳрӣ шуда, бо шиканҷаи фишорафзои шароити мураккаби ҳаёти шаҳр тамоми ҳастиаш дигар шуда истодааст, ҳолати ноилоҷӣ ва психологияи зиддиятноки ӯро бо нозукиҳояш ба тадқиқ гирад.

Барои дидани чунин процесҳои иҷтимоии психологӣ ва чунин ҳолату вазъияти инсон дидаи бориқбин даркор аст. На фақат аз ин ҳикояи Ҷонибек, балки аз баъзе асарҳои дигар ҳам нишонаҳои нозукнигоҳӣ дида мешавад. Як намунаи он, ба назарам, ҳикояи Муаззама «Соҳиби аспи сафед» мебошад.

«Соҳиби аспи сафед» ҳикояест, ки аз оғоз то анҷом ба тасвирҳои нозуки психологӣ бунёд ёфтааст. Қаҳрамони он як духтараки қишлоқист, ки ба шаҳр барои хондан омадааст ва ошиқ шудааст. Ишқи ногаҳонӣ дили ҳассоси ӯро сахт ба туғён овардааст ва қалами нозукрави нависандаи ҷавон қадам ба қадам андешаҳои пурпечу тоби қаҳрамон, тобишҳои ноаёни ҳиссу ҳаяҷони ӯ, бетоқатӣ ва тапиданҳо, шакку шубҳаҳо, орзуҳои ширин ва ноумедиҳо — ҳама ҳастии он духтараки баландҳиссиётро ба мо як-як нишон медиҳад. Муаллиф бисёр мушоҳидакор буда, падидаҳои аҷиби ҳолати қаҳрамон, дар панҷаи ишқ ба ноҷориву ноилоҷӣ афтодани ӯро дидааст. Нозукии ҳолати психологии қаҳрамон дар ин аст, ки агарчи дар шаҳр зиндагӣ мекунад, дар шаҳр ошиқ шуд ва маъшуқаш ҳам аз шаҳр аст, тамоми ҳастии ин духтар, хусусан орзуву умедҳои ӯ, ҳар чӣ ба дили ӯ тасаллие мебахшад, ба деҳа вобастагӣ дорад.

Деҳа ҳамеша дар андешаҳои ӯ ҳозир аст. Вай медонист, ки рӯзе «аз ин шаҳри пурғавғо гурехта деҳа меравад» ва дар оғӯши «ҳамон деҳаи майдаҳаки доманакӯҳ» ором меёбад. Лекин деҳа ҳам дигар шуда истодааст, бисьёре аз он чизҳое, ки аз кӯдакӣ ба дили духтарак азиз буданд, кам-кам нест мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ин масъала ҳам нигоҳи нависанда диалектикаи зиндагиро ҷустааст. Аз деҳа баъзе чизҳое, ки аз ҷумлаи асосҳои моддии ҳаёт мебошанд, нест шудаанд, чунончи сафедори пире, ки онро духтар бисьёр дӯст медошт ва солҳои кӯдакӣ аз он «фол мекушод», акнун нест. Духтар дигар наметавонад, ки дар «вартаи номуайянӣ» аз он дарахт ва аз лаклакҳои он фол кушояд. Ҳикоя дар ҳамин ҳолати ноумедии духтар ба охир расидааст.

Вале гумон кардан лозим нест, ки ҳикоя ҳам бо рӯҳияи ноумедӣ поён ёфтааст. Диалектикаи зиндагӣ дар ин зоҳир мешавад, ки баъзе нишонаҳои буньёди моддии ҳаёти деҳот /масалан, ҳамон сафедори пир/ нест шуда истода бошад ҳам, асосҳои маънавии он ҳанӯз ҳамчунон бокист ва ба дилҳо парвоз мебахшад. Аспи сафеди афсонаи бибикалон, ки ёронро ба ёрон мерасонад, маънои рамзӣ дорад. Қаҳрамони ҳикоя акнун соҳиби ин аспи сафед аст ва мо ӯро монанди қаҳрамони афсонаҳо шаҳсавори аспи орзуву умедҳои ҷавонӣ мебинем. Аз ин ҷо ин ҳикояи Муаззама гоҳ оҳанги лирикиву романтикӣ мегирад, аммо буньёди он комилан реалистист.

Чунон ки дар ин ҳикояи Муаззама мебинем, дар ҳолати бӯҳронӣ, дар айни ҳараҷиву ҳайронӣ ва парешонҳолӣ ба дили қаҳрамон чашм дӯхтани нависандагон ҳоло дар ҳикояҳои тоҷикӣ зуд-зуд ба назар мерасад. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки нависандагон инсонро дар ҳолатҳои гуногун санҷидан мехоҳанд. Хусусан дар ин мавридҳо фаъолиятмандии мавқеи ҷамъиятии адабиёт аҳамияти калон пайдо мекунад. Вале дар баъзе асарҳо ин фаъолиятгарӣ ҳанӯз пурқувват ва ба дараҷаи матлуб нест.

Ҷонибек шояд ҳақ дошт, ки дар «Азоби хотир» қаҳрамонашро сарзаниш кунад ва маҳкум намояд. Вале чунин қаҳрамон, чунин касе, ки рӯ ба рӯи харҷу марҷи зиндагӣ сари калоба гум кардааст, фақат сазовори сарзаниш нест, балки дар баъзе мавридҳо ба ҳоли ӯ бо харҷхоҳӣ ва ҳамдардӣ нигоҳ кардан лозим меояд. Мумкин аст, ки чунин шахс чандон гуноҳ надорад, ма-

салан, айбаш ин аст, ки худро ба дасти ҷараёни зиндагӣ супурдааст ва он ҷараён ӯро ба кадом тараф бурда, рафта истодааст. Пас, коре кардан лозим аст, ки ӯ аҳволи худро фаҳмад ва худро аз он ҷараён берун кашад, бо қатъияту матонат дар зиндагӣ мавқеи худро муайян кунад.

Албатта, адабиёт бояд ҳолатҳои гуногуни инсонро ба тадқиқ орад, аз ҷумла ҳақ дорад, ки ба гирдоби ноҷориву ноилоҷӣ ва маъюсӣ афтодани ӯро низ бо диққат аз назар гузаронад, сабабҳои онро муайян кунад ва ба ин восита чашми моро ба ҳақиқати зиндагонӣ кушояд. Аммо беҳтар он аст, ки адабиёт инсонро дар вазъияти ноилоҷиву ноумедӣ ба ҳоли худ танҳо нагузорад, ба ӯ дасти ёрӣ дароз кунад, баробари ӯ роҳи халосӣ ҷӯяд. Ҳолати инсонро хоҳ ҳолати гуворо бошад, хоҳ ногувор, бо ҳама гуногуниву рангорангӣ ва нозукиҳояш зоҳир намудан ба ғоят душвор вале бо ин тасвир ба дили одамӣ қувват бахшидан боз ҳам душвортар аст. Ва ҳол он ки мақсади асосӣ ҳамин аст. Инсон бояд дар ҳараҷиву ҳайронӣ намонад, ногоҳ дар шаби торик дар кӯчаву паскӯчаҳои зиндагӣ роҳ гум накунад. Адабиёт машъали роҳи ӯст. Нависанда бо андешапарварии ҷиддиятомез ва ҳақиқатҷӯии суботкорона машъалдори роҳи мардум аст.

Масъалаҳои мураккаби воқеияти имрӯзӣ дар ҳикояи тоҷикӣ, ҳатто дар ҳикояҳои хурде ба доираи муҳокима даромада истодаанд. Ин дар тадқиқи бадеии ҳодисаҳои нави зиндагӣ нисбат ба дигар жанрҳо то андозае фаъол ва ташаббускор будани ҳикояро нишон медиҳад. Дил мехоҳад, ки ҳикоянависҳо дар ин роҳ устувор бошанд ва ҷустуҷӯйҳои ғоявию бадеии худро амиқтар баранд.

Бисьёре аз он масъалаҳое, ки ҳоло дар ҳикоя ба андешаву мулоҳиза омада истодаанд, дар повесту роман ҳанӯз мавриди баррасӣ қарор наёфтаанд. Ва ҳол он ки тадқиқи ҳаматарафаи иҷтимоиву психологии муҳимтарин процесҳои воқеият мукаммалтар аз ҳама дар повесту роман муяссар мегардад ва дар ин роҳ фаъол шудани жанрҳои калонро тақозо дорад.

Ҳикоя дар назди повесту роман вазифаҳои нав гузошта истодааст. Умед аст, ки повесту роман дар вақташ навбатро қабул хоҳад кард.

1982

# ЯК НАЗАР БА БУРДУ БОХТИ ҲИКОЯ

Ду-се сол аст, ки дар сафҳаи насри тоҷикӣ номҳои нав бештар пайдо шуда истодаанд. Ин, албатта, ҳодисаи хурсандибахшест. Мутаассифона, баъзеи ин номҳо як-ду бор намудор шуда, зуд аз назарҳо ғоиб гардиданд. Бешак, хусусан дар ҷавонӣ шитобкорӣ нағз нахоҳад буд. Беҳтар он ки ҳар асари ҷавонон дер ояду дуруст ояд. Бинобар ин номи баъзе ҷавонони қаламкаш /ва на фақат ҷавонон/ чанд гоҳ ба назарҳо на намояд, яъне онҳо як муддат асар ба чоп надиҳанд, бо ке нест. Вале одатан дар синни ҷавониву наврасӣ дар дили бисьёр касон ҳаваси чизе навиштан, шеър гуфтан ё ҳикояҳое тартиб додан пайдо мешавад. Баъдтар маълум мегардад, ки ин як ҳавову ҳавас, як хоҳиши бебақо будааст ва кам-кам аз байн меравад ё дер давом кунад ҳам, боиси ба миён омадани асари ҷиддие намегардад. Баъзеҳо пас аз чоп шудани ду-се асар аз душвориҳои кори эҷодӣ пай бурда, зуд дилашон хунук мешавад ва худро канор мекашанд. Яъне дар ин маврид ҳам қалам ба даст гирифтани онҳо на ба сабаби тақозои истеъдод ва хоҳиши пурзӯри чизе ба мардумон гуфтан, балки аз рӯи булҳавасӣ будааст. Ва ҳол он ки нахустин асарҳои худро ба чоп додани ҷавонон бояд на аз рӯи ҳавову ҳавас воқеъ шавад, балки ҳар дафъа натиҷаи ҷустуҷӯҳо ва меҳнати пурмашаққате бошад. Он гоҳ умед кардан мумкин аст, ки ин ҷавонон дар роҳи адабиёт собитқадам хоҳанд буд. Ҷавононе, ки ба душворӣ ба роҳи адабиёт қадам гузоштаанд, ба осонӣ аз ин роҳ нахоҳанд гашт.

Чизе, ки моро водор месозад дар ҳаққи баъзеи ин ҷавонон некбин бошем, он аст, ки дар ҳикояҳои онҳо баъзе зарурияти ибтидоии ҳунари нависандагӣ мавҷуд аст. Ба назарам, аз баъзе ҳикояҳои навқаламон нишонаҳои ду чизи асосӣ, ки оғози санъати нависандагӣ аз он аст, дида мешавад: яке — мушоҳидакорӣ ва дигаре — кӯшише дар роҳи ифодаи тобишҳои нозуки ҳиссиёти инсон. Ин ду сифат пояҳои ҳаётии ҳикояҳоро кам ё беш устувор кардааст ва имкон додааст, ки муаллифон дар сари масъалаҳои муҳимми зиндагии муосирон андеша ронанд.

Чунончи ҳикояи Айюб Қенҷа «Ҷони ҳавой» /1978/ на фақат дорои конкретияти дақиқ аст, балки ҷамъбасти рамзӣ ҳам дорад, яъне ду ҷанбае, ки дар назари

аввал гўё зидди якдигаранд, дар ин ҳикоя ба ҳам омадаанд ва як воҳиди кулро ба вуҷуд овардаанд. Дар ҳикояи Маҳбуба Турсунова «Субҳи козиб» /1978/ ҷузъиёти психологӣ бисьёр ҷолиби диққат буда, гўё таваҷҷўҳи ин ҳаваскор ба баёни ҳолати инсон бештар аст. Ҳикояи Мушаррафа Шарифова «Ҷамбия» /1980/ дар мавзўи хориҷӣ навишта шудааст, ки ин мавзўъ дар насри мо /ғайр аз адабиёти бачагона/, мутаассифона, қариб тамоман инкишоф наёфта истодааст.

Дар ҳикояҳои Ҷонибек Акобиров ҷузъиёту тафсилоти муҳим, ки нишонаҳои хоси зиндагии имрўзи мо мебошанд, ба назар мерасад. Вай дар ҳикояи «Дуньё ба умед» /1978/ назари диалектикӣ зоҳир карда, ҳам ҷиҳатҳои ногувори шаҳрнишинӣ ва ҳам зарурати таърих будани онро шинон додааст. Ё дар ҳикояи «Одами содда» (1979) фикру андешаҳои як деҳқони оддиро дар бораи фарзанд, дар бораи дигар шудани назари мардум бисьёр нозук ба мушоҳида гирифтааст.

Қаҳрамони ин ҳикоя боре ба бозори шаҳр омада, бо ҳайрату тааҷҷуб дид, ки нархи як кило себ ва ангур 2 сўм, нок 3 сўм, аммо гандум 30 тин аст. Инро дида дар дили ў ташвише пайдо шуд: «Қадри нон аз қадри мева паст шудааст... Сериву пурӣ мардума маст кардагӣ. Илоҳи ношукрӣ нашавад»,— гуфт ў худ ба худ. Инҳо андешаи як деҳқони асил ва меҳнаткаши наҷиб аст, ки қадри нонро медонад. Ин ҷо на фақат аз зарурати қадрдониву мартабашиносӣ сухан рафтааст, балки масъалае пеш гузошта шудааст, ки хор шудани арзишҳои асосии моддиву маънавии ҷамъият беоқибат нахоҳад буд ва дар хулқи мардум нақши норавое метонад гузорад. Қаҳрамон аз аҳволу атвори он ҳамдеҳонаш, ки чанд гоҳ боз дар шаҳр зист доранд ва боре ў маҷбуран меҳмони онҳо шуд, ин ҳақиқатро ба муоина дид. Дар ин хонадон аз ҳама пеш одамият кам мондааст. Кам шудани қадри нон аз кам шудани қадри инсон дур нест. Нависандаи ҷавон баробари қаҳрамони андешаманди худ кўтоҳбинии мешчанҳои тангназарро маҳкум кардааст.

Афсўс ки тартиботи хонаи он тангназарон ва муомилаву муносибати онҳо на ба тарзи хос, балки ба як шакли забонзад, ки дар адабиёт бисьёр дидаем, тасвир шудааст. Дар ин қисми ҳикоя биниши хоси нависанда кам ба назар мерасад.

Навқаламон кўшиш доранд, ки хислатҳои неку ба-

ди одамӣ ва падидаҳои гуногуни онҳоро бо диққат ба мушоҳида гиранд, аз назари таҳқиқ гузаронанд, то ки барои дидани онҳо чашми хонанда ҳам бинотар бошад.

Баъзан ин нависандагон бо вуҷуди ҷавонӣ ва навкорию бетаҷрибагӣ баъзе тапишҳои нозуки дили некипарвари инсонро дида ва зоҳир карда тавонистаанд. Қаҳрамони ҳикояи Карим Давлат «Бача ки калон шуд» /1980/ бобои Ҳалим як рӯз хабари нохуше шунида, дар айни хунуки зимистон бо азоби бисьёре ба як деҳаи дурдасти кӯҳсор рафт ва дид, ки фарзандаш — муаллими ҷавон Раҳимҷон он ҷо дар бистари нотобист. Бо вуҷуди ин, мӯйсафед бо дили пур ва хотири ҷамъ ба деҳаи худ баргашт. Вай дар ҳолате ба хона баргашт, ки аз фарзандаш мамнун буд. Фарзандаш барои халос кардани пирамарде ҷони худро зери хавф гузошта будааст. Бобои Ҳалим ин воқиаро шунида ба писараш гуфт: «Хуб кардӣ, ки ҷони мӯйсафеда харидӣ... Дард мегузараду хубӣ мемонад». Падар аз ҳамин хубии фарзанд, аз ҳамон фидокории Раҳимҷонаш хурсанд аст. Вай хурсанд аст, ки фарзандаш одам шудааст, худро ба хизмати мардум супурдааст. Ба ақидаи ӯ «бача ки калон шуд, аз они ҳама мешавад».

Агарчи қалами ин ҳаваскор ҳанӯз ноустувор аст, ба ӯ муяссар шудааст, ки ҳолатҳои гуногуни бобо Ҳалим — ҳам хотирпарешонӣ ва изтироби дили вай, ки аз шунидани хабари сармозадагии писараш ҳосил шуда буд, ҳам мамнунияту хотирҷамъӣ ва ифтихормандию сарбаландии ӯро, ки дар охири воқиа рӯй дод, ифода намояд.

Дар ҳикояи Бароталӣ Абдураҳмонов «Барфи аввал» /1979/, Эҳсон Субҳонов «Бадандеш» /1980/ ва ғайра хислатҳои бади инсон, падидаҳои худхоҳиву бетамизӣ ва бадкирдориву бадкинагӣ дар маркази диққат аст. Ин ҷо ва дар баъзе ҳикояҳои дигар неку бад бо муқоиса омада, дили сиёҳи бадкирдорон ва дили софи росткорон рӯ ба рӯ гузошта шудааст. Вале ин муқобил гузории умумӣ ва муҷаррад набуда, аксаран шаклҳои конкрету фардии зоҳир шудани хислатҳои умумии инсон, падидаҳои гуногуну рангоранги муборизаи доимии некиву бадиро мебинем.

То чӣ андоза дар назди худ вазифаҳои ҷиддии эҷодӣ гузоштани нависандагони ҷавон аз ҳамин ҳам маълум мешавад, ки баъзеи онҳо ҷуръат карда ба дили кӯдак назар андохтан хостаанд. Инро аз ҳикояи Мушар-

рафа Шарифова «Виҷдон» /1980/ ва Луқмон Қурбонов «Афсонаи Сабоҳат» /1980/ дидан мумкин аст. Ҳар ду ҷавони навқалам ҳам таъсири кирдори бади калонсолонро ба дили ҳассосу нозуки кӯдак нишон додан хостаанд. Нависандаи таҷрибакори мо Акобир Шарифӣ ҳам ба наздикӣ дар ҳикояи «Ин амак кӣ буд?» /1980/ ҳамин гуна вазифае дар назди худ гузошта, онро бо мушоҳидакориву дақиқасанҷӣ ба тарзи воқеанигории психологӣ иҷро кард. Чанде пеш аз ин Абдумалик Баҳорӣ низ дар повести «Қаймоқи гирди коса» /1975/ аз рафтори калонсолони наздики худ то чӣ андоза мутаассир шудани кӯдакро нағз нишон дода буд. Дар повестьҳои А. Баҳорӣ «Гирдоб» /1977/ ва «Ду моҳи пурмағал» /1980/ бачагони калонтар — мактабхонҳо тасвир шудаанд, вале ин ҷо ҳам мақсад бо ҳукми дили софи наврасон муайян кардани моҳияти воқеаҳост.

Ин аст, ки ҳам нависандагони таҷрибакор, ҳам ҷавонони навқалам ба як нуқта, ба дили кӯдакону наврасон чашм дӯхтаанд. Ин албатта, бесабаб нест. Чигунагии он таассуроте, ки дили кӯдаконро ба ҳаяҷон меорад ва ба инкишофи эмоционаливу рӯҳии онҳо нақшҳои намоён мегузорад, ҳоло ба қатори муҳимтарин масъалаҳо даромадааст ва диққати аҳли ҷамъиятро ҷиддан ба сӯи худ кишидааст. Ба чунин масъалаҳое рӯй овардани ҷавонони навкор ба ҷиҳатҳои муҳимми зиндагӣ равона шудани назари онҳоро нишон медиҳад.

Аз рӯи ҳикояи «Виҷдон» ҳукм кунем, ба фикрам, гуфтан мумкин аст, ки қалами М. Шарифова қобилияти ифодакорӣ дорад. Аз бепринципии падар, аз танбаливу беэътиноиҳои ӯ сахт азоб кашидани кӯдак, чунин ҳолати Парвез, ки «вуҷуди кӯчаки ӯро виҷдони бузурге азият медод», дар ин ҳикоят ба хубӣ ифода гардидааст. Дар ҳикояи Л. Қурбонов «Афсонаи Сабоҳат» тарзи гуфтори кӯдак бештар аҳамият пайдо кардааст. Қаҳрамони хурдсоли вай дар хона танҳо монда, бо зоча гап мезанад, дурусттар ин ки дарди дил мегӯяд. Сухани ӯ сухани табиии кӯдакона аст ва инро муваффақияти муҳимми муаллиф донистан мумкин аст. Лекин, ба назари ман фаҳмиши Сабоҳат аз синни ӯ зиёдтар аст. Вай маънои рафтору гуфтори модари бадфеъли дилозораш ба падари ҷафокаши некукорашро гоҳ аз ҳад зиёд дуруст фаҳмидааст, фаҳмишу баҳо доданҳои ӯ пурраву мукаммал ва ҳамаҷониба менамояд, ки инро аз кӯдаки синфи як чашм доштан душвор аст.

Кароматулло Мирзоев дар ҳикояи «Хонаи бобо» /1981/ шаммае аз шароити душвори зиндагии шаҳриёне нақл кардааст, ки аз серкориву серташвишӣ кӯдакро ба ҳоли худ гузоштаанд, ба фарзанди хурдсол ҳатто модаронаву падарона муомила карда наметавонанд, бача ба дидори падар ва навозиши модар зор аст ва дар ҳолати дилшикастагӣ калон мешавад. Афсӯс ки қаламронии ин нависандаи ҷавон андак шитоб дорад, баъзан ба манзараҳои зиндагӣ батаанӣ нигаристан, ба ҷузъиёти алоҳида, ба нишонаҳои ба худ хоси муҳит бо диққат чашм дӯхтани ӯ кам мушоҳида мешавад. Ва ҳол он ки ҳодисаҳое, ки ӯро ба андеша бурдаанд, бешубҳа, ҳама муҳимманд ва сазовори тадқиқи амиқи иҷтимоии фалсафӣ мебошанд.

Оре, нависандагони ҷавон дар сари он зиддиятҳои зиндагӣ, он рӯйдодҳои ногувор, ки ба ташаккули шахсияти кӯдак, ба тарбияи наслҳои наврас таъсири манфӣ мерасонад, ба андеша рафтаанд ва ин аз ҷиддияти назари онҳо дарак медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар бисьёр мавридҳо як навъ саҳлангорӣ, биниши рӯякӣ ва яктарафа, як андоза назари соддалавҳона, ки аз навкорӣ сар задааст, барои ҳалли амиқи масъала халал мерасонад. Гоҳ ба таври оддӣ ба ҳам зид гузоштани шаҳру деҳа низ ба назар мерасад. Лекин бо як меҳру муҳаббат тасвир шудани манзараҳои табиат, ки дар ҳикояҳои баъзе ҷавонон мебинем, хеле муҳим аст.

Меҳри деҳот, манзараҳои кӯҳистон, боғу роғ ва киштзор, ки баъзан бо ҳиссиёти баланде ифода мешавад, ҳоло дар адабиёт мазмуни нав пайдо кардааст. Тасвири табиат акнун фақат як воситаи зоҳир кардани ҳолати рӯҳии қаҳрамон нест, балки аз ҳама пеш дар роҳи ҷустани ороми дили инсон, ки гирифтори сарпанҷаи суръату шиддати замони пешрафти илмиву техникӣ буда, дар қайди афзоиши мураккабияти зиндагӣ ва бесару сомониҳои он афтодааст, хизмат мекунад. Адабиёт ба муҳофизати табиат камари ҳиммат бастааст ва ҳатто қаҳрамони баъзе нависандагони ҷавон ҳам худро як ҷузъи табиат дида, ҳастии худро ба ҳузуру халовати рӯҳбахши он сахт вобаста медонад. Ин аст, ки дар ҳикояи шогирдонаи Баҳманёр «Зови Қарафса» /1980/ Бобо Қӯчак, ки ба табиати атроф, хусусан ба як дарахти бурси куҳансол меҳри махсус дорад, мегӯяд: «Гоҳо ба ман чунин менамояд, ки риштаи ҷони ман бо ҳамин бурси пир як аст». Дар ҳақиқат, он шаб, ки бурс-

ро барқ зад, риштаи умри Бобо Кӯчак ҳам канда шуд.

Дар масъалаи «табиат ва инсон» ҳикояи Муаззама Аҳмадова «Бозгашти Бодом» /1980/ низ ҷолиби диққат аст. Ин муаллиф нишон додааст, ки инсон ва ҳайвон ба ҳам меҳр доранд, мӯҳтоҷи ёрии якдигаранд ва чун сагчае аз сарпарастии инсон маҳрум гардид, ба тарбияи гург афтоду қариб ваҳшӣ шуда буд. Ҷанбаи психологӣ дар ин асари Муаззама пурқувват буда, гоҳ ҳайвон ҳам монанди инсон ба фикру андеша меравад ва ҳиссиёте зоҳир мекунад.

Албатта, дар навиштаҳои ҷавонону навқаламон нуқсон бисьёр аст: камбудиҳое дар техникаи тасвир, дар забону тарзи баён ва ғайра ба назар мерасанд. Вале зикри онҳо ин ҷо гунҷоиш надорад. Инҳо норасоиҳое мебошанд, ки агар ҷустуҷӯйҳои эҷодии муаллифон минбаъд ҷиддитар шудан гирад, кам-кам аз байн хоҳанд рафт.

Ҳоло ҳаминро таъкид кардан мехоҳем, ки баланд шудани савияи бадеии насри тоҷикӣ, ҷиддитар гардидани назари адибон ба инсон ва зиндагӣ аз асарҳои ҷавонону навқаламон ҳам маълум аст. Насли навраси насри мо кӯшиш дорад, ки дар сафи пеши зиндагӣ ва муборизаи халқ бошад. Ин гарави муваффақиятҳои минбаъдаи он хоҳад буд.

## 2

Боз як гурӯҳ насрнависоне дорем, ки низ ҷавонанд, вале нисбатан таҷриба андӯхтаанд, нахустин маҷмӯаи ҳикояҳо ва аввалин повесте ба майдон гузоштаанд. Дар байни инҳо хусусан Абдулҳамид Самадов ва Абдурофеъ Рабиев бисьёр ҷолиби диққатанд. Повести А. Самадов «Баъд аз сари падар» /1979/ ва китобчаи ҳикояҳои ӯ «Шохи чанор» /1981/, повести А. Рабиев «Дар канори шаҳр» /1979/ ва маҷмӯаи вай «Обхез» /1978/ аз ҷиҳати ҷиддияти назар дар сафи пеши ҷустуҷӯйҳои эҷодии адабиёти ҳозираи тоҷикӣ қарор ёфтаанд.

Ба симои ҳамзамонони худ то чӣ дараҷа бо диққат чашм дӯхтани ин ҷавононро аз ҳикояи Абдурофеъ Рабиев «Деҳаи роҳиён» /1980/ фаҳмидан мумкин аст. Дар ин ҳикоя аз зиндагии сокинони як деҳача, ки дар сари роҳи кӯҳсори осмонхарош воқеъ гардидааст, воқиае нақл шудааст. А. Рабиев бештар ба воқеанигорӣ майл дорад, вале воқеанигории ӯ ба нигоҳи ботинбин асос

ёфтааст. Қаҳрамонони вай дар ин ҳикоя бисьёр камгапанд, вале аз кору амали онҳо ҳама ҳастиашон намудор аст. Баъзеи онҳо роҳдор мебошанд ва нигоҳубини роҳи кӯҳсор ба зиммаи онҳост. Қори онҳо, инчунин кори ронандагоне, ки дар айни қаҳратуни зимистон аз ин роҳи пурхатар мошин ронда, ба мардуми зилзилазадаи як деҳаи кӯҳсор мол мебаранд, кор нест, балки қаҳрамонист ва дар ҳар қадам фидокориву азхудгузаштагӣ талаб менамояд. Ин қаҳрамонон гӯё ном надоранд ва номи онҳоро зикр накардани нависанда шояд аз он сабаб бошад, ки сифати умумии он мардумони оддӣ будани қаҳрамониро таъкид кардан мехоҳад. Дар ҳақиқат, роҳдори мӯйсафед дар одамият ҳам қаҳрамонӣ нишон дод: вай дар айни мусибат, он вақт ки фарзанди ӯ — ронандаи ҷавон дар сари қаҳрамонӣ ҳалок шуд, низ аҳволи духтари ҳамсояро фикр мекард, барои ин киояндаи ин духтари ҳассос таъмин шавад ва бахту саодати вай барбод наравд, тадбир меандешид. Тасвири ин духтар бисьёр ачиб аст. Ҳар дафъа ки ронандаи ҷавон ба деҳа меомад, ин духтар ҳам аз дур, аз паси тиреза ё дар, аз пушти деворе андак намоён мегардид. Ишқи он духтар фақат бо андак нигоҳи раманда изҳор шуда, бо ин дуздида нигаристанҳои вай, бо ҳирси дидори маҳбуб қувваи ишқашро намудор мекунад. Мо дигар ягон кори ӯро намебинем ва боре ҳам овози ӯро намешунавем. Бо вуҷуди ин, ҳиссиёти баланди вай, дили ҳассосу нозук ва қувваи азими ишқаш маълум аст.

Охири ин ҳикоя ба назари мо ғайритабиӣ намуд. Пас аз ҳалокати ҷавони ронанда духтар сахт азоби рӯҳӣ мекашид.Мӯйсафед дид, ки дарду ҳасрат минбаъд «ба духтар имкон намедиҳад, ки аз дигаре бахти худро ҷӯяд». Он гоҳ пирамард ҳилае андешид. Вай бо азобе худро маҷбур карда ба духтар гуфт, ки писараш ӯро дӯст намедошт: «Вай туро хоҳараш барин медонист... Мегуфт, ки ту духтари нағзӣ, бо ягон кас хушбахт мешавӣ...»

Нависанда таъкид кардааст, ки ин сухани мӯйсафед бисьёр содда буд ва аз ҳамин сабаб духтар бовар кард. Лекин, ба назари мо, он ҳама ҳиссиёти пурзӯри духтарро ба ин осонӣ нест кардан эҳтимол мумкин набошад. Модомки ишқи духтар бо ҳама қувваташ нишон дода шудааст, сухане аз он пурзӯртар ёфтан даркор буд, ки таъсири матлуб ба даст ояд.

Ин дурӯғи маслиҳатомез, ки мӯйсафед пеш гирифт, инчунин ишқи пурзӯре, ки монанди оташи пинҳонӣ амал мекунад, ҳатто баъзе шаклҳои зоҳир шудани он, ки дар ҳикояи «Деҳаи роҳиён» мебинем, дар адабиёт чизи нав нест. Нависандаи ҷавон дар баъзе асарҳои дигар ҳам то як андоза ба мусобиқа қадам гузоштааст. Албатта, тамоми кори нависандагӣ як дараҷа мусобиқа мебошад. Хусусан дар ин роҳ ошкоро амал кардани ҷавоне хеле ҷуръат металабад. Бо вуҷуди ин, монандии ошкоро дар асари бадеӣ фақат дар баъзе мавридҳо, фақат бо мақсади муайяни эҷодӣ вазифаи муҳимми эстетикӣ иҷро карда метавонад. Дар дигар мавридҳо, бешак, аз он худдорӣ кардан беҳтар аст.

Ғайр аз ин, таъкид кардан даркор аст, ки А. Рабиев дар масъалаи забон гоҳ камэҳтиёт аст.

Кӯшиши ҷиддие дар роҳи аз ботин нишон додани инсон, дар роҳи зоҳир кардани нишонаҳои конкрети зиндагии ҳамзамонони мо, мазмуни асосии фикру ҳиссиёт ва рӯҳи онҳо арзиши ҳикояи «Деҳаи роҳиён»-ро муайян мекунад. Ин кӯшиш аз баъзе асарҳои дигари А. Рабиев, аз ҳикояҳои маҷмӯаи А. Самадов «Шохи чанор» низ дида мешавад. Дар ин роҳ бардам-бардам қадам задани ин нависандагон ҳодисаи тасодуфӣ нест, балки метавон гуфт, ки равияи умумии инкишофи ҳозираи насри тоҷикӣ, хусусан жанри ҳикояро ифода менамояд.

Ҷиддияти назари навқаламон ва ҷавонон дар ҳикоя ба он сабаб бештар зоҳир шуда истодааст, ки ҳоло амиқрафти тадқиқи бадеӣ дар ҳикояи тоҷикӣ бештар дида мешавад.

Албатта, ҳикоя хеле кам чоп мешавад ва дар байни ҳамин ҳикояҳои камшумори мо ҳам ҳикояҳои суст ҳастанд. Вале ба ҳар ҳол тамоюли асосӣ дар инкишофи ҳикоя ин аст, ки диққати нависандагон ба дунёи ботинии инсон, ба падидаҳои нозуки характери қаҳрамон, ба ташаккули маънавияти шахс марказият ёфтааст.

Ин тамоюли умумӣ мувофиқи услуби хоси ҳар нависанда ва нияти эҷодии ӯ ҳар дафъа ба тарзи дигаре падид меояд. Ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Баҳром Фирӯз, инчунин Абдулҳамид Самадов ва Абдурофеъ Рабиев аз афзоиши доимии гуногуниву рангорангии ҳикояи тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Нозук шудани тасвир, аҳамияти калон пайдо карда-

ни тобишҳои ноаёни ҳиссу ҳаяҷон аз ду ҳикояи нави Саттор Турсун — аз «Барф ҳам мегузарад ба «Мӯйсафедон» ва хубӣ намоён аст.

Саттор Турсун кӯшиш дорад, ки ба моҳияти ҳастии инсон амиқ сар фурӯ барад. Ӯ бо андешамандӣ ва марказият додани диққат қаҳрамонро қадам ба қадам таъқиб менамояд, ҳар сухан ва ҳар як ҳаракати намоёни ӯро аз назар мегузаронад. Сужете, ки дар ниҳояти оҳистаравӣ сурат гирифта, замону макони он хеле маҳдуд аст, аз муҳимтарин хусусиятҳои ҳикояҳои Саттор Турсун гардидааст. Чунин сужет барои амиқ бурдани биниши тадқиқӣ бештар имкон фароҳам меорад.

Қаҳрамони ҳикояи «Барф ҳам мегузарад» Сангин Рамазони нафақахӯр пагоҳӣ, баъди тахтӯл ба кӯча баромад, ба магазини қишлоқаш даромад, то ки ба набераи ботинкае харад, вале нахарид. Вай дар роҳи магазин ва дар бозгашт чанд ҳамдеҳаашро дид, андак-андак бо онҳо гап зад ва қариби вақти хӯроки пешин ба хона баргашт. Дар ин муддати ним рӯз на дар зиндагии Сангин Рамазон, на дар ҳаёти ҳамдеҳон воқиае рӯй надод. Буньёди воқеанигории асар ба ҳадди ақал расидааст. Ҳама диққати нависанда ба «сӯҳбатҳо»-и Сангин мутамаркиз аст, он як-ду сухан, ки дар хона байни ӯ ва занашу набераи радду бадал шуд, он гапҳое, ки ба мӯйсафедон ва ҷавонони қишлоқ гуфт ва аз онҳо шунид, дар маркази диққат аст. Ягон гапи ӯ ба гуфтугӯи муқаррарӣ, ба сӯҳбати одатӣ монанд нест. Аз ҳар сухани ӯ як норозигӣ, як бадгумонӣ, хоҳиши тунду талх гуфтан намоён аст. Мо андаке аз зиндагии гузаштаи ӯ шинос мешавем ва огоҳ мегардем, ки тамоми умри ӯ ҳамин тавр гузаштааст, ҳама умр аз сухани нек, аз хайрхоҳӣ ва хушгумонӣ дур буд, ҳамеша мисли каждум неш задан мехост. Дурӣ аз некиву хайр, ки дар тинати Сангин мебинем, як навъ бадхоҳии кӯрдилона ва худғаразии ӯ даҳшатангез аст.

Қалами Саттор Турсун онҷунон иқтидор пайдо карда истодааст, ки на фақат қувваи некии дили инсон, балки инчунин қувваи даҳшатангези бадиро, ки низ дар қаъри дили одам ниҳон аст, намудор мекунад. Ин ҳолат ба диди андешамандонаи вай як навъ фаъолиятмандии гуманистии махсус мебахшад, ки ба устувор кардани некӣ ва решакан намудани бадӣ нигаронида шудааст.

Хислатҳои қаҳрамонони Ҷумъа Одинаев дар ҳикояи

«Ошиқии Болтақул-ако» /1980/ то ин дарача равшану возеҳ нест, балки дар охири умр, дар овони нафақахӯрӣ ва тинчиву осудагӣ сусттар зоҳир шудааст. Мир Калонович ва Болтақул-ако ҳоло ба сабаби синну сол аз корҳо бар канор шудаанд, истироҳат доранд, дар чойхона чамъ шуда ҳарифона мехӯранд ва ҳазлу шӯхӣ мекунанд. Онҳо садрнишини сӯҳбати чавононанд ва гӯё ба касе зарарашон намерасад. Лекин чун ҳазлу шӯхиҳо ва нақли воқиаҳои овони чавониву кордории онҳоро мебинему мешунавем, кам-кам бовар ҳосил мекунем, ки ҳар ду чӯра марди фач ва безавқанд, шодиву хурсандӣ ва ишқбозиашон ҳам ба тарзи зишту қабеҳ зоҳир мешуд ва ба гумон аст, ки бо ин ҳама бетамизӣ дар умрашон мушкили ягон эҳтиёчмандро осон ва ягон дили ношодро шод карда бошанд.

Дар ҳикояи С. Турсун «Барф ҳам мегузарад» муносибати муаллиф ба қаҳрамон, муносибати дигар персонажҳо ба ӯ кам ё беш ҳамеша маълум аст. Ин персонажҳо гоҳ бо андак ишора ва гоҳ ошкоро аз феълу атвори Сангин Рамазон ба худи ӯ кароҳату нафрат ё норозигӣ баён кардаанд. Қаҳрамони С. Турсун дар муҳити норозигии ҳамагонӣ зиндагӣ дорад ва нависанда аз тарафи чамъият қатъиян рад шудани бадфеъливу зӯъмӣ ва худкомии ӯро таъкид намудааст.

Аммо дар асари Ч. Одинаев муносибати персонажҳо ба Мир Калоновичу Болтақул-ако, хусусан муносибати манфии онҳо маълум нест. Қаҳрамонони Ч. Одинаев дар байни ҳамтабақҳову ҳамтинатонашон тасвир шудаанд. Онҳо, ки ҳамзоту ҳамхӯ ҳастанд, бетамизиҳои Мир Калонович ва Болтақул-ако дар назарашон чизи муқаррарӣ менамояд. Нависанда кам-кам маънои аслии ҳамин ҳодисаҳоеро, ки дар назари аввал ё ба баъзеҳо ҳодисаи муқаррарӣ ва ҳазлу шӯхии беозор менамояд, ошкор кардааст, ҳодисаи номуқаррарӣ, ногувор, сазовори сарзаниш будани онро нишон додааст. Нависанда бидуни таъкиди махсус кӯрдиливу пасттинатии қаҳрамононашро фош намудааст.

Биниши диалектикии зиндагӣ, ки аз повестьҳои С. Турсун «Пайванд» /1976/ ва «Обдорӣ» /1978/ зоҳир шуда буд, дар ҳикояи «Мӯйсафедон» рангҳои нав пайдо кард. Қаҳрамони ин ҳикоя ду пирамарди дуньёдидаву корозмуда мебошанд, ки ҳама умри худро дар хизмати чамъият сарф кардаанд ва сазовори эҳтироми мардум гардидаанд. Нависанда ба симои инсонии онҳо бо

диққат чашм дӯхта, дилу нияти покашонро падид овардааст. Умри дароз, сервоқиа ва пурмазмуни онҳо мураккабият ва зиддиятҳои зиндагиро, печу тоб ва пастию баландиҳои онро бештар дар худ акс додааст Чашми нависанда низ ҳамин мураккабиро меҷӯяд. Карим — яке аз ин мӯйсафедон дар охири асар, ҳангоме ки зиндагии худро фикр мекард, ин манзара дар пеши назараш буд: «Дарьёчаи кӯҳӣ аз санг ба санг ҷаҳида, соҳилҳояшро бӯсакунон ба саҳроҳои ташна меравад. Ин роҳи ноҳамвори зинда ҳам мардумро аз манзил ба манзил мерасонад». Оре, зиндагии худи ӯ низ чунин буд, монанди ин дарьёчаи кӯҳӣ буд, «роҳи ноҳамвори зинда» буд. Дар ин роҳ на фақат азобу укубат бисьёр буд, балки саҳву хато ҳам рӯй дод, сабукфикрӣ ҳам содир шуд. Шояд кайҳост, ки вай бо араки ҷабин ва обрӯи ҳаққонӣ гуноҳҳояшро шустааст ва тоза шудааст. Вале бо вуҷуди ин ӯ боз бо изтироб ба азизонаш, инчунин ба хонандагони асар рӯй овардааст, ки аз гуноҳи ӯ гузаранд, «ӯро омурзанд».

Мӯйсафедони Саттор Турсун «фалсафа»-и Муҳаммадсаиди бадкирдорро, ки мегуфт: «Дуньё — дуньёи қасос!», яъне бояд ҳар кас аз дигаре интиқом ситонад, рад кардаанд. Онҳо дар охири умр, дар асоси таҷрибаи умри дарози ибратомӯзи худ ақида пайдо кардаанд, ки дуньё — дуньёи некист ва фақат меҳру шафқат ҷовидон хоҳад буд, инсон бояд бо дили софу меҳри саршор ба пешвози мардум оғӯш кушояд, барои гуноҳҳои кардаву нокарда узр пеш оварад, омурзиш пурсад. Некӣ, некии бетамаъ шиори ин мӯйсафедон аст ва ба ин сабаб, алҳақ машрабашон олист.

Мардони меҳнатӣ ва фидокорони роҳи ҷамъият, ки ҳама ҳастии худро ба хизмати мардум бахшидаанд, холо дар маркази диққати нависандагони тоҷик қарор ёфтаанд. Инро дар боло аз ҳикояҳои навқаламон дидем. Баъзе қаҳрамонони дигар ҷавонон, инчунин баъзе қаҳрамонони С. Турсун, аз ҷумла Собир Мухтори ҳикояи «Мӯйсафедон» низ чунин шахсонанд. Сорбон, ки кайҳо боз ҳикоя чоп намекард, соли 1980 ду ҳикояи ӯ баромад, ки қаҳрамони ҳар ду ҳам мардони ҷаррор, шахсиятҳои зӯрманд, мубориздони суботкор мебошанд.

Қаҳрамони ҳикояи «Раис» Мустафо Ҳасанов, ки ба колхози ақибмондаи «Чорбоғ» ба кор гузашт, инчунин қаҳрамони «Чашмҳои фурӯзони шаб» котиби райком Муҳаммадзариф касонеанд, ки қувваи азими ботинӣ до-

ранд, бемуболиға шабу рӯз аз паи хизмати халқанд, дар ин роҳ монда шуданро намедонанд, заррае шикоят ё миннат дар сухани онҳо роҳ намеёбад. Мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ, муносибати бошуурона ба вазифаи ҷамъиятӣ, ки дар ин сурат ягонагии қавлу амал нормаи ҳаррӯзаи рафтор мегардад ва аз шартҳои асосии баланд шудани қадру қимати шихсаст, дар зиндагии ин қаҳрамонҳо бо эътиқодмандии амиқе ифода шудааст.

Солҳои шасту ҳафтод насри тоҷикӣ дар тасвири ҳамзамонони мо собитқадамона ба сӯи чунин қаҳрамон, ба сӯи шахсияти зӯрманд ва фаъоли мубориз меомад. Ниҳоят, на фақат дар публицистикаи бадеӣ, чунончи дар китоби очеркҳои ёддоштии Раҳим Ҷалил «Маъвои дил» /к. I — 1969, к. п — 1979/, асари Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим «Бо амри виҷдон» /1978/, романи публицистии Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҳилолиён Аскар «Печу тоби роҳҳо» /1979/, қиссаи ҳуҷҷатии Шодӣ Ҳаниф «Ҷон гарав» /1980/ ва ғайра, балки дар насри бадеӣ низ чунин қаҳрамон торафт мавқеи калон ишғол намуда, хислатҳои худро пурратар намудор кардан гирифт /чунончи Носир Аббос ва Ивон- амак дар романи Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ»/. Ниҳоят, ин қаҳрамон дар романи ҳозирамавзӯъ ба дараҷаи қаҳрамони асосӣ расид /Антон Карпов дар «Норак»и Ю. Акобиров/ ё ба қатори яке аз қаҳрамонони марказӣ гузашт /Гулбегим ва Мирзо Мурод дар «Об — рӯшноӣ»-и М. Хоҷаев, Бобо Деҳқон ва Пиназаров дар «Водии муҳаббат»-и Ю. Акобиров/.

Дар муайян кардани қаҳрамони асосии наср ҳоло навқаламон ва таҷрибакорон аз як гиребон сар баровардаанд ва ҷидду ҷаҳди худро ба як сӯ равона кардаанд. Ҳамаи онҳо қаҳрамони иқтидорманд ва ҷонписори роҳи ҷамъиятро аз байни ҳамзамонон ҷуста, хислатҳои онро бодиққат омӯхта, қувваи азими маънавият ва эътиқодмандии ғоявии ӯро аз ҷиҳатҳои гуногун намоён кардан мехоҳанд. Шубҳае нест, ки ин тадқиқ, ки дар насри ҳар кадоми ин нависандагон ба тарзи дигаре сурат мегирад, боиси беҳтар намоён шудани моҳияти замон ва ҳастии ҳамзамонони мо хоҳад гардид.

Афсӯс ки чанд гоҳ боз ҳикоя асосан дар эҷодиёти навқаламону ҷавонон инкишоф ёфта истодааст ва аксари нависандагон ҳамин ки дар жанрҳои калон андак таҷриба ҳосил карданд, аз ҳикоя қариб тамоман даст мекашанд. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки ҳикоянависӣ

бештар аз коромӯзии шогирдона ва таҷрибаоварию табъозмой иборат шуда мондааст. Албатта, ҳикоя барои табъозмой ва коромӯзӣ имконоти фаровон дорад ва инро ҳамаҷониба истифода кардан даркор аст. Вале ин фақат яке аз инконоти ғайри асосии он аст. Бартариҳои асосии ин жанри хурди пургунҷоиш дар адабиёти мо истифода нашуда истодааст. Шояд сабаби ин ҳолат он аст, ки зотан ҳикоя яке аз душвортарин жанрҳост? Пас, маҳз ба ҳамин ваҷҳ ҳикоя бояд як умр ҳамроҳи нависанда бошад, то ки ҳамеша қалами ӯро тез карда, истеъдодашро сайқал диҳад. Нависандае, ки аз душвориҳои ҳикоя метарсад ва мегурезад, чанд дари мактаби маҳоратро ба рӯи худ мебандад.

Ҳар як ҳикояи нағз манзарае аз зиндагии воқеист, лавҳаи хурдест, вале моро аз сирру асрори дили инсон огоҳ мекунад. Хусусияти ҳикоя ин аст, ки моҳияти рӯйдодҳои замонро ба воситаи як-ду лаҳзаи алоҳида падид меорад, зиндагиро бо пораҳои ибратомӯзе аз пеши чашми мо мегузаронад. Имконоти эстетикие, ки ҳикоя барои бо андак воқиаи маҳдуд барҷаста намоён кардани ҳақиқати ҳаёт дорад, дар ягон жанри дигар ба назар намерасад.

Чингиз Айтматов гуфта буд: «Санъати ҳикоянависӣ ба кандакорӣ монанд аст ва меҳнати нависанда ин ҷо ба санъати кандакорон баробар аст — ба ҳамон дараҷа пурзаҳмат аст, ба ҳамон дараҷа дар воситаҳои тасвир сарфакорӣ талаб менамояд, ҷузъиёти дақиқ меҳоҳад. Ин як кори нозуку зариф аст».

Шубҳае нест, ки чунин нозуктасвирӣ, чунин тасвиркории заргарона, ки ҳангоми навиштани ҳикоя ба даст меояд, дар вақти таълифи повесту роман ҳар лаҳза даркор мешавад. Нависандае, ки истеъдоди ҳикоянависии худро ҳамеша инкишоф медиҳад, бештар имкон дорад, ки дар дигар жанрҳо ҳам санъати мӯҷазбаёниро пайваста такмил диҳад.

Дар бисьёр мавридҳо аз ҳикоянависӣ даст кашида, ба повесту роман гузаштани нависандагон ҳодисаи табиист, зеро инкишофи истеъдодашон ҳаминро тақозо мекунад. Лекин наход ки тақозои табиати эҷодии ҳамаи нависандагони тоҷик як бошад? Албатта, чунин набудагист. Қатъи назар аз ин ки сабаби аслӣ чист, асосан ба ӯҳдаи ҷавонону навқаламон вогузор шудани ҳикоя барин жанри муҳимме боиси кам шудани имконоти адабиёт хоҳад гардид.

Аз ин ҷиҳат эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев ва Саттор Турсун барои адабиёти тоҷикӣ аҳамияти махсус пайдо кард. Онҳо баъди ба жанри калон гузаштан ҳам на фақат ҳикояро тарк накарданд, балки ҷустуҷӯйҳояшон дар ҳикоя амиқтар рафт.

Баъзе ҳикояҳои онҳо аз ҷиҳати гунҷоиши ҳаётӣ ва мазмуни ғоявию фалсафӣ аз як повест кам нестанд. Аз ин рӯ, роли чунин ҳикояҳо барои боло бурдани савияи умумии адабиёти тоҷикӣ калон аст. Дил мехоҳад, ки нависандагоне аз қабили Саттор Турсун, Сорбон, Кӯхзод, Баҳром Фирӯз ва монанди инҳо, инчунин Абдулҳамид Самадов ва Абдурофеъ Рабиев ҳеҷ гоҳ аз ҳикоя рӯй нагардонанд ва зуд-зуд коми хонандагони хушзавқро бо ҳикояҳои намакин ширин намоянд.

1982

## ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ ВА АМИҚРАФТИ РЕАЛИЗМ

### 1

Солҳои шасту ҳафтод дар инкишофи назми тоҷикӣ давраи нави таҳаввули тафаккури бадеӣ буд.

Дигаргунии диди эстетикӣ дар адабиёти тоҷикӣ аз ҳудуди асрҳои XIX ва XX оғоз ёфта, пас аз Инқилоби Октябрь якбора суръат гирифт. Ин аввал дар наср бештар зоҳир шуда, дар андак муддат дар эҷодиёти устод Айнӣ боиси ба куллӣ тағйир ёфтани структураи таҳкия гардид ва насре ба миён омад, ки комилан реалистӣ мебошад. Дар назми солҳои бисту сӣ ва чил низ назари нависандагон ба зиндагӣ дигар мешуд, вале суръату миқьёси ин дигаргунӣ нисбат ба наср камтар буда, агарчӣ доираи мавзӯу масъалаҳо, фикру ғояҳо дар шеър тамоман нав шуд, дар тарзи ифодаи онҳо шаклу тарзҳои анъанавӣ бештар нуфуз дошт.

Тағайюроте, ки аз солҳои бист дар структураи тафаккури шеърӣ рӯй медод, маҳз солҳои шасту ҳафтод аз ҳама бештар натиҷаи сифатӣ ҳосил овард.

Моҳияти инкишофи биниши шоиронаро аз солҳои бист то имрӯз майле аз таваҷҷӯҳоти романтикӣ ба сӯи тасвиркории реалистӣ ташкил менамояд. Он дигаргунии сифатӣ, ки солҳои шасту ҳафтод рӯй дод, аз ҳама пеш иборат аз он буд, ки амиқрафти реалистии шеър бағоят афзуда, шеър дар таҷаддуди жанриву услубӣ қадами калоне пеш гузошт.

Шеъри форсиву тоҷикӣ дар давоми зиёда аз ҳазор соли тараққиёт ба типи романтикии эҷоди бадей тааллуқ дошт. Эстетикаи романтикии он асосан ба принципи ситоишу накӯҳиш — мадҳу замм такя мекард. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки чи дар лирика ва чи дар достон нозуктарин тасвир ҳам асосан ба таърифу тавсиф ва тараннум ё ба сарзанишу мазаммат бунёд ёфта буд. Диққати шоир ба тасвири конкрети объективӣ мутамаркиз набуд, балки тасвири субъективӣ, тасвире, ки мақсади он ифодаи таассурот ва баҳои муаллиф аст, бештар аҳамият дошт. Бузургони адабиёти мо дар тасвири ҳиссиётомез, дар ситоиши ҳаяҷонангез, дар баёни таассуроти пурзӯре, ки аз мушоҳидаи рӯйдодҳои зиндагӣ гирифтаанд, доди сухан дода, ба ҳамин тарз моҳияти он рӯйдодҳоро мекушоданд ва ба масъалаҳои бузурги ҳастии инсон дахл менамуданд.

Ситоишу накӯҳиш дар назми дигар халқҳои ҷаҳон ҳам то ташаккули биниши объективии реалистӣ принципи асосӣ буд.[1]

Азбаски фикри шоирона дар шеър ба тарзи баҳо додан ба ҳодисаҳо инкишоф меёфт, зиндагӣ, ҳолат ва фикру ҳиссиёт ба шакли қайди алоҳида-алоҳидаи лаҳзаҳои ҷудогона сабт шуда, таассурот ба тарзи хулоса, натиҷа, ҳукми қатъӣ баён мегардид. Инро чунончи, аз ин ғазали машҳури устод Лоҳутӣ ба хубӣ дидан мумкин аст (1925):

Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ беникоб,
Оламе равшан шавад, чун маҳ барояд аз саҳоб.
Офарин бар қуввае, к-аз парда озодат намуд,
Ҳайф буд ин ҳусни оламгир монад дар ҳиҷоб.
Аз барои маст кардан як нигоҳат бас бувад,
Ошиқи рӯи туро ҳоҷат набошад бо шароб.
Аз барои рӯи ту кӯтоҳии мӯ айб нест,
Ҳусни ту дилро ба сӯи худ кашонад бе таноб.
Қудрати сарпанҷаи Октябрро бингар, ки чун
Чодир аз рӯят гирифту дод бар дастат китоб.
Дар замони бою мулло банда будӣ, пас бикӯш,
То ба шӯроҳо нагардад бою мулло интихоб.

---

[1] Дар ин бора ниг. *В. Кожинов.* Художественная речь как форма искусства слова. В кн.: Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. Стиль. Произведение. Литературное развитие.— М., Наука, 1965, с. 234—316.

Бандаи дирӯза акнун ҳокимият мекунад,
Ҳеҷро ҳар чиз кардӣ, зинда бош, эй инқилоб![1]

Ин ҷо ҳарчанд ки тамоми шеърро як мавзӯу мазмун — озодии замони тоҷик фаро гирифтааст ва аз ин ҷиҳат ин ғазал як асари мукаммали яклухт аст, ба ҳар ҳол созмони дохилии он ба қайди лаҳзаҳои алоҳида асос ёфтааст. Чунон ки медонем, дар ғазали классикии форсиву тоҷикӣ байтҳо аз робитаи зоҳирӣ маҳрум буда, ҳар кадоме як андоза истиқлоли мазмунӣ доштанд ва аз ҳамин сабаб ҷои байтҳоро дигар кардан мумкин буд. Чунин қонуни жанрро аз ин ғазали Лоҳутӣ ҳам мебинем. Ин гуна композиция аз як ҷиҳат дар натиҷаи он ба миён омада буд, ки фикру ҳиссиёт дар лирика чун қайдҳои алоҳида-алоҳида, чун ҳукмҳои ҷудо-ҷудо ифода мешуд. Чунин структура дар дигар жанрҳои лирикаи классикӣ низ кам ё беш ба назар мерасад.

Инак, як рубоии устод Лоҳутӣ (1917):

Барқ аст худову илм пайғамбари ӯ,
Заҳмат дин асту коргаҳ дафтари ӯ.
Ғафлат аҷал, инқилоб ҳам маҳшари ӯ,
Бошад паси ҳашр ҷаннату кавсари ӯ.[2]

Аз ин рубоӣ қонуни мазкур боз равшантар намудор аст. Ин рубоӣ як асари фалсафии ҳикматомез аст ва дар чунин асарҳо фикр бештар ба шакли натиҷаву ҳукм ифода мешавад. Дар ҳақиқат, тамоми ин рубоӣ иборат аз хулосаҳоест, ки шояд дар натиҷаи андешаҳои дуру дароз ҳосил шудаанд. Шубҳае нест, ки ҳар ҳукму хулоса баъди андешаҳои бисьёре ба даст меояд, вале процесси давомдори андешаронӣҳо дар адабиёти классикӣ одатан аз доираи асари лирикӣ берун мемонд.

Бо вуҷуди ин, дар дигар рубоии Лоҳутӣ, ки аз паси рубоии боло омадааст, андаке рафти фикр дида мешавад:

Ҳарчанд ки барқро худо гуфтам ман,
Чун нек бидидам, на баҷо гуфтам ман.

---

[1] *Лоҳутӣ*. Кулл., ч. 1,— Сталинобод, Нашрдавтоҷ, 1960, с. 200.
[2] Ҳамон асар. с. 39.

Он низ зи ранчи коргар пайдо шуд,
Пас фаъла худо бувад, хато гуфтам ман!

Чунин тамоюли муҳимми падид овардани процесси инкишофи фикру ҳиссиёт дар лирикаи классикӣ суст буда, гоҳ-гоҳе дида мешуд, аммо баробари сар шудани инкишофи реалистии адабиёт кам-кам қувват гирифта, солҳои шасту ҳафтод принципи асосӣ гардид.

Мӯъмин Қаноат дар як сӯҳбати хусусӣ таъкид карда буд, ки бисёре аз он дигаргуниҳои куллӣ, ки дар шеъри тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ба назар мерасанд, аз шеъри Пайрав оғоз ёфтаанд. Дар ҳақиқат, марҳилаҳои асосии нав шудани структураи жанриву услубии шеърро дар адабиёти тоҷикӣ аз эҷодиёти Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав, Юсуфӣ ва дигарон метавон дид. Ҳоло барои ин ки мавзӯи баҳси ҳозираи мо равшантар шавад, ба як шеъри устод Лоҳутӣ, ки «Хабар» ном дорад (1933), диққат ҷалб мекунем.

«Хабар» иборат аз мулоҳизарониҳои озоде мебошад. Шоир дар сари рӯйдодҳои оддии зиндагии муқаррарӣ андеша ронда, фикру мулоҳиза баён мекунад, гоҳ воқиаеро ба ёд меорад, гоҳ аз он хулосае мебарорад ва ҳоказо. Ин мулоҳизаҳо, ин силсилаи афкор ба шакли мурочиати мухбире ба идораи газетаи «Правда» баён шудааст:

Москва.
«Правда»
Культотдел.
Копия ЦК,
Шӯъбаи матбуот.
Рафиқон,
диққат
диққати комил!
Мухбир мекунад
арзи маълумот.

Рафиқ Правда,
фаҳми ленинизм
Дар Тоҷикистон бештар шудааст.
Бо сохтмони бинои социализм
Ин ҷо
Одам ҳам дигар шудааст.

Хамон одамхо, ки пиру ҷавон
Асиру
беилму
ситамкаш буданд,
Акнун, дар сояи инқилобамон.
Озоданд,
олиманд,
хеле хушнуданд.

Дигар Ҳалима
он Ҳалима нест,
Ки вақте чахмоқ дар ҳаво медид,
Чашмони худро мебаст, мегирист,
Меларзид аз тарс
мисли барги бед.

Акнун Ҳалима худро шинохта,
Ӯ табиатро мутеъ кардааст,
Бо дасти худаш
радио сохта,
Дониш,
фаҳмашро васеъ кардааст.[1]

Тамоми ин шеъри калони лирикӣ ба ҳамин тарз — ба тарзи баёноти озод ва нақли пайдарҳаме гуфта шудааст, шоир озодона аз як мушоҳида ба мушоҳидаи дигар, аз як фикр ба дигаре мегузарад. Шеър ҳам хитобу муроҷиати шӯълавар ва пурсишҳои нотиқона, ҳам андешаронӣ ва нақли ором, ҳам хулосаҳои хиссиётомезро дар бар мегирад. Ҳатто оҳанги муроҷиати тантанадори суханварона бо гуфтугӯи муқаррарӣ, ки хусусиятҳои лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистонро низ ифода мекунад, паҳлу ба паҳлу омадааст:

Нишон медодӣ
ҳувв он заминро,
Мегуфтӣ;
он ҷӯб пахтаро бикор...

Замини поён пурсанга,
сахта,
Ин ҳосил он ҷо камтар мерӯяд.

---

[1] *Лоҳутӣ.* Кулл., ч. III,— Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1961, с. 89—90.

На фақат мулоҳизаронии озод ва мусалсал, балки ин тарз ҳар лаҳза дигар шудани рӯҳияи қаҳрамон ва оҳанги шеър ҳам дар назми тоҷикӣ ҳодисаи нав буда, солҳои сиву чил кам-кам ривоҷ ёфта истода буд. Муҳаққиқон падидаҳои гуногуни онро аз шеъри дигарон ҳам мушоҳида карданд. Адабиётшинос Худой Шарифов аз шеъри Мирзо Турсунзода, хусусан аз силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» (1947—1948) сухан ронда ва шеъри «Боғи муаллақ»-ро таҳлил намуда, гуфта буд, ки ин шеър «дар рӯҳия ва завқи солҳо парвардаи шеъру адаби тоҷикӣ офарида шуда бошад ҳам, тарзи ифода дар он тамоман нав аст».[1]

Муҳаққиқ ин навиро аз ҳамин иборат диниста буд, ки «дар шеъри Мирзо Турсунзода тобишҳои рӯҳӣ дар як шеър аз ибтидо то интиҳо якрангу якнавохт набуда, кайфиятҳои мухталиф, мисли қаноатмандӣ, норизоӣ, қаҳру ғазаб ва ғайра пайваста дар шеър тасвир шудаанд».[2]

Х. Шарифов илова кардааст: «Ин гуна тарзи тасвир бо баъзе истисноҳо, бешубҳа, барои шеъри классикӣ хос нест. Асоси он бо решаҳои усули тафаккури бадеии реалистона дар шеъри замони нав вобастагӣ дорад. Аз шоирони советии тоҷик пеш аз Мирзо Турсунзода аз ҳама афзунтар Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ ба ин равиш шеър гуфтааст».[3]

Ҳамин дигаргунии структураи тафаккури бадеӣ дар шеър кам-кам доман паҳн карда, солҳои шасту ҳафтод боиси рӯй додани тағайюроти амиқи сифатӣ гардид.

Дар лирикаи солҳои шасту ҳафтод процессҳои ботинӣ мавқеи асосӣ пайдо кард. Ҳоло дар шеъри лирикӣ ҳаракати фикру эҳсос ва печу тоби гуногуни он, тағайюроти ҳолат ва ҷилваҳои зиддиятноки вай, яъне мураккабиҳои олами маънавию эмоционалии инсони муосири мо, «диалектикаи рӯҳ» ӯ диққати шоиронро ба худ кашидааст.

Ин хусусиятро, масалан, аз шеъри Гулрухсор «Боз афтодам, ки бархезам» (1981) як андоза дидан мумкин аст:

Сахтҷонии маро санги сари раҳ дидааст,
Дар сабурӣ наштари гулхор миннатдори ман.

[1] *Х. Шарифов.* Анъана ва сабки сухани шоир — Маҷм.: Маҳорати эҷодии Мирзо Турсунзода.— Душ.: Универс. дав. Тоҷ. ба номи В. И. Ленин, 1981, с. 82.

[2] Ҳамон асар, с. 83.

[3] Дар ҳамон ҷо.

Тифл аз афтодану бархостан гардад бузург,
Санг захмӣ гашт аз афтодани бисёри ман.

Боз афтодам...
Миёни роҳ, назди сад гувоҳ,
Санги раҳ аммо набуд огоҳ аз зарби ҳаё.

Чор сӯ кардам нигоҳ,
Чун пургуноҳи бегуноҳ,
На касе дастам гирифту
на касе кардам нигоҳ.

Сад ризо аз мардуми пуркор барҷастам зи ҷо,
Аз фитоданҳои бехадду ҳисобам оташин.
То ба кай меафтаму меафтам андар роҳи рост,
Як баландие накарда забт дар рӯи замин?

Сахт меафтам ҳамеша,
Суст бархезам зи ҷо,
Гоҳ ба уммеди ёрон,
Гаҳ зи ҷаҳди хештан.
Баъди ҳар як захми тоза дил тасаллоям диҳад,
Ки бияфтодӣ паи таъзим дар пои Ватан.[1]

Чунон ки мебинем, фикру ҳисиёт дар ин шеър пай дар ҳам ҷорӣ гардидааст ва гӯё дар ягон ҷой риштаи он накандааст. Аз банди дуввум нақли воқиае шурӯъ ёфтааст («Боз афтодам...»), вале ин нақл ҳам дар байти охири банди саввум ба баёни андешаҳо гузашта, ин воқиаи хурд чун як ҷузъи табиии андешаҳои доманадор намоён мешавад. Дар охирин мисраи ин шеър як хулосаи ғайри чашмдошт омадааст, ки қаҳрамон афтоданҳояшро «таъзим дар пои Ватан» донистааст. Асли мақсади шоира ҳам ҳамин аст.

Дар лирикаи Бозор Собир, Лоиқ ва Қамол Насрулло, инчунин дар бисёр шеърҳои Гулназар, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Зулфия ва дигарон гоҳ андешаҳо ва силсилаи афкор мураккаб шуда, аксаран бо талотуму туғён паи ҳам ва пайваста, монанди оби равон ҷорӣ мегарданд. Дар ин сурат шеър хусусияти таҳлилӣ пайдо мекунад. Шоир фикру ҳисси қаҳрамон ва ҳолату ҳаяҷони ӯро бо тафсилоту ҷузъиёте пеши чашми мо ҷилва дода, мазмуну

[1] *Гулрухсор.* Оташи Суғд.— Душ.: Ирфон, 1981, с. 31.

мундаричаи онҳоро ҳамаҷониба муайян кардан меҳоҳад. Дар бисёр мавридҳо печу тоби фикру андеша ва ҳиссу ҳаяҷони пурзӯр ба ассоциацияҳои гуногуне асос ёфтааст, ки гоҳ ногаҳонӣ ва ғайри чашмдошт ба миён меоянд.

Хусусияти таҳлиливу ассоциативӣ пайдо кардани шеър, яъне ҳангоми инкишофу тағайюроти фикру ҳис рӯйдодҳои гуногуни дур аз якдигарро ҳар лаҳза ба хотир овардани қаҳрамон барои адабиёт имконоти нави бағоят муҳим пеш овард. Ассоциацияҳои ғайри чашмдошт, ки омили асосии инкишофи андешаву эҳсос мебошанд, шеъри лирикиро ба паҳнои зиндагӣ баровардa, ба рӯйдодҳои мураккаби он, ба конкретияти ҷузъиёту тафсилоти рангин, ба ҳусну малоҳат, шодмониву ғамҳо ва роҳату дардҳои вай шарик сохтанд. Шеър барои пурратар фаро гирифтани душвориҳою тундпечиҳои зиндагӣ, падидаҳои нозук ва рангоранги олами ботинии инсон бештар имкон ёфт.

Дар натиҷа, шеър бештар хусусияти тасвирӣ гирифт. Ҳоло на ситоишу накӯҳиш, баҳои қатъӣ, қайду номбари рӯйдоде ё ҳолате, балки тасвиру таҳлил бунёди шеърро ташкил мекунад. Таҳлили фикру ҳиссиёт худ тасвир аст, тасвири як процесс, печу тоб ва гардишҳои он мебошад. Дуруст аст, ки бо дақиқбинӣ зоҳир кардани ҳаракати ноаёни олами дили инсон ва нозуктарин тобишҳои он дар лирикаи ҳозираи тоҷикӣ на ҳамеша муяссар мегардад, лекин пайдоиш ва инкишофи фикру ҳисси инсонро чун як процесси мураккаби гуногунпаҳлу аз тадқиқу таҳлил гузаронидан, ки торафт қувват мегирад, бешубҳа, реализми назмро ба пояҳои нав баровард.

Бунёди шеърро ташкил кардани процесси психологӣ чунин маънӣ надорад, ки ба шакли лаҳзаҳои алоҳида, чун хулоса, натиҷа, ҳукмҳои ҷудогона сабт кардани рӯйдодҳои зиндагӣ ва фикру ҳис тамоман аз байн рафт. Не, ин принципи дарки бадеии воқеият низ дар лирикаи тоҷикӣ давом ёфта истодааст. Онро бештар дар жанрҳои анъанавӣ, чунончӣ ғазал, хусусан рубоӣ, аз ҷумла рубоиёти А. Шукӯҳӣ, Лоиқ, Гулназар ва дигарон мебинем.

Зиёда аз ин, дар байни шоироне, ки солҳои шасту ҳафтод ба майдони адабиёт омаданд, касоне ҳам ҳастанд, ки принципи қайди алоҳида-алоҳида дар шеъри онҳо нуфуз дорад. Саидалӣ Маъмур аз онҳост. Дар

шеъри вай принципи мазкур гоҳ шакли хеле оддӣ мегирад. Хусусияти асосии тафаккури бадеии Саидалӣ Маъмур дар мисраъҳои зерин равшантар ифода шудааст:

Зиндагӣ нест арсаи шӯҳрат,
Зиндагӣ саҳни имтиҳон бошад.
Ҳар кӣ шӯҳратталош мегардад,
Зиндагӣ баҳри ӯ гарон бошад...
Зиндагӣ нест соҳили заррин,
Зиндагӣ баҳри бекарон бошад.
Ҳар кӣ дарси шино наомӯзад,
Зиндагонӣ азоби ҷон бошад.[1]

Тамоми ин шеър, ки аз чор банд иборат аст, аз чунин мушоҳидаҳои алоҳида, ки гӯё паи ҳам ҷудо-ҷудо қатор шудаанд, фароҳам омадааст. Онҳо ба алоҳидагӣ бо ҳам робита пайдо карда, як асари яклухт ба вуҷуд овардаанд, вале гӯё яке аз дигаре сар назадааст, яке давоми дигаре нест, балки ҳар кадоме ба сари худ вуҷуд дошта, мазмуни умумии шеър аз ҳамҷаворӣ, аз робитаи оддии онҳо ҳосил мегардад. Байни онҳо гӯё ҳамбастагии мураккаби гуногунҷиҳат мавҷуд нест.

Дар шеъри таҳлилии ассоциативӣ чунин мушоҳидаҳо кам ё беш тафсил ёфта, ба тарзи мураккабе бо ҳам алоқаманд шуда, мағз то мағзи якдигар сар дароварда, як ҷараёни пурқувватеро ба миён меоранд, ки мавҷу туғёнаш шиддати фикру ҳисро бо бисёр ҷилваҳои хоси он фаро мегирад. Дар ин сурат, шеър имкон дорад, ки воқеиятро бо тафсилоту ҷузъиёт, бо мураккабиву зиддиятҳо ва робитаҳои ниҳонияш мукаммалтар дар бар орад, пургунҷоиштар бошад.

Дар лирика устувор шудани тадқиқи таҳлилӣ яке аз падидаҳои процесси умумие буд, ки солҳои шасту ҳафтод тамоми адабиёти тоҷикиро фаро гирифт. Аз ҷумла дар наср ҳам ҷанбаи таҳлилӣ доман паҳн карда, психологизми тасвирро қувват дод ва аз романи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳгорам» (1957) то романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» (1974) ва повестьҳои Ӯрун Кӯҳзод як силсила асарҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба «насри андешаҳо» тааллуқ доранд. Дар маркази диққат қарор ёфтани процесҳои ботинии психологӣ ва маънавияти инсон дар назму наср баро-

[1] *С. Маъмур.* Меҳвар.— Душ. Ирфон, 1980, с. 11—12.

бар сар шуда, бо вуҷуди ин ки дар ҳар кадоме аз онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба тарзи дигаре падидор омад, ба як дараҷа боиси амиқрафти биниши реалистӣ гардид.

## 2

Диди таҳлилӣ, падид овардани процесси мураккаби инкишофу тағайюроти фикру ҳиссиёт дар шеъри ҳар яке аз шоирони намоён ба тарзи дигаре сурат мегирад. Қувват гирифтани пояи реалистии шеър боиси барҷастатар зуҳур кардани фардияти эҷодии санъаткорон гардида, сабаби афзудани гуногунию рангорангии услубҳои фардӣ шуд. Биниши ба худ хоси шоирони гуногун пурқувваттар зоҳир шуда, барои аз паҳлуҳои гуногун намудор кардани ҳама ғаною мураккабиҳои олами ҳастӣ бештар замина тайёр кард, барои нишон додани нозуктарин падидаҳои ҳиссу ҳаяҷон имкоцоти зиёдтаре пеш овард.

Бесабаб нест, ки танқиди адабии солҳои ҳафтод аз фардияти эҷодкорони алоҳида сухан сар карда, барои муайян намудани баъзе хусусиятҳои услуби хоси чанде аз шоирон кӯшишҳо пеш гирифт. Ин кӯшишҳо нахустин натиҷаҳои муҳим доданд.

Мунаққидон дар бораи хусусиятҳои лиризми шеъри М. Турсунзода, ҷанбаи эпикии назми М. Миршакар ва оҳанги публицистии он, дар бораи санъати тасвиркории М. Қаноат ва психологизму драматизми шеъри вай баъзе мулоҳизаҳо баён карда буданд ва мо ҳам дар поёнтар аз ин бобат сухан хоҳем кард. Дар танқид инчунин аз хусуси худхосагии симои эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ сухан рафта буд. Қайд шуда буд, ки «услуби фольклори»-и А. Шукӯҳӣ ба фаҳмиши тасаввуроти халқӣ, ба таъбироти оддии гуфтугӯӣ, ба санъати параллелизм (мувозинат)-и эҷодиёти даҳанакии халқ такя дорад. Дар бисёр мавридҳо шеъри ӯро як навъ самимияти табиӣ, ки аз оҳанги гуфтугӯи муқаррарӣ ҳосил мегардад, фаро гирифтааст.

Ифодаи ҳиссу ҳаяҷон бо бисёр ҷузъиёту тафсилот ва печу тоби тағйироташ, инчунин ба гуфтугӯи оддӣ наздик шудани забони шеъри лирикӣ аз ин мисраъҳои шеъри А. Шукӯҳӣ «Барои дидаи дил роҳ наздик» (1954) ба хубӣ ба назар мерасад:

Шунидам ин, ки ту ранҷидӣ аз ман,
Аҷаб не ғоибона, гӯӣ акнун;
Чӣ кардам ин, ки ту дил кандӣ аз ман
Зи роҳи ваъдаи худ рафта берун?

Маранҷ аз ман, агар кардам гуноҳе,
Бидеҳ, ҷоно, ба ҳарфи ман каме гӯш.
Туро ман ҳеҷ гоҳе, ҳеҷ гоҳе
Намесозам, намесозам фаромӯш...

Лабат аз рӯи себи тоза бинам,
Қадатро аз ниҳоли сабзу зебо.
Барои зеби дастат лола чинам,
Аз он рӯи туро созам тамошо...[1]

Аскар Ҳакимов қайд карда буд, ки дар лирикаи А. Шукӯҳӣ «ҷои арзи бевоситаи ҳиссиётро тасвири амалиёт, ҳаракат ва ҷузъиёте гирифтаанд (гирифтааст — М. Ш.), ки ба ҷуз маънии аслии худ барои ифодаи ҳиссиёте, ки дар дили шоир забона мезанад, хизмат мекунанд».[2] Дар ин сурат, ҳар як рӯйдоди хурд, ҳар яке аз ашёи атроф ва андаке ҷунбиши он метавонад ҳиссиёти амиқи қаҳрамони лирикиро ифода кунад. Чунончи шеъри «Гирифтам як шабе дасташ ба дастам» (1964):

Баҳор омад, зи кӯҳсор об омад.
Ба болои сарам маҳтоб омад.
Ситора мезанад чашмак ба сӯям,
Ки рав бар хона, вақти хоб омад.

Маро аммо нигоре об кардаст,
Руҳамро зард чун маҳтоб кардаст.
Чаро дар гирди кӯи ӯ нагардам?
Маро ишқаш чунин бехоб кардаст.

Гирифтам як шабе дасташ ба дастам,
Сари сарчашмае рафтам, нишастам,
Зи бӯи ҳулбаи кӯҳӣ насиме
Намуд имшаб аҷаб масти аластам.[3]

---

[1] *А. Шукӯҳӣ.* Асарҳои мунтахаб, ч. 1.— Душ.: Ирфон, 1977, с. 150—151.
[2] *А. Ҳакимов.* Шеър ва замон.— Душ.: Ирфон, 1978, с. 109.
[3] *А. Шукӯҳӣ.* Асарҳои мунтахаб, ч. 1, с. 176.

Ҳам моҳияти фольклории шеър, ки ҳодисаҳои табиат воситаи муҳимми зоҳир кардани ҳолати дили инсон аст, ҳам ба динамика, ба ҳаракати ҳиссу ҳаяҷон ва ашьё асос ёфтани шеър, бо нишонаҳои зоҳирии мутаҳаррик падид овардани ҳиссиёти ботинии амиқ («гирифтам як шабе дасташ ба дастам, сари сарчашмае рафтам, нишастам...») аз ин мисраъҳо намоён аст.

Олами мутаҳаррик бо ҷилваҳои нозукаш ва пайвастагиҳои аҷибу ғайри чашмдошташ ба лирика дохил гардида, барои ба таври конкрет ва қобили дид намудор шудани ҳиссу ҳаяҷон ва чигунагии он замина ҳозир кард. Он чи Ал. Михайлов «дарки эстетикии нишонаҳои моддии ҳастӣ» номидааст,[1] дар шеър бештар аҳамият пайдо кард ва конкретияти асосҳои ҳаётии ҳиссу ҳаяҷон зиёдтар шуд. Дар ин сурат, ҳиссу ҳаяҷон фақат номбар намешавад, танҳо қайд ва як-як баён намегардад, балки бо падидаҳои конкреташ нишон дода моҳияташ кушода мешавад.

Бунёди шеърро ташкил кардани динамикаи рӯйдодҳои зиндагӣ, ки дар лирикаи А. Шукӯҳӣ мавқеи калон пайдо намуд, дар эҷодиёти баъзе шоирони дигар боз ҳам бештар вусъат ёфта, ба шаклҳои тозае зоҳир шуд. Дар шеъри А. Шукӯҳӣ ва баъзе шоирони дигар бештар ҷузъиёти хурди амалиёт аҳамият пайдо кардааст, аммо, масалан, дар эҷодиёти Қутбӣ Киром як қисми калони он — ҳаракату амалиёти давомдоре воситаи ифодаи фикру андеша ва ҳиссу ҳаяҷон гардид.

Аз солҳои сӣ, ки кӯшише ба сӯи аз худ кардани принципҳои тасвири реалистӣ хеле қувват гирифт, дар байни аҳли адаб майлу рағбате ба шеъри хурди сужетнок пайдо шуда буд. Ҳамин майлу рағбат солҳои шасту ҳафтод афзоиш ёфта ва аз ҷумла дар назми лирикии Қутбӣ Киром сужет аҳамияти калон пайдо кард. Дар шеърҳои «Сӯҳбати фарзандон» (1969), «Ёд» (1972), «Шеъри аввалин» (1968), «Ҳолиқи гулбур» (1976) ва ғайра воқиае, эпизоде, ҳатто як қисми калони зиндагии шахсе асоси ифодаи лирикиро ташкил намудааст. Аз ин ҷост, ки аҳли танқид аз сифати объективӣ пайдо кардани лирика, аз шакли лирикӣ гирифтани мундариҷаи эпикӣ дар назми Қутбӣ Киром сухан карда буданд ва Аскар Ҳакимов моҳияти онро чунин эзоҳ дода буд: «Ин тамоюл дар натиҷаи олами фардии қаҳ-

[1] Ниг.: *Ал. Михайлов.* Азбука стиха.— М.: Молодая гвардия, 1982, с. 245.

рамонро бо олами муракқаби пурҳодиса рӯ ба рӯ сохта, ангезиш додан, ки дар натиҷаи он олами қаҳрамони лирикӣ фарохтар, пургунҷоиштар, пурҳодисатар мешавад, ба вуқӯъ пайвастааст».[1]

Ин ҳам муҳим аст, ки аксари ин воқиаҳо, ки ба шеъри лирикӣ роҳ ёфтаанд, рӯйдодҳои вокеии ҳаётанд, ки бевосита аз зиндагии ҳамзамонони мо гирифта шудаанд ва гоҳ номи прототип дар шеър айнан зикр мешавад. Сифати объективии лирика аксаран асоси ҳуҷҷатӣ дорад ва Гулназар дар шеъри Қутбӣ Қиром «мавқеи аввалиндараҷа доштани тасвири лаҳзаҳои гиро ва муассир», тасвири «манзараҳоеро, ки аслаш бояд модели наср бошанд», таъкид намуда, гуфта буд, ки «далелу санади таърихӣ дар эҷодиёти ӯ рангу бори шеърият касб мекунад».[2] Дар ҳақиқат, шоир рӯйдодҳои рӯзмарраро ба дараҷаи шеърият бардоштан мехоҳад, шеърият маънои баланди инсонии воқиаҳои зиндагиро мекушояд. Мазмуни граждании лирикаи Қутбӣ Қиром ба дарки амиқи конкретияти воқеии зиндагӣ асос ёфтааст. Инро дар ҳаққи баъзе шоирони дигар ҳам гуфтан мумкин аст.

Лирикаи «босужет», аз ҷумла шеърҳое, ки бунёди онҳо бар андешапарварӣ буда, фақат аз мулоҳизаронихо иборатанд, дар эҷодиёти Қутбӣ Қиром низ ҳастанд. Чунин ба назар мерасад, ки муҳимтарин хусусияти услуби Қутбӣ Қиром ба ҳам омадани унсурҳои тасвири таҳлилӣ ва принципи анъанавии ситоишу накӯҳиш аст. Ба қавли мунаққид, «тарафи шоёни диққати шеъри Қутбӣ он аст, ки асосу ҷанбаи тасвир ва васфро доро мебошад... Маҳаки шоирӣ баёни вуқӯъ бо ҳунари комили суханварӣ мебошад... Дарёфти маънӣ дар абёти шеъри Қутбӣ Қиром аз роҳи ҳунару суханварист, на бо сӯзу соз ва бо ҳама алангаю дурахши назарбанд ин оташро андаке гармӣ намерасад».[3] Гумон меравад, ки бо ин андешаҳо моҳияти сабки Қутбӣ Қиром асосан дуруст маънидод шудааст. Дар ҳақиқат, шеъри ӯ гоҳ аз андешаву дард бегона ва бештар иборат аз ситоишу накӯҳиши маҳз аст.

Шеъри лирикие, ки унсурҳои сужет дар он пурзӯр

---

[1] *А. Ҳакимов.* Дар қаламрави сухан.— Душ.: Ирфон, 1982, с. 36.

[2] *Гулназар.* Фарзанди рӯдхои шӯх. Мад. Тоҷ., 14 дек. 1982.

[3] *Х. Шарипов.* Ташаккули услуб ва камолот. Садои Шарқ, 1984, № 8, с. 100.

аст, дар назми дигар шоирон ҳам ба назар мерасад. Аз ҷумла, М. Қаноат гуфта буд ки шеърҳои ӯ «Ману шабҳои бехобӣ» (1966), «Қатли Восеъ» (1966), «Давоми нек роҳатро» (1966) «микросужети мустаҳкам доранд ва дар шакли бисёр хурд як воқиаи комилро бо фоҷиаю хушиҳояш фаро гирифтаанд», яъне ба лирика «дар тасвири воқеият ва вусъати манзара унсурҳои эпикӣ ворид» гардидааст.[1]

Унсурҳои эпикӣ ба лирика сар дароварда, ба фикру андешаҳо ва ҳиссу ҳаяҷон вусъат ва шиддат мебахшад.

Шеъри медитативӣ, андешапарварии шоирона дар эҷодиёти Лоиқ мавқеи асосӣ дорад. Лоиқ лирики тааммуқписанд буда, шеъраш асосан аз фикру андешаҳои мураккаб ва пуршиддат фароҳам омадааст ва дар ин ҷараён на фақат олами маънавию ахлоқии ҳамзамонони мо, балки моҳияти иҷтимоӣ ва эҳсосоти граждании онҳо низ ифода мешавад. Андешапарварӣ Лоиқро ба ҳикматомезӣ ва пандомӯзии классикӣ бештар наздик овардааст ва таъсири шеъри фалсафии гузаштагон дар назми ӯ нисбат ба дигар шоирони имрӯза ошкортар зуҳур кардааст. Аз ин ҷост, ки рубоию дубайтӣ ва ғазал дар назми ӯ на фақат торафт мавқеи зиёдтаре ишғол менамояд, балки маҳз дар эҷодиёти вай бо вуҷуди ҳама хусусиятҳои имрӯзӣ шакли асили классикии худро бештар намоён карда истодааст.

Лирикаи Лоиқ аксаран оҳанги драмавӣ дорад ва шиддати пурзӯри фикру ҳиссиётро барҷаста ифода менамояд. Шоир тазодҳои зиндагиро ба андеша мегирад, дар бораи зиддиятҳои табиати инсон, дар бораи зиндагӣ ва марг, меҳру муҳаббат ва кинаву адоват, шодию хурсандӣ ва ғаму андӯҳ, одамият ва ноодамӣ андеша меронад. Бархӯрди ин ҳама мабдаъҳои зидди ҳам драматизми лирикаи Лоиқро қувват медиҳад.

Афзоиши драматизм дар лирикаи баъзе шоирони дигар ҳам (чунончи Қутбӣ Кином, Гулрухсор, Қамол Насрулло) ба мушоҳида меояд, вале дар шеъри Лоиқ қувваи хос дорад.

Фикру ҳисси қаҳрамони лирикӣ дар шеъри Лоиқ ҳаётӣ, заминӣ буда, аз конкретияти воқеии зиндагӣ ғизо мегирад. Аскар Ҳакимов инро қайд карда, дар айни

---

[1] Андешаҳо оид ба шеъри имрӯз. Мусоҳиба бо Мӯъмин Қаноат, Садои Шарқ, 1982, № 8, с. 87.

замон гуфта буд, ки баъзан «тасвири ҳолати рӯҳия ва андешаю муҳокимаҳои лирикӣ аз воқеият як дараҷа ҷудо монда, муҳокимаҳои зеҳнӣ бар воқеияти тасвир афзалият пайдо мекунад» ва он гоҳ «шоир ба муҷаррадбаёнӣ мегузарад».[1] Мунаққид инчунин таъкид кардa буд, ки муҷаррадбаёнӣ дар шеъри Лоиқ торафт маҳдуд шуда истодааст ва метавон гуфт, ки медитация бештар ба «мушоҳидаҳои зинда», «ҷузъиёти воқеият ва образҳои махсус» такя мекунад.

Воқиаҳои конкрети зиндагӣ шоирро ба андеша мебаранд ва аксаран андеша бо сарманшаи ҳаётиаш ба шеър дохил мегардад. Қаҳрамони лирикии Лоиқ ончунон андешапарвар аст, ки боре ҳатто рақси духтари зебои санъаткор ҳам дар дили ӯ шодӣ ва шӯру шавқ бедор накардааст, балки ӯро дар сари рӯйдодҳои зиндагӣ ба фикру мулоҳиза бурдааст («Раққоса», 1979):

Меситезӣ,
Мегурезӣ,
Менавозӣ,
**Мегудозӣ,**
Панҷаҳоят мешуморад рӯзҳои рафтаро,
Мекунад ошуфтадилтар шоири ошуфтаро.
Бо парешонбозиҳои кокулони тобдор
Ёдам орӣ аз парешонбозиҳои рӯзгор.
Ончунон фаттону гиро,
Ончунон ларзону печон,
Ончунон зебою шево,
Ончунон ҷамъу парешон,
К-аз фиребои кушои укдаи рози диламро,
Ёдам орӣ киштаамро, ҳосиламро...[2]

Тамоми ин шеъри калон ба ҳамин тарз давом кардааст: мушоҳида ва андеша якҷо омадааст, сарманшаи андеша ва худи андеша дар шуури қаҳрамон зоҳиран ҷудо бошанд ҳам, вале моҳиятан омехтаи якдигар вуҷуд доранд. Мулоҳизаронии ғайри конкрет дар баъзе мавридҳо шояд аз он ҷо сар мезанад, ки шеъри фалсафимазмуни Лоиқ гоҳ то андозае оҳанги публицистӣ дорад. Баъзан бо шиддат ёфтани андешаи шоирона ҳарорати граждании боло гирифта, фикру ҳиссиёт ба тар-

[1] *А. Ҳакимов.* Дар қаламрави сухан, с. 155.
[2] *Лоиқ.* Вараки санг— Душ.: Ирфон, 1980, с. 141.

зи публицистӣ ифода мешавад. Ин публицистикаи ошкороро дар шеъри фалсафӣ ҳодисаи манфӣ ба шумор овардан нашояд, зеро аз фаъолиятмандии гражданини шоир ҳосил шудааст ва як воситаи дахолати ӯ ба рӯйдодҳои ҳаёт мебошад. Дар ҳаққи ин ки мулоҳизаронии публицистӣ ва оҳанги патетикӣ аз нишонаҳои конкрети воқеияти реалӣ канда нашавад, ғамхории доимӣ лозим аст ва ин ғамхорӣ пояи реалистии шеъри фалсафиро бештар устувор хоҳад кард.

Чунон ки дар насри солҳои шасту ҳафтод (аз ҷумла романи Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам», романи Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ», повести ӯ «Шоҳии япон», 1982 ва ғайра) ҷанбаи публицистӣ қувват гирифта буд, ин ҳодисаро дар назм ҳам, на фақат дар шеъри Лоиқ, балки дар эҷодиёти дигарон низ дидан мумкин аст. Устувор шудани чанбаи публицистӣ хусусияти умумии тамоми адабиёт, ҳамаи жанрҳои он аст. Вале ҷанбаи публицистии шеъри Лоиқ аз хусусияти публицистии шеъри тоҷикии солҳои бисту сӣ фарқ дорад. Шеъри солҳои бисту сӣ аксаран соф публицистӣ буда, мазмуни иҷтимоию сиёсии он бевосита ва ошкоро баён мешуд, хусусияти тарғибию ташвиқии шеър рӯйрост ифода меёфт. Имрӯз дар шеъри Лоиқ ҷанбаи публицистӣ ин дараҷа истиқлоли эстетикӣ надорад, балки ҳамроҳ бо андешаву мулоҳиза, бо таҳлилу тасвир аст, як ҷузъи муҳимми структураи мураккаби гуногунрангест.

Имрӯз шоироне ҳам ҳастанд, ки ҷанбаи публицистӣ дар шеърашон нисбатан суст аст. Аз ҷумла Бозор Собир аксаран аз ҳаяҷономезии публицистӣ худдорӣ мекунад. Вай аз ҳама нишонаҳои сухани урён худро дур медорад ва кӯшиш мекунад, ки ба воситаи ҷузъиёти бадеии конкрет ва манзара фикр ронад. Ҳатто дар шеърҳое, ки Бозор Собир ба мавзӯъҳои бузург навишта, ғояҳои олиеро ифода кардааст, чунончи дар шеърҳои оид ба сарнавишти таърихии халқ — «Бухоро», «Забони Ватан», «Муҷассамаи Айнӣ», «Теғи Сино» ва ғайра, ки дар онҳо масъалаҳои асосии мавриди андеша қувват гирифтани эҳсосоти гражданиро тақозо доранд, низ оҳанги публицистӣ баланд садо намедиҳад. Аксари чунин шеърҳои Бозор Собирро як навъ оҳанги ҳасрат ва маҳзунӣ фаро гирифтааст ва ин оҳанг аз нокомию номуродии таърихии халқи тоҷик ҳосил шудааст.

Дар шеъри «Тоҷикистон» (1977) ифтихори ватандӯстонаи шоир на чун мафтунӣ ва саногӯӣ, балки чун ғамхорию дилсӯзии махсусе дар ҳаққи Ватан, чун кӯшише дар роҳи зарра-зарра зиёд кардани дороиҳои моддию маънавии вай намоён мегардад. Ин ҳиссиёти ӯ нисбат ба Тоҷикистони серкӯҳи камзамин, масалан, чунин ифода шудааст:

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пои худро раҳ ба раҳ то сарҳадат
Бар замин афшонда рафтам,
Аз паям то кам нагардад заррае хоки камат...[1]

Ҳар куҷо будам, набудам,
Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям.
Дар хаёли рези кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам,
Аз барои сабзаю хотири ту ман ғам мехӯрам.
Аз гулӯям нагзарад нони ту бе ғамхои тӯ,
Бе ғами ту ман нанӯшам об аз дарёи ту.[2]

Ин «ғам», ки дар бисёр шеърҳои Б. Собир ба назар мерасад, нишонаи як навъ некхоҳӣ ва ғамхорию дилсӯзиест, ки дар табиати инсонии ӯ мавқеи алоҳида дорад. Ӯ ба ягон чиз ва рӯйдоде бо чашми бетафовутӣ, беғамӣ нигариста наметавонад. Ӯро дили нарм ва ҳассосияти махсусе ҳаст, ки ба ҳар як рӯйдоди зиндагӣ бо ҳиссиёти нафис ва ҳаяҷони баланд чашми диққат медӯзад ва аз он чунин ҷиҳатҳое, чунин эҳтиёҷоту дардҳое меҷӯяд, ки онҳоро илоҷ кардан лозим аст. Муносибати ӯ ба зиндагӣ ва падидаҳои гуногуни он ҳамеша муносибати дардошноист, бо назари дардҷӯӣ ва шифокорӣ нигаристан аст.

Дардошноӣ имрӯз қариб дар шеъри ҳамаи шоиро-

---

[1] Мазмуни ин банди шеър шояд аз китоби Расул Ҳамзатов «Доғистони ман» илҳом шуда бошад. Чунонки Р. Ҳамзатов ҳикоя кардааст, мардуми Доғистони камзамин аз меҳмонон илтимос менамоянд, ки вақти бозгашт ҷанги кафшу мӯзаашонро афшонанд, то ки заррае аз хоки Доғистон бо худ набаранд. Дар Тоҷикистон азиз будани хоку замин асоси мулоҳизаҳои шоиронаи Лоиқро дар шеъри «Хоки Ватан» ҳам ташкил кардааст ва чунонки танқид қайд карда буд (ниг.: *А. Сатторов.* Нуқтаи пайванд.— Душ.: Ирфон, 1982, с. 81), шояд низ аз нақли Р. Ҳамзатов илҳом шуда бошад.

[2] *Бозор Собир.* Мижгони шаб.— Душ.: Ирфон, 1981, с. 5—6.

ни тоҷик дида мешавад ва решаҳои он ба адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ амиқ рафта, аз он тарзи махсуси тафаккуру маънавият ва дарки эмоционалии воқеият ғизо мегирад, ки иборат аз хоҳиши шариқ шудан ба ҳама дардҳои дунё, ҳама ғамхоро ғами шахсии худ донистан, кӯшиши аз онҳо дур намондан, ба онҳо фаъолона дахолат кардан аст. Лекин сарчашмаи он фақат анъана нест, пеш аз ҳама, ҳассосияти иҷтимоии нависанда аст. Аз ин рӯ, «дарди иҷтимоӣ» — ғамхорӣ дар ҳаққи муҳимтарин масъалаҳои ҷамъият солҳои шасту ҳафтод дар тамоми адабиёти советии сермиллати мо, хусусан дар адабиёти халқҳои Шарқи Советӣ қувват гирифт. Мунаққид Яшар Қараев ҳангоми муайян кардани моҳияти адабиёти озарии солҳои шаст таъкид карда буд: «Умдатарин ғояи он (адабиёти озарии солҳои шаст — М. Ш.) ин аст, ки ҳаёти бемаънавият бебунёду бепоя аст: мавҷудияти биологист, маҳрумият аз дарди гражданӣ ва ташвишҳои иҷтимоӣ мебошад».[1] Бо дард тапидани дил яке аз нишонаҳои одамият шуд. Ҳамин ҳассосияти гражданини дардошноӣ дар шеъри ҳозираи тоҷикӣ аз ҳама пурзӯртар аз тарафи Б. Собир зоҳир шуда истодааст. Баъзан дарду ҳасрат дар лирикаи ӯ аҳамияти мутлақ пайдо мекунад ва он гоҳ, чунон ки дар танқиди адабӣ қайд шуда буд, аз шеър «ба рӯҳӣ кас гаронӣ мерасад».[2] Вале умуман нигоҳи дардҷӯи Б. Собир дар бисёр мавридҳо як шакли худхоссаи зоҳир шудани рӯҳи гражданӣ мебошад, аз фаъолиятмандии иҷтимоӣ, аз хоҳиши кам кардани дардҳо сар задааст.

Дар лирикаи Бозор Собир шеърҳое ҳам ҳастанд, ки пур аз шодмонӣ ва намунаи ҳаловат бурдан аз зиндагонӣ мебошанд. Чунончи шеъри «Суруди шабҳангом» (1979):

Дар кадомин лона имшаб
Қумрие хоб асту бедор,
Ҷӯҷаҳояш зери болаш,
Лонааш муште хасу хор.
Хурраму осуда бод ин хоби хушёр.

---

[1] Единая, многонациональная — опыт, задачи, критерии. Всесоюзная анкета критиков. Дружба народов, 1982, № 12, с. 257.

[2] *А. Ҳакимов.* Дар қаламрави сухан, с. 205.

Дар кадомин кӯча ҷӯе
Мекунад сӯҳбат ба ҷӯе,
Меравад аз кӯ ба кӯе
Ҷӯ ба ҷӯ бо гуфтугӯе.
Хурраму осуда
бод ин ҳамравонӣ,
Хурраму поянда бод
ин ҳамзабонӣ.
Дар кадомин барзан имшаб
Роҳе дар паҳлӯи роҳе ҳуфтааст.
Дар кадомин ҷогаҳ имшаб
Шоҳе дар паҳлӯи моҳе хуфтааст.
Дасти раҳ дар гардани роҳ,
Дасти шаҳ дар гардани моҳ,
Моҳи шабрав дар тамошо
Хурраму осуда бод ин хоби зебо...[1]

Ин шеър ҳама ба ҳамин минвол бо як оҳанги шӯх, дар ҳолати фараҳмандӣ, мамнуният ва навозишкорӣ гуфта шуда, гӯё қаҳрамон аз нашъаи зиндагӣ маст аст. Дар айни замон, нишонаҳои мушоҳидакории махсуси Б. Собир ва биниши хоси ӯ аз ин шеър намоён аст. Ӯ на фақат ҳолатеро мебинад, ки байни хоб ва бедорист («қумрие хоб асту бедор») ва онро «хоби ҳушёр» номидааст, балки қобилияте дорад, ки ҷӯй ва роҳро монанди инсон, мисли махлуқи зинда дар амалиёт дида, сӯҳбати ду ҷӯйро мешунавад ва чунон ки Хайём дастаи кӯзаро дасти ёре бар гардани ёре тасаввур карда буд, ба назари ӯ ҳам ду роҳ даст ба гардани якдигар доранд. Борикбинӣ ва нозукшунавӣ, тахайюли рангини баландпарвоз ва рамзҷӯӣ, ки аз муҳимтарин аломатҳои тафаккури бадеии Бозор Собир мебошад, аз ин мушоҳидаҳо намудор аст.

Шеърҳои «Ғазали арӯсӣ» (1979), «Ҳар саҳар аз хандаи хуршеди ховар» (1979), «Ошиқон» (1979), «Ишқи тиллоӣ» (1979) ва ғайра ҳамчунин аз шодию шавқи зиндагӣ саршоранд. Дар ҳаққи шеъри Бозор Собир тамоман дуруст таъкид шуда буд, ки «назми ӯ асосан назми муҳаббат аст нисбат ба ҳаёт ва хушиҳои зиндагӣ. Ватан ва аҳли он».[2]

Ҳама чизро зинда тасаввур кардан, монанди инсон

---

[1] *Б. Собир.* Мижгони шаб, с. 104.
[2] *А. Сайфуллоев.* Дунёи шеър. Садои Шарқ. 1980, № 9, с. 135.

дар такудав, дар сари фикру ҳис дидан аз муҳимтарин хусусиятҳои биниши Б. Собир аст. Қаҳрамони лирикии ӯ бо табиат як шудааст, аз он ҷудоӣ надорад, худро як ҷузъи табиат ва ҳар як унсури табиатро монанди худ мебинад. Аз байни шоирони хозираи тоҷик, ки аксарашон аз деҳот, аз оғӯши табиат берун шуда, ба шаҳр омадаанд, аз ҳама бештар Бозор Собир байни худ ва табиат як пайванди ногусистанӣ эҳсос менамояд. Эҳсоси шоиронаи табиат, як навъ эҳсоси нозук ва пурмеҳр мағз андар мағзи шеъри ӯ роҳ ёфта, ассоциацияҳои аҷибе ба миён овардааст. Табиати шоиронаи Бозор Собир, биниши эстетикии худхоссаи вай дар тасвири манзараҳои табиат аз ҳама мукаммалтар намудор шудааст.

Вай ҳар чизро ба таври худ мебинад ва чунон мебинад, ки шояд ягон каси дигар ба ин тарз нахоҳад дид. Дар шеъри «Дар миёни бистари оҳарие» (1979) ҳама шаб ва ҳама чиз дар зери ширмаҳтоб сафеду широлуд намуда, дар шуури шоир тасаввуроти аҷиби ғайри чашмдошт ва ассоциацияҳои ҳайратангезе ба вуҷуд овардааст:

Гӯиё аз шеъри широлуди ман
Сояҳо чун коғазе нам мекашанд.
Ишки маҳтоби ширини маро
Кӯчаҳо бо шири маҳ дам мекашанд.

Агарчи ин бинишу тасаввурот ғайриоддӣ мебошанд, аз он сабаб мафҳуманд, ки аз дарки пурҳиссиёте ҳосил гардидаанд ва ба як тарзи махсус ба хаёлоти рангини шоири ҳассос таъсир кардани рӯйдодҳову муҳитро нишон медиҳанд. Таассуроте, ки дар шеъри «Ишқи тиллоӣ» тасвир ёфтааст, боз бештар номуқаррарӣ ба назар мерасад. Инак, чанд банди он:

Дар гулӯи ҷӯйборон об қул-қул мекунад,
Гӯеи чун кӯдаке дар хоб механдад замин.
Кӯчаҳо дар рӯ ба рӯи мо кушод афтодааст,
Шаҳр аз пешона бикшодаст чин...

Эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ,
Садқаи ин зиндагонӣ.
Метавонад зарҳали маҳтоб аз рӯяш,
Аз баёзи гарданаш,
Аз дасту бозуяш.

Бӯсаҳои ошиқӣ дар оби зар тар мешаванд,
Бӯсаҳои ошиқӣ зар мешаванд...

Баргҳоро аз сари роҳ
Мезанад шаббода ҷорӯб.
Меваи заррини маҳ дар шохи абр
Мерасад то рӯи девори ғуруб.

Ман намедонам дар ин маҳтобшаб
Мисли ман имшаб кӣ зар бардошта.
Моҳи тиллоӣ намепояд агар,
Ёри тиллоӣ ба ман бигзошта.[1]

Ин ҷо таассуроти шоир аз маҳтобшабе, ки моҳ андак зард метобад, ифода шудааст. Бо вуҷуди ин, дар шаби маҳтоб оламро зарду заррин дидан, аз «зарҳали маҳтоб», «моҳи тиллоӣ», «меваи заррини моҳ» гап задан, «дар оби зар тар» шудани бӯса ва ҳоказо ҳамагӣ аҷиб ва ғайриоддӣ мебошад. Ин тасаввурот эҳсосоти ҷавонеро, ки аз нашъаи ишқ сархуш аст ва ҳама чиз ба назараш заррин менамояд, бисёр хуб ифода намудааст.

Ба ин муносибат, ба байти якуми порчаҳои боло низ диққат ҷалб кардан мехоҳем. Садои оби ҷӯйро чунин тасвир кардан, хусусан чунин ташбеҳи он, ки гӯё замин дар хоб монанди кӯдаке механдад, аз дили нарму навозишкори деҳқонзодае, ки ба обу замин меҳри дилнавозе дорад, аз тахайюли қасе, ки дорои шунавоии махсусест, сар зада метавонист.

Нишонаҳои биниши хоси Бозор Собир аз ҳамаи шеърҳои ӯ ба мушоҳида меояд.

Аз он чӣ гуфта шуд, ба назари мо, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки биниши таҳлилӣ ва тафаккури ассоциативӣ дар шеъри Бозор Собир бештар хусусияти тасвирӣ дорад ва шеъри тоҷикиро бо мушоҳидаҳои нозуки хосса, бо манзараҳои рангини ғайри чашмдошт ғанӣ карда истодааст.

Услуби хоси Бозор Собир яке аз ҷолибтарин ҳодисаҳое дар назми ҳозираи тоҷикӣ буда, дар баробари дигар сабкҳои фардӣ, ки шоирони намоёни мо доранд, барои таъмин кардани гуногунию рангорангии адабиёти тоҷик роли муайян мебозад. Мо дар боло ҳамин тавр барҷаста ифода шудани шахсияти эҷодии Лоиқ ва Қутбӣ Киромро мухтасаран дидем. Бешубҳа, аз на-

[1] *Б. Собир.* Офтобнихол.— Душ.: Ирфон, 1982, с. 39—41.

зар гузаронидани хусусиятҳои диди эстетикии дигар шоирон боз чанд ҷиҳати муҳимми ғанои рӯзафзуни шеъри имрӯзаи моро нишон хоҳад дод.

Муҳимтар он аст, ки шумораи шоироне, ки фардияти эҷодиашон бо қувваи азиме ифода шуда бошад, дар адабиёти тоҷикӣ торафт меафзояд. Аз ҷумла лиризми нарми пурҳарорат ва чашмандози фарохи оламбини М. Турсунзода, сухани эпикии публицистии М. Миршакар, ки ба тасвири фаъолияти амалии инсон бештар аҳамият медиҳад,[1] дар назми мо мавқеи муҳим дорад. Ҳоло лиризми пуршиддати драмавии фалсафимазмуни М. Қаноат ва паҳнои эпикии баъзе асарҳои вай барои муайян шудани симои хоси шеъри ҳозираи тоҷикӣ роли калон бозида истодааст.

Дар шеъри Гулназар ва Гулрухсор ҳам нишонаҳои худхоссагӣ қавист. Аз ҷавонон Камол Насрулло ва Зулфия ҳам баъзе аломатҳои махсусият зоҳир карда истодаанд.

Ҳарчанд ки ифода шудани фардияти эҷодӣ дар шеъри ҳамаи шоирон ба як дараҷа нест (дар эҷодиёти баъзеҳо бештар ва дар эҷодиёти баъзеҳо камтар ифода мешавад), метавон гуфт, ки шеъри ҳозираи тоҷикӣ аз ҷиҳати гуногунии диди эстетикӣ ва услубҳои фардӣ аз ҳамаи давраҳои пештараи инкишофи адабиёти советӣ ғанитар аст. Ин ҳамоно натиҷаи устувор шудани пояҳои реалистии назм мебошад. Агарчи назм рангҳои романтикии худро аз даст надод, диди реалистӣ мунтазамаи қувват гирифта, падидаҳо ва шаклу воситаҳои ифодаи он гуногунтар шуда истодааст. Афзоиши гуногунию рангорангии услубҳои фардӣ, диди реалистӣ ва шаклу воситаҳои бадеӣ имконоти шеърро дар фарогирии эстетикии воқеияти реалӣ зиёдтар кард. Назари воқеъбинии шоирон ва эҳсоси шоиронаи онҳо нозуктар шуда, ҳам андак дигаргунии ноаёни ҳолати рӯҳияи инсон, ҳам тағайюроти куллии психологияи иҷтимоии мардум мавриди мушоҳида қарор ёфтааст. Дар айни замон, масъалаҳои фалсафии ҳастии одамизод, моҳияти таърихи халқ ва проблемаҳои бузурги олами имрӯза ба доираи андешаи шоирона даромадааст.

Ғанову гуногунии рӯзафзун, ки дар фарогирии мавзӯъту масъалаҳо, дар шаклу тафаккури лирикӣ дида мешавад, аз камолоти эстетикии шеър гувоҳӣ медиҳад.
1984

[1] Дар ин бора ниг. *А. Ҳакимов.* Шеър ва замон, с. 45—52

## АДАБИЁТ ВА ФАЛСАФАИ ҲАСТӢ

*(Ҷавоби саволҳои «Садои Шарқ»)*

**Савол.** Вазъи умумии инкишофи адабиёт дар зинаи имрӯза чӣ гуна аст, назари Шумо ба равишҳои тоза ва равияҳои диққатангезӣ насри солҳои охир аз чӣ ибо-рат аст?

**Ҷавоб.** Агар нимаи аввали солҳои ҳаштодро ба на-зар гирем, ба фикри камина, дар ин муддат адабиёти тоҷик бисёре аз муҳимтарин равияҳоеро, ки солҳои пеш ҳам дида мешуданд, давом дод. Чи дар шеър, чи дар наср ва драматургия барои афзоиш додани ғаномандии анъанаҳои пурсамари адабиёти советӣ, барои фаро ги-рифтани мураккабиҳои воқеияти иҷтимоӣ ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ идома доштанд. Гап дар адади асарҳои нав нест, дар ин нест, ки чанд романи нав, чӣ миқдор асарҳои манзуми тоза ё чӣ қадар драмаҳои ҷолиби диққат ба вуҷуд омаданд. Гап,пеш аз ҳама дар он аст, ки адабиёт ва жанрҳои алоҳидаи он дар фарогирии эстетикии во-қеият, дар кашфи моҳияти рӯйдодҳои зиндагӣ ба чӣ му-ваффақиятҳо ноил гашт. Аз ин ҷиҳат, инкишофи жанр-ҳои гуногуни адабиёти тоҷикӣ ба як поя нест ва ба ақи-даи мо, наср бештар ва драматургия камтар комёбӣ дорад. Драматургия қафомондагии пештараи худро ҳа-нӯз бартараф накардааст, ҷустуҷӯйҳои ғоявию бадеии драматургҳои мо ҳанӯз аз амиқрафти ҷиддии назари иҷтимоиву фалсафӣ бенасиб ё камнасиб аст. Бешубҳа, драматургия ҳам дар солҳои ҳаштод бо дастовардҳое қадам ба пеш гузошта истодааст. Асарҳои Меҳмон Бах-тӣ, Абдусалом Атобоев, Фазлиддин Муҳаммадиев, Нур Тарабов ва дигарон, дар нашриётҳои марказӣ чоп шу-дани драмаҳои баъзеи онҳо ва марҳум Ғанӣ Абдулло, бешак, аз комёбиҳои мост. Лекин барои аз ақибмонда-гӣ баровардани драматургия ҷидду ҷаҳди бештаре ло-зим меояд. Драматургия ҳоло бештар пойбанди санад-ҳои ҷудогонаи зисту маишат аст. Шубҳае нест, ки ҳа-маи фактҳои зиндагӣ муҳимманд ва дарки ғоявиву эс-тетикии онҳо зарур аст. Вале асар дар доираи барра-сии рӯйдодҳои зиндагонӣ маҳдуд набояд монад. Чаш-мандози фарох, ҷамъбастҳои вусъатноки иҷтимоиву фалсафӣ асарро ба шоҳроҳи адабиёти бузурге хоҳад баровард.

Чун аз муваффақиятҳои наср гап мезанем, маҳз ҳа-

минро дар назар дорем, ки дар баъзе асарҳо материали муҳимми ҳаётиро бо биниши амиқраве аз худ кардан ва тасаввури моро дар бораи моҳияти як давраи конкрети таърих, дар бораи дирӯзу парирӯз ё имрӯз такомул додан муяссар шуд. Арзиши асарҳои асосии насри панҷ соли охир дар он аст, ки катъи назар аз ин ки дар асоси материали нави ҳаётӣ ба вуҷуд омадаанд ё не, дорои концепцияи муҳимми замон мебошанд, мазмуни иҷтимоиву таърихии ҳодисаҳоеро аз ягон ҷиҳат амиқан падид меоранд ва аз ин рӯ, барои дарки таърихиву фалсафии зиндагии халқ замина тайёр мекунанд.

Аз ин ҷиҳат, хусусан романи Ҷалол Икромӣ «Сафар-махсум дар Бухоро» (1982) ҷолиб аст. Чунон, ки танқиди адабӣ қайд карда буд, Ҷ. Икромӣ дар ин романи на чандон калон ҷустуҷӯиҳои иҷтимоиву таърихӣ ва маънавиву ахлокиеро, ки дар сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» пеш гирифта буд, давом дода ва амиқтар бурда, боз як парда аз рӯи ҳақиқати таърих бардошт: дар шароити авҷ гирифтани ҳаракати озодихоҳӣ шаклу мазмун дигар кардани «олами ханда», ба шаклҳои нави мубориза (мубобизаи маорифпарварон) мувофиқ шудан ва дар тайёр кардани заминаи инқилоби иҷтимоӣ фаъолона иштирок намуданн онро нишон дод. Ин дар адабиёти мо сухани наве буд ва тадқиқи бадеии даврони инқилоб, балки арафаи он бо ин асари Ҷ. Икромӣ такмил ёфт.

Ин аст, ки амиқрафти тадқиқи бадеии вокеияти конкрети иҷтимоиву таърихӣ дар насри мо идома дорад ва инро яке аз равияҳои пурсамари ояндадор метавон донист. Амиқбурди минбаъдаи ин тадқиқ имкон хоҳад дод, ки фарогирии эстетикӣ ва дарки фалсафии таърихи тӯлонӣ ва шарофатмандонаи халқ пайваста такомул бинад.

Чанд асари қалони дигар — романи Расул Ҳодизода «Ситорае дар тирашаб» (1982) ва повести ӯ «Ишқи духтари Рум» (1985), романи Юсуф Акобиров «Дунё ба умед» (1984), ҳикояҳои таърихии Абдурофеъ Рабиев, Адаш Истад, Муҳаммадзамони Солеҳ ва дигарҳо низ дар ҳамин роҳ ба вуҷуд омадаанд. Баъзеи ин асарҳо дар мавзӯу масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи худ устуворона содиқ будани муаллифон (масалан, Р. Ҳодизода)-ро нишон медиҳад, аммо баъзеи дигар аз оғоз ёфтани таваҷҷӯҳоти тозае дар эҷодиёти нависандае (чунончи Адаш Истад) мужда мерасонад. Дар

ҳар ду сурат ҳам, қатъи назар аз он ки равияи жанриву услубии муаллифон гуногун буда, бадеияти асарҳо низ ҳамсанг нест, торафт вусъат ёфтани тадқиқи воқеияти таърихиро мебинем. Таърихи дуру наздик ҳар чӣ бештар диққати нависандагонро ба худ мекашад. Ҳофизаи таърихӣ сол то сол фаъолтар шуда истодааст.

Дар адабиёти советии сермиллати мо фаъол шудани ҳофизаи таърихӣ ҳоло бештар бо дарки моҳияти ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии аҷдодон вобастагӣ дошта, маҳз аз ҳамин ҷиҳат мазмуни фалсафӣ мегирад ва ба масъалаҳои замони ҳозира алоқаи ногусистанӣ пайдо мекунад: воқиаҳои хурду калони таърих барои амиқтар сарфаҳм рафтан ба моҳияти аслии ҳастии инсон ва фаъолияти иҷтимоии шахс мавриди андешаҳои доманадоре мегарданд, то ки барои фаҳмиши имрӯзаи ин масъалаҳои адабии зиндагӣ замина тайёр шавад.

**Савол.** Ба таъбири Пушкин гӯем, «иззату икроми гузаштаро ба ҷо овардан сирату сомонест, ки фазилатро аз ҷаҳолат фарқ мекунад». Мавлонои Румӣ низ дар ин боб фармудааст, ки ҳар қиссаро луғзест, қиссаро ҷиҳати он луғз оваранд, на аз баҳри дафъи малолат, яъне тааммуқи фалсафӣ сари воқеоти таърихи куҳану нав зиёда муҳим аст.

**Ҷавоб.** Воқеан дар насри ҳозираи тоҷик, мутаассифона, ҷанбаи фалсафии биниши таърихӣ ҳанӯз чандон пурзӯр нест. Диққати нависандагони тоҷик бештар ба зоҳири рӯйдодҳои таърих нигаронида шудааст ва ин ҳолат барои ҷамъбастҳои ҷиддии иҷтимоиву фалсафӣ кам имкон медиҳад.

Ҳатто дар романи Р. Ҳодизода «Ситорае дар тирашаб», ки Аҳмади Дониш барин як марди бузурги таърих, як шахсияти барҷастаи интеллектуалӣ қаҳрамони асоси қарор ёфтааст, ҷанбаи интеллектуалӣ суст аст. Дуруст аст, ки ҳоло фақат қисми якуми ин роман чоп шудааст ва дар ин қисм камолоти маънавии Дониш не, балки оғози фаъолияти ӯ, давраи ташаккули ақидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, фалсафӣ ва адабиву эстетикии вай тасвир ёфтаасту бас. Лекин медонем, ки ташаккули афкори иҷтимоиву фалсафӣ ва эстетикии Дониш аз аввал, аз солҳои ҷавонӣ баробари фарогирии куллии андӯхтаҳои маънавии гузаштагон ҷараён меёфт, натиҷаи дарки маънову мундариҷаи рӯйдодҳои конкрети замона дар партави сабақҳои таърих, дар партави ҷустуҷӯҳои маънавии гузаштаву муосири

халқҳову кишварҳои гуногун буд. Ин процесси ботинии мураккаб, пурпеч, зиддиятнок, ин бунёди интеллектуалии ҳастии Дониш, ба андӯхтаҳои фалсафиву маънавии гузаштагон сахт алоқаманд будани он аз доираи сужети романи «Ситорае дар тирашаб» қариб тамоман берун мондааст ва фақат баъзе нишонаҳои он гоҳ-гоҳе андак ба чашм мерасаду бас. Ташаккули шахсияти Дониш дар роман ҳоло аз процесҳои амиқу пурталотуми ботинӣ маҳрум аст. Ӯ дар ин асар қавиирода, донову бино, дурандеш ва сиёсатмадори чорачӯю чорасоз аст, вале шахсияти барҷастаи интеллектуалӣ нест. Мо ҳастии Аҳмади Донишро аз ғайри умдатарин масъалаҳои моҳияти маънавии зиндагии инсон ва фаъолияти ҷамъиятиву таърихии вай тасаввур карда наметавонем ва аз ин рӯ, образи ӯ дар роман то андозае дур аз ғаномандию мураккабии воқеӣ ба назар мерасад.

Дар романи Юсуф Акобиров «Дунё ба умед» бошад, ба фикри мо, ягон концепцияи муайяни фалсафӣ, фаҳмиши ба худ хоси замон ва мардони таърих ифода нашудааст. Шояд дар натиҷаи ҳамин аст, ки нависанда дар бисёр мавридҳо навиштаҳои устод Айниро айнан такрор мекунад.

Ин аст, ки дар баробари вусъат ёфтани тадқиқи бадеии таърих ва фаъол шудани ҳофизаи таърихӣ, ки ҳодисаи муҳиммест, суст шудани ҷанбаи фалсафии диди нависандагон мушоҳида мегардад ва ин ҳам шояд равияе дар насри ҳозира бошад, ба ҳар ҳол аз тамоюлотест, ки ба амиқ рафтани ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ монеъ меоянд.

**Савол.** Оё мумкин аст, ки масъалаи ҳофизаро андаке муфассалтар эзоҳ диҳем?

**Ҷавоб.** Масъалаи ҳофиза аз умдатарин қисмҳои худшиносии иҷтимоиву таърихии шахс ва ҷамъият, худогоҳии маънавию ахлоқӣ ва инкишофи ҳозираи он буда, комилан фалсафист. Чунин масъалаҳоро дар адабиёт фақат бо ҷамъбастҳои пурдоманаи иҷтимоиву фалсафӣ ҳал кардан мумкин аст. Таърих танҳо як воситаи афзоиши шавқангезии адабиёт нест. Биниши моҳиятҷӯи амиқрав даркор аст, ки сабақҳои ибратомӯзи дирӯзу парирӯзро ба хидмати имрӯзиён гузошта, дар ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқӣ ба ҳамзамонони худ дасти ёрӣ дароз кунем ва дар мавриди дарки амиқи сиришти инсонии одамизод ба онҳо ёвар бошем. Аз ин рӯ,

бо масъалаҳои рӯзгорони мо сахт робита доштани масъалаҳое, ки нависандаи таърихнигор мебардорад, хеле муҳим аст. Баррасии таърих ва давраҳои ҷудогонаи он ба эътибори дархостҳои имрӯз ва фардо арзише дорад, вагарна бидуни матлабе ба гузашта нигаристан асту бас. Масъалаҳои муҳимми зиндагонии дирӯз барои бо ҳама конкретият равшан гардидани ҷиддияти масъалаҳои имрӯз замина ҳозир менамоянд ва баръакс, бинишгоҳи кунунӣ барои падид овардани ҷиҳатҳои нав ба нави ҳақиқати таърих имкон фароҳам меорад. Ба ин маънӣ ҳам таърих ва замони ҳозира аз якдигар ҷудоӣ надорад. Аммо, ба назари мо, масъалаҳои асосии маънавию ахлоқии насри таърихӣ ба он масъалаҳое, ки имрӯз ҷамъияти мо дар сари ҳалли онҳо ҷидду ҷаҳд ба харҷ медиҳад, ҳанӯз кам робитамандӣ пайдо кардаанд, ба ҳар ҳол, дар ин миён алоқаи бевосита ва батаъкид ҳанӯз кам дида мешавад.

Ин норасоии насри таърихиро насри ҳозирамавзӯъ ҷиддан ислоҳ карда истодааст. Ҳоло яке аз муҳимтарин равияҳо дар тадқиқи бадеии масъалаҳои замони ҳозира ҷустани решаҳои иҷтимоиву таърихии онҳо мебошад. Ин равия дар романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» (1974) хеле барҷаста ифода шуда буд, имрӯз дар эҷодиёти Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва дигарон давом карда истодааст. Дар повести Саттор Турсун «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» (1982), романи Ӯрун Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланду ҳам шаҳри азим» (1983), романи Сорбон «Актёр» (1983), повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд» (1983) ва ғайра қаҳрамони ҳамзамони мо кам ё беш бо робитаҳои гуногунаш, аз ҷумла бо пайвандҳои таърихиаш аз назари таҳқиқ гузаштааст. Дар повести С. Турсун таърихи дур — воқиаҳои давраи истилои муғул, дар романи Кӯҳзод гузаштаи наздик — овони инқилоб, солҳои бисту сӣ, дар романи Сорбон ва повести Баҳром Фирӯз «ҳофизаи маданӣ» — шеъри устод Рӯдакӣ ва дигар классикон як ҷузъи муҳимми андешаҳои қаҳрамони ҳамзамони мо мебошад ва ташаккули худшиносии иҷтимоиву маънавии қаҳрамон аз ягон ҷиҳат ё аз бисёр ҷиҳатҳо ҳамбаста бо сабақҳои таърих аст. Рӯйдодҳои таърихии гузаштаи наздик дар романи Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланду ҳам шаҳри азим» ончунон мавқеъ ишғол кардаанд, ки мунаққиди ҷавон М. Раҷабов ба наздикӣ онро ҳатто «асари ҳозирамавзӯи таърихӣ» но-

мид. Ба масъалаи то чӣ андоза қобили қабул будани ин истилоҳ дахл накарда, ҳаминро гӯшзад менамоем, ки ҷустуҷӯи истилоҳоти нав худ як нишонаи дигаргунии ҷиддӣ дар созмони наср аст. Дар структураи тафаккури бадеии нависандагон дигаргуние рӯй дода, дар хусусиятҳои жанриву услубии асарҳои онҳо акс ёфта истодааст ва аз ҳамин сабаб, зарурати ҷустани истилоҳоти нав пеш омадааст.

Оре, дар замони ҳозира созмони тафаккури шахс ҷиддан дигар шудааст. Ин дигаргунӣ афзоиши доимии робитаҳои ҳаётии шахс, алоқаҳои замониву маконии вай, инчунин торафт мураккаб шудани ин алоқаву робитаҳоро дар худ инъкос додааст. Таърих дар ин пайвандҳои ногусистанӣ мавқеи махсус дорад. Шуури ҳамзамонони мо ҳар чӣ бештар хусусияти таърихӣ пайдо мекунад. Тафаккури таърихии шахс дар айёми мо пайванди замонҳову халқҳо, робитаи нозуки наслҳои гуногун ва дирӯзу имрӯзро торафт мукаммалтар фаро мегирад. Ҳамин ҷараёни муҳим дар адабиёт ҳам акс ёфта истодааст. Ҳоло баъзе нависандагони намоёни мо, чунончи Чингиз Айтматов, моҳияти ҳастии инсонро дар ҳофиза мебинанд, дар ин мебинанд, ки инсон асли моҳияти инсонии худро то чӣ андоза падидор меорад, оғозгоҳҳо, саргаҳу сарчашмаҳои онро ба чӣ дараҷа дар ёд дорад ва азиз медорад. Дар ҳақиқат, фаромӯш кардани моҳияти инсонии худ маҳрум шудан аз он аст, хатман ба чунин маҳрумият меорад, аз одамизод манқурте месозад, ки онро Ч. Айтматов дар романи «Дуроҳаи Бӯронӣ» тасвир намудааст. Аз ин рӯ, моҳияти одамизод дар ҳофиза, дар маҳфуз доштани асли инсонии худ, ҳама некию хайр, ки дар зоти инсон ҳаст, ҳама сифатҳои олӣ, ки дар тӯли асрҳо гирд омадааст, ифода меёбад. Академик Д. С. Лихачёв гуфта буд: «Ҳофиза ба қувваи нобудиовари замон зид меистад ва он чиро, ки маданият ном дорад, ҷамъ меорад». Ин олими намоёни советӣ боз таъкид намудааст: «Рӯ овардан ба кӯҳнагиҳо, аз нав зинда кардани кӯҳнагиҳо, нигоҳ доштани онҳо ҳаргиз даст кашидан аз навиҳо нест, балки фаҳмиши нави кӯҳнагиҳо ва решаҳои худ мебошад, худро дар таърих эҳсос кардан аст». Алҳақ, фаромӯш кардани гузаштаҳо теша ба решаи худ задан аст ва баръакс, худро дар таърих эҳсос намудан чунин маъни дорад, ки ҳар фард худро як ҷузъи башарият мебинад, ба ҳар некӣ ва чизи олӣ, ки таърихи баша-

рият ва маданият эҷод кардааст, шарик медонад. Гузаштаро баргардонидан мумкин нест ва зарурат надорад, вале таърих дар ҳастии маънавии мо ҳамеша маҳфуз ва омили фаъоле бояд бошад.

Аз ин ҷост, ки ҳофиза, аз ҷумла он чӣ «ҳофизаи маданӣ» ном гирифтааст, ҳоло аз муҳимтарин масъалаҳои ҳастии маънавии инсони имрӯза аст. Дар адабиёти ҳозираи тоҷикӣ, дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев, Сорбон, Кӯҳзод, Саттор Турсун, Баҳром Фирӯз ва дигарон тадқиқ шудани падидаҳои гуногуни ҳофизаи таърихии шахс нишонаи он аст, ки адабиёт ба масъалаҳои асосии олами маънавию ахлоқии мардуми имрӯз дахл карда истодааст. Ҳофизаи қаҳрамони чунин асарҳо торафт пургунҷоиш шуда, таърих ба чашмандози вай фарохие бахшида истодааст. Қаҳрамон бисёре аз неку бад ва талху ширини таърихро ба андеша гирифта, меъёри баҳои рӯйдодҳои хурду калони ҳаёти ҳозира ва мардуми атроф қарор медиҳад. Дар ин сурат, идеали ҷамъиятии қаҳрамон ба ғояҳои олии инсонпарварие, ки дар тӯли асрҳо аз таҷрибаи таърихӣ, аз ҷумла таҷрибаи иҷтимоии даврони инқилобу озодӣ ҳосил шудаанд, такья мекунад. Васеъ шудани заминаи таърихии идеали иҷтимоии қаҳрамон, бисёр ғояҳои олии гуманистии гузаштаву ҳозираро фаро гирифтани он ҳамоно пояҳои халқии насрро бештар устувор кард, боиси ин шуд, ки биниши халқ ва фарзандони бузурги он, таҷрибаи иҷтимоии чандин аср, ки дар ақидаҳои мардуми меҳнатӣ ва ҷамъбастҳои фалсафии бузургони соҳибназар ифода шудааст, ба адабиёт бештар роҳ ёфт. Ба таҷрибаи таърихии халқ асос ёфтани идеалҳои ҷамъиятии қаҳрамон ҷанбаи фалсафии ҷамъбастҳои бадеии нависандагонро қувват дод.

Фаъол шудани ҳофизаро яке аз муҳимтарин ҳодисаҳо бояд донист, ки мумкин аст минбаъд натиҷаҳои ҷиддӣ дода, адабиётро ба шоҳроҳи ҷустуҷӯйҳои пурсамари ғоявию эстетикӣ ва ҷамъбастҳои вусъатноки иҷтимоиву фалсафӣ барорад.

**Савол.** Ифодаи ҳофиза дар адабиёти имрӯзаи мо, ба назари шумо, чӣ шаклҳое дорад?

**Ҷавоб.** Ин ҳам бағоят муҳим аст, ки шаклҳои фаъол шудани ҳофиза гуногунанд. Адабиёт падидаҳои гуногуни ҳофизаро тадқиқ карда, дар муайян кардани моҳияти масъалаҳои ахлоқи иҷтимоии ҳозира санги маҳак қарор дода истодааст. Доираи назари нависан-

дагон дар тадкиқи хофиза ва олами маънавии ҳамзамонони мо торафт васеъ мешавад.

Яке аз падидаҳои ин ҷараён бо диққат ба андеша гирифтани бинишу фаҳмиш, ақидаҳо ва тасаввуроти халқ аст. Нависандагон ба психологияи мардумони асили меҳнатӣ чашми диққат дӯхтаанд. Дар бисёр асарҳои Саттор Турсун, Бобо Насриддинов, Баҳром Фирӯз, Абдулҳамид Самадов, Ҷонибек Акобиров, Абдурофеъ Рабиев, Қароматулло Мирзоев ва дигарон (бо вуҷуди он ки баъзеи инҳо бештар ва баъзеашон камтар таҷрибаи эҷодӣ ё комёбӣ доранд) аксаран ё гоҳ-гоҳ шахсоне амал мекунанд, ки ҷаҳонфаҳмии халқ, меъёрҳои халқии одамият ва ахлоқу одоб дар рафтору гуфтори онҳо равшану возеҳ ифода шудааст. Барҷастатарин намунаи ифодаи фаҳмиши халқии одамиятро аз насри солҳои охир дар повести Фазлиддин Муҳаммадиев «Варта» (1983) мебинем. Шахсияти иқтидорманди Сангинбеки мӯйсафед дар ин асар таҷассуми ақлу хирад ва адлу инсоф, намунаи росткориву ҳалолзистӣ буда, ин хислатҳои ӯ бо кувваи азиме ифода гардидааст ва нависанда барои санҷидани сифатҳои қаҳрамони асосӣ ва дигар персонажҳо маҳз чунин характери барҷастаи халқиро асос қарор додааст. Ё ки повести нави Абдулҳамид Самадов «Қосаи давр»-ро (1985) гирем. Бунёди ин асар ҳам бар характерҳои халқӣ мебошад. Абдулҳамид Самадов ҳанӯз ҷавон аст, вале аз «Қосаи давр» тасаввуре пайдо мешавад, ки муаллифи он хеле зиндагӣ дидааст ва мардумро санҷидааст. Асари ӯ пур аз хусусиятҳои муҳимми ҳаёти халқ, ҷузъиёти характерноки зисту маишат, тасаввуроти мардуми покдили меҳнатӣ дар бораи зиндагӣ ва одамият, дар бораи ҷамъияту табиат мебошад. Нависанда нишонаҳои ноаёни зиндагии мардуми оддиро андак-андак гирд оварда ва ба мо нишон дода, моро водор месозад, ки асосҳои инсонии хастии халқро ба андеша гирем, дар муомила, дар ахлоқу одоб дастури амал қарор диҳем.

Аз ин рӯ, ба баъзе калимаву ибораҳои маҳаллӣ, ки дар ин повесть дида мешаванд, эрод гирифтан ҷоиз нест. Инҳо ҳам як ҷузъи муҳимми ҳамон зиндагонии аҷиби рангомези ибратомӯзе мебошанд ва махсусиятҳои зиндагии халқро бидуни онҳо тасаввур кардан имконпазир наҳоҳад буд. Калимасозӣ, ибораорой ва ҷумлабандиҳои вайрон, ки аз асоси халқӣ дур шудаанд ва дар эҷодиёти баъзе нависандагон (чунончи Юсуф Акю-

биров, Абдурофеъ Рабиев, Ҷонибек Акобиров ва дигарон) дучор меоянд, бояд бонси эрод гарданд, аммо ба таъбирҳои асили халқӣ, ки бо худи ҳаёт ба адабиёт дохил шуда, ғаномандии забони адабиро афзун месозанд, агарчи гоҳ ба баъзеҳо ноошно ё номафҳум менамоянд, бояд эрод нагирем.

Аз ҷиҳати ба мушоҳида гирифтани принципҳои ҳаётии намояндагони асили халқи меҳнатӣ, ба фикри мо, эҷодиёти Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Абдурофеъ Рабиев, Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Акобиров ва Баҳманёр махсусан ҷолиби диққат аст.

Аз он чӣ гуфта шуд, чунин хулоса баровардан лозим нест, ки тадқиқи зиндагонии халқ, зисту маишат ва назариёти ӯ дар насри тоҷикӣ хеле мукаммал ва ба дараҷаи баланди бадеӣ анҷом ёфта истодааст. Не, дар ин роҳ холо ҷидду ҷаҳди бисёре даркор аст. Гарчанде ки дар масъалагузорӣ бунёди фалсафии наср қувват гирифта истодааст, ҷамъбастҳои бадеии он дар бисёр мавридҳо ҳанӯз мукаммал ва баланд нестанд. Дар асарҳои насрнависони тоҷик ҳанӯз ҳикмати ҳаёт ва фикри барҷаставу фушурдаи фалсафӣ камӣ мекунад. Зиндагонии халқ бояд на танҳо мавриди мушоҳидаи дақиқ ва тасвири нозук қарор гирад, балки барои андешаҳои ҷиддии фалсафӣ замина фароҳам оварад. Фалсафаи таърих (таърихи гузашта ҳам, таърихи ҳозира ҳам) аз ҳаёти халқ ҳосил мешавад. Пас, бо хурдабинӣ ва андешапарварӣ падид овардани моҳияти фалсафии он вазифаи асосист. Қаҳрамон хоҳ қаҳрамони интеллектуалӣ бошад, хоҳ не, дар пояи устувори интеллектуалӣ қомат рост кардани ҳама рукнҳои бадеии асар зарур аст. Дар айёми мо тасвири маҳз, агарчи тасвири нозук аст, кифоя нест. Дар замони мо, ки даврони инкишофи фаъолияти фикрии инсон аст, тадқиқи таҳлилӣ ва ҷамъбасти фалсафӣ бештар лозим аст, то ки ба моҳияти ҳастии худ сар фурӯ бурдани шахс амиқтар равад. Тадқиқи мукаммали иҷтимоиву фалсафӣ ва маҳорати баланди бадеӣ имкон хоҳад дод, ки насри тоҷик дар майдони умумиттифоқии адабиёти советии сермиллат ҷойгоҳе басазо ёбад.

Гоҳ нависандае баъзе масъалаҳои фалсафаи ҳастиро мавзӯи асосӣ қарор диҳад ҳам, аз ҳалли он оҷиз меояд. Ин ҳолатро дар «Актёр»-и Сорбоҳ мебинем. Масъалаи асосии ин роман худшиносии интеллектуалии шахс аст. Аз ин сабаб, қисми якуми он «Дар ҷустуҷӯи

худ» ва қисми дуввум «Дарёфтани худ» номида шудааст. Вале андешаҳо ва ҷаҳду ҷадали қаҳрамон аз асоси фалсафӣ маҳрум аст. Худҷӯии Ромиз асосан аз он иборат аст, ки барои халосӣ аз вазъиятҳои ногувор ва душвориҳои зиндагӣ илоҷе ёфтан даркор аст, аммо дарёфти худ чунин маъно гирифтааст, ки илоҷи воқеа ёфт шуд. Чунин эзоҳ ин мафҳумҳоро аз мазмуни фалсафӣ маҳрум кардааст, ба онҳо маънои дигаре, ки хоси онҳо нест, додааст. Андешаҳои Ромиз аксаран ночиз буда, аз сари маънои одии майда-чуйдаҳои зисту маишат болотар нарафтааст. Ҷустани маънои амиқи фалсафии ҳодисаҳо, кӯшише дар роҳи хулосаҳои ҷамъбастии пурвусъат ба қаҳрамон хос нест. Ромиз ҳатто шӯҳратҷӯиро мақсади худҷӯӣ мешуморад. Нависанда гуфтааст: «Ромиз киностудияро яке аз ҷойҳое медонад, ки дар он ҷо худро ҷустан мумкин аст. Ӯ медонад, ки агар кас дар театр шӯҳрати республикавӣ ёбад, дар кино шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфтанаш аз эҳтимол дур нест». Чунон ки мебинем, «худро ҷустан» ва «шӯҳрат ёфтан» ба як маънӣ омадааст. Ин, бешубҳа, аз масъалаи ҷиддии худшиносӣ фарсахҳо дур рафтан аст. Аз ин рӯ ва бо бисёр сабабҳои дигар мо ақида дорем, ки падид овардани маънои амиқи мафҳуми пургунҷоиши худшиносии шахсияти интеллектуалӣ ба нависанда муяссар нашудааст.

Газетаи «Правда» пас аз Анҷумани XXVII-и КПСС дар як сармақола талаботеро, ки ин Анҷуман дар назди кормандони адабиёту санъат гузошт, ҷамъбаст намуда, аз ҷумла навишта буд: Пурнависии тантанаомез ва саргармӣ бо майда-чуйдаҳои зисту маишат, замонасозӣ ва кӯтоҳбинӣ ҳеҷ гоҳ дар назари партия ва халқ эътибор надошт ва нахоҳад дошт. Устодони санъат бояд аз вазифаҳои эҷодии ҷиддию пурвусъат илҳом гирад, шаъни касби худро баланд доранд.»[1]

Ин вазифаро он гоҳ иҷро кардан мумкин аст, ки санъаткор дар зиндагӣ чашмандози вусъатноки амиқрав дошта бошад ва дар асоси тадқиқи бадеии муҳимтарин тамоюлоти замон ҷамъбастҳои ҷиддии иҷтимоиву фалсафӣ ба даст орад.

**Савол.** Ба фикри шумо, дар ин роҳ боз чӣ норасоиҳое дар насри тоҷикӣ ба назар мерасад?

---

[1] Место художника — на переднем крае. «Правда», 16 марта 1986 г.

**Ҷавоб.** Ба пешрафти наср баъзе чизҳои дигар, аз ҷумла сустии ҷустуҷӯйҳои эстетикӣ ва жанриву услубӣ ҳам халал расонида истодааст. Ҳоло якрангӣ дар инкишофи жанриву услубии наср меафзояд. Асарҳои «насри андешапарварӣ»шаклан ҳар чӣ бештар ба якдигар монандӣ пайдо мекунанд. Нависандагон шакли оригиналӣ кам меҷӯянд, имкониятҳои бепоёни анъанаҳои миллӣ дар соҳаи ғаномандӣ ва гуногунию рангорангии шаклу воситаҳои бадеӣ бо камҷуръатӣ истифода мешавад. Ғайр аз ин, насрнависони тоҷик ба бисёре аз он ҷустуҷӯйҳои ҷасуронаи ғоявию бадеӣ, ки дар адабиёти халқҳои бародар ба мушоҳида меоянд, ҳанӯз шарик нашудаанд.

Шояд дар натиҷаи ҳамин бошад, ки гоҳ ҷолибтарин ҷустуҷӯйҳои эҷодии насрнависҳои тоҷик ба ҳадди камол нарасида мемонад ва солҳои охир тарҷумаи русии чанд асари онҳо дар нашриётҳои марказӣ чоп шуда бошад ҳам, дар арсаи умуми Иттифоқ диққати аҳли ҷомеаи адабиро кам ба худ кашид.

Дар Маърӯзаи сиёсии ҚМ барои Анҷумани XXVII-и ҚПСС чунин таъкиде ҳаст: «Ҷамъият аз нависанда кашфиёти бадеӣ, ҳақиқати зиндагиро умедвор аст, ки ин ҳамеша моҳияти санъати ҳақиқӣ буд». Кашфиёти бадеӣ ва пурра зоҳир кардани ҳақиқати зиндагӣ бидуни навназарӣ имконпазир нест. Ба зиндагонӣ ҳар дафъа бо диди тозаи замонӣ, аз дидгоҳе, ки талаботи нави замон таъин кардааст, нигаристан лозим меояд, то ки ҷиҳатҳои нави ҳақиқати ҳаёт кашф шавад. Ҳамин биниши нав заминаи аслии ҷустуҷӯйҳои тозаи эстетикӣ мебошад. Навҷӯии ҳамешагии ғоявию эстетикӣ нависандаро ба кашфиёти бадеӣ меорад ва имкон медиҳад, ки дар асарҳои ӯ ҳақиқати зиндагонӣ ба дараҷаи ҳақиқати бадеӣ расад.

Ин аст, ки кашфи бадеӣ ва ифодаи амиқи ҳақиқати зиндагиро як чизи дастнорасе, ки танҳо ба нависандагони бузург муяссар хоҳад шуд, набояд донист. Мумкин аст, ки ин давлат кам ё беш ба ҳар нависанда рух намояд. Тозаназарии ҳамешагӣ, ҷустуҷӯи доимии падидаҳои нав ба нави моҳияти аслии рӯйдодҳои зиндагӣ ва мазмуни асосии замон, навҷӯӣ дар шакл ва жанру услуб, таҷрибаоварии ҷасурона аз ҷумлаи умдатарин шартҳоест, ки дар ин кор комгорӣ хоҳанд овард.

**Савол.** Адабиёти мо дар тасвири инсони фаъол, мубориз, ҳамиятхоҳ ва муҳити ахлоқии вай анъанаҳои

дерин дорад. Вобаста ба тағироте, ки дар рӯзгори мо воқеъ шуда истодааст, масъулияти адибон дар офаридани образи ҳамзамонон, қаҳрамонони фаъол меафзояд. Насри солҳои охир дар ин равиш чӣ дастовардҳое дорад?

**Ҷавоб.** Ҳоло ки халқу мамлакати мо ба сӯи дигаргуниҳои бузурги иҷтимоиву иқтисодӣ рафта истодааст, амалӣ кардани ин дигаргуниҳо устувор шудани омили шахсӣ ва афзоиши фаъолиятмандии иҷтимоии ҳар фарди ҷамъиятро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҷамъияти советӣ ба шахсияти фаъол бештар эҳтиёҷ дорад. Ин аз ҳамаи материалҳои Анҷумани XXVII-и КПСС ҳувайдост, шахсияти ҳимматбаланди серғайрат, азму ирода ва эътиқоди ӯ ҳамеша дар маркази диққати адабиёт буд. Ҳоло ҳам адабиёти тоҷикӣ ин анъанаи худро инкишоф медиҳад.

Романи Ҷалол Икромӣ «Хатлон» (1984) дар натиҷаи мушоҳидаҳои шахсии чандинсола ва дар асоси материали воқеӣ ба вуҷуд омад. На фақат қаҳрамони асосӣ, балки баъзе персонажҳои дигари ин асар фаъолони ҷамъият мебошанд, касонеанд, ки ҷамъияти моро бо арақи ҷабин сохтаанд ва пешрафти онро таъмин карда истодаанд. Ё ин ки асари нави дигар нависандаи куҳансоли мо Фотеҳ Ниёзиро гирем. Дар романи ӯ «Сарбозони бесилоҳ» (1984) шахсоне тасвир шудаанд, ки дар сахттарин солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба зимистони қаҳратуни Урал тоб оварда, ғалабаи сипоҳи советиро аз ақибгоҳ таъмин менамуданд. Инҳо ҳама қаҳрамони фаъоли фидокор мебошанд. Чунин фидокорони роҳи озодии Ватан дар романи Муҳиддин Хоҷаев «Нанг ва номус» (1981) ҳам ба сифати қаҳрамони асосӣ амал кардаанд.

Фаъолиятмандии иҷтимоии шахс дар айёми мо шаклҳои нав пайдо карда истодааст. Яке аз онҳо қувват гирифтани фаъолияти фикрӣ мебошад, ки ин ҳам дар адабиёт акс меёбад. Қаҳрамонони «насри андешаҳо» бештарин фикран фаъоланд. Хусусиятҳои фаъолиятгарии фикрии қаҳрамони андешапарвари тааммуқписандро аз асарҳои Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз ва дигарон мебинем. Гоҳ фаъолияти амалии чунин қаҳрамон диққати нависандагонро камтар ба худ мекашад ва инро дар бисёр мавридҳо норасоӣ шуморидан лозим нест. Ин ҷо фаъолиятмандии мавқеи иҷтимоии нависанда бештар аҳамият пайдо мекунад, фик-

ри фаъоли нависанда ва қаҳрамони ӯ ба қувваи таъсирбахшое табдил меёбад.

Ин ҳам муҳим аст, ки ҳоло қаҳрамони андешапарвар ҳам беш аз пеш фаъолияти амалӣ пайдо кардааст. Мо, масалан, қаҳрамони романи Сорбон «Актёр»-ро дар назар дорем. Ромиз агарчанде ки ба дарки фалсафии ҳастии худ қобил нест, дар зиндагӣ, дар мубориза бо сахтиву душворӣ ва ноинсофиҳо собитқадамӣ зоҳир кард. Вай барои ба мурод расидан, барои амалӣ шудани мақсадҳои неки худ чӣ қадар қуввату тавон, ки лозим буд, аз худ ёфт, дар дил он қадар бардошту мадор ёфт, ки на фақат монеаҳои берунӣ, балки афтодарӯҳиву маъюсии худро ҳам бартараф намуд ва ба сарманзили мақсуд расид. Ин хислатҳои қаҳрамони Сорбон хеле муҳимманд. Дар характери Ромиз итмомнопазирии мабдаи эҷодӣ, қувваи бунёдкори мағлубиятнопазири он, ки бо иродаи қавӣ, қатъият ва ҷӯяндагии доимӣ ба мақсади наҷибе нигаронда шудааст, таъкид мегардад.

Ин аст, ки насри ҳозираи тоҷикӣ шаклҳои гуногуни фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии қаҳрамони мубориҙу фидокорро тадқиқ карда истодааст. Ин тадқиқ рӯҳияи гражданӣ ва таъсири эмоционаливу иҷтимоии насрро қувват медиҳад.

**Савол.** Насри истеҳсолӣ дар адабиёти мо чандон муваффақият пайдо накард. Чаро?

**Ҷавоб.** Солҳои ҳафтод «насри истеҳсолии» тоҷикӣ ба комёбиҳои муҳим ноил шуда буд. Намунаи асосии он романҳои Юсуф Акобиров «Норак» (1978) ва Муҳиддин Хоҷаев «Об — рӯшноӣ» (1977) буд. Сабаби муваффақияти ин романҳо он буд, ки нависандагон на худи процессҳои истеҳсолӣ, балки инсонро дар маркази диққат гузошта, ба воситаи сарнавишти аҷиби қаҳрамонон масъалаҳои муҳимми замонро ба миён гузоштанд. Лекин дар асарҳои баъдина, аз ҷумла дар романи Юсуф Акобиров «Водии муҳаббат» (1980) ин принципи асосӣ суботкорона инкишоф дода нашуд. Сабаби асосии бемуваффақиятиҳо бояд ҳамин бошад.

**Савол.** Давраҳое буд, ки жанри ҳикоя дар насри мо нуфузи калон дошт ва аз жанрҳои пешсафу фаъол буд. Ҷустуҷӯйҳои ахлоқию маънавиеро, ки солҳои 60—70 дар наср тақвият ёфт, дар бештарини ҳолатҳо аз ҳикояҳо пай бурдан мумкин аст. Ф. Муҳаммадиев, Сорбон, Саттор Турсун ва монанди инҳо беҳтарин намунаҳои ҳи-

кояро ба миён овара.анд. Ҳоло дар назари аввал ҳикояи зиёде ба чоп мерасад, вале дар ин ҳикояҳо тасвиркориву лавҳанигориҳои бебор зиёд буда, фикри амиқи иҷтимоӣ ба назар намерасад. Имконият ва пешомадҳои ин жанр аз назари шумо чист?

**Ҷавоб.** Ба назари камина чунин мерасад, ки ҳоло ҳам ҳикоя фаъолиятмандии худро аз даст надодааст. Гап фақат дар ин нест, ки ҳикоя торафт бештар ба майдон омада истодааст. Муҳимтар он аст, ки ҳикоя дар фарогирии масъалаҳои асосии ахлоқи иҷтимоӣ иштирок дорад. Хусусан ҳикояҳои Саттор Турсун ва Абдулҳамид Самадов, инчунин бисьёр асарҳои Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Акобиров, Сайф Раҳимов, Баҳманёр ва дигарон ба назари ман ба дараҷаи кофӣ ҷиддӣ менамоянд. Нишонаҳои ҷиддият аз баъзе ҳикояҳои ҷавонтарин насрнависон, чунончи Муаззама, Муҳаммадзамони Солеҳ, Мушаррафа Шарифова ва дигарон низ ба чашм мерасад. Ҷустуҷӯйҳои ин нависандагонро дар ҳикоя ба чашми кам набояд дид. Маҷмӯаҳои якуми ҳикоянависҳои ҷавонро аз назар гузаронем, бовар ҳосил мекунед, ки онҳо ба мавзӯу масъалаҳои муҳимми ҳаёт ва адабиёт даст мезананд. Ғайр аз ин, гуногунии услуб дар ҳикоя афзуда истодааст ва ин ҳам хеле муҳим аст.

Ба ин муносибат, боз ҳамон масъалаеро, ки пештар гӯшзад шуда буд, ба ёд овардан аз фоида холӣ нахоҳад буд. Бисьёр нависандагони мо ҳамин ки ба жанрҳои калон, ба повесту роман гузаштанд, ҳикояро тарк мекунанд. Ин ба инкишофи табиии ҳикоя халал меорад. Ҳикояро ба майдони машқҳои навкорӣ табдил додан аз дарки имкониятҳои фаровони ин жанри пургунҷоиш худдорӣ кардан аст. Бисьёр нависандаҳои намоён имкониятҳои камназири ҳикояро тамоми умр камкам дарк ва кашф кардаанд. Аз ҷумла чунин фикри Нодар Думбадзе ҷолиби диққат аст, ки аз таҷрибаи худ гуфтааст: «Ҳикоя қаламчаест, бехчасти роман аст, шарҳу эзоҳи он чизест, ки дар роман бетафсил ва ба ним сухан гуфта шуда буд». Ин аст, ки гоҳ аз ҳар повесту роман як ё якчанд ҳикоя баровардан мумкин аст (чунонки баъзан аз як ҳикоя баъдтар повесть ё романе мерӯяд). Дил мехоҳад, ки нависандагони таҷрибакори мо ҳам ҳар чӣ бештар дар назди худ ин гуна вазифаҳои эҷодӣ гузоранд.

Аз ин ҷиҳат, садоқате, ки нависандаи куҳансоли мо

Раҳим Ҷалил нисбат ба ҳикоя дорад, намунаи ибрат аст. Таҷрибаи Сорбон, ки пас аз гузаштан ба жанрҳои калон ҳикояро тарк накард, низ сазовори тақдир аст.

Боз ҳам бояд махсусан таъкид шавад, ки агарчи ҳикоя аз жанрҳои хурд аст, кашфи ҳақиқат, биниши моҳиятҷӯи иҷтимоиву фалсафӣ ин ҷо ҳама аз шартҳои асосист.

**Савол.** Вазъи шеър чӣ гуна аст? Мегӯянд, ки шеъри мо дар ин солҳо чандон пешрафт надошт...

**Ҷавоб.** Камина бо омӯхтани роҳҳои инкишофи шеъри имрӯза махсусан машғул нашудаам ва ҷуръат надорам, ки ба ин суол муфассалтар ва конкреттар ҷавоб гуям. Тасаввуроти умумии ман ин аст, ки солҳои охир дар ҳақиқат дар ҷавлонгоҳи шеър як навъ камҳавсалагӣ дида мешавад. Шеър бисёр ба чоп мерасад, вале шеъри нағз кам аст. Маданияти шеър, ки солҳои шасту ҳафтод андак баланд шуда буд, ҳоло боз паст шуда истодааст: шеъри хушк, шеъри оддӣ, каммазмун, маҳрум аз туғёни дил, аз фикру ҳиссиёти олӣ ва андешаҳои ҷиддӣ бештар ба чашм мехӯрад. Ҳиссиёти нозуки инсон, масъалаҳои бузурги ҷаҳони имрӯза ба шеър кам роҳ ёфта истодааст.

Медонем, ки Лоиқ дар ғазал ҷустуҷӯйҳои ҷиддии эҷодкорӣ дорад. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ баъд аз устод Лоҳутӣ ба ғазал рӯҳи нав дамидан мехоҳад, ба ин жанри куҳан умри дубора ато карданист. Ин кӯшиши ӯ дар бисёр мавридҳо муваффақиятомез анҷом ёфта истодааст. Чунин ҷидду ҷаҳд дар эҷодиёти баъзе шоирони дигар низ андак-андак натиҷаи мусбат дода истодааст. Дар айни замон, садҳо ғазал чоп мешавад, ки бештар аз суханбозӣ ва фазилатфурӯшӣ иборат буда, аз фикру ҳисси асил ориву барист. Набояд фаромӯш кунем, ки навъҳое аз қабили рубоию ғазал аз ҷумлаи олитарин падидаҳои табъи шоирона ва фикри олии мардуми мост. Агар имрӯз рубоиву ғазалро хор кунем, фарзанди нохалаф хоҳем буд.

Албатта, дар эҷодиёти шоирони намоёни мо, ҳатто баъзе аз ҷавонҳо ҷустуҷӯйҳои ҷиддии ғоявию бадеӣ давом доранд. Дар шеъри онҳо чи ҳиссиётпарварии ҳикматомез ва чи тасвиркории нозукро дидан мумкин аст. Ҳам дар лирика ва ҳам дар достон асарҳое ба вуҷуд омадаанд, ки сазовори гуфтугӯи ҷиддӣ мебошанд. Аммо шеърҳое ҳам бисёранд, ки дар бораи онҳо чизе гуфтан душвор аст, аз онҳо масъалаи ҷиддие баровардан,

дар асоси онҳо дар сари ягон масъалаи ҷамъиятиву сиёсӣ ё маънавиву ахлоқӣ андеша рондан имкон надорад. Онҳо шеърҳои умумӣ, шеърҳои урёнанд, ки фикру ҳиссеро ба ҷунбиш намеоранд.

Шеър маҳсули ҳавову ҳавас наметавонад буд, балки зодаи ҳиссиёти баланд ва хаёлоти рангин аст, ки аз маърифати пуршиддати олами ҳастии маънавиҷ инсон ва сарнавишти ҷаҳон ба ҳосил меояд.

**Савол.** Агар воқеъбин бошем, рӯйрост бояд гуфт, ки вазъи танқид дар журнали «Садои Шарқ» (ва на фақат ин нашрия!) чандон хуб нест. Баъзе проблемаҳои асосии адабиёти имрӯз ҳанӯз мӯҳтоҷи таҳқиқи ҷиддист. Мақолаҳои танқидӣ дар охири маҷалла бо ҳарфи хурд чоп мешаванд. Ин ҳолат дар байни хонандагон андешаҳои гуногуне ба миён меорад. Гурӯҳе ба хусусияти оммавӣ надоштани танқид ишора кунанд, баъзеҳо худи мунаққидонро гунаҳкор медонанд. Ҳатто мунаққидонро гоҳ ба нафаҳмидани ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ айбдор мекунанд. Оё дар ин фикрҳо ҳақиқате ҳаст?

**Ҷавоб.** Дуруст аст, ки танқиди адабии тоҷик камбудиҳои бисёре дорад. Дар ин бора дар сессияи чоруми Совети координацияи танқиди адабию бадеии АФ РСС Тоҷикистон, ки ба наздикӣ баргузор шуд, ҳамаҷониба сухан рафт. Умедворем, ки ин мушовира ба инкишофи минбаъдаи танқид нақше хоҳад гузошт. Лекин, имони камина комил аст, ки ҳоло норасоиҳои танқид аз норасоиҳои ягон жанри дигари адабиёт зиёдтар нест. Ҳоло наметавонем гӯем, ки савияи танқид аз савияи умумии адабиёт пасттар аст. Ба фикри ман, дар шароити имрӯза метавон гуфт, ки савияи илмию назарии танқид ба савияи ғоявию бадеии адабиёт баробарӣ дорад. Акнун шароите фароҳам омадааст, ки пешрафти танқид ба пешрафти адабиёт сахт алоқаманд аст. Адабиёт дар пешрафти муттасили худ ҳар чӣ бештар муваффақият ба даст орад, афкори танқидӣ низ ба ҳамон дараҷа ба ҷавлон хоҳад омад.

Дар панҷ соли охир бисту се китоби мунаққидону адабиётшиносон аз чоп баромад. Пештар ягон бор дар чунин муддат ин миқдор асари танқид чоп нашуда буд. Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки танқид нисбатан хеле фаъол шудааст. Аз афзоиши фаъолиятгарии танқид ҳамин чиз ҳам гувоҳ аст, ки дар арафаи Анҷумани XXVII-и КПСС ва анҷумани навбатии нависандагон

дар «Садои Шарқ» ва «Адабиёт ва санъат» чандин мақолаи проблемӣ чоп шуд. Дар ин мақолаҳо инкишофи адабиёти тоҷикии солҳои ҳаштод аз чанд ҷиҳат муваффақиятомез ҷамъбаст гардид.

Солҳои охир дар танқид чанд номи нав пайдо шуд, ки Маъруф Раҷабов, Азим Аминов, Абдувалӣ Давронов аз ҳамин ҷумлаанд. Мо аз онҳо умедҳои калон дорем.

Яке аз камбудиҳои танқид он аст, ки фаврияти он ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ нест: масъалаҳои муҳимми адабиёт, ҳусну қубҳи асарҳои нави он аз тарафи танқид сари вақт ва бо фаврияткорӣ баррасӣ намешаванд. Моҳияти рӯйдодҳоеро, ки аз процесси ҷорӣ сар мезананд, зуд ва хусусан ҳамаҷониба муайян кардан душвор аст. Ин кор фурсат металабад ва ҷидду ҷаҳди дастҷамъиро мехоҳад. Муҳимтарин ҳодисаҳои нави процесси адабиро бо кӯшиши дастҷамъӣ ва кам-кам, бо мурури замон муайян кардан мумкин аст. Якбора ҳама чизро фаҳмидан ва гуфтан имкон надорад. Аз ҳамин сабаб, чи хонандагон ва чи нависандагон ҳамеша аз танқид кам ё беш гиламанд мемонанд. Гилаи онҳо аз ин ҷиҳат ҳаққонист. Танқидгарон бояд ҳамеша дар паи он бошанд, ки гапи даркориро дар вақташ гӯянд. Фикри аҳли танқид бояд ҳамеша сафарбар бошад, доимо бо шиддат кор кунад, то ки моҳияти ҳодисаҳои нави адабиро ҳар чӣ зудтар ва мукаммалтар падид овардан мумкин шавад. Аз эҳтимол дур нест, ки ҳангоми кори фаврӣ ва таъҷилӣ моҳияти баъзе ҳодисаҳо дуруст фаҳмида нашавад, нодуруст ё рӯякӣ эзоҳ ёбад. Лекин агар фикри ҳама мунаққидон баробар ва фаъолона ҳамеша дар амал бошад, ин фаҳмиши нодуруст ё рӯякӣ ба кӯшиши умум, бо баҳсу мунозираҳо ислоҳ хоҳад шуд. Афсӯс ки ҳамин фаъолиятмандии ҳамешагӣ ва ҳамагонӣ дар танқид даст надода истодааст. Танқидгарон на фақат бо танқид, балки ҳар кадоме бо чандин кори дигар овораанд ва имкон надоранд, ки доимо дар майдони танқид ҳозир бошанд. Моҳиятан мо мунаққидӣ касбӣ, касоне, ки фақат бо танқид машғул бошанд, кам дорем.

Қисман аз ҳамин сабаб аст, ки гоҳ барои нағз фикр кардани шакли мақолаи танқидӣ имкон кам мемонад: мақола гоҳ аз ҳад зиёд шакли илмӣ мегирад ва хусусияти оммавии худро аз даст медиҳад. Ин, албатта, камбудии ҷиддист. Илова ба ин, азбаски мақолаи танқидӣ дар охири журнал бо хурдтарин ҳарфҳо чоп ме-

шавад ва онро бо пурбин хондан лозим меояд, табиист, ки гоҳ мутолиаи мақолаи танқидӣ басо душвор аст. Бисёре аз хонандагон ба ин азоб тоб меоранд ва ба ҳар ҳол, асарҳои танқидро мутолиа менамоянд. Лекин мо бояд аз бардошти хонандагон суиистифода накунем. Ба назар гирифтани манфиати оммаи хонандагон, кӯшиши ҷиддӣ дар роҳи равшану возеҳ, ба шакли публицистии сабук ва шавқангез баён кардани мураккабтарин масъалаҳо низ ба қатори вазифаҳои якумдараҷаи ҳар мунаққид медароянд. Дар айни ҳол, хонанда ҳам бояд савияи маданӣ ва илмии худро мунтазаман баландтар кунад ва ба фаҳмидани баъзе масъалаҳои мураккаб, ки хоҳу нохоҳ баёни илмии сахттар) ва таъбирҳои печидатарро тақозо доранд, тайёр шавад.

Дар ин бобат мо аз нависандагон ҳам гила дорем. Баъзеи онҳо ба дарки баъзе масъалаҳои илмии ҷиддӣ, ки ба муносибати як асари нави бадеӣ ё ягон ҷиҳати процесси адабӣ пеш гузошта мешаванд, тайёр настанд. Ва ҳол он ки танқид ҳам илм аст, як шохаи адабиётшиносист. Нависанда бояд ба фаҳмидани забони танқид тайёр бошад, матлаби мунаққидро дуруст, на бо каҷфаҳмӣ ё фаҳмиши тахминӣ ба мулоҳиза гирифта тавонад. Вагарна муомилаи байни нависанда ва мунаққид, ки бе ин ҳам гоҳ хеле тезу тунд аст, ба душвориҳо дучор хоҳад омад. Таъсири танқид ба процесси адабӣ ва дарки иҷтимоиву фалсафии воқеият он гоҳ пурсамар хоҳад буд, ки аз як сӯ, бунёди илмиву назарӣ ва таҳлиливу объективии танқид пайваста устувор гардида, имконияти танқид болотар равад, аз сӯи дигар, қобилияти танқидфаҳмӣ ва маданияти танқидбардории нависандагон низ доимо афзоиш ёбад.

Оре, бисёре аз проблемаҳои процесси ҷории адабӣ нигарони баррасии танқидӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, танқид аз адабиёт, мунаққидон аз нависандагон қарздоранд. Азбаски процесси зиндаи адабӣ ҳамеша дар ҳоли тағйирпазирӣ ва пешрафт аст, хавфе пеш меояд, ки мо, мунаққидон, ҳеҷ гоҳ ин қарзи худро канда натавонем. Гоҳ ҳатто чунин вонамуд мешавад, ки ҷоиз аст аз ин қарздорӣ хурсанд бошем. Дигаргуниҳои муҳимми сифатӣ дар адабиёт босуръат рӯй дода, масъалаҳои мураккаби назарӣ яке аз паси дигар пеш омадан гиранд, танқид ба ин суръат расидагӣ карда натавонад ҳам, гӯё боке нест, аз пешрафти адабиёт хурсанд бояд шуд. Инро мо, албатта, барои тасаллои дил мегӯем.

Аммо вақеият иҷозат намедиҳад, ки худро тасаллӣ диҳем. Воқеият тақозо дорад, ки танқид лаҳзае аз процесси адабӣ қафо намонад ва ҳар чӣ зудтар ҳама қарзҳояшро адо кунад.

Як вазифаи муҳимми танқид ҳоло шояд ин бошад, ки ҳар чӣ бештар мазмуни фалсафӣ гирифтани тадқиқи иҷтимоиву психологии адабиётро ҳамаҷониба омӯзад, доираи масъалаҳоеро, ки ба ин муносибат, аҳамияти ҷудогона пайдо кардаанд, муайян намояд ва барои ҳалли амалии онҳо ёрӣ диҳад. Аз ин равияи адабиёт дар оянда натиҷаҳои ҷиддии эҷодӣ умед кардан мумкин аст ва аз ин рӯ, бояд дар маркази диққати танқид қарор гирад.

Адабиёт аз олитарин падидаҳои ақлу заковат ва дили шоиронаи халқ, таҷассуми виҷдони вай мебошад. Ақлу заковати халқи мо ва дили шоиронаи ӯ маҳсули тараққиёти иҷтимоиву маънавии чандин аср аст, бо мурури замон нумӯ карда ва такмил ёфта, маънои олии моҳияти даврони моро ифода мекунад. Адабиёт фақат аз тасвири манзараҳои алоҳидаи зиндагӣ, ҳатто панорамаи вусъатноки он иборат нест, балки бояд моҳияти аслии замон, мазмуни амиқи иҷтимоиву фалсафии онро ифода намояд. Танқид бояд аз ҳамин бинишгоҳ адабиётро ба таҳқиқ гирад. Ба лавҳаю манзараҳое, ки ҳаққонияти зоҳирӣ доранд, ба зоҳири лавҳаю манзараҳо, ки монанд ба ҳақиқат ҳастанд, фирефта набояд шуд. Мо аз адабиёт бояд фикри амиқ ва ҳиссиёти баланд, умдатарин ҳикмати ҳаёт ва маънои аслии сарнавишти ҳамзамонони худро ҷӯем ва талаб кунем. Танҳо торафт баланд бурдани меъёрҳои ғоявию эстетикии танқид, пайваста корбаст овардани меъёри халқият ба амиқ рафтани тадқиқи бадеии иҷтимоиву фалсафӣ мусоидат хоҳад кард.

В. Г. Белинский дар мақолаи «Сухан аз танқид» гуфта буд: «Танқид шуури фалсафӣ, аммо санъат шуури бевосита аст». Вазифаи танқид фақат дар чорчӯби танги шарҳу эзоҳи оддии асарҳои бадей маҳдуд нест. Танқид як ҷузъи бозҷустҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва маънавиву ахлоқии ҷамъият аст. Танҳо дар сурате ки ба танқид бо чунин назари ҷиддиятомез менигарем, аз он дар пешрафти ҷамъият ва адабиёту санъат чизе умед кардан мумкин аст.

**Савол.** Журнали «Садои Шарқ»-ро оинаи адабиёти тоҷик мегӯянд. Вай бояд вазъи адабиётро инъикос кар-

да, аз ягон ҷиҳат ба зиндагии мардум кӯмак кунад, муҳимтарин масъалаҳои замонро инъикос намояд. Дар ин ҷабҳа оё таҷрибаи устод Айнӣ, Лоҳутӣ ва Турсунзода қобили омӯзиш нест?

**Ҷавоб.** Дар ин ки «Садои Шарқ» оинаи адабиёти тоҷикист, касе шубҳа надорад. Ҳар чизи муҳим, ки дар адабиёти тоҷикӣ пайдо мешавад, аввало асосан ба воситаи ин маҷалла ба, дастраси хонанда қарор мегирад. Ин яке аз сабабҳоест, ки эътибори «Садои Шарқ»-ро дар назари аҳли адаб ва хонандагон баланд кардааст. Он ҳам муҳим аст, ки «Садои Шарқ» барои беҳтар шудани сифати асарҳои нави нависандагон мубориза мебарад, пеш аз чопи асар муҳокима ташкил намуда ва бо муаллиф кор карда, хусусан ба муаллифони ҷавон ёрӣ дода, метавон гуфт, ки гоҳ роли як мактаби адабиро иҷро мекунад. Бо вуҷуди он ки ин вазифа на ҳамеша ба дараҷае ки бояд ва шояд, иҷро мегардад, «Садои Шарқ» дар пешрафти адабиёт, дар баландтар шудани савияи ғоявию бадеии асарҳои нав ҳиссаи муҳим дорад. Бешубҳа, «Садои Шарқ» дар ин ҷабҳа пайрави анъанаҳоест, ки аз устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ сар шуда, ба фаъолияти М. Турсунзода инкишоф ёфта буд.

Ин ҳам сазовори таъкиди махсус аст, ки чанд нашрияи мо дар масъалаи тозагии забони адабӣ диққати махсус медиҳанд. Инҳо асосан моҳномаи «Садои Шарқ», ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», рӯзномаи «Газетаи муаллимон» мебошанд ва дар ин миён хизмати маҷаллаи «Садои Шарқ» бояд алоҳида қайд шавад. Мехоҳем, ки ин нашрияҳо дар ин роҳ сахтгирӣ ва диққаткориро зиёдтар кунанд, бештар собитқадам бошанд. Дар ин кор ҳам ба анъанаҳои бузургони мо, ки устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ, инчунин Пайрав, А. Деҳотӣ, Толис ва дигарон давом додаанд, садоқати комил лозим аст. Забони адабии тоҷикӣ дар роҳи инкишофи худ аз «Садои Шарқ» бисёр умедвориҳо дорад.

Солҳои охир «Садои Шарқ» мақолаву очеркҳои проблемӣ бисёртар чоп мекунад ва масъалаҳои ҳалталаби тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии республика, масъалаҳои саноату сохтмон, хоҷагии қишлоқ, экология ва ғайраро ба миён мегузорад. Пеш гузоштани чунин масъалаҳо барои марҳилаи ҳозираи инкишофи иҷтимоиву иқтисодии мамлакати мо аҳамияти махсус дорад. Маҷалла бо чунин мақолаву очеркҳо ба ҳалли

масъалаҳои душвор ва бартараф кардани камбудиҳо ёрӣ мерасонад. Вале чунин мақолаву очеркҳо чоп кардан кам аст. Барои амалӣ шудани таклифҳо, ҷомаи амал пӯшидани андешаҳо мубориза бурдан зарур аст, лозим аст, ки материали мақолаву очеркҳои проблемӣ ва андешаи мутахассисон аз тарафи органҳои дахлдор дар кори амалӣ, дар тартиб додани нақшаҳо ва ислоҳи саҳву камбудиҳо ба назар гирифта шавад. Идораи журнал ба назар гирифта шудан ва дар органҳои дахлдор баррасӣ гардидани онҳоро талаб намояд, нагузорад, ки андешаҳо, пешниҳоду таклифҳояш беҷавоб монанд. Агар чунин исроркорӣ накунем, дар бисёр мавридҳо аз чоп шудани мақолаву очеркҳои проблемӣ фоидае нахоҳад омад.

Дар газетаву журналҳои мо мақолаҳои публицистие, ки аз гапҳои умумӣ ва фикрҳои маълум иборатанд, бисёр чоп мешаванд. Аксаран суханронии нависандагон аз радиову телевизион низ умумӣ ва берангу бетаъсир аст. Ин камбудии ҷиддист, ки боиси паст шудани қадри сухан мегардад. Мубориза дар роҳи афзоиши ҷиддияти публицистика, дар роҳи ривоҷу равнақи публицистикаи хирадмандона, фалсафимазмун ва образнок аз муҳимтарин вазифаҳост. «Садои Шарқ» дар иҷрои ин вазифа ҳам бояд дар сафи пеш қадам занад.

Аз чӣ сабаб бошад, ки дар «Садои Шарқ» дар бораи ахлоқу одоб, ҳусни муошираву муомила мақола чоп намешавад. Масъалаи ахлоқ, хусусан ахлоқи ҷавонон ҳоло ба ғоят аҳамият пайдо кардааст. Муборизаи зидди бадхулқию беодобӣ, зидди бемаънавиятӣ ҳамеша вазифаи муқаддаси адабиёт ва нашрияҳои адабӣ буд ва минбаъд бояд бештар ривоҷ ёбад. Мақолаҳое, ки дар онҳо бунёди маънавию фалсафии ҳастии инсон, масъалаҳои асосии ахлоқи коммунистӣ, ақидаҳои бузургони гузаштаву ҳозира, нависандагону олимони барҷастаи халқҳову замонҳои гуногун аз назар гузаронида шуда бошад, дар ҳамаи нашрияҳо, хусусан дар «Садои Шарқ бояд бештар чоп шаванд. Чунин мақолаҳо ҳам барои аз тарафи мардуми мо амиқан дарк шудани моҳияти мавҷудияти инсон кӯмак хоҳанд кард.

1986

Баъзе нависандагону мунаққидон чи дар мамлакати мо ва чи дар хориҷ қайҳо боз ақидае изҳор мекунанд, ки адабиёт дар пеши масъалаҳои тезу тунди иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавию ахлоқие ки дар ҷамъияти ҳозира нав-нав пайдо шудан мегиранд, оҷиз аст, ин масъалаҳоро бо ҷиддияти тамом ба андеша гирад ҳам, барои дар ҷамъият ҳал шудани онҳо ёрмандӣ карда наметавонад, ҳаётро дигар кардан, воқеиятро тағйир додан аз дасти адабиёт намеояд. Онҳо вақтҳои охир ба далели ин фикр мегӯянд, ки, масалан, дар адабиёти русӣ солҳои шасту ҳафтод «насри деҳот» хеле тараққӣ карда, аз қабили Василий Белов, Виктор Астафьев, Василий Шукшин, Валентин Распутин, Фёдор Абрамов нависандаҳои барҷастае дод ва ин нависандагон муҳимтарин масъалаҳои деҳро хеле тунду тез ба миён гузоштанд, вале аҳволи деҳа беҳ нашуд. Яъне гӯё адабиёт аз қувваи ҷамъиятӣ маҳрум аст, дар ислоҳи корҳои ҷамъият аз адабиёт чизе умед кардан ҷоиз нест.

Дар назари аввал ин фикр гоҳ дуруст менамояд. Ба «дурусти»-и он гӯё ҳамин ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки адабиёти ҳикматшиносу пандомӯзи форсиву тоҷикӣ аз даврам Рӯдакӣ то имрӯз бо кӯшиши бузургони бисёре барои ислоҳи ахлоқу одоби мардум ҷаҳду ҷадал кард, аммо хислатҳои бади инсон ҳанӯз нест нашудааст, бадкирдориву беинсофӣ, ҳаромкориву ҳаромхӯрӣ, нотавонбиниву ҳасад, мансабдӯстиву фармонфармоӣ ва ғайра ҳанӯз давом дорад. Дар ҳақиқат, асарҳои Ибни Синоро, ки ба муносибати ҳазораи ӯ чоп шуданд ва чоп шуда истодаанд, як аз назар гузаронем, мебинем ки вай қариб ҳазор сол пеш аз ин бисёр нуқсонҳои сиришти инсонро гуфтааст ва роҳи ислоҳи онҳоро нишон додааст, аммо ҳамаи он нуқсонҳоро имрӯз ҳам дар ҳар қадам аз мардуми атрофи худ мушоҳида мекунем. Чунин асарҳоро мехонему гоҳ ба андеша меравем, ки алҳақ, зоти инсон тағирнопазир аст ва сифатҳои бади он ҳаргиз барҳам нахоҳад хӯрд.

Оре, гуногунии табиати инсон, ҳар чӣ неку бад, ки дар сиришти одамизод ҳаст, муборизаи некиву бадӣ, ки бо пайдоиши башарият сар шуда буд, имрӯз ҳамчунон боқист ва минбаъд ҳам давом хоҳад кард. Вале ин ҳақиқатро ба он маънӣ набояд фаҳмид, ки гӯё фик-

ри ҷӯяндаи инсон, ҷаҳду ҷадали мутафаккирон, сухани олии адибон, ҳама инкишофи илми ахлоқ ва адабиёту санъат фоидаи амалӣ надорад ё натиҷаи ночизе медиҳад, аз устувор кардани некӣ ва гирифтани пеши бадӣ оҷиз аст, аз дасташ коре намеояд. Не, ҳаргиз чунин нест. Адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ дар тӯли асрҳо барои ташаккули маънавияти мардум, барои муайян шудани сифатҳои баланди ахлоқи наслҳои наврас роли бузурге бозидааст ва дар замони мо низ чунин роли он кам нашудааст. Албатта, гапи нағз ба гӯши ҳар кас намедарояд, вале ҳамеша касоне ҳастанд, ки сухани оқилонаи наҷобатафзо дар замини дили онҳо тухми некӣ мекорад.

Халқи мо асрҳо боз «тафаккури китобӣ» дошт, сухани навишта, «гапи китобӣ» дар назари мардуми бесавод ҳам эътибори баланд пайдо карда буд. Китоб ҳикмати асрҳоро дар бар гирифта, дар ҷамъият чун қувваи фаъоле амал мекард ва пояҳои ҳастии маънавии халқро устувор менамуд, мардумро зиндагӣ меомӯхт, ба сӯи некиву одамият раҳнамун мегардид. Дастнависҳои форсӣ, ки дар тӯли асрҳои миёна ба вуҷуд омадаанд, имрӯз дар бузургтарин ганҷинаҳои дунё аз Тошканд то Лондон сершумортарин шӯъбаҳоро ташкил медиҳанд: талабгори китоб бисёр буд, бинобар ин китоб бисёр навишта мешуд.

Таъсири сухани бадеӣ, амали сухани нависандаи дилшиноси нозукбин ҳадду андоза надорад. Дар бораи ин ки романи Н. Островский «Обу тоб ёфтани пӯлод» ё асарҳои Ҷек Лондон барои тарбияи ҷавонони қавиродa чӣ роле бозидааст, фактҳои аҷибе мавҷуданд. Роли насри устод Айнӣ дар ташаккули худшиносии иҷтимоиву таърихии тоҷикон, роли шеъри устод Лоҳутӣ дар тараққии шуури ҷамъиятии онҳо низ ба ҳама маълум аст.

«Насри деҳот»-и адабиёти советии сермиллати солҳои шасту ҳафтод низ қуввaи азими ҷамъиятиро доро буда, барои фаҳмидани моҳияти иҷтимоиву психологии процесҳое, ки дар ҷамъият ҷараён ёфтанд, барои ҷалб кардани диққати аҳли ҷамъият ба ҷиҳатҳои иқтисодӣ, хусусан ҷиҳатҳои маънавию ахлоқии он процесҳо бағоят аҳамияти калон дошт ва имрӯз ҳам фаъолона роль бозида истодааст. Ин шохаи адабиёт ҳатто яке аз омилҳое буд, ки барои қарори партия ва ҳукумат дар

бораи инкишофи вилоятҳои марказию шимолии Россия замина тайёр карданд.

Анҷумани XXVII-и КПСС роли афкори ҷамъиятиро дар ҳалли масъалаҳои умдаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти халқу мамлакат бениҳоят баланд бардошт. Партия вазифа гузоштааст, ки дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ роҳу равиши нав пеш гирифта, тартибу низом ҷорӣ карда ва адолати иҷтимоиро устувор намуда, суръати инкишофи иҷтимоиву иқтисодии мамлакатро афзудан лозим аст. Партия аз мо ҳақгӯию ошкорбаёнӣ, чораҷӯиву корсозӣ талаб мекунад, то ки ҳамаи қувваҳои моддиву маънавӣ ба иҷрои вазифаҳои нав сафарбар шавад. Дар ин шароит қувваи ҷамъиятии адабиёт, таъсири амалии сухани бурройи адибон яке бар чанд меафзояд.

Қувваи ҷамъиятии асари бадеӣ, пеш аз ҳама, дар симои қаҳрамони фаъол ифода меёбад. Қаҳрамони фаъоли мубориз, ки талаби замонро амиқ дарк намуда, дар роҳи пешбурди ҷамъият фидокорона ҷаҳду ҷадал мекунад ва дар ҳалли амалии масъалаҳои ҳастии инсон намунаи ибрат шуда метавонад, чунин иқтидори эмоционалӣ хоҳад дошт, ки қувва ба қувваи хонанда зам карда, ӯро дар ҳаракат, дар фаъолият ва талошҳо илҳом бахшад. Ҳоло адабиёти тоҷикӣ бештар аз пештар ба чунин қаҳрамони ҳамзамон эҳтиёҷ дорад, ки сафарбарии ҷисмониву маънавӣ, қатъияту ҷасорат ва фаъолиятгарии иҷтимоии ӯ бо қувваи азими бадеӣ ифода шуда бошад. Ин қаҳрамон қаҳрамони наве бояд бошад, ки хислатҳои ӯро шароити тозаи имрӯза, шароити дигарсозию суръатафзой муайян кардааст ва тасвири вай ба ҷустуҷӯҳои эстетикии навҷӯёна асос ёфтааст.

Дар Маърӯзаи сиёсии КМ КПСС барои Анҷумани XXVII гуфта шудааст: «Вақте ки зарурати ҷамъиятии дарки замон ва алалхусус даврони дигарсозиҳо ба миён меояд, замон ҳамеша одамонеро ба майдон меорад, ки ин барояшон эҳтиёҷоти ботинӣ гардидааст. Мо ҳоло дар чунин замоне зиндагӣ мекунем».

Чунин шахсон қаҳрамони даврони мо хоҳанд буд ва аз ҳаёт ба адабиёт хоҳанд омад. Аз аввал бо чашми борикбин ба мушоҳида гирифтани тавлиди чунин қаҳрамон, ҷигунагии фаъолияти амалӣ ва олами ботинии ӯ, ҳама ҳастии иҷтимоиву маънавии вай ба нависанда имкон хоҳад дод, ки ҷустуҷӯҳои эстетикиро мувофиқи замони мо навангезона амиқ барад. Ҳар нависанда, ки дар ин мушоҳидакорӣ ва ҷустуҷӯҳои эстетикӣ ба комё-

бии ҳақиқӣ ноил мегардад, ба қуваи таъсири ҷамъиятии адабиёти тоҷикӣ қувваи нав илова хоҳад кард, шояд тамоми адабиётро як қадам пеш хоҳад бурд.

Шубҳае нест, ки даврони беҳсозиву навсозиҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷамъият барои адабиёт ҳам даврони шиддатафзоии ҷустуҷӯҳои ғоявию эстетикӣ хоҳад нагардид. Албатта, ин ҷидду ҷаҳди эҷодӣ зуд натиҷа намедиҳад. Лекин барои ин ки фардо ё пасфардо натиҷаи чашмгире ба даст ояд, лозим аст, ки нависанда аз ҳоло ботинан тайёрӣ сар кунад, аз ҳама пеш назари худ ва психологияи худро мувофиқи рафти замон дигар созад, барои фаҳмидани психологияи қаҳрамони замон тайёр бошад, то ки ҷузъиёту тафсилоти ташаккули шахсияти ӯро бо бинишу фаҳмиши амиқ, ҳар чӣ мукаммалтару конкреттар ба чашмандоз орад.

Солҳои ҳафтоду ҳаштод дар насри ҳозирамавзӯи тоҷикӣ диққати нависандагонро қаҳрамоне бештар ба худ ҷалб кард, ки фикран хеле фаъол, аммо амалан камфаъолият ё нофаъол аст. Танқид ин хусусияти қаҳрамон—дар амал камфаъолият ё нофаъол будани ӯро ба назар гирифта, гоҳ ақидае изҳор карда буд, ки назари гражданини нависанда дар чунин асарҳо нофаъол аст, нависанда нисбат ба рӯйдодҳои воқеияти иҷтимоӣ ва масъалаҳои муҳими он фаъолона мавқеъ ишғол накардааст, фаъолиятмандии иҷтимоӣ надорад. Чунончи дар бораи повести Сатторр Турсун «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» («Мегӯянд, ки модарам...») гуфта шуда буд: «Қаҳрамони ин повесть фақат бо андешапарварӣ ва шикоятҳои ғамангезе аз қаллобони соҳаи санъат маҳдуд аст» ва «нависанда қаҳрамонро бо муҳити кӯҳнапарастон ба задухӯрд наовардааст ва бефаъолиятии ӯро маҳкум накардааст». Гоҳ дар ҳаққи повестьҳои Ӯрун Кӯҳзод низ чунин эродҳо ба гӯш мерасанд.

Ба фаҳми мо, ба чунин эродҳо розӣ шудан мумкин нест. Ҳангоме ки чунин эрод мегирем, танҳо камфаъолиятии зоҳириро мебинем, фақат ба зоҳир эътибор медиҳем, аммо қуввaи ботинӣ, қувваи фаъолиятмандии фикрии қаҳрамонро аз эътибор соқит мекунем. Ва ҳол он ки гоҳ қувваи фикр аз қувваи амал бештар аст ва бештар аҳамият дорад. Агар қаҳрамон бо қувваи фикри ҷӯянда ва ҳиссиёти баланд баъзе паҳлуҳои ҳақиқати ҳаётро пеши чашми мо намудор созад ва ба ин восита, барои дарки моҳияти муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ замина ҳозир намояд, инро нишонаи фаъолияттарии

граждании ӯ бояд донист ва назари нависандаро назари фаъол бояд ба шумор оварқ. Қаҳрамон зоҳиран нофаъол бошад ҳам, мумкин аст, ки мавқеи иҷтимоии нависанда хеле ва хеле мавқеи фаъолона бошад. Саттор Турсун дар «Мегӯянд, ки модарам...», Ӯрун Кӯҳзод дар «Қини Хумор», «Писанддара» ва «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» масъалаҳои муҳимми зиндагиро хеле тунду тез ба миён гузоштаанд, андешапарварӣ ва эътиқоди устувор, эҳтиросот, ҳиссу ҳаяҷони баланд дар ин асарҳо қувваи фаъоли иҷтимоист, таъсири пурзӯри ҷамъиятӣ дорад.,

Бояд фаромӯш накунем, ки гоҳ ин қувваи фикр натиҷаҳои амалӣ ҳам дорад. Маҳз андешаҳои пуршиддати Исфандиёр ва Вера дар повести «Қини Хумор» («Андешаҳои танҳоӣ») чашми Хумори нофаъол ва тан ба тақдир додаро кушоданд, ӯро ба он водоштанд, ки дар зиндагӣ қадами қатъӣ пеш гузорад. Яъне фикри фаъол чун қувваи пуртаъсире ба амали фаъолона гузашт, амали фаъолона ба миён овард. Пас, чӣ тавр метавонем гӯем, ки назари нависанда аз фаъолиятгарӣ дур аст?

Табиби ҷавон Даврон дар повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд» бо мардуми бадкирдор мубориза сар кард, вале ин мардум чунон пурзӯр баромаданд ва забон як карда, аз як гиребон сар баровcovered, ки муборизаи Даврон натиҷае наовард, баръакс, ӯ худ аз по афтод, бистарӣ шуд. Ин ҷо ҳам аз муборизаву талоши ошкоро оҷиз омадани қаҳрамон аломати сустии мавқеи иҷтимоии нависанда нест. Бадкирдорон зӯровар ва таҷовузкоранд. Хусусан агар лаҷоми онҳоро суст гузошта бошем, вазъияте ба миён меояд, ки қаҳрамони повести Валентин Распутин «Сӯхтор» онро чунин эзоҳ додааст: «Некии софдилона ба сустиву нотавонӣ табдил ёфту бадӣ қувват гирифт». Оре, бадиву бадкирдории таҷовузкор қувват гирифтааст. Ин ҳам ҳақиқати зиндагист, ки бояд дар адабиёт инъикос меёфт ва инъикос ёфта истодааст. Шояд маҳз ба ҳукми ҳамин ҳақиқат қаҳрамони баъзе асарҳо гоҳ ба задухӯрди ошкоро қадам намегузорад ва аз ин сабаб, охируламр ба лаби партгоҳи маънавӣ мерасад. Ба қаҳрамони повести Ф.Муҳаммадиев «Варта» ҳамин ҳолат рӯй дод. Инчунин маҳз аз ҳамин сабаб бояд бошад, ки дар адабиёт қаҳрамони дуҷанба, қаҳрамоне, ки ӯро зиддиятҳои ботинӣ ба гирдоби худ гирифтаанд ва ӯ аз он наҷот ёфта наметавонад, пайдо шуд.

Дадоҷон дар романи Ҷ.Икромӣ «Зоғҳои бадмур» чунин қаҳрамон аст.

Ҳеҷ яке аз ин асарҳо ва қаҳрамони онҳо хилофи ҳақиқати ҳаёт нестанд. Ҳамаи онҳо падидаҳои гуногуни шароити мураккаб ва зиддиятҳои воқеи зиндагиро дар худ акс додаанд. Дуруст аст, ки баъзан биниши иҷтимоиву фалсафии нависандагон чандон амиқ нарафтаast, лекин ба ҳар ҳол, ҳақгӯии нависандагон, дар сари зиддиятҳои воқеияти иҷтимоӣ бо шиддат андеша ронда, нисбат ба ҳодисаҳои манфӣ нафрат бедор кардани онҳо гувоҳи он аст, ки мавқеи иҷтимоии фаъолона доранд. Қатъи назар аз он ки фаъолияти қаҳрамон ба чӣ тарзҳо зоҳир шудааст, чашми мардумро дар дидани ҳақиқат бинотар кардани нависанда айни фаъолиятмандии иҷтимоист.

Дар Анҷумани УШ-и нависандагони СССР таъкид шуд, ки асарҳои машҳури бисёре аз нависандагони мо, хусусан Ф.Абрамов, Ч.Айтматов, В.Белов, В.Астафьев, В.Распутин, С.Залыгин ва монанди инҳо аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки барои ба роҳи имрӯза, ба навсозии иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои куллӣ даромадани ҷамъияти советӣ замина тайёр кардаанд. Бояд гӯем, ки баъзе асарҳои нависандагони тоҷик ҳам бо ошкор кардани зиддиятҳо ва муҳокимаи тезу тунди масъалаҳои воқеияти иҷтимоӣ моро ба дигаргуниҳои имрӯза аз ҷиҳати психологӣ то андозае омода сохтанд. Хусусан қаҳрамони андешапарвари насри тоҷикӣ дар ин роҳ чун қувваи фаъоли ҷамъиятӣ амал намуд. Ин қаҳрамон дар оянда ҳам барои ба ҷунбиш овардани фикр ва қувваҳои ботинии мардуми мо чун як омили фаъолиятафзо хизмат хоҳад кард.

Ғайр аз ин, қаҳрамони мазкур бо андешаҳои эҳтиросомези оид ба дардҳои ҷамъият то андозае ба пайдоиши қаҳрамони фаъоли мубориз замина ҳозир намудааст. Анҷумани XXVII-и КПСС барои авҷ гирифтани фаъолияти мардони фидокор, барои дар мубориза̄и зидди кӯҳнапарастиву карахтӣ, зидди поймолкунандагони принципҳои адолати иҷтимоӣ ғалаба кардани онҳо беш аз пеш шароит ба вуҷуд овард. Вақте ки ин қаҳрамони ҳаёт ба адабиёт меояд, ба гумони қавӣ, бисёр хислатҳои ҳамин қаҳрамони андешапарвари солҳои ҳафтод ва ибтидои солҳои ҳаштод дар шахс ӯ ҳам мавқеи муҳим хоҳанд дошт. Ба ҳар ҳол, ин қаҳрамони нав шахсе хо-

хад буд, ки на танхо амалан, балки инчунин фикран ва ҳиссан фаъол аст. Дар айёми мо барои пурра ифода шудани шахсияти инсони мубориз ва рӯҳи замон танҳо фаъолияти амалии қаҳрамон басанда нест, балки мураккабиҳои олами ботинии ӯ низ бояд дар маркази диққат бошад ва амиқрафти санъати рӯҳшиносии нависанда аз шартҳои асосӣ хоҳад буд.

Фақат фаъолияти амалии шахсро дидан кам аст ва моро ба сарманзили мақсуд намерасонад. Сергей Залыгин боре дар Таллин гуфта буд, ки Наполеон ҳам фаъолиятмандии иҷтимоӣ дошт. Оре, мазмуни фаъолияти инсонро дар асоси меъёрҳои олии маънавиву ахлоқӣ, дар асоси арзишҳои ҷовидии башарӣ санҷидан лозим меояд. Қаҳрамони даврон бо он ки фаъолияти амалӣ, ташвишҳои муқаррарӣ ва фикру зикри вай ба масъалаҳои бузурги умумиинсонии ҳамаи замонҳо, ба масъалаҳои асосии иҷтимоиву фалсафии ҳастии инсон вобастагии амиқ дорад, моҳияти таърихии худро ифода менамояд. Ӯ дар ин сурат ба қувваи ҷамъиятии маънавӣ табдил меёбад ва пояҳои ҳастии маънавии мардуми имрӯзу фардоро устуворӣ мебахшад.

Дар давраи ҳозираи инкишофи ҷамъияти советӣ, дар даврони навсозӣ ва дигаргуниҳои калони иҷтимоӣ масъалаи қаҳрамони фаъоли мубориз аҳамияти махсус пайдо кардааст ва чи дар ҷустуҷӯҳои ғоявию эстетикии нависандагон, чи дар муҳокимарониҳои танқидӣ ҷойгаҳи асосӣ бояд дошта бошад. Лекин ҳоло масъалаи қаҳрамони манфӣ ҳам беш аз пеш диққат мехоҳад. Дар айни шиддати мубориза вазъияти ҳар ду тарафи майдони талошро ба хубӣ донистан лозим аст. Муборизони ҷарроҳи пешсаф, ки барои талош камар мебанданд, на танҳо бори гарони кӯҳнагиҳоро аз китфи худ бояд андозанд, балки дар бораи қувваи воқеии он ҳама бадию зиштӣ, ки онро нест кардан даркор аст, тасаввури дуруст бояд дошта бошанд. Дар ин кор ҳам адабиёт ба онҳо, ба ҷамъият бояд бо қувваи сухани бадеӣ ёрӣ диҳад.

Анҷумани УШ-и нависандагони СССР ба масъалаи қаҳрамони манфӣ махсусан диққат ҷалб кард. Чунончи, нависандаи номдори мо Даниил Гранин гуфт: «Адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла адабиёти русӣ як силсила қаҳрамонони бадкирдорӣ ва айбу нуқсонро ба вуҷуд овардааст: Растиньяк ва Смердяков, Иудушка Головлёв ва Яго, Клим Самгин ва Тартюф. Хилофқаҳрамонони

(антигерои) мо дар пеши ин қаҳрамонони бузург суст, безарар ва аҳмақнамо мебошанд. Ва ҳол он ки мубориза, ки имрӯз вусъат меёбад, ҳам ҳиссиёт ва ҳам харакзае, ки имрӯз вусъат меёбад, ҳам ҳиссиёт ва ҳам харак-терро пурзӯр кардааст. Бадию бадкирдорӣ дар ин мубориза нисбат ба он ки мо гумон доштем, хеле пурқувваттар, зарарноктар ва сершумортар баромад».

Аз ин рӯ, намудор кардани ҳама қувваи даҳшатомези зиштию зиштхӯӣ аз муҳимтарин вазифаҳо дар роҳи устувор намудани пояҳои гуманистии ҳастии инсон ва тамоми ҷамъият мебошад. Аз адабиёти ҳозираи тоҷикӣ танҳо як образи барҷастаи манфӣ—Мулло Ҳокироҳи романи Ҷ.Икромӣ «Зоғҳои бадмур»-ро ном бурдан мумкин асту бас. Давом додани ин таҷриба, амиқтар бурдани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ барои дарки ҳамаҷонибаи даҳшату қабоҳатҳои ноодамӣ, бадтинатӣ, худбиниву худкомӣ ва ошкор кардани моҳияти ғайриинсонию зиддиҷамъиятии онҳо қувваи таъсири адабиётро яке бар чанд хоҳад афзуд.

Бо диққат ба мушоҳида гирифтани ҳар он чӣ хилофи моҳияти инсонии одамизод аст ва шахсияти инсонро хароб мекунад, мубориза зидди рӯйдодҳои манфии зиндагонии мо низ як навъи ҷаҳду ҷадали пурсамаре дар роҳи устувор намудани пояҳои одамият мебошад. Аз ин ҷиҳат, хусусан повести В.Распутин «Сӯхтор» ва романи В.Астафьев «Детективи ғамгин» ҷолиб аст. Баъзе мунаққидон романи Виктор Астафьевро «муроҷиат ба тамоми халқ, худтанқидии миллӣ» номиданд. Нависанда бо халқ ошкоро ва пурсӯз сухан кардан, чашми халқро кушодан, виҷдони халқро ба ҷунбиш овардан мехоҳад, то ки худи халқ ҷамъиятро аз рӯйдодҳои нанговар тоза кунад. Адабиёт виҷдони халқ, виҷдони ҷамъият аст. Нависанда чун ифодагари ҳамабини виҷдони ҷамъият бо сухани буррои ҳикматомез раги ҳамияти халқро ба ҳаракат оварда, дили некхоҳу адолатпарвари ӯро ба софкории ахлоқ, ба даво кардани дардҳои иҷтимоӣ сафарбар менамояд.

Вақти он расидааст, ки адабиёт ҳақиқатро ба ниҳояти дараҷа пурраву мукаммал намоён кунад. Мегӯянд, ки нимҳақиқат аз дурӯғ бадтар аст. Мо ҳақиқатро,— гуворост ё ногувор, талх аст ё ширин,—бояд пурраву ҳамаҷониба донем, чунон ки дар Маърӯзаи сиёсии Анҷумани XXVII гуфта шуд, бо ҳама «драматизм ва бузургиаш» дарк намоем. Намоёнтарин нависандагон ҳамеша

дар ин роҳ мекӯшиданд ва агар аз рӯи асарҳои номбурдаи В.Распутин ва В.Астафьев, романи нави Ч.Айтматов «Таҳкунда» ҳукм кунем, адабиёт ҳоло бо ҷиддияти бештаре ҳақҷӯй ва ошкоргӯй пеш гирифтааст, аз ҷумла масъалаҳои асосии ҷамъиятро ба халқ равшану гӯё нишон додан мехоҳад. Инчунин мегӯянд, ки адабиёт судья нест, адвокат аст. Ин гап бояд дуруст бошад. Адабиёт ҳамеша дар роҳи ҳимояи инсон ҷадал дошт, инсонро аз ҳар балову фалокат, аз офатҳои иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқӣ ҳимоя менамуд, ҳатто аз худи ӯ, аз нуфузи сифатҳои бади сиришташ муҳофизат мекард. Иҷрои ин вазифа дар замони мо зарурати махсусе пайдо кардааст. Ҳоло бештар аз ҳар вақт дар дили одамизод одамиятро бедор кардан ва бедор доштан даркор аст. Маҳз бо ҳамин мақсад ноодамиро дар дили инсон куштан лозим меояд. Зиёда аз ин, ноодамӣ, каҷдиливу каҷфаҳмӣ, кӯрдилии иҷтимоиву маънавиро бо ҳама нафратангезиҳояш, бо қувваи тамом нишон додан зарур аст, ки одамият устувор шавад.

Камина аз ин ҷиҳат гоҳ аз асарҳои бадеӣ ва аксаран аз баромадҳои публицистии нависандагони тоҷик ноқонеъ мемонам. Такроран таъкид кардан мехоҳам, ки суханронии нависандагон ҳангоми вохӯрӣ бо хонандагон, баромади онҳо аз радиову телевизион, ҳатто баъзе мақолаҳои онҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо аксаран аз гапҳои умумии оддӣ ва сабукбор иборат аст, сухани пурмағзи ҳикматомез ва пандомӯз нест, ба мушоҳидаҳои ҷиддии ҳаётӣ асос наёфтааст, барои андеша, барои кушода шудани роҳи фикри шунавандаю хонанда ғизо намедиҳад ё бисёр кам медиҳад. Нависандагон зуд-зуд аз телевизон суханронӣ мекунанду аз чӣ сабаб бошад, ки аз даҳолати ҷиддӣ ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавияту ахлоқ худдорӣ меварзанд, аз ин масъалаҳо сар-сарӣ мегузаранд. Ин кори онҳоро худдорӣ аз иҷрои вазифаи асосии худ бояд шуморем. Ба фаҳми ман, суханронии нависанда дар пеши халқ аз баъзе ҷиҳатҳо бояд монанди ваъзҳои Саъдӣ бошад, чунон ки аз «Гулистон»-у «Бӯстон» мебинем, мағз то мағз ҳаётӣ, саропо конкрет, хирадмандона, пурмазмун ва ҳикматомез бошад, панд омӯзад. Албатта, ҳар нависанда Саъдӣ шуда наметавонад, вале аз паи ин муаллими бузурги ахлоқ рафтан, аз ӯ санъати суханронӣ ва мантиқи сухан касб кардан, лоақал дар ин роҳ кӯшидан имрӯз

вазифаи ҳар адиб аст. Ин вазифа имрӯз, ба қавли устод Айнӣ, «фармудаи таърих» аст, ки бояд иҷро кунем. Мардуми мо чандин аср пеш бовар ҳосил карда буданд, ки «сурмаву тӯтиёи чашми хирад ҳикмат аст». Ҳикмати ҳаёти имрӯза, ҳикмати асрҳоро ба гӯши ҳар кас, ба гӯши ҳамаи раҳҷӯёни водии маънавият ва ахлоқу одоб расонидан зарур аст. Ҳоло Саъдии замон лозим аст, то ки чашми хиради моро нур бахшад.

Дар омади гап гуфтан лозим аст, ки, ба фикри мо, дар шароити ҳозира аз маънавият ва ахлоқу одоб сухан кардан на танҳо яке аз вазифаҳои ҳар нависанда (чӣ дар асари бадеӣ ва чӣ дар баромади публицистӣ) мебошад, балки дар фаъолияти ҳамаи агитатораву пропагандистон бояд мавқеи муайян ишғол намояд. Азбаски маънавияти олӣ ва хулқи нек пояи асосии тарбияи коммунистӣ мебошад, лозим меояд, ки ҳамаи навъҳои таблиғот муҳимтарин унсурҳои онро дар бар гирад. Ҳар мавзӯъе, ки агитаторону пропагандистон дар сӯҳбатҳои худ пеш мегузоранд, кам ё беш, лоақал аз ягон ҷиҳат ба масъалаҳое аз қабили ин, ки инсони ҳақиқӣ кист, мақсад аз зиндагӣ чист, одоби муошрати шахс, муомилаи ӯ ба дигарон, ба аҳли оила, ба раҳгузарони кӯча, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд чӣ гуна бошад ва ҳоказо, вобастагие дорад. Ин вобастагӣ, ин имконият бояд ҳар дафъа пурра истифода шавад. Дар баъзе районҳои республикаи мо расме ҳаст, ки панду ҳикматҳои классикони илму адабиёти тоҷик ва бисьёр халқҳои дигарро монанди шиор навишта, дар биноҳои ҷамъиятӣ ва кӯчаҳо меовезанд. Ба фикрам, ин таҷрибаи хубест ва онро дар ҳамаи районҳо ҷорӣ кардан беҳтар аст. Панди зубда ва ҳикмати шомил бояд аз қатори шиорҳои асосии замони мо берун намонад, дар ҳар қадам чун қувваи фаъоли ҷамъиятӣ амал кунад.

Вазифаҳои бузурге, ки ҷамъият ба иҷрои онҳо шурӯъ намуд, дар адабиёт ҳам дигаргуниҳои ҷиддӣ талаб мекунад. Лекин суръатафзоӣ дар адабиёт аз зиёд карлани адади асарҳои бадеӣ иборат нахоҳад буд, балки беш аз пеш фаъол шудани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва таъсири ҷамъиятии адабиёт, ривоҷу равнақ ва афзоиши қадри сухани асил ва роли иҷтимоии онро тақозо дорад. Адабиёт бо нозукбинӣ ва амиқ, сар фурӯ бурдан ба масъалаҳое, ки бояд ҷамъият ҳал кунад, омодагии психологию эмоционалӣ ва эътиқодмандии сиёсиву иҷтимоии

муборизонро таъмин менамояд. Чунон ки нависандаи маъруфи мо Георгий Семёнов дар мақолаи газетаи «Советская культура» (31 июли 1986) гуфт, вазифаи нависанда «ба вуҷуд овардани афкори ҷамъиятӣ, қувват додани ҳушёриву тезбинии иҷтимоии ҷамъият аст, то ки нокасу нобакореро, ки ниқоби ҳақиқатҷӯӣ ба рӯй кашидааст, шинохта тавонем».

Оре, намояндаи виҷдони халқ бояд ҳамеша ҳушёр бошад ва асли ҳақиқатро ба чашми халқ дида, барои устувор шудани он ба ҷамъият кӯмак расонад, ба қавли В.Астафьев, «дар дили мардум ҳиссиёти нек ба вуҷуд орад, инсонро, пеш аз ҳама, гражданин, ватандӯст, шахсияти маънан гармоник тарбия намояд».

1986

## ИСТИҚЛОЛИ ФИКР ВА КОНЦЕПЦИЯ ДАРКОР АСТ

Лозим аст, ки танқид ҳамеша аз паи баррасии инкишофи тамоюлоти асосии адабиёт ва ҳатто хурдтарин дигаргуниҳои ҷараёни адабӣ бошад, мазмуну мундариҷаи онро сари вақт таъин кунад, то ки барои қувват гирифтани ҷанбаҳои пурсамар ва бартараф шудани монеаҳои ин роҳ ба дараҷаи кофӣ саҳм гузошта тавонад. Чунин баррасии ҳамешагӣ аз тарафи ҳар як нависанда ҳам зарур аст. Ҳар як нависанда ҳам доимо бояд донад, ки дар адабиёти халқи ӯ ва дигар халқҳо, дар адабиёти ҷаҳон чӣ ҷустуҷӯҳои эҷодӣ давом доранд, ё оғоз ёфтаанд ва ин бозҷустҳо адабиётро ба кадом сӯ мебаранд ва эҳтимоли чӣ пайомадҳое ҳаст.

Ба ҷуз ин, лозим аст, роҳеро, ки адабиёт тай кард, ҳар сари чанд вақт аз назар гузаронем ва ҷамъбаст кунем, то ки вазифаҳои имрӯза ва минбаъда равшантар падид ояд. Чунин баррасии ҷамъбастӣ хусусан дар давраҳои гардиши таърих ва дигаргуниҳои бузурги ҷамъият зиёда зарур аст. Чун ҷамъияти советӣ пас аз Анҷумани XXVII-и КПСС ба бозсозиву навсозии куллии иҷтимоиву иқтисодӣ ва маданиву маънавӣ, ба дигарсозиҳои инқилобӣ қадам гузошт, зарурати махсусе пеш омад, ки процесси адабӣ ва тамоюлҳои умдаи адабиёт мувофиқи талаботи рӯз бо назари тозаи амикраве ҷиддан бозҷӯиву бозрасӣ шавад. Ҷавобҳои саволномаи «Садои Шарқ» дар мавзӯи «Масъалаҳои насри муосир»

ва чанд мақолае, ки дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чоп шуд, нишон медиҳад, ки нависандагону мунаққидони тоҷик бо ин ният ба андеша рафтаанд ва мулоҳизаҳои худро ба муҳокимаи умум гузоштан мехоҳанд. Зеро муҳокимаи ҳамаҷониба ва мубодилаи афкор аз муҳимтарин шартҳои пешрафти минбаъда ва қадам задан баробари замон аст.

Дар давраҳои дигаргунии куллии ҷамъият одатан ба гузаштаи дуру наздик бо диди танқидӣ нигоҳ кардан қувват меёбад, ҳатто рӯҳияи инкор ва нигилизми таърихӣ ба миён меояд. Дар чунин марҳилаҳои инкишофи ҷамъият ҳатто баъзе аз бузургтарин адибону мутафаккирон аз падидаҳои нигилизми таърихӣ ва инкори куллӣ ё ҷузъӣ дар канор намондаанд. Ба ёд орем, ки устод Айнӣ бо ҳама табъи салим ва заковате, ки дошт, соли 1913 дар шеъри «Мозӣ ва ҳол» бисьёре аз намунаҳои муҳимми насри омиёна (насри ривоятӣ), хусусан «Абӯмуслимнома», «Замчинома» ва монанди инҳоро китобҳои нодаркор ба шумор оварда буд ва аз хондани онҳо пушаймон шуда, ҳатто гуфта буд, ки «чун ба худ дидам, зи ҳоли худ хиҷолат доштам». Ин ақидаи устод ба эҷодиёти баъдинаи ӯ таъсири ҷиддии манфӣ нагузошт, вале нигилизми таърихии эстетикӣ дар давраҳои баъдтар аз бисёр касон зоҳир шуда, ба инкишофи адабиёти тоҷикӣ зарар овард. Ин сабақи таърихро имрӯз бояд фаромӯш накунем.

Бо назари танқидӣ равшан кардани моҳияти тамоюлҳои асосии насри ҳозираи тоҷикӣ ҳоло кӯшиши ҳамагонист, ки ҳам аз нависандагон, ҳам аз мунаққидон, ҳам аз хонандагон ба мушоҳида меояд. Ин кӯшишҳо рӯҳи замонро ифода менамоянд. Аммо дар ин роҳ муносибати нигилистона ҳам зоҳир шуда истодааст. Дар баъзе ҷавобҳои саволномаи «Садои Шарқ», баъзе маҷлисҳои машварату муҳокима ва сӯҳбатҳо, аз ҷумла сӯҳбатҳои телевизионӣ, ақидае изҳор шуд, ки гӯё дар солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштод дар насри тоҷикӣ тақлидкорӣ ва тасвирҳои қолабӣ ҳукмрон буд, дар насри таърихии инқилобӣ воқеияти замони дигарсозиҳои иҷтимоӣ рӯякӣ, яктарафа ва фақат бо мақсади нишон додани рӯҳбаландии муборизон тасвир ёфтааст, дар насри ҳозирамавзӯъ муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ба миён гузошта нашудааст ва ҳоказо. Бо фаҳми мо, чунин ақидаҳо чандон ба ҳақиқат рост намеоянд.

Оре, тақлид ва тасвирҳои қолабӣ дар адабиёти мо мавҷуданд. Хусусан насри таърихии инқилобиро гирем, метавон гуфт, ки дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёнаву Қазоқистон баъзе қолабҳои муайяни ин жанр пайдо шудаанд ва гоҳ асарҳое, ки ба қалами адибони гуногун тааллуқ доранд, аз баъзе ҷиҳатҳо ба ҳам монандӣ пайдо кардаанд. Ин монандиро, масалан, дар рушду камоли қаҳрамонҳо мебинем. Аз исьёнкории стихиявии халқӣ ба муборизаи огоҳонаву муташаккилонаи инқилобӣ гузаштани қаҳрамон, чунончи Ҳайдарқул дар романҳои сегонаи Ҷалол Икромӣ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ба роҳи ҳаётии қаҳрамони баъзе романҳои дигар, ки пештар ё баъд аз навишта шудани ин асар ба майдон омадаанд ва ба адабиёти халқҳои бародар тааллуқ доранд, гоҳ хеле монанд аст. Чунин монандиҳо аз он ҷо сар заданд, ки адабиёти бисьёр халқҳои бародар, пеш аз ҳама, минтақаи мо—Осиёи Миёнаву Қазоқистон дар як давраи муайяни инкишофи худ бештар як навъи қаҳрамони муборизи инқилобкор ва омилҳои милливу байналмилалии ташаккулу такомули ӯро бештар ба тадқиқ гирифт. Ин дар адабиёти халқҳои мо як ҳодисаи умумии типологӣ буда, дар айни замон бисьёр падидаҳои он ҳамоно натиҷаи таъсири байни якдигар аст. Дар як давраи муайян ба як ё якчанд навъи қаҳрамон, ба як ё якчанд масъалаи муҳим бештар диққат додани адабиёте ё адабиётҳое ҳодисаи қонунмандест ва дар таърих бисёр дида шудааст. Аз ин рӯ, худи ин ҳодиса бояд боиси эътирози имрӯзиён нагардад. Лекин азбаски дар ин ҷараён қолабҳо ҳам пайдо шуданд, муборизаи мо бояд маҳз бо муқобили ҳамин якрангиҳо равона гардад, бартараф кардани онҳоро дар назар дошта бошад, дар адабиёт навназариро устувор кунад, адабиётро ба сӯи кашфиёти нав раҳнамун бошад.

Ба таъкид бояд гӯем, ки тамоюли мазкур—дар адабиёти Осиёи Миёнаву Қазоқистон, инчунин Озарбойҷон аз тарафи чандин нависанда ба риштаи тадқиқи бадей гирифта шудани процесҳои инқилобӣ, типи нави қаҳрамон—қаҳрамони халқии озодиҷӯю давронсоз ва омилҳои ташаккулу инкишофи шуури иҷтимоии вай самараҳои олиҷанобе дод. Маҳз ҳамин тамоюл дар адабиёти тоҷикӣ барои офарида шудани боз як асари классикӣ — романи Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ»— сабаб гардид. Дар романҳои сегонаи ӯ «Дувоздаҳ дарвозаи

Бухоро» як силсила характерҳои пурзӯри халқӣ офарида шуданд, ки баъзеи онҳо дар адабиёти мо кашфи бадеӣ мебошанд: Дилором-каниз, Оймуллои танбӯр, Ҳамроҳхони Оими шоҳ ва монанди инҳо аз ҳамин ҷумлаанд. Ҳатто қаҳрамони манфӣ — Асад-махсум бо ҳама иқтидори шахсияташ намудор шудааст. Равияи асосӣ он аст, ки мураккабии ҳақиқӣ ва зиддиятҳои замони инқилоб ва арафаи он ба воситаи ихтилофоти сиришти инсон ба тадқиқ омад, насри таърихии инқилобӣ ҷиддан ба роҳи шахсиятҷӯӣ даромад, моҳияти масъалаҳои замони инқилобро бо мураккабӣ ва печу тоби сарнавишти инсон намудор кард ва якумин бор дар адабиёти мо образҳои барҷастаи дуҷанба, образҳои пурихтилофи драмавию фоҷиавӣ аз қабили Муҳаррами ғарч ва Бақоҷони мӯзадӯз пайдо шуданд. Ин ҳам дар адабиёти мо ҳодисаи нав буд.

Ҳоло масъалаи ҷадидизм ва падид овардани моҳияти аслии он, бартараф кардани назари сатҳӣ ва яктарафа ба намояндагони алоҳидаи он дар маркази диққати аҳли ҷамъият қарор ёфтааст ва дар ин бора бисёр гап мезанем. Дар ҳақиқат, ҳеҷ мумкин нест, ки ҷараёнҳои калони таърихии аз қабили ҷадидизм якранг ва маҳрум аз равияҳои мухталиф бошанд. Тадқиқи илмӣ ва бадеӣ бояд мазмуни онҳоро объективона ва ҳамаҷиҳата падид оварад. Бояд дар ёд дорем, ки насри таърихии инқилобии тоҷикӣ дар адабиёти халқҳои минтақаи мо якумин шуда, дар ин роҳ ҳам қадами ҷиддӣ пеш гузоштааст: дар «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ҳаракати ҷадидҳо чун як ҷараёни яклухт ва якмаслаку якмаром не, балки чун ҳодисаи зиддиятноки гуногунравия тасвир шудааст, ки бисёр муҳим аст. Ин дар шароити солҳои шасту ҳафтод аз нависанда ҷасорати иҷтимоӣ талаб мекард.

Аз «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» боз як лаҳзаро ёдрас меорем. Дар романи сеюм—«Тахти вожгун» образи Латиф Қутил тасвир шудааст, ки солҳои сӣ қаҳрамони як ҳикояи Ҳаким Карим қарор ёфта буд. Дар тасвири Ҷалол Икромӣ Латиф-Қутил образест, ки аз воқеаҳои хонабарандози ҷанги гражданӣ ба дод омадани меҳнаткашонро ифода менамояд: гоҳ босмачиён ба деҳа меоянду хун мерезанд ва ҳамаро ба ғорат мебаранд, гоҳ аскарони сурх ва калтакдорон меоянду низ хӯрок ва алафу беда талаб мекунанд, ба ҳар кас бо назари шубҳа менигаранд ва ҳоказо—халқи меҳнаткаш дар

байни обу оташ аст. Ин ҳам заррае аз ҳақиқати талхи даврони ҷанги гражданӣ мебошад ва зиддиятҳои замонро ошкор мекунанд. Барои гуфтани ин як зарра ҳақиқат ҳам дар шароити солҳои шасту ҳафтод ҷасорати санъаткорӣ лозим буд. Бинобар ин, ба чунин фикр, ки гӯё насри таърихии инқилобӣ дар адабиёти тоҷикӣ насри тақлидиву қолабист, розӣ шудан мумкин нест. Ин наср камбудиҳои ҷиддӣ ҳам дорад, вале муҳимтар он аст, ки дар адабиёти миллӣ санъати ношиносӣ ва дунёфаҳмиро такомул дод. Ба назарам, ин ҳақиқат дар танқиди тоҷикӣ дуруст муайян шудааст.

Баъзеҳо исрор доранд, ки нависандагони тоҷик то ҳол дар тасвири инсон ва рӯйдодҳои зиндагӣ фақат ранги сиёҳ ва сафедро ба кор мебаранд, ҳар шахсу ҳар воқеа дар тасвири онҳо фақат мусбат ё фақат манфист. Ин эрод дар ҳаққи баъзе асарҳо ҷоиз аст, чунончи, ба романҳои Юсуф Акобиров «Замини падарон», «Норак», «Водии муҳаббат», «Дунё ба умед» бештар нисбат дорад. Лекин умуман сафедкориву сиёҳкорӣ ҳоло дар насри мо торафт кам мешавад. Инро аз тамоюлҳои муҳим бояд донист.

Тамоюли асосӣ, ки дар насри ҳозираи тоҷикӣ аз солҳои шасту ҳафтод давом карда ва амиқтар шуда истодааст, ба фикри ман, ин аст, ки нависандагон ба мураккабиву ихтилофҳои зиндагӣ, ба ҳолатҳои драмавию фоҷиавӣ, ба шиддати фикру ҳаяҷони инсони замони мо бештар диққат медиҳанд, маҳз моҳияти чунин ҳодисаҳоро кушодан мехоҳанд. Насри мо дар навиштаҳои Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Кӯҳзод, Сарбон, Баҳром Фирӯз аз бисёр ҷиҳатҳо ва гоҳ комилан хусусияти таҳлилӣ пайдо карда, ба сӯи психологизми амиқ меравад. Инро кам ё беш, ба тарзҳои гуногун аз офаридаҳои ҷавонон, чунончи Абдулҳамид Самадов, Муаззама, Сайф Раҳимов, Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, гоҳ аз навиштаҳои Кароматулло Мирзоев ҳам дидан мумкин аст

Маҳз қувват гирифтани тадқиқи таҳлилӣ қаҳрамони андешапарварро ба пешсафи наср гузаронд. Қаҳрамони андешапарвар маҳсули моҳиятҷӯӣ ва ҳақиқатхоҳӣ буд. Агар савол гузорем, ки заминаи иҷтимоии пайдоиши қаҳрамони андешапарвар чӣ буд, бояд гӯем, ки пеш аз ҳама, давраи касодӣ, давраи харҷу марҷ чунин қаҳрамонро пеш ронд. Он ҳама бесару сомонӣ ва дӯл-

обиву бенизомӣ, ки дар ҷамъият ривоҷ меёфт, он ҳама ноинсофӣ ва беадолатӣ, фасоди ахлоқ ва равнаки бемаънавиятӣ, ки дар ҳар қадам ба назар мерасад, марду ми равшанфикрро ба он водошт, ки бо шиддат андешаронанд, сабабҳои вусъат ёфтани ин аҳволи ногувор ва шароити носолимро ҷустуҷӯ намоянд. Чунин андешапарварҳо дар ҷамъият бисьёр буданд ва аз ҳамин сабаб, дар адабиёти тоҷикӣ, балки дар тамоми адабиёти советии сермиллати мо ҳар чӣ бештар ҷойгоҳ ёфтанд. Аз ин рӯ, дар насри тоҷикӣ афзудани шумораи чунин қаҳрамонро натиҷаи тақлид ба дигар адабиётҳо донистан мумкин нест. Вокеияти иҷтимоӣ мавқеи ин қаҳрамонро дар ҳамаи адабиётҳои миллии мо, аз ҷумла дар насри тоҷикӣ устувор кард.

Поймол шудани идеалҳои олии гуманистӣ шахсиятро ба дилмондагиву маъюсӣ овард, аз андешаҳои пуртуғьёни ӯ фарьёду фиғон ва исьёни дил садо медод. Лекин идеологияву психологияи касодӣ монеъ меомад, ки ин фарьёду фиғон бо садои баланд ба гӯши хонанда расад. Рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашриётҳо кӯшиш доштанд, ки асарҳои бадеиро аз хурдтарин падидаҳои норозигӣ, аз сӯзу гудоз тоза кунанд. Аз солҳои сӣ ин ҷониб, чунон ки ба наздикӣ дар мақолаи идораи журнали «Коммунист» (1987, № 15) қайд гардид, «иқтидори Давлати Советӣ ҳар чӣ бештар афзоиш ёбад, идораҳову органҳои он, ки маданиятро идора мекарданд, ба зиёиёни бадеакор ва эҷодиёти онҳо бештар бо биму ҳарос, бо нобоварӣ, баъзан ҳатто бо бадгумонӣ менигаристанд». Медонем, ки дар ин шароит ҳақгӯӣ гуноҳ ба шумор меомад ва бисьёр хавф дошт. Бо вуҷуди ин, ба нависандагони мо, хусусан ба Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Урун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз ва баъзе дигарон муяссар шуд, ки лоақал як қисми ҳақиқатро ошкоро бигӯянд. Алҳақ, ба гуфти Бедил:

Лаби аҳли забон натвон ба мӯҳри хомӯшӣ бастан,
Қалам аз сурма хӯрдан кам насозад нолаи дилро.

Ҳамин ҳақиқатҷӯиву ҳақгӯӣ ва моҳияткушоӣ аз муҳимтарин тамоюлотест, ки дар айёми мо— дар даврони ошкоргӯиву кушодадилӣ бояд дар асоси халқияти асил хеле амиқ равад ва ба савияи баландтар расида, барои бозҷустҳои ҷасоратмандонаи ғоявию эстетикӣ, барои кашфиёти нави бадеӣ роҳ кушояд.

Оре, қаҳрамони андешапарвар фикран фаъолу амалан нофаъол буд, ё кам фаъолият дошт. Ҳоло сабабҳои ичтимоии ин ҳам маълум аст. Академик Т.И.Заславская дар мачаллаи «Коммунист» (1986, № 13) навишта буд: «Бархўрдҳои муттасил бо падидаҳои гуногуни беадолатии ичтимоӣ, барбод рафтани кўшишҳои муборизаи фардӣ бо он падидаҳои ноинсофӣ яке аз сабабҳои асосӣ буд, ки як қисми меҳнаткашон аз мақсадҳо ва арзишҳои чамъиятӣ дур шуданд». Бешубҳа, дар чунин шароит фаъолияти амалии қаҳрамони адабиёт ҳам имконнопазир буд, ё кам зоҳир мешуд.

Қаҳрамони «насри истеҳсолӣ» бештар фаъолияти амалӣ дошт ва гоҳ аз ҳад зиёд фаъолияттар буд. Лекин фаъолияти ў аксаран аз зоҳир тасвир мешуд, бо позчустҳои чиддии маънавию психологӣ ҳамбаста намеомад. Аз ин сабаб, метавон гуфт, ки «насри истеҳсолӣ» ва баъзе асарҳои оид ба ахлоқи ичтимоии ҳозира рафта-рафта эътибори худро аз даст дод. Ин ҳодисаро дар тамоми адабиёти советӣ мебинем. Романҳои Юсуф Акобиров «Замини падарон» ва «Водии муҳаббат» дар адабиёти тоҷикӣ аз ҳамин ҳақиқат дарак медиҳанд. Бисёр нишонаҳои онро аз «Норак»-и ў ҳам метавон дид. Дар ин қатор романҳои Муҳиддин Хочаев «Об—рўшноӣ», хусусан «Ростиро завол нест» низ бояд номбар шаванд.

Фақат таҳлили амиқи ҳаматарафа имконе фароҳам меорад, ки чамбастҳои вусъатноки моҳиятнамо ба даст ояд. Таърихи қадим ва асрҳои миёна, давраҳои гуногуни таърихи чамъияти советӣ, процесҳои ичтимоиву маънавии ҳозира бояд бо бинишу фаҳмиши нави имрўзӣ аз нав бадеан дарк шавад. Воқеияти таърихӣ, аз чумла таърихи инқилоб ва чанги гражданӣ, сохтмони колхозҳо ва инкишофи онҳо дар давраи пас аз чанг ё солҳои шасту ҳафтод, бисёр масъалаҳои замони ҳозира дар насри мо ҳанўз бо ҳама мураккабиву ихтилофоташ тадқиқ нашудааст. Таърих ҳеч гоҳ аз инкишофи якнавохт иборат набуд ва нахоҳад буд. Ҳамаи давраҳои таърихи гўзашта ва замони советӣ—ҳар кадоме ба таври худ ба ниҳояти дарача мураккаб буда, рўйдодҳои гуногунмазмун, зиддиятҳои пурпечи ошкору ниҳон, процесҳои мухталифсамт, равияҳои пешбару ақибкаш, инсонсозу инсонсўз ва драматизму фочеаҳое доштанд. Ин ҳамаро бо решаҳои ичтимоиву мазмуни психологии онҳо ба риштаи тадқиқи таҳлилӣ кашидан, сарнавишти инсонро дар арсаи гуногунтаъсири муҳимтарин давраҳои таъ-

рихи гузашта ва ҳозира аз назар гузаронида, ҷамъбастҳои амиқи бадеиву фалсафӣ ба даст овардан вазифаи душворест, ки насри тоҷикӣ дар роҳи иҷрои он ҳоло танҳо нахустин қадамҳо гузоштааст. Насри тоҷикӣ аз ин ҷиҳат аз ҷустуҷӯҳои эҷодии адабиёти умуми Иттифоқ ақиб монда истодааст.

Дарки бадеиву фалсафии ҷанги гражданӣ дар насри ҳозираи рус ва баъзе халқҳои бародар хеле амиқ рафта, тамоман мазмуни нав пайдо карда истодааст. Аммо насрнависони тоҷик ҳанӯз ба ин ҷӯяндагиҳои тозамазмун ҳамроҳ нашудаанд. Ё ки дарки бадеиву психологии замони коллективонидани ҳоҷагии қишлоқро гирем. Ҳоло адабиёти мо дар ин роҳ аз асари классикии адабиёти советӣ ва М.Шолохов «Замини корамшуда» хеле пеш рафтааст. Солҳои ҳафтод дар асарҳои С. Залыгин «Дар лаби Иртиш», (На Иртыше»), И. Меleж «Воқеаномаи Полесье» (Полесская хроника») ва монанди инҳо ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавию психологии деҳоти солҳои колхозсозӣ бо бисьёре аз зиддиятҳову фоҷиаҳояш ба тасвир омад. Аммо дар се қисми романи В. Белов «Арафа» (1986—1987), дар романи Б. Можаев «Мужикҳову муштипарҳо» («Мужики и бабы», 1986—1987) таҳлили вазъияти иҷтимоиву иқтисодии даврai колхозсозӣ, драматизми ҳолати инсоне, ки ба гирдоби тундпечи воқиаҳои зиддиятноки ҷонкоҳ дучор омадааст, боз ҳам амиқтар ва пурзӯртар аст. Соли 1987 повести аҷибу ғайриодатии А.Платонов «Қандабуни таҳкурсӣ» («Котлован») пас аз 57 соли таълифаш чоп шуд ва муаллиф аз воқеияти охири солҳои бист чунин ҷиҳатҳоеро дарёфтааст, ки то ҳол ҳеҷ нависанда ба ин тарзу ба ин дараҷа надида ё ба қалам наоварда буд.

Ҳамаи инҳо дар роҳи дарки нави лаҳзаҳои ҷудогонаи таърихи наздику дур барои бозҷустҳои ғоявию бадеӣ имкониятҳои бисьёр фароҳам меорад. Аммо нависандагони тоҷик ҳанӯз аз паи истифодаи чунин имкониятҳо наафтодаанд.

Қисми якуми романи Ҷалол Икромӣ «Шодӣ» дар солҳои сӣ аз ҷумлаи муҳимтарин комёбиҳои адабиёти тоҷик буд. Ин дастоварди нависанда дар романи нави ӯ «Хатлон» (1984) ба сатҳи баландтари бадеият расид: фарогирии воқеият ва сарнавишти инсон вусъати эпикӣ пайдо кард, чанд характери барҷаста офариниш ёфт, вале бо ҳар ҳол, роҳу равиши нависанда асосан ҳамон аст, ки дар «Шодӣ» буд. Ҳатто баъзе норасоиҳои қисми

дуввуми «Шодӣ», масалан, публицистикаи берӯҳ дар «Хатлон» ҳам ба мушоҳида меояд. Дар «Хатлон» фақат гоҳ-гоҳе, чунончи дар образи эшони Санги ҳамвор, ки типи рӯҳонии имрӯзист, биниши нави воқеият ба назар мерасаду бас. Дар тасвири солҳои колхозсозӣ ва заминкушой, инкишофи баъдинаи деҳот, процесҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигаргуниҳои психологияи инсон, дар тасвири шахсияти яке аз сарварону ташкилгарони ҳаёти колхоз биниш у фаҳмиши нависанда нав нест. Дар роман концепцияи нави замон вуҷуд надорад.

Ба пиндошти камина, яке аз камбудиҳои асосии насри ҳозираи тоҷикӣ, камбудие, ки онро як тамоюли муайян ҳисобидан шояд мумкин бошад, аз концепцияи хоси иҷтимоиву фалсафӣ маҳрум будани бисьёр асарҳои калон аст. Асаре, ки аз концепцияи хос, аз биниш у фаҳмиши шахсии амиқрави муаллиф маҳрум аст, имкон надорад, ки тасаввуроти моро дар бораи замоне ё масъалае, дар бораи зиндагӣ такмил диҳад. Чунин асарҳо на танҳо адабиётро пеш намебаранду фақат миқдоран афзоиш медиҳанд, балки барои пешбурди замон ва ҷаҳонфаҳмии ҳамзамонони мо ҳам хизмат карда наметавонанд.

Романи Юсуф Акобиров «Дуньё ба умед» дар санъати нигарондагӣ аз дигар асарҳои вай фарқ мекунад ва гувоҳӣ медиҳад, ки қалами ӯ қувват гирифта истодааст. Танқиди адабӣ камбудиҳои ин романро муфассалан ва дуруст нишон дод. Бо вуҷуди ин, мо онро аз ҷиҳати маҳорати эҷодкорӣ, чунончи аз лиҳози воқиабандӣ ва шавқангезӣ, дар насри Юсуф Акобиров як рӯйдоди чашмрас мешуморем. Вале асари калонҳаҷме фақат бо шавқангезӣ роман намешавад. Модомки нависанда пас аз устод Айнӣ, бар замми ин, дар асоси асарҳои устод дар бораи Бухорои ибтидои асри XX ва арафаи инқилоб романе навишт, чашми умед доштем, ки аз романи ӯ фаҳмиши нави он замонро хоҳем дид, нависандаи нисбатан ҷавон бо биниши нави иҷтимоиву фалсафӣ дар бораи моҳияти яке аз муҳимтарин лаҳзаҳои таърих донишу биниши моро ғаное хоҳад афзуд. Дар солҳои шасту ҳафтод Ҷалол Икромӣ дар ин роҳ як қадами ҷиддӣ пеш гузошта, бо «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» сухани тозае гуфта буд. Пас аз ин фақат асаре, ки дарки иҷтимоиву фалсафии Айнӣ ва Икромиро такмил медиҳад ва паҳлӯҳои нави ҳақиқати таърихро пеши назари мо падид меорад, арзиши ғоявию эстетикӣ хоҳад

дошт. Афсӯс, ки «Дуньё ба умед» ба ин дараҷа нарасид.

Як аҳамияти романи Сотим Улуғзода «Восеъ» (1967) он аст, ки на танҳо дар масъалаи шӯриши халқ ва ташаккули шахсияти сардори он як концепцияи муайян дорад, балки зиёда аз ин, умуман концепцияи таърихро нисбат ба он ки дар асарҳои устод Айнӣ мебинем, аз чанд ҷиҳат амиқ бурд. Устод Айнӣ чун даҳшатҳои зулми феодалиро фош мекард, асосан зулми иҷтимоӣ, беадолатиҳои иқтисодӣ, зӯроварии моддиву ҷисмониро дар назар дошт, бераҳмӣ, ваҳшонияти азобу шиканҷа ва талаву толонро нишон медод. Аммо дар романи «Восеъ» ғайр аз ҳамаи инҳо, боз як ҷиҳати дигари зулми феодалӣ ба доираи таҳқиқ даромад. Улуғзода на танҳо моҳияти иҷтимоӣ, балки ҷанбаи маънавии зулми феодалиро низ ба таҳқиқ гирифт: зулми феодалӣ дар «Восеъ» на танҳо ваҳшонияти моддиву ҷисмонист, балки зӯроварии маънавӣ буда, ба таҳқири моҳияти инсонии инсон, ба маҳви он равона гардидааст. Восеъ на танҳо ба муқобили зулму шиканҷа, балки барои аз хорӣ раҳоӣ додани инсон, барои бузургдошти одамизод муборизa кардааст. Вай мегӯяд: «Одамизод фақат як бор ба дуньё меояду як бор меравад... Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ. Туро ба ноҳақ хор кунанд, зери по кунанду ту хап истӣ,—номардӣ, ору номус надорӣ».

Дуруст аст, ки шиканҷаи маънавӣ, бар зидди моҳияти инсонии заҳматкашон равона шудани зулми феодалӣ дар романи «Восеъ» ҳанӯз бо тадқиқи ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст, вале барои фаҳмидани мундариҷаи асосии замон, барои ҷамъбастҳои васеътари бадеии фалсафӣ имконоти нав пеш меорад. Аз ин ҷиҳат, ҳамин чиз ҳам муҳим аст, ки шӯриши номуташаккили заҳматкашони оддӣ, ҷунбиши мардуми авом, ҷаҳду ҷадал ва эътирози иҷтимоии онҳо, ки комилан як рӯйдоди синфист, дар «Восеъ» бо таҷрибаи иҷтимоиву ахлоқии таърих, бо ҷустуҷӯҳои маънавию фалсафии замонҳои гузашта (масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ) ва таълимоти маорифпарварии Аҳмади Дониш сахт алоқамандӣ пайдо кардааст. Ин ҳам ҷанбаи иҷтимоиву синфии ҷунбиши халқро бо ҷанбаи маънавӣ мепайвандад ва концепцияи хоси Улуғзодаро қувват дода, асоси фалсафии дарки замон ва воқиаҳои муҳимми онро амиқ мебарад.

Ҳамин навназарӣ, концепсияи хоссаи иҷтимоиву фалсафии нависанда ва бо чӣ қувваи бадеӣ зоҳир шудани он арзиши асари бадеиро дар таърихи адабиёт муайян мекунад. Албатта, мавзӯу масъалаҳои нав ва материали тоза, ки буньёди бадеии асареро ташкил кардааст, низ аҳамияти калон дорад, лекин дар ин сурат ҳам, меъёри асосии баҳои асар ҳамоно на мавзӯу материал, балки бинишу фаҳмиши нав, концепсияи замон ва қаҳрамон хоҳад буд. Ба назар чунин мерасад, ки аксари асарҳои калони насри тоҷикии солҳои ҳаштод аз ин ҷиҳат дар роҳи ғаноафзоии адабиёт кам хизмат карданд, ё хизмате ба ҷо наоварданд.

Барои ин ки масъала равшан шавад, боз як мисол меорем

Кайҳост, ки аз илми таърих, аз таҷрибаи иҷтимоиву таърихии халқамон аҳамияти бузурги ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро медонем. Романи Расул Ҳодизода «Ситораи дар тирашаб» дар бораи ҳамин воқиа, дар бораи Аҳмади Дониш аст ва материали нав ҳам бисьёр дорад. Ин роман ба биниши таърихии мо, ки дар бораи он замон ва шахсияти бузургворонаи Дониш доштем, чиҳо илова намуд? Бешак, фаҳми таърихии моро бо тасвири ҷолиби манзараҳои зиндагӣ, бо бисьёр ҷузъиёти фаромӯшношуданӣ, бо баъзе образҳо, хусусан образи барҷастаи амир Насруллоҳ ва монанди инҳо конкретияте бахшид ва он чиро, ки медонистем, дар баъзе мавридҳо гуё бо чашми худ дидем. Аз ин хусус дар бораи таъсири эстетикии ин роман, ба назари камина, ҷои шубҳа нест. Бо вуҷуди ин, чунин менамояд, ки муаллиф концепсияи хос надорад. Дар романи «Ситораи дар тирашаб» чунин концепсияи замон, ки ба биниши таърихии мо ғаное меафзӯда бошад, чунин маҳлуҳои ҳақиқати таърихро, ки ҳанӯз дарк нашуда буд, намоён мекарда бошад, мавҷуд нест. Бо навназарии хоссаи шахсӣ амиқ бурдани тафаккури таърихии ҳамзамонони мо ба доираи вазифаҳои эҷодии нависанда надаромадааст. Шояд ман хато кунам, шояд концепсияи таърихии нависандаро ҳанӯз пай набурда бошам ва пас аз хондани қисми дуввуми роман, ки ҳоло дар арафаи чоп аст, моҳияти маълуми замон ва шахсияти қаҳрамон ба сатҳи наве фаҳмида шавад. Лекин ҳоло аз романи «Ситораи дар тирашаб» таассуроти беконцепсиягӣ устувор аст.

Чунон ки мебинем, на як-ду нависанда, балки бисьёре аз онҳо дар роҳи ба вуҷуд овардани концепсияи му-

айяни замон ё шахс кӯшиш надоранд ва ин имкон намедиҳад, ки ҷамъбастҳои амиқи иҷтимоиву фалсафӣ ва кашфиёти бадеӣ ба ҳосил ояд.

Кашфи бадеии ҳақиқат бидуни концепцияи хос, бидуни бинишу фаҳмиши махсуси худи нависанда, ки барҷаста ифода шуда, фаҳмиши умумиву муқаррарии ҷамъиятиро такмил медиҳад, имконпазир нест. Кайҳост, ки на танҳо мунаққидону адабиётшиносон, балки бисьёре аз нависандагон низ ин ҳақиқатро амиқан дарк кардаанд. Чунончи, нависанда Руслан Киреев мегӯяд: «Нависанда ба ҳар ҳол ба дастраси умум оварандаи ғояҳои рӯзмарра нест, балки ифодагари муносибати шахсии худ ба ҷаҳон аст. Гувоҳии ӯ танҳо дар ҳамин сурат арзише дорад, вагарна чӣ қадар ниятҳои нек дошта бошад ҳам, гувоҳии бардурӯғ хоҳад буд. Аз ин рӯ, дар назари ман як фикри ноҳаққи санъаткоре, ки бо ранҷу азоб шахсан ба даст овардааст, гоҳ қиматтар аз он ҳақиқати баҳсноталаб аст, ки ба кироя, ба орият гирифтааст».

Оре, ҳақиқати оддии маълум, ҳаққонияти баҳсноталабе, ки андаке парда аз рӯи асрори инсону замон намебардорад, ҷиҳатҳои нави кашфношудаи онро намоён намесозад, ақлу фаҳми моро бо фикри дарроки дақиқашинос ба нозукбиниву навназарӣ раҳнамун намегардад, сазовори асари бадеӣ нест. Диди шахсии амиқрав, кашфи ба худ хоси ҳақиқат ва муҳимтарин паҳлуҳои он асари ҳақиқии бадеӣ ба миён меорад.

Аз мубоҳисае, ки аз саволномаи «Садои Шарқ» (1987—1988) оғоз ёфт, маълум шуд, ки баъзе нависандагони мо на танҳо зарурати концепцияи ҷиддӣ, балки ҳатто чӣ будани онро ҳанӯз фикр накардаанд ё нафаҳмидаанд. Чунин муносибати дур аз ҷиддият моро ба ҳайрат меоварад. Ҳангоме ки мақолаи Сорбон «Ё ҳу, ё манҳул»-ро (1987, № 7) хондам, ҳуш аз сарам парид. Ҳеҷ гумон надоштам, ки тангназарӣ, фаҳми рӯякӣ, бемантиқӣ ва бенизомии фикри ӯ то ҳадди охир расидааст. Аз ин мақолаи вай чунин бовар ҳосил шуд. Ҳама «андешаҳо»-и ӯ ба фаҳми тахминӣ ва эҳтимолӣ асос ёфтаанд ва ба асарҳои ҳамқаламонаш, чунончи Саттор Турсун бо беэътиноӣ ва назари сатҳӣ нигаристааст, ки аз кӯшиши фаҳмидани асли моҳияти онҳо дур аст. Ҳатто номи мақолааш ғалат аст. Вай ибораи «ё ҳу, ё манҳул»—ро солҳои кӯдакиву навҷавонӣ аз қаландарон ё аҳли деҳа ғалат шунида, нодуруст фаҳмида будааст ва

имрӯз ҳам аз рӯи ҳамон шуниду фаҳмиши чандинсола нодуруст навиштааст ва эзоҳ додааст. Ба маълумоти Сорбон мерасонем, ки асли ин ибора «Ё ҳу, ё ман ҳу!» буда, дар тарҷумаи таҳтуллафз «ё»—нидои «эй», «ҳу»-вай (яъне худо), «ё ман ҳу»—эй он, ки ӯй, яъне худованд ҳастӣ!—гуфтан аст. Шакли пурраи ин формулаи динӣ чунин аст:«Ё ҳу! Ё ман ҳу! Ло илоҳа илло ҳу!—Худовандо! Эй он, ки худованд аст! Нест худое ба ҷуз ӯ». Аммо Сорбон дар ин формула ду «ё»-ро дида, онро нишонаи тахмин гумон кардааст ва маънои онро дар ҳаққи мунаққидон чунин эзоҳ додааст: «яъне ё рост шамшер мезанед ва ё дурӯғ мегӯед».

Ба сари танқид оташи ғазаб рехтани Сарбонро ҳоло як сӯ мегузорем, фақат дар бораи даъвои ӯ, ки гӯё асарҳояш монанди шеъри Бедил панҷ-шаш қабат маъниҳои амиқи дарун ба дарун доранду мунаққидон аз нофаҳмӣ ҳеҷ яке аз онҳоро пай набурдаанд, ҳамин қадар мегӯем, ки ин ҳавобаландӣ, ба назари мо, нишони худношиносист, нишони ноогоҳӣ аз масъалаҳои эҷодист. Ин ҳақиқат сар то сари мақолаи ӯ ҳувайдост, вале мо танҳо як масъаларо гӯшгузор меорем.

Сорбон аз масъалаи концепцияи асари бадеӣ гап кушодааст. Лекин бинед, ки ба чӣ андоза содалавҳона сухан меронад. Фарзанди қаҳрамони асосии повести Сорбон «Шинель» гуфта буд: «Оча, шинеьлро кӯтоҳ накун, ман калон мешавам!» Нависанда дар мақола ин гуфтаи қаҳрамони хурдсолро чунин шарҳ додааст: «яъне дар ҷанг мо зафар меёбем, фарзандони дар ҷанг азобкашида калон мешавад, шинели падарон мепӯшанд. Магар кам аст барои як повесть чунин концепция?»—гуфтааст Сорбон. Лекин, охир, ин сухани персонаж танҳо аз некбинӣ, эътиқодмандӣ ва қавииродагии вай ба хубӣ гувоҳӣ медиҳад, ки бисьёр муҳим аст, вале ин дар замони ҷанг ҳодисаи умумӣ буд. Мо ин ҳақиқати умумиро концепцияи хоссаи повести «Шинель» ба шумор гирифта наметавонем. Танқиди адабӣ чанд бор таъкид карда буд, ки характери Шайдо—қаҳрамони асосии «Шинель»-ро номуайяну номафҳум аст. Асосан, аз ҳамин сабаб аст, ки дар ин повесть як концепцияи муайяни шахс ва замон ифода наёфтааст, мавқеи хоси нависанда ба назар намеояд.

Сорбон як ҷузъи муқаррарии характери персонажи дуввумдараҷаро баёнгари матлаби ба худ хосе медонад.

Вале махз дар чунин мавридҳо одатан мегуянд: «Деҳ куҷову дарахтон куҷо!»

Тасаввури Сорбон дар бораи концепцияи ғоявию бадеии асар, тасаввури сатҳиву нодурусти вай аз ин ҳам маълум мешавад, ки дар бобати повести машҳури Виктор Астафьев «Детективи ғамгин» (на «ғамангез» ё «ҳузнангез»!) гуфтааст: «Магар бузургии «Детективи ҳузнангез» дар ошкор кардани норасоиҳо нест?» Сорбон ҳамин «ошкор кардани норасоиҳо»-ро мақсади аслии нависанда ва аломати бузургии асар дониста, концепцияи романи худ «Актёр»-ро низ олӣ ба қалам овардааст ва гуфтааст: «Дар роман (яъне дар «Актёр»-М.Ш.) мушкилаи манзилу манзилгоҳ ва образи раиси комиҷроия ҳаст, ки касе (аз мунаққидон—М.Ш.) дар ин хусус лаб намекушояд». Бинед, ки чун нависанда аз бетартибии тақсими хонаҳо сухан кушод, аз мунаққидон лозим будааст, ки ӯро ба осмони ҳафтум бардоранд. Ба гумони ман, боз ҷои он аст, ки гӯем: не, нависандаи мӯҳтарам, ин хобатонро ба об гӯед! Асаре фақат бо ин ки норасоиҳову мушкилаҳоеро нишон додааст, ба пояи баланди бадеият, ба пояи бузургӣ намерасад ва «Актёр»-и Шумо ҳам аз ин поя ҳанӯз дур аст. «Актёр» асосан аз резапораҳои парокандаи зиндагӣ иборат аст, ки як кулли воҳидро ташкил накарда, барои ҷавоб гуфтан ба умдатарин масъалаҳои фалсафаи ҳастии шахс ва моҳияти замон замина фароҳам наовардаанд. Аммо муаллифи повести «Детективи ғамгин» барои муайян намудани мазмуни аслии замони мо ва аҳволи умумии ҷамъият як силсила ақидаҳои муҳимми ба худ хос пеш гузоштааст. Аз ин рӯ, байни «Актёр» ва «Детективи ғамгин» фарқ аз замин то осмон аст.

Давраи касодии иҷтимоиву иқтисодӣ, системаи фармонфармоии маъмурӣ ва паст шудани қадри инсон дар адабиёт ҷанбаи танқидиро қувват дод. Давраи бозсозии инқилобии ҷамъият ва дигаргуниҳои куллӣ, ки аз Пленуми апрели соли 1985 оғоз ёфта, дар Анҷумани XXVII-и КПСС пояҳои назарии он муайян гардид, дар шароити демократия ва кушодагӯӣ буньёди танқидии адабиётро боз бештар устувор кард ва худтанқидии миллӣ вусъат ёфт. Лекин ин процесс ҷиҳати дигаре ҳам дорад. Ҳоло ҳама забон ба нуқсонгӯӣ кушодаанд ва беҳудаву баҳуда норасоӣ меҷӯянд. Дар чунин вазъият арзиши ғоявию бадеии асари санъатро на ин чиз муайян мекунад, ки нависанда бозовардҳову пешрафти ҷамъиятро тас-

вир кардааст ё нуқсонҳои онро гуфтааст. Дар ин шароит ҳам меъёри бадеият ҳамон аст, ки буд. Арзиши асарро қувваи бадеияти он, дараҷаи амиқрафти назари моҳиятбини нависанда, кашфиёти ӯ дар мавриди дарки иҷтимоиву фалсафии воқеият муайян мекунад.

Ба фаҳми мо, аз ин ҷиҳат повести нави Кӯҳзод «Тақвими раҳгум» (1987) ҷолиби диққат аст. Кӯҳзод падидаҳои гуногуни бемаънавиятӣ, ниҳояти беандешагиву бетамизӣ, манфиатҷӯиву фиреб ва ғайраро бераҳмона фош кардааст. Вале чунин фошгӯӣ дар баъзе асарҳои дигари насри тоҷикӣ ҳам дида мешавад. «Тақвими раҳгум», ба фаҳми мо, муҳимтар он аст, ки нависанда маънои аслии замони ҳукмронии идеологияву психологияи касодиро ба таври худ шарҳ додан мехоҳад. Тасвирҳои ӯ ба ифодаи як фикри асосӣ тобеанд, ки беэҳтиромӣ нисбат ба инсон ва меҳнаткаш ҷамъияту табиатро ба саргумӣ овардааст, муҳитро як харҷу марҷ фаро гирифтааст, меъёрҳои одамият бар боди фано рафтаанд. Мақсади нависанда ҳар чӣ бештар дар асар гирд овардани фактҳои ногувор нест, балки ба воситаи онҳо ифода кардани як системаи ақидаҳо, як фикри муҳим, як марому биниши хос мебошад. Вай конкретияти воқеии иҷтимоии таърихӣ, ҳамбастагии диалектикии рӯйдодҳои гуногунро зоҳир карда, сифати асосии замонро муайян кардан мехоҳад, решаҳои иҷтимоии рӯйдодҳоро меҷӯяд.

Дар повестьҳои пештараи Кӯҳзод рӯҳи публицистӣ бартарӣ дошт. Дар «Тақвими раҳгум» рӯҳи публицистӣ кам нашуда, тасвири бадеии манзараҳои ҳаёт, ҳаққонияти воқеӣ ва маънои рамзии онҳо қувват ёфтааст. Инро муваффақияте дар пешрафти эҷодии ӯ донистан мумкин аст. Маҳз қувваи бадеии тасвир ҳамбаста бо рӯҳияи публицистӣ барои ҷамъбастҳои иҷтимоии вай заминаи мӯътамаде тайёр кардааст.

Дар асари бадеӣ чунин гузориши проблемаҳо лозим аст, ки ҳаётро аз ягон соҳаи нав равшан менамояд, фикру ҳисси моро ангезе медиҳад ва моро ба андеша бурда, ба он вомедорад, ки ягон паҳлуи зиндагиро аз нав дарк намоем, вазифаи инсонии худро беҳтар шиносем. Асари бадеӣ кашфи ҳаёт ё ягон ҷузъи муҳимми он, кашфи ҳақиқат аст, ки хонандаро низ ба кашфиёт, ба худшиносиву дуньёфаҳмӣ водор мекунад. Фақат воқиаҳои аҷиб, сюжети шавқангез, саргузаштҳои ибратомӯз барои асари ҳақиқӣ кам аст. Дар сурате ки ин

ҳама як кулли воҳидро ташкил карда, фикри муҳимми наверо дар бораи инсон ва замон чун системаи муайяне илқо кунанд, барои кашфи ҳақиқати ҳаёт замина ҳозир мегардад.

Аз он чӣ дидем, ба ақидаи мо, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоюлоти инкишофи насри ҳозираи тоҷикӣ бисьёр зиддият дорад ва ин зиддиятҳо масъалаҳои асосии эҷоди бадеӣ, роҳу равиши асосии насрро фаро гирифтаанд.

Қисме аз ин ихтилофот дар мақолаи Маъруф Раҷабов /«Садои Шарқ», 1987, №2/ муфассалан ва ба мӯътамадӣ нишон дода шудааст. Дар ин мақола аз баррасии масъалаи афзоиши шаҳрнишинӣ дар асарҳои нависандагони ҷавони тоҷик сухан меравад. Лекин аз баъзе ҷиҳатҳо, ба пиндошти мо, масъалаи шаҳрнишинӣ ва таъсири муҳити шаҳрҳои калон ба маънавияту психологияи мардум, масъалаи муносибати шаҳру кишлок дар ин мақола яктарафа эзоҳ ёфтааст.

Дар ҳақиқат, ҳоло аҳамияти ин масъалаҳо дар зиндагии халқи тоҷик торафт меафзояд ва аз ҳудуди солҳои ҳафтоду ҳаштод дар адабиёт бештар мавқеъ ишғол кардани онҳо тасодуф нест. Афзоиши босуръати аҳолии шаҳр /хусусан Душанбе/ дар соҳаи маънавияту ахлоқ бисьёр масъалаҳои душвор пеш меорад. Онҳое, ки дирӯз деҳотӣ, саҳроӣ, кӯҳистонӣ буданд, акнун бояд ба шароити шаҳр, ба дӯлобиву бесарусомониҳо, ба шиддату суръати он одат кунанд, вале ин кор осон нест ва бисьёр оқибатҳои ҷиддии ахлоқиву психологӣ пеш меорад. Адабиёт ҳолати чунин шахсеро, ки дирӯз саҳроӣ буду имрӯз шаҳрӣ шуд ва аз ҷиҳати маънавию психологӣ ҳанӯз як пой дар деҳаву як пой дар шаҳр дорад, яъне ҳоло на шаҳристу на қишлоқӣ,— чунин психологияи дуҷанба, чунин ҳолати душвори рӯҳиро ба тадқиқ гирифта истодааст. Маънавияту ахлоқ ва тарзи тафаккури қишлоқиёни дирӯза дар шаҳр ба таъсироти тамоман дигаре дучор меояд: шаҳри серодаму серғавғо, фишори тоқатнопазири шиддату суръат, мардуми гуногун, ки ба шаҳр омада, ба гирдоби пурпече гирифтор гардида, дар назарашон меъёрҳои ахлоқу одоби одатӣ дарҳаму барҳам шудааст, сари ҳар касро ҳам гаранг мекунад. Ин ҳолати дуҷанбаи мардуми шаҳрнишинро бо ҳама ҷузъиёт ва падидаҳои гуногунаш тадқиқ кардан дорои аҳамияти махсусест. Адабиёт ҳолати маънавию ахлоқӣ ва психологии инсонро ба ху-

ди ӯ нишон медиҳад, ёрмандӣ мекунад, ки инсон ҳолати худро фаҳмад ва мувофиқи ин фаҳмиш амал кунад. Асари бадей як воситаи худшиносӣ, ба гуфти Маркс, нахустин нишонаи хирадмандист.

Дар шаҳрҳои калони замони мо пояҳои анъанавии ахлоқу одоб аз устуворӣ маҳрум шуда истодааст. Дар вақташ барои ин ки кӯдаку навҷавоне одобу услуб ёд гирад ва маданияти маънавӣ пайдо кунад, ӯро ба шаҳр мефиристоданд: ҷавонон на танҳо аз як ё чанд донишкадаи марказҳои маданият илму дониш меомӯхтанд, балки аз ахлоқу одоб ва рафтору гуфтори шаҳриён, ки нисбат ба деҳот маданияти баландтару нозуктар дошт, баҳра мебардоштанд. Имрӯз аҳвол дигар аст. Имрӯз агар хоҳем, ки фарзандон ахлоқу одоб ва забон эмӯзанд, онҳоро лоақал ҳар тобистон ба қишлоқ мефиристем. Идеали эстетикии маънавии халқ, таҷрибаи чандинасраи ахлоқии вай имрӯз дар деҳот бештар боқӣ мондааст.

Аз ин ҷост, ки куҳансолони деҳа дар асарҳои нависандагони ҷавон аксаран чун таҷассуми ақлу заковати халқ тасвир мешаванд, он тасаввуроти ахлоқии халқро, ки чандин аср боз аз санҷиши замон гузашта, сайқал дида ва такомул ёфта, буньёди одамиятро устувор медорад, ифода мекунанд. Дар насри Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз, нависандагони ҷавон Ҷонибек Акобиров, Абдулҳамид Самадов, Муаззама, Кароматулло Мирзоев ва дигарон ҷустуҷӯи идеали эстетикии халқ, идеали иҷтимоиву ахлоқии ӯ аз тамоюлоти муҳиммест, ки пояҳои гуманистии ҳаёти мо, асолати табиии инсонро мустаҳкам мекунад.

Инсоне, ки маҳрум аз ҳаёти маънавист, инсони ноқис аст. Тадқиқи маънавияти инсон, хусусан ҳамзамонони мо, амиқбурди асосҳои маънавии тадқиқи бадей дар замони бозсозӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маънавият бояд асоси бозсозии инқилобии ҷамъиятро ташкил намояд. Агар дигаргуниҳову беҳсозиҳо фақат бо ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, танҳо бо истеҳсолоту тарзи идора ва раҳбарӣ маҳдуд шавад, навсозии рӯякӣ хоҳад буд, ки буньёди ҳастии ҷамъиятию маънавии инсонро фаро нахоҳад гирифт. Фақат дар сурате ки пояҳои ҳастии маънавии инсон устувор шуд ва мувофиқи замон тағъир пазируфт, аз дигаргунии куллии ҷамъият умед кардан мумкин аст. Афсӯс, ки мо ин ҷиҳати масъаларо ҳанӯз дар маркази диққат нагузоштаем.

Маълум аст. ки масъалаи маънавияти инсон солҳои бисту сӣ ва чилу панҷоҳ аз доираи диққати махсус берун монда буд. Баръакс каҷравию нофаҳмиҳо, социологизми вулгар ва системаи фармонфармоии маъмурӣ пояҳои маънавии ҷамъиятро ба харобӣ овард. Дуньёи навро ба олами кӯҳна комилан муқобил гузошта, аз бисьёр андӯхтаҳои маънавии таҷрибаи чандинасраи мардум даст кашидем, китобҳои қадимиро асарҳои динии зарарнок пиндошта, ҳазор-ҳазор нобуд кардем, ки дар байни онҳо шояд садҳо дастнависи нодир ҳам буд, пул ва қувваи бисьёре сарф карда, осори аълои меъморӣ, обидаҳо, мадрасаҳо, тимҳо ва ғайраро вайрон кардем. Расул Ҳамзатов ба наздикӣ бисьёр дуруст гуфт, ки «чун дар вақташ масҷидҳоро вайрон мекардем, таърих, ҳам санъати меъморӣ, ҳам маданияти халқро ба нобудӣ медодем» /«Огонёк», 1987, №41, саҳ. 6/. Дар натиҷаи чунин вайронкориҳо, ситезапешагӣ ва инкорҳо ҷамъият аз таҷрибаи маънавии чандин насли гузашта дур шуд, ҳаёти маънавӣ сахт зарар дид. Аз даст рафтани Бухорову Самарқанд — ин марказҳои қадимии маданияти олӣ барои халқи тоҷик ба ғоят гарон омад: халқ аз муҳимтарин қисми анъанаҳои маънавию ахлоқии маданияти бостонии шаҳр маҳрум шуд ва ин ҳолат ба инкишофи гармоникии шахс, ба тараққиёти иҷтимоиву таърихии миллат нақши амиқе гузошт.

Аз ин рӯ, масъалаи маънавият имрӯз барои халқи тоҷик зиёда аҳамият дорад. Насри тоҷикӣ, хусусан эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз, аз ҷавонон Абдулҳамид Самадов, Сайф Раҳимов, Ҷонибек, Абдурофеъ Рабиев ва монанди инҳо бо ҷузъиётбандии психологӣ падидаҳои маънавияти халқро зарра-зарра гирд оварда, анъанаҳои аслии маънавию ахлоқии халқиро устувор мекунанд. Онҳо моро меомӯзанд, ки қадри арзишҳои асили маънавияти халқро донем. Адабиёт дар роҳи нигаҳдошти буньёди халқии ҳастии инсон мубориза карда истодааст.

Тасодуф нест, ки ин муборизаи адабиёт дар даврам касодии пеш аз бӯҳрон қувват ёфт. Зеро қабоҳати бемаънавиятӣ ва фасоди ахлоқ маҳз дар понздаҳ-бист соли охир бештар аён шуд. Акнун дар замони бозсозӣ баланд бурдани сатҳи маънавии ҷамъият аз вазифаҳои асосист. Беҳуда нест, ки «софкории ахлоқ ва навсозии социализм» чун муҳимтарин мақсадҳои ҳамбастаи якдигар пеш гузошта шудааст. М.С. Горбачёв дар

ҷашни солгашти 70-ми Октябрь гуфт: «Маданияти маънавӣ на ин ки зебу зинати ҷамъият, балки як соҳаи таъмини фаъолиятгарии ҳаётии он, имконоти интеллектуаливу маданини ҷамъият аст. Маданияти маънавӣ гӯё филиззи ҳафтҷӯшест, ки пойдории иҷтимоии ҷамъиятро устувор мекунад, омили суръатафзои инкишофи он мебошад».

Маданияти шахс як ҷузъи маънавияти ӯст. Маданияти олии ботинӣ, маданияти маънавӣ нишонаи асосии одамият мебошад. Адабиёт амиқбурди маданияти баланди маънавии шахсро дар ӯҳда дорад. Вай бо таъсири сухани олӣ ва тасвири бадеӣ фикру ҳисси инсонро ташаккул медиҳад ва ба сӯи дарки фалсафаи ҳастии одамизоду ҷамъият раҳнамун мегардад. Аз ин ҷост, ки концепцияи иҷтимоиву фалсафии асари бадеӣ дорои аҳамияти махсусест. Аҳамияти он дар давраи мубориза зидди рӯйдодҳои ҳастисӯз, дар давраи навсозии ҷамъияту инсон ва устувор кардани пояҳои гуманистии маънавият яке бар чанд афзудааст.

Адабиёт одатан вазифаҳои навбатии рӯзмарраи ҷамъиятро ҳам ба дараҷаи масъалаҳои бузургу ҷовидонии ҳастии инсон мебардорад. Агар чунин ҷамъбасту умумиятдиҳии куллӣ ба даст ояд, ҷамъият масъалаҳои навбатии рӯзмарраи худро ҳал кунад ҳам, аҳамияти асари бадеӣ аз миён намеравад. Аз ин ҷост, ки Лев Толстой аз асари бадеӣ «манфиатҳои ҷовиди умумибашарӣ, азизтарин ва самимитарин эҳсосоти халқ»-ро меҷуст. А. П. Чехов гуфта буд: «Илму санъат, — агар илму санъати ҳақиқӣ бошад, ба сӯи мақсадҳои муваққатӣ ва ҷузъӣ не, балки ба сӯи моҳияти ҷовидонӣ ва умумӣ ҷаҳду ҷадал дорад, — ҳақиқат ва маънои зиндагиро меҷӯяд».

Хусусан дар айёми мо — дар даврони бозсозии куллии ҷамъият саргармӣ бо вазифаҳои муваққатӣ ва майда-чуйдаву резапораҳои зиндагӣ, аз паи ҳақиқатҳои оддии маълум рафтан ва монанди инҳо асарро аз яклухтӣ ва концепцияи ҷиддии ҳаётӣ маҳрум месозад. Дар замони мо моҳияти рӯйдодҳоро дар партави масъалаҳои бузургу ҷовиди ҳастии инсон ва арзишҳои фанонопазир маънавию ахлоқӣ равшан кардан, ҷамъбастҳои пурвусъату амиқи иҷтимоиву фалсафӣ ба миён овардан аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Дар чунин шароит қадри анъанаҳои олии адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ бештар аён мегардад. Зубдаи

ҳақиқати ҳастӣ, ҷавҳари фикри ҷӯяндаи чандин насли мардумон, андӯхтаҳои маънавияти олӣ дар гузаштаи мо гирд омадааст. Ин ҳамаро аз он адабиёти бузург бо нигоҳи кунунӣ аз бинишгоҳи халқият ба андеша гирифтан ва дар даврони бозсозӣ ба хизмати мардуми имрӯзӣ гузоштан зарур аст.

Бинобар ин ба чунин фикри Расул Ҳодизода розӣ шудан мумкин нест, ки гуфтааст: «Аз ҷиҳати идеявӣ ва мазмуни ғоявӣ бошад, гумон аст, ки адабиёти гузаштаи мо ба тасвири воқиаҳои имрӯза ва маънии бузурги идеявии онҳо таъсири бевосита дошта бошад» /«Садои Шарқ»,1987, №6, саҳ. 112/. Расул Ҳодизода охири солҳои шаст ҳам меросбарии ғоявии адабиёти советии тоҷикро аз адабиёти классикӣ инкор намуда, фикре баён карда буд, ки «анъанаҳои адабиёти классикӣ /дар ҳар ҳол, адабиёти классикии тоҷик/ пеш аз ҳама, на дар мавзӯъ, балки дар шакли адабӣ зоҳир мегардад». Ин фикри ӯ он вақтҳо ба эроди ҷиддӣ дучор шуда буд. Абдунабӣ Сатторов таъкид карда буд, ки чунин ақида «аз вайрон кардани як қонунияти маълуми бадеӣ — таносуби ҳақиқии шаклу мундариҷа ба вуҷуд омадааст». Абдунабӣ Сатторов гуфта буд: «Мантиқан ҳам агар дар байни адабиёту санъати гузаштаву имрӯза алоқаи маънавӣ набошаду танҳо таҳаввулу таҷаддуди шаклҳои бадеӣ мушоҳида шавад, прогресси адабиёту санъат чӣ тавр сурат мегирад?» /А. Сатторов. Нуқтаи пайванд, 1982, саҳ. 236/. Ин як саволи ҳаққонӣ буд, лекин афсӯс, ки Расул Ҳодизода ақидаи устувори худро имрӯз — пас аз қариби бист сол такроран таъкид намуда, боз ба тарзи ҳукми қатъӣ сухан рондааст ва ягон далелу бурҳон наовардааст, то ки мо чӣ андоза ҳақиқат доштани онро дурусттар санҷем.

Дар ин маврид ба чунин таълимоти Ф. Энгельс такья кардан зарур аст, ки гуфта буд: «Илм мутаносибан ба маҷмӯи донишҳое, ки аз насли гузашта мерос гирифтааст, пеш меравад» /Қ. Маркс, Ф. Энгельс, Соч., т. 1, с. 568/. Таърихи адабиёт ҳам аз ин ҳақиқат гувоҳӣ медиҳад. Аксари мо солҳои бисту сӣ гумон доштем, ки адабиёти советӣ комилан хилофи адабиёти пештара аст ва агар ба он робитае хам дошта бошад, ин робита фақат бо шакл, воситаҳои тасвиру ифода ва каломи бадеъ маҳдуд аст. Пас аз чанде маълум шуд, ки ин гумон ғалат будааст. Ҳоло тамоман равшан аст, ки дар масъалаи меросбариву идомакории эҷодӣ ҳам

ҳақ ба ҷониби бузургони гузашта будааст, ҳақиқат он будааст, ки, масалан, Бедил гуфта буд:

Сайқалгари оинаи таҷдид қадим аст,
Натвон ба навӣ ғофил аз ин сози куҳан рафт.

Оре, таҷдид, навсозиву навпардозӣ аз «сози куҳан» ҷудоӣ надорад ва фақат идомаву такомули он метавонад буд. Дар ҳақиқат, маънавият чист ва инсони ҳақиқӣ кист, одамизод чаро ба дунё меояд ва чӣ тавр бояд аз дунё равад, мақсад аз зиндагӣ кадом аст ва некиву бадӣ чӣ маънӣ дорад — ин ҳама саволҳоеанд, ки ба онҳо танҳо аз таҷрибаи маҳдуди шахсӣ ҷавоби босавоб ёфтан душвор аст. Барои ба ин саволҳо ҷавоб ёфтан бояд ба андӯхтаҳои маънавию ахлоқӣ ва фалсафии замонҳои гузаштаи дуру наздик рӯ орем, таҷрибаи иҷтимоиву таърихии халқи худ ва халқҳои дигарро бо мақсадҳои олии имрӯзӣ ба андеша гирем. Ин аз муҳимтарин вазифаҳои ҳар як шахс, тамоми ҷамъият, аз ҷумла адабиёту санъат аст.

Валентин Распутин гуфта буд: «Аз рӯи виҷдон зиндагӣ кардан шахсияти маънавӣ ёфтан аст, ки рафтору кирдори шахс бо тасаввуроти ҷовидоние дар бораи вазифаи инсон, бо тасаввуроте, ки аз насл ба насл омадааст, нисбат дошта бошад» /В. Распутин. Если по совести, «Лит. газ.», 1 янв. 1988, №1, саҳ. 10/. Чунон ки мебинем, маънавияту ахлоқ, фалсафаи ҳастии инсон бидуни арзишҳои ҷовид, бидуни анъанаҳои устувори наслҳои гузашта муяссар нахоҳад шуд. Инро Чингиз Айтматов ҳам чандин бор таъкид карда буд. Чунончи, ӯ гуфтааст: «Бадӣ ҳамеша силоҳе монанди ниқор дорад. Аммо некӣ, азбаски некист, бесилоҳ аст. Бо вуҷуди ин некӣ муҳаррике дорад, ки барои дар ин ҷанги танбатани чандин ҳазор сол ба ӯ ёрмандӣ мекунад, то ки зафар наёбад ҳам, истодагӣ карда тавонад. Ин муҳаррик анъанаҳое мебошанд, ки ахлоқро ташаккул медиҳанд, онро дастгирӣ мекунанд. Дар ҳар ҷамъият камкам иқтидори таҷовузкор ҷамъ меояд. Вале ҳамин ки анъанаҳо суст шуданд, ҳам дар ҷамъият, ҳам дар шахсияти алоҳидае ин иқтидор ба ҳаракат медароянд». /Ч. Айтматов. «Надеюсь — жизнь рассудит», «Лит. обозр.», 1987, №11, с. 42/.

Аз ин ҷост, ки имрӯз анъанаҳои маънавияту ахлоқи

халқ, анъанаҳои олии адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ, муҳимтарин анъанаҳои гуманистии башарият барои ҷамъияти мо андӯхтаи бебаҳоест, ки бояд пурра аз худ шавад. Аҳамияти анъанаҳои адабиёти классикиро барои адабиёти муосир фақат бо доираи шакл маҳдуд донистан хусусан имрӯз бештар зарар хоҳад овард. Баръакс, маҳз имрӯз арзишҳои ҷовиди инсониро дар зиндагии худ бояд бештар устувор кунем.

Маънавият ва фалсафаи ҳастӣ, ҳамаи масъалаҳое, ки аз ин ҷо сар мезананд, моҳияти умумиинсонӣ доранд, моҳиятан ҷовиданд, дар ягон замон ва ягон кишвар аҳамияти худро аз даст надодаанд ва нахоҳанд дод. Онҳо ҳамеша мувофиқи шароити замону макон такмил меёбанд, амиқ мераванд, мазмуну мундариҷаи нав мегиранд ё худ ягон ҷиҳати онҳо дар марҳилаи муайяне бештар аҳамият пайдо мекунад. Аксари онҳо дар айёми мо ба аҳамияти дараҷаи якум моликанд. Бечиз нест, ки М. С. Горбачёв ҳангоми пазироии аҳли форуми Иссиққӯл гуфт: «В.И.Ленин дар аввали асри мо фикри басо амиқе баён карда буд, ки арзишҳои умумиинсонӣ бар вазифаҳои синфе бартарӣ доранд. Аҳамияти ин фикр хусусан имрӯз ба шиддат эҳсос мешавад» /«Правда», 22 окт. 1986/.

Мавқеи синфиро аз арзишҳои ҷовиди умумибашарӣ ҷудо кардан, хусусан ба онҳо зид гузоштан нуравост, зеро манфиати синфҳои меҳнаткаш ва идеалҳои олии онҳо чизе берун аз арзишҳои умумиинсонӣ нест, балки комилан мутобиқи онҳо, ифодаи имрӯзӣ ва ба худ хоси онҳост. Гуманизми социалистӣ умдатарин андӯхтаҳои инкишофи таърихии маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоиву фалсафии инсонияти тараққихоҳро дар бар гирифтааст.

Аз ин рӯ, мо бояд худро ба гузашта муқобил нагузорем, балки аз неку бади он сабақ омӯзем. Дар акси ҳол, аз меъёрҳои олии одамият маҳрум хоҳем монд. Вазифаҳои тарбиявии адабиёт ҳоло тақозо дорад, ки маънавияту ахлоқи мардумони имрӯза, худшиносии инсонӣ ва иҷтимоиву фалсафии онҳо ба дараҷаи баланди меъёрҳои умумибашарӣ бардошта шавад. Имрӯз ба масъалаҳои маънавият ва фалсафаи ҳастии инсон амиқан сар фурӯ бурдани адабиёт беш аз ҳар вақт зарурат пайдо намудааст.

Мо аз адабиёт маънавият ва фалсафа талаб мекунем. Асари асили бадеӣ он аст, ки ҷавҳари фикри на-

висанда, ки натиҷаи ҷустуҷӯҳои ҷиддии бардавоми иҷтимоиву фалсафии ӯст, бар маънавияти олӣ поя дорад.

Дар ин маврид мавқеи гражданӣ ва ғоявию бадеии нависанда, назари хоси имрӯзии вай, ҷиддияти концепцияи ӯ, ки ба идеалҳои олии даврони мо такья дорад, аҳамияти махсус касб менамояд, то ки мазмуни замонии арзишҳои ҷовиди маънавӣ бо ҳама бузургиву шукӯҳи инсонӣ падид ояд ва чун меъёри баҳо хизмат кунад. Имрӯз, ки дар мамлакати мо қудратафзоии омили инсонӣ ва софкории ахлоқи ҷамъият аз вазифаҳои асосист, ба фикри ман, гражданият ва муосирияти адабиёт, пеш аз ҳама, дар корбасти олитарин меъёрҳои одамият зоҳир мешавад, аз ҳамин бинишгоҳ баҳо додан ба шахс ва ҳар рӯйдоди зиндагӣ мебошад, ба баландтарин пояҳои идеали эстетикии халқ бардоштани ҳастии маънавии ҷамъият аст. Муайян кардани моҳияти ҳастии маънавии шахс, ҷамъият ва замон дар насри ҳозираи тоҷикӣ ҳоло ба чунин пояи баланди меъёрҳои умумибашарӣ нарасидааст. Як сабаби ин ҳамоно беэътиноӣ нисбат ба анъанаҳои бузурги адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ, ба дастовардҳои маънавию эстетикии халқҳои дигар аст.

Беэътиноӣ нисбат ба мероси оламшумули маданиву маънавии худ дар шакли наср ҳам ба назар мерасад. Нависандагони тоҷик солҳои ҳафтоду ҳаштод барои такомули шакли миллии романи тоҷикӣ кӯшиши ҷиддие зоҳир накарданд. Чингиз Айтматов, баъзе нависандагони гурҷӣ, украинӣ, озарӣ, республикаҳои Соҳили Балтика ва ғайра, устодони насри Америкаи Лотинӣ, Аврупои Ғарбӣ, Ҳиндустон, Япония мувофиқи тафаккури халқи худ, мувофиқи дигаргуниҳои имрӯзии психологияи миллӣ пайваста барои роман шаклҳои нав меҷӯянд. Ин ҷӯяндагӣ натиҷаҳое дода истодааст, ки адабиёти миллиро гоҳ якбора ба арсаи ҷаҳон мебарорад. Бешак, дар ин маврид гап фақат дар шакли нав нест, балки боз ҳам дар концепция, дар фаҳмиши амиқи замон ва чашмандози пурвусъати иҷтимоии фалсафӣ, дар ҳамбастагии диалектикии ғояҳои олии нав ва шакли тоза мебошад. Афсӯс, ки аз барои маҳдуде берун нашудани андешаҳои нависандагони тоҷик, дар фазои бепоёни дуньёи имрӯзӣ ба парвоз наомадани фикри бадеии онҳо роҳи навангезии ҳақиқии ғоявию бадеиро бастааст. Гумон меравад, ки ба пояи баланди ғояҳои умумиинсонии адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ ва ҷаҳонӣ бардош-

тани масъалаҳои муҳимми имрӯзӣ барои кашфиёти бадеӣ, барои муайян шудани мундариҷаву шакли романи тоҷикӣ имконоти беназире фароҳам хоҳад овард.

Фикри амиқи замонӣ, ҷашмандози пурвусъати маънавию фалсафӣ, робитаҳои рӯзафзуни интернационалӣ шакли адабиётро тағйир медиҳад ва бадеияти нав ба он фикри муҳим, ба он ҷустуҷӯҳои маънавию фалсафӣ қувваи азиме ато карда, барои таъсири амалии эстетикӣ замина тайёр менамояд.

1988



## III. ҶӮСТУҶӮИ ҲАҚИҚАТ ВА ДӮСТӢ

### МАКТАБИ ОДАМИЯТ

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти советии сермиллати мо, нависандаи маъруфи литвонӣ Миколас Слуцкис бо номи «Истироҳат» /«Отдых»/ повесте дорад. Қаҳрамони ин повесть Антанина Граяускене занест, ки ба гирдоби зиндагӣ гирифтор шудааст. Ин зани серғайрат аз пагоҳ то бегоҳ дар тараддуду ташвиш буда, дар корхона аз болои столи бухгалтерӣ сар бардошта наметавонад ва ҳамин ки аз корхона баромад, ба магазинҳо медавад, дар ҳар магазин чанд бор ба навбат истода, кам-кам хӯрокворӣ мехарад ва бо сумкаҳои пур тозон-тозон ба сӯи хона роҳ пеш мегирад. Дар хона шавҳар ва се фарзанд мунтазири ӯ мебошанд. Тамоми кори хона ҳам ба сари Антанина мондааст. Ӯ барои аҳли хонавода зуд хӯроке бояд тайёр намояд, зуд хонаро андак ғундорад ва тоза кунад. Ҳама корро зуд ва бо саросемагӣ иҷро кардан даркор аст, вагарна вақт намерасад.

Ҳар рӯзи Антанина ҳамин тавр мегузарад: саҳар бо даводав сар шуда, ташвиши рӯзгор то бевақтии шаб, то вақти хоб давом мекунад. Ин зиндагии якранги пурташвиш Антанинаро батамом ба коми худ кашидааст: ғайр аз ғами рӯзгор фикре ба сари ӯ роҳ намеёбад, аз ҳама ёру дӯстони солҳои ҷавонӣ дур шудааст, ба ҷуз

хонаи худ, корхонаи бухгалтерӣ ва чанд магазини атроф чизеро намебинад. Ҳатто аз ҳоли фарзандон, аз дилу нияти онҳо хабар гирифта наметавонад, имкон надорад, ки аз фарзандон аҳвол пурсад.

Антанина ғуломи рӯзгору зиндагӣ шудааст, дасту пои худро баста ба дасти ташвиши рӯзгор супурдааст ва кам-кам аз ҳаёти маънавӣ маҳрум гардида, ба як мошини автомат табдил ёфта истодааст. Инро гоҳ худи ӯ ҳис мекунад, вале илоҷе надорад, аз гирдоби зиндагӣ халосӣ нест.

Ниҳоят, рӯзе аз корхона ба Антанина як путёвка доданд ва ӯ барои истироҳат ба курорт рафт. Шароити курорт, оромию хомӯшӣ, оҳистагию беташвишӣ ба ӯ бегона буд, вай ба ин шароит одат карда наметавонист. Лекин ба ҳар ҳол фурсате даст дод, ки Антанина фикр кунад, зиндагии худро ба андеша гирад, аҳволи худро худ фаҳмад. Вай дар ин ҷо имкон ёфт, ки ба рафтору кирдори мардуми атроф бо чашми диққат нигоҳ кунад, аз аҳволи онҳо хабар гирад, кам-кам ба ғаму шодии онҳо шарик шавад. Хусусан занаки ҳамхонаи вай Констанция бемории вазнине ва саргузашти пурдарде дошт. Оҳиста-оҳиста тақдири Констанция фикри Антанинаро бакуллӣ ба худ банд кард. Дарди ин занаки бегона дарди худи Антанина шуд. Ин ҳамдардӣ ба бегонае дар дили Антанина боз ҳиссиёти нозуку наҷиби инсониро бедор кард.

Нависандаи рӯҳшинос Миколас Слуцкис нишон додааст, ки чун дар дили Антанина хоҳиши фаҳмидани дарди дигарон пайдо шуд, бегонагӣ ва одамгурезии ӯ кам шудан гирифт, байни Антанина ва дигарон тадриҷан муносибатҳои хушки расмӣ барҳам хӯрда, муносибатҳои ҳақиқии инсонӣ оғоз ёфт. Ба ин тариқ, қаҳрамони нависанда боз хислатҳои асили одамӣ пайдо кард, боз ба роҳи одамгарию одамият даромад.

Миколас Слуцкис шароити зиндагии як шаҳри калони Литва, шаҳри аврупоии серодам ва зиндагии пуршиддати онро тасвир кардааст ва инсон бо таъсири чунин шиддату суръат бештар ба бегонагӣ, мардумгурезӣ, танҳоии ботинӣ хӯ мегирад. Дар Тоҷикистони мо шароити зиндагӣ андак дигар аст ва ҳанӯз кор ба он дараҷа нарасидааст. Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳои он нависандаи зиндагидону дилшинос барои мо ҳам басо ибратомӯз мебошанд, зеро ташвиши рӯзгор дар зиндагии

мо низ кам нест ва ҳар лаҳза мумкин аст, ки баъзе аз моёнро ба коми худ фурӯ барад.

Ин ҷо барои мо фикри асосии Миколас Слуцкис бисьёр муҳим аст. Вай бо повести «Истироҳат» гуфтан меҳоҳад, ки инсон бояд монанди ғуломе худро ба дасти ташвиши зисту зиндагӣ насупорад, балки баръакс ҷараёни ин ташвишҳоро ба иродаи худ итоат кунонад, бо иродаи худ онро идора намояд. Инсон бояд ба ҷараёни худрави зиндагӣ ҳамроҳ шуда наравад, балки аз байни ҳама ҳарҷу марҷи зиндагӣ худро ҷӯяду ёбад, худро шиносад, шаъни одамии худро фаҳмад, мавқеи инсонии худро устувор кунад. Аммо ин худҷӯиву худшиносӣ дар танҳоӣ ва бо бегонаҳӯӣ ба даст намеояд. Одамизод фақат дар натиҷаи ба андеша гирифтани аҳволи худ ва аҳволи дигарон, фақат дар натиҷаи ҳамдардию ҳамдастии бо мардуми атроф сифатҳои инсонии худро устувор карда метавонад. Одам бояд бозичаи дасти зиндагӣ набошад, балки соҳибкори огоҳу фаъоли ҳаёт буда, дар даруни ҳама ғаму шодии дигарон умр ба сар барад, то ки арзиши умри худи ӯ маълум шавад.

Одам кист ва одамият чист? Асрҳост, ки ин савол дар сари мутафаккирони дуньё чарх мезанад. Олимону нависандагони ҳамаи халқҳо замони худро санҷида, феълу атвори мардуми атрофи худро бодиққат омӯхта, ба он савол ҷавоб ҷустаанд. Фикри ҷӯяндаи инсон ба ин савол ҷавобҳои пухтае гуфтааст. Аз шеъри Рӯдакӣ ва рисолаҳои Ибни Сино то замони мо асарҳои сершуморе ба майдон омадаанд, ки дар онҳо маънои одаму одамият кашф шудааст, ба кадом тарзу тариқ ба дараҷаи инсонияти ҳақиқӣ расидани инсон баён гардидааст. Худшиносии инсон, моҳияти ҳастии инсонии худро фаҳмидани ӯ чандин аср боз давом дорад ва пояҳои гуногуни он дар илму адабиёт акс ёфтааст.

Асирии Хуҷандӣ — шоири ибтидои асри XX гӯё натиҷаи он ҳама ҷустуҷӯйҳои маънавии гузаштагони худро хулоса карда, дар як шеъри машҳураш, гуфтааст:

> Одамийят чист? — Худро дур аз шар доштан,
> Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.

Чунон ки мебинем, фикри шоири тоҷик аз фикре, ки нависандаи литвонӣ Миколас Слуцкис баён кардааст ва дар боло дидем, чандон дур нест. Асирӣ «хайрхоҳи

халқ будан» ва ба дигарон нафъ расониданро одамияг донистааст. Ғами дигаронро хӯрдан ва бо атрофиён хайрхоҳона зиндагӣ кардан аз муҳимтарин шартҳои одамият аст ва ин шартро ҳамаи халқҳо ва мардумони ҳамаи замонҳо бисьёр муҳим донистаанд. Аз ҳамин сабаб, онро на фақат Асирӣ таъкид кардааст, балки як нависандаи имрӯзаи советӣ ҳам зарур донистааст, ҳатто боиси начоти инсон, боиси аз чанголи худбиниию худхоҳӣ, аз азобҳои танҳоиву кӯрдилӣ халос шудани одам шуморидааст.

Саъдӣ ҳам чандин аср пештар аз замони мо ин маъниро таъкид карда буд. Вай гуфта буд: «Агар хештанро хайр хоҳӣ, хайрхоҳи халқ бош!» Яъне Саъдии бузург ҳам хайрхоҳӣ ва некукориро боиси начоти инсон донистааст. Дар ҳақиқат, одамият аз инсоф, аз хайрхоҳиву некукорӣ сар мешавад. Агар аз касе дигарон хайре набинанд, некие умед надошта бошанд, пас, ба чӣ асос ӯро инсон номидан мумкин аст? Дарачаи инсонияти ҳар як шахс аз он маълум мегардад, ки ӯ то чӣ андоза дили некхоҳ дорад, то чӣ андоза тайёр аст ба дигарон дасти ёрӣ дароз кунад.

Қасе, ки фақат бо ғами худ зиндагӣ мекунад ва аз дигарон парвое надорад, ба пои худ теша мезанад. Инро М. Слуцкис бо саргузашти Антанина бисьёр нағз таъкид кардааст. Антанина он вақтҳо ки ба ғами худ ғӯтида буд ва оламу одамро намедид, қариб буд, ки инсонияти худро аз даст диҳад, ба сифати инсон, ба сифати як зоти маънавӣ маҳв шавад. Вале ин масъала чиҳати дигар ҳам дорад. Фақат бо ғами худ зиндагӣ кардан чунин маънӣ ҳам дорад, ки баъзеҳо фақат худро одам медонанд, фақат манфиати худро мебинанд ва мумкин аст, ки барои манфиати худ ба дигарон хеле зарар оваранд. Ин ҳам, албатта, аз одамият дур аст. Ҳоло баъзе нависандагони точик ва қаҳрамони онҳо дар сари ин ҳодиса бисьёр фикр мекунанд. Хусусан романи Фазлиддин Муҳаммадиев «Палатаи кунчакӣ» ва повести Саттор Турсун «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» аз ин гуна андешаҳо пур аст. Қаҳрамони асосии романи Ф. Муҳаммадиев баъди андешаҳои бисьёре чунин хулоса баровард: «Инсон ҳамон аст, ки на фақат ғами хеш, балки дигаронро низ хӯрад». Қаҳрамони повести мазкури Саттор Турсун гуфтааст: «Одам аввало бо росткориву хулқи хуш ва лафзи ҳалолаш одам аст!»

Ф. Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Сорбон, Ӯрун Кӯҳ-

зод, Баҳром Фирӯз, Меҳмон Бахтӣ ва дигарон дар асарҳои худ чунин шахсонеро тасвир карда истодаанд, ки бо ҳалолкориву поквиҷдонӣ, бо андешаи нек, бо ҳиссу ҳаяҷони софи одамӣ сифатҳои инсонии инсонро устувор мекунанд, пастию ноодамиро маҳкум менамоянд, ба мо имкон медиҳанд, ки мо ҳам одамию ноодамиро беҳтар бинем, фарқ карда тавонем.

Боре дар «Литературная газета» /1983, 4 май, №18/ сӯҳбати муфассали нависандаи гурҷӣ Чабуа Амиреҷиби ва як мухбир чоп шуда буд. Дар ин сӯҳбати пурмазмун баъзе ҷиҳатҳои ҷустуҷӯйҳои имрӯзаи маънавию ахлоқии нависандагони советӣ хеле барҷаста ифода шудааст. Ч. Амираҷиби бовари қатъӣ дорад, ки одамизод зотан неку некхоҳ аст ва коре бояд кард, ки чароғи некӣ дар дили ӯ ҳамеша фурӯзон бошад. Ч. Амираҷиби гуфтааст: «Ҳар кас мефаҳмад, ки барои некӣ ба дунъё омадааст, на барои бадӣ. Лекин барои некӣ ҷидду ҷаҳде лозим аст, аммо бадӣ номаълум содир мешавад, кас бадӣ мекунаду нафаҳмида мемонад». Ба ақидаи Ч. Амираҷиби, инсон бояд чунон бошад, ки на фақат дидаву дониста, балки ҳатто надониста бадӣ накунад. «Аз ҳама пеш нисбат ба худ сахтгир будан даркор аст,— мегӯяд Ч. Амираҷибӣ—фақат ба ин тарз дигаронро ҳам дигар кардан мумкин аст, шароитро, шароити ахлоқиро, ки ҳама чиз вобаста ба он аст, тағьир додан мумкин аст».

Дар ҳақиқат, қаҳрамони романи Ч. Амираҷиби «Дата Туташхия» чандин бор худро дигар кард, хулқу атвори худро тағйир дод, то ки дар ҳар шароит нек бошад, дар ҳар вазъият некию инсофро аз даст надиҳад ва шароиту вазъияти зиндагиро чунон дигар кунад, ки барои бо дили нек ба воя расидани инсон имконият бошад.

Бешубҳа, инсони ҳақиқӣ шудан осон нест ва барои ин ки шахс ба камолоти инсонӣ расад, нисбат ба худ ба ниҳояти дараҷа серталаб будани ӯ зарур аст. Дар табиати инсонии қаҳрамони баъзе асарҳои адабиёти ҳозираи тоҷикӣ худназоратӣ хеле инкишоф ёфтааст ва инро хусусан дар насри Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Кӯҳзод, дар шеъри Лоиқ, Бозор Собир, Саидалӣ Маъмур, Гулрухсор бештар мебинем. Анвар — қаҳрамони романи Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам», Иброҳимҷон — қаҳрамони романи Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» ва дигарҳо лаҳзаҳои алоҳидаи зинда-

гии худро ҳамаҷониба фикр мекунанд, кӯшиш менамоянд, ки аз худ бехабар намонанд, ҳар қадами худро дониста гузоранд. Ин худназоратӣ, кӯшиши амиқ сарфаҳм рафтан ба маънои ҳар кор ва фикру ҳисси худ аз он ҷиҳат хеле муҳим аст, ки одам бояд огоҳона рафтор кунад, аз ҳар қадаму ҳар нафаси худ бояд ба худ ҳисоб диҳад, бояд донад, ки кори дуруст карда истодааст ё не, аз ин кор, аз ин фикру ҳисси ӯ на фақат ба худаш, балки ба дигарон ҳам фоидае ҳаст ё не ва агар ба дигарон фоидае набошад, лоақал зараре нарасад.

Тошхоҷаи Асирӣ дар байти боло ҳангоме ки ба саволи «одамият чист?» ҷавоб додан мехост, аввало гуфтааст, ки «худро дур аз шар доштан» шарти одамият аст. Ҳақиқатан дар баъзе мавридҳо аз шӯру шар, аз бадӣ ва бадон дур истодан айни одамият аст, ҳатто қаҳрамонист. Дар баъзе мавридҳо аз бадӣ дур истодан кам аст, барои нест кардани бадӣ ва бадкирдорон коре кардан зарур аст, вагарна шарти одамӣ ба ҷо намеояд. Лекин мавридҳое ҳам ҳастанд, ки агар одам ба дигарон некӣ карда натавонад, некӣ аз дасташ наояд ва имкон надошта бошад, айб нест, аммо аз бадӣ худдорӣ кардан, аз бадӣ дур истодан шарт аст.

Одамию бадӣ ба ҳам омада наметавонанд. Он ки бадӣ кард, одамиятро аз даст медиҳад ва боз ба номи бузурги инсон сазовор шудани ӯ бо душвориҳои сахте муяссар мегардад.

М. Горький аз адабиёт санъати инсоншиносиро талаб мекард. Имрӯз адабаёти мо ҳар қадар ки бештар ба ниҳонгоҳҳои дили ҳамзамонон роҳ ёфта, маънои ҳастии инсони замони моро амиқтар ошкор месозад аҳамияти он ба сифати як мактаби ҳаёт афзоиш меёбад. Мо аз ин мактаб дарси зиндагӣ меомӯзем, фарқ кардани некию бадӣ ва одамию ноодамиро ёд мегирем. Адабиёти советӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷикӣ ҳоло чунин дарсхонаест, ки барои андешаҳои ҷиддӣ ғизои фаровон медиҳад.

1983

## ҶУСТУҶӮИ РОҲИ БУЗУРГИ НЕКӢ

Дар замони мо таърих ва ривоятҳои таърихӣ, асотир, афсона ва умуман фолклор ҳар чӣ бештар ба адабиёти бадеӣ роҳ ёфта истодааст. Ба ин восита нависан-

дагони гуногун ҳар кадоме мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва майлу рағбати эҷодии худ ҷустуҷӯҳои маънавии наслҳои гузаштаро аз дидгоҳи имрӯзӣ ба андеша гирифта, барои муҳокимаи масъалаҳои муҳимми ҳастии инсони ҳозира мавриди мулоҳиза қарор медиҳанд ва пояҳои иҷтимоиву фалсафии асарро устувор менамоянд.

Ин ҳолат имрӯз дар тамоми адабиёти ҷаҳон дида мешавад. Адабиёти советии сермиллати мо ҳам аз ин истисно нест. Ба асари бадеӣ сар даровардани фольклор дар адабиёти бисьёр халқҳои советӣ дар шаклҳои гуногун ба назар меоянд. Дар эҷодиёти баъзе нависандагон, чунончи Владимир Санги, то ҳадди имкон унсурҳои фольклорро дар шакли аслӣ нигоҳ доштан принципи асосист. Дар эҷодиёти Чингиз Айтматов бошад, масъалаи истифодаи асотир, чунон ки У. Ю. Далгат мегӯяд, «бо дарки нави ахлоқиву психологии миф ва афсона, бо такья кардан ба робитае, ки миф ба воқеият дорад, бо роҳ сар кардан аз миф ҳал мегардад»[1]. Аммо Баграт Шинкуба дар «Суруди харсанг» /«Песня о скале»/ ва романи «Охирини рафтагон» /«Последний из ушедших»/ асотирро «бо мақсади тафсири ҳолати ботинии қаҳрамонони худ, ифодаи этнопсихологияи онҳо, ҷаҳонбинӣ, чигунагии бинишу муҳити таърихӣ ва ҳаётиашон» истифода мекунад. Нависандагон асотиру афсонаҳо ва ривояту қиссаҳоро, ки дар онҳо инкишофи маънавии халқҳои гуногун ифода шудааст, бадеан аз нав дарк мекунанд.

Афзоиши кӯшише барои ҷамъбастҳои вусъатноки фалсафӣ боиси қувват гирифтани шавқу ҳавас нисбат ба ҳикмати асрҳо гардидааст.

Ба ин ваҷҳ, ба майдон омадани асарҳои нависандаи русинависи тоҷик Темур Зулфиқоров низ тасодуф набуд. Унсурҳои асотир, фольклор, ривояту афсонаҳо, андӯхтаҳои маънавию ахлоқии фарзандони бузурги халқҳои гуногун ва замонҳои гузашта асоси ҷустуҷӯҳои иҷтмоиву фалсафии ӯро ташкил менамоянд.

Повестьҳои шоиронаи Темур Зулфиқоров дар чанд маҷмӯа гирд омадаанд: «Ду қиссаи ишқ» /«Две легенды о любви», Душ., 1980/, «Достонҳои мусофират» /«Поэмы странствий», М., 1980/, «Амирону шоирону донишмандон» /«Эмиры, поэты, мудрецы», Душ., 1983/, «Таттабубу» /М., 1984/, «Шикори шоҳ Баҳроми Гӯри

---

[1] *У. Ю. Далгат.* Литература и фольклор.: Наука, 1981, с. 301.

Сосонӣ» /«Охота царя Бахрам-Гура Сасанида», Душ., 1986/.

Дар ин маҷмӯаҳо повестьҳои таърихии зерин ҳастанд: «Достони бачагии Мушфиқӣ» /«Книга детства Мушфики», 1975/, «Нахустин ишқи Хоҷа Насриддин» /«Первая любовь Ходжи Насриддина», 1979/, «Достони розгӯиҳои Умари Хайём» /«Книга откровений Омара Хайяма», 1977/, «Достони марги амир Темур» /«Книга смерти Амира Тимура», 1983/. Нависанда ҳамаи инҳо ва баъзе асарҳои дигарашро якҷоя «Достонҳои шарқӣ» /«Восточные поэмы»/ номидааст.

Вай аз таърихи Россия ҳам чанд асар эҷод кардааст, ки «Достони князь Михаили Черниговӣ» /Поэма о князе Михаиле Черниговском», 1982/, «Қиссаи Иван Грозный» /«Легенда об Иване Грозном», 1983/, «Розгӯиҳои Сергийи Радонежӣ» /«Откровения Сергия Радонежского», 1984/ аз ҳамин ҷумлаанд. Ин гуна асарҳои ӯ ҳама якҷоя «Достонҳои русӣ» /«Русские поэмы»/ ном гирифтаанд.

Қаҳрамонони Темур Зулфиқоров гоҳ шахсиятҳои афсонавӣ — Хоҷа Насриддин мебошанд, яъне аз як сӯ, шоирону мутафаккирони бузурге, аз дигар ҷониб, қаҳрамонони ҳаҷву мутоибаи халқӣ, намояндагони «олами ханда» қаҳрамони Темур Зулфиқоров гардидаанд. Баъзе аз инҳо, аз ҷумла қаҳрамонони «олами ханда» аз ин пеш диққати бисёр нависандагонро ба худ кашида буданд. Хайём, амир Темур низ дар чандин асари бадеии нависандагони гуногун тасвир ёфтаанд. Латифаҳои Афандӣ асоси романи Леонид Соловьёв «Қиссаи Хоҷа Насриддин» /«Повесть о Ходже Насреддине»/-ро ташкил намудааст. Лекин Темур Зулфиқоров олами бадеии ҷолиб ва махсусе офаридааст, ки аз он чӣ то ин вақт медонистем, ба куллӣ фарқ дорад.

Якумин чизе, ки аз асарҳои Темур Зулфиқоров ба чашм мехӯрад, комилан шакли шартӣ доштани онҳост, ки хусусяти ҳамаи сатҳҳои структураи бадеиро муайян кардааст.

Гап фақат дар ин нест, ки, масалан, Мушфиқии таърихӣ дар Бухоро таваллуд ёфта умр ба сар бурда буд, аммо дар повести Темур Зулфиқоров ватани ӯ деҳаи дурдасти Чиптӯра аст. Ба ҷузъиёти воқеӣ чандон аҳамият надодани нависанда ва озод рафтор кардани ӯ он гоҳ ҳам маълум мешавад, ки чунончи, падару модар солҳои кӯдакии фарзандашон ҳам ӯро Мушфиқӣ меноманд

ва ҳол он Мушфиқӣ тахаллус буда, на солҳон кӯдакӣ, балки баъдтар номи шоирии ӯ қарор ёфт, вале он вақт ҳам ба гумон аст, ки падару модар ӯро чунин ном мегирифта бошанд.

Дар охири «Достони бачагии Мушфиқӣ», ки воқеаҳои он аз рӯи таърих бояд дар асри XVI ҷараён дошта бошанд, Хоҷа Насриддин пайдо шуда, давом додани муборизаи роҳи адолатро ба Мушфиқии ҷавон супурдааст. Аммо дар «Бозгашти Хоҷа Насриддин» ин қаҳрамон дар асри XIV, дар замони амир Темур амал кардааст. Яъне замони зиндагии як қаҳрамон — Хоҷа Насриддин дар ду асар аз якдигар қариб дусад сол фарқ дорад. Хоҷа Зулфиқори дарвеш ҳам дар «Достони розгӯиҳои Умари Хайём» ва ҳам дар «Бозгашти Хоҷа Насриддин» гоҳ-гоҳе пайдо мешавад, яъне гоҳ дар асри XII ва гоҳ дар асри XIV амал кардааст, аммо дар «Масалҳои дарвеш Хоҷа Зулфиқори девона» /1986/ нависанда таъкид кардааст, ки ин шахс дар замони амир Олимхон, яъне дар арафаи Октябрь дар Бухоро мезист.

Хоҷа Зулфиқор шахси таърихӣ нест, шахси таърихӣ будани Хоҷа Насриддинро ҳам илм ҳанӯз исбот накардааст. Хоҷа Насриддину Хоҷа Зулфиқор дар асарҳои Темур Зулфиқоров баёнгарони бозҷустҳои маънавии мардумони замонҳои гуногун мебошанд ва аз ҳамин сабаб, нависанда озод рафтор карда, ҳаёти онҳоро ҳар дафъа ба замони дигаре нисбат додааст, аз забони онҳо ҳақиқатҳоеро баён намудааст, ки фикри ҷӯяндаи мардум дар давраҳои гуногуни таърих ҳосил карда буд ва он ҳақиқатҳо дар ҳамаи давраҳо ба як дараҷа арзиш хоҳанд дошт. Умдатарин андӯхтаҳои фикри инсон диққати Темур Зулфиқоровро ба худ кашидааст ва қаҳрамонони ӯ азоби дуньёро кашида, бо андешапарварии ҷонкоҳе арзишҳои маънавии фанонопазирро устувор намудаанд.

Ба ҳам мувофиқат накардани замони воқиаҳо ва замони ҳаёти қаҳрамонон, пеш аз ҳама, ба шакли шартии асарҳо алоқаманд аст.

Як нишонаи шартияти шакл ин аст, ки масалан, «Достони бачагии Мушфиқӣ» аз нишонаҳои таърихии конкрети давр, аз реалияҳои муайяни зисту маишати асри XVI қариб тамоман маҳрум мебошад. Он воқеяти таърихӣ, он нишонаҳои конкрети ҳаёт, ки дар ин повесть тасвир ёфтааст, бештар ба охирин давраҳои таъ-

рихи пеш аз Октябрь, чунончи тахминан ба қарни XIX монанд аст, аммо ба асри XVI, ба он замоне, ки дар Осиёи Миёна ҳуҷуми нави қабилаҳои турк сар шуда буд ва зисту маишатро ҳамин воқиа муайян мекард, монандӣ надорад. Ҳамин ҳолатро дар «Нахустин ишқи Хоҷа Насриддин» ҳам мебинем. Ин ҷо ҳам гуфтан душвор аст, ки воқиаҳо дар кадом замон, дар кадом давраи муайяни таърих рӯй додаанд. Аз рӯи баъзе ҷузъиёти конкрети зисту маишат, ки хеле каманд, метавон тахмин кард, ки ин ҷо ҳам замони таърихӣ ба даврахои охири пеш аз Октябр наздик оварда шудааст.

Дар бисьёр мавридҳо ба Темур Зулфиқоров эрод гирифтан мумкин аст, ки дар асарҳои ӯ баъзе нишонаҳои замонҳои гуногун ва дур аз якдигар ҳампаҳлу омадаанд, ба ҳам омехтаанд. Чунин эрод ба ҳамин карибиҳо бо ибораҳои сахте баён шуд. Расул Ҳодизода дар бораи достони Темур Зулфиқоров «Шикори шоҳ Баҳроми Гӯри Сосонӣ» /1985/ гуфт, ки ҳангоми хондани ин асар «беихтиёр саволе пеш меояд: ин асар, ки чунин номи пурсадои таърихӣ дорад, барои чӣ ва барои кӣ навишта шуда бошад? Паи ҳам омадани номҳову мафҳумҳои таърихӣ ва асотирӣ,— мегӯяд Расул Ҳодизода,— номҳову мафҳумҳои динии қадимӣ ва мусулмонӣ, ки аксаран ба ҳам алоқае надоранд, гоҳ ба тасвири воқиаҳои таърихӣ ва афсонавӣ ҳамроҳ шудани унсурҳои даҳшатангезӣ хонандаро ба ҳайрат меорад ва саросема мекунад. Аммо назари худи нависанда дар паси пардаи ин ҳама воқиаҳо пинҳон аст»[1].

Ба ин муносибат, таъкид бояд кард, ки зотан биниши махсуси эстетикӣ, ба марзҳои гуногун ба ҳам наздик овардани воқеияту афсона, замонҳои таърихӣ ва мафҳумҳои мухталиф ба сари худ ҳеҷ гоҳ айб нахоҳад буд ва агар натиҷаи муҳимми ғоявию бадеӣ дода бошад, бояд гӯем, ки нависанда ба ин кор ҳақ дошт. Бинобар ин, барои розӣ шудан ба эроди Расул Ҳодизода бояд шитоб накунем. Беҳтар аст, ки боз баъзе падидаҳои худхоссаи он диди таърихиро, ки дар асарҳои Темур Зулфиқоров ҳаст, аз назар гузаронем. Он гоҳ шояд масъала равшан шавад.

Хонанда Н. Карпенко дар бораи баъзе асарҳои нависандагони ҳозира, аз ҷумла насри Темур Зулфиқо-

---

[1] *Р. Хади-заде.* Жизнь, литература, критика. «Коммунист Таджикистана», 19 марта 1986 г.

ров ба идораи «Литературная газета» мактубе навишта /13-П-1980/, бо ҳайрат гуфта буд, ки «Насриддин дар ин ҷо /дар асарҳои Т. Зулфиқоров — М.Ш./ на чунон аст, ки мо аз ривояту латифаҳои Шарқ медонем». Инро баъзе мунаққидон ҳам таъкид карда буданд. Чунончи Валентин Оскоцкий моро огоҳ карда буд, ки «аз китоби ӯ тасвири муфассали сарнавишти душвори онҳо /қаҳрамонон — М.Ш./ ва печу тоби роҳҳои ҳаёти онҳоро наҷӯед»[1].

Дар ҳақиқат, мо Мушфиқию Хоҷа Насриддинро аз фольклор чун зарофатгӯён ва қаҳрамонони латифаҳои фараҳбахшу нешдоре медонем, аммо дар асарҳои Темур Зулфиқоров, ки ба онҳо бахшида шудаанд, ҳаҷву мутоиба қариб нест.

Нависанда ин қаҳрамонони худро аз баъзе хислатҳои маълум, ки мо онҳоро бидуни ин хислатҳо тасаввур карда наметавонем, маҳрум кардааст. Ӯ бо ин кораш хилофи тасаввуроти умумӣ рафтор намудааст. Бешубҳа, ин тарз — ба донисти умум муқобил рафтан бисьёр хавф дошт ва бояд эътироф кунем, ки аз нависанда хеле ҷуръату ҷасорати эҷодӣ талаб менамуд.

Чунин ба ҳам мувофиқат накардани аломатҳои конкрети воқеият дар «Достони розгӯиҳои Умари Хайём», яке аз баркамолтарин асарҳои ӯ «Бозгашти Хоҷа Насриддин» камтар аст, вале ин ҷо низ хеле ба назар мерасад.

Ин «нособворӣ» ва «бемувофиқатиҳо», ин тарз риоя нашудани воқеияти таърихӣ, ин ҳама «озодандешиҳо»-и нависанда ба чӣ сабабе рӯй додаанд? Ба фаҳми мо, ин ҷо сабабҳои ҷиддӣ дар миён аст. Ҳоло баъзеи он сабабҳову натиҷаҳои онҳоро аз назар гузаронидан мехоҳем.

Темур Зулфиқоров ба таърих ба тарзи махсусе наздик мешавад. Ҷустуҷӯйҳои эҷодии ӯ дар мавриди дарки иҷтимоиву фалсафии моҳияти замонҳои гузаштаи дур махсусиятҳое дорад.

Лев Озеров дар сарсухани яке аз маҷмӯаҳои ин нависанда таъкид карда буд, ки «достонҳои Т. Зулфиқоров амиқан иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошанд».[2] Вале таъ-

---

[1] *В. Оскоцкий.* В багрянце осени. О прозе Темура Зулфикарова. «Коммунист Тадж.», 30 окт., 1981.

[2] *Л. Озеров.* Проза поэта.— В кн.: Т. Зулфикаров. Поэмы странствий. М., «Молодая гвардия», 1980, с. 10.

рихияти асарҳои Темур Зулфиқоров дорои ҷанбаи худхосаест. Таърихияти амиқи ӯ, агар ин таъбир ҷоиз бошад, бештар таърихияти моҳиятист.

Асарҳои вай на аз ҷиҳати конкретияти воқеӣ ва ҷузъиёти моддӣ, балки моҳиятан таърихиянд. Симои муайяну мушаххаси як давраи таърих, падидаҳои конкрет, реалияҳои зисту маишат, тафсилоту ҷузъиёти моддии он давра диққати ӯро ба худ намекашанд. Образи умумиятёфтаи замон, падидаҳои моҳияти он ба назари ӯ муҳимтар аст. Дар асарҳои вай дуньёро бо зуҳуроти ҷузъиву хусусии конкреташ не, балки бо умумияту ҷомеият ва универсалияташ мебинем, оламеро мебинем, ки хосиятҳои умумӣ, моҳияти амиқи куллии он дар назар аст.

Таҳкия ба ҷойгардони қабатҳои гуногунзамони таърих, ба омезиши ин қабатҳо асос ёфта, ин ҷойгардону омезиш қабули яклухти маънои сужетро ба миён меорад. Дарки шартию номуайяни замон ба таҳкия маънои мутлақ, маънои безамонӣ медиҳад. Бо ҷойгардони пораҳои вакт замони сужет сербортару сергунҷоиштар мешавад ва ин имконе фароҳам меорад, ки моҳияти асосии давраҳои гуногуни таърих як ҷо ҷамъоварӣ гардад. Нависанда чунин хосиятҳоеро падид меорад, ки моҳияти давраҳои гуногуни таърих, балки тамоми инкишофи таърихиро кам ё беш ба яклухтӣ ифода мекунанд.

Мунаққидон қайд карда буданд, ки рафтори инсон ва рӯйдодҳои воқеияти таърихӣ дар насри Темур Зулфиқоров маънои рамзӣ дорад. Рафаэль Мустафин дар бораи повести «Бозгашти Хоҷа Насриддин» навишта буд: «Дар пеши чашми мо на амир Темури таърих, на он шахсияти воқеӣ, ки дар асарҳои таърихӣ ва бадеӣ чандин бор тасвир шудааст, балки як навъ рамзи берaҳмӣ ва истибдод намоён мешавад»[1].

Образи Мушфиқиву мулло Насриддин низ дорои маънои рамзӣ мебошад. Темур Зулфиқоров ҳаҷву мутоиба ва латифаро гӯё падидаи зоҳирии моҳияти ҳастии онҳо медонад. Аз ин рӯ, онҳоро ошкорову таъкидан аз ин нишонаҳои зоҳирӣ озод кардааст, то ки барои марказият додани диққат ба моҳияти амиқи ҷус-

---

[1] *Р. Мустафин.* Путями нехоженными. «Лит. газ.», 13 фев., 1980 г.

туҷӯҳои маънавии онҳо, ба ифодаи таъмимию рамзии мазмуни рӯйдодҳои воқеият имкон ёбад.

Маҳз ҷустуҷӯҳои маънавии чандин насли мардум ва фарзандони бузурги халқ дар бисьёр асарҳои Темур Зулфиқоров масъалаи асосист. Инсон дар асарҳои ӯ ба шоҳроҳи таърих баромадааст ва ҳақиқат меҷӯяд. «Мусофират»-и қаҳрамонони Темур Зулфиқоров ба шоҳроҳи зиндагӣ баромадани онҳост, ба ҷустуҷӯи ҷавоби масъалаҳои ҷовидонии ҳастии инсон, масъалаҳои ҳақиқатан умумиинсонӣ ва умумидунёвӣ роҳ пеш гирифтан аст.

Якумин повести Темур Зулфиқоров «Достони бачагии Мушфиқӣ» чунин ба охир расида буд, ки «аз поизи деҳи дурдасти Чиптӯра баромад бачае бо бодомӣ асову кӯҳна кӯлвори меросӣ ва зад саргум, шуд ғарқ ба ғубори ғализи роҳ», зеро, чунон ки муаллиф аз қавли Хоҷа Самандари Тирмизӣ гуфтааст, «дар он шабонгоҳ киштии туфуллияти ӯ ба тақвияти бодбони табиат ба соҳили камолот расид» /тарҷумаи Муҳаммадзамони Солеҳ/.

Қаҳрамони повести «Нахустин ишқи Хоҷа Насриддин» низ ба ҷустуҷӯйҳои баркамоли маънавӣ раҳсипор шуд. Ин ҷо моҳияти ҷустуҷӯҳо равшану возеҳ баён гардидааст. Як дарвеши нобинои дуньёгард ба мулло Насриддин гуфт: «Бирав, ба Роҳи Бузурги Абрешим!..
Ба роҳи Бузурги мубориза бо бадӣ!.. Пайраҳаҳову кӯрраҳаҳоро бигузор ва ба Роҳи Бузург баро!..» Ва Хоҷа Насриддин ба ҳамин роҳ рафт.

Қаҳрамонони Темур Зулфиқоров ба Роҳи Бузурги Абрешим гоҳе баромадаанд, ки ин роҳ чун воқеияти конкрети таърихӣ кайҳо боз вуҷуд надошт. Вале Роҳи Бузурги Ҳақиқат ҳамоно вуҷуд дошт ва халқҳои дур аз якдигарро ба ҳам мепайваст, халқҳову маданиятҳои Шарқу Ғарбро ба ҳам наздик меовард.

Натиҷаи ин раҳпӯиҳои бениҳоят, ин сафари «Роҳи Бузурги Некӣ» /то ки онро «алаф ва шутурхор кӯр накунад»/ дар андешаҳои пурэҳтироси «Достони розгуиҳои Умари Хайём» ва «Бозгашти Хоҷа Насриддин», дар он андешаҳои шиддатнок, ки гоҳ қувваи азими драмавӣ доранд, омадааст. Ин андешаҳои қаҳрамонон масъалаҳои гуногуни ҳастии инсон, инкишофи ҷамъияти башарӣ ва таърихро дар бар гирифтаанд. Дар саҳифаҳои повестьҳои Темур Зулфиқоров, хусусан дар «Достони розгӯиҳои Умари Хайём» ва «Бозгашти Хоҷа Нас-

риддин» дар байни Хиради Олӣ ва Аҳмақии Олӣ муборизаи сахте давом дорад. Чунон ки аз эпиграфи китоби «Нахустин ишқи Насриддин» — як гуфтаи донишманди хитой Конфуций маълум мешавад, Хиради Олӣ ва Аҳмақии Олӣ «тағьирнопазиранд», муборизаи онҳо ҳамеша давом хоҳад кард.

Қаҳрамонони Темур Зулфиқоров /инчунин худи муаллиф/ гӯё кӯшиш доранд, ки муҳимтарин қисми таҷрибаи таърихии наслҳои гузашта, хулосаи ҷустуҷӯҳои ҳамешагии хирадмандони халқҳову замонҳои гуногунро ба доираи андешаҳои худ оранд. На танҳо мутафаккирони бузурги форсу тоҷик Ибни Сино, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саноӣ ва дигарон, балки алломаҳои Шарқи исломӣ, инчунин Хитой, Ҳинд, Ғарби насронӣ дар саҳифаҳои достонҳои Темур Зулфиқоров бо ҳам сӯҳбате оростаанд. Нақлу ривоятҳо, қиссаҳо, ҳикматҳо — ақлу хиради халқҳои гуногун дар ин саҳифаҳо гунҷидаанд. Андешаҳои муаллиф ва қаҳрамонони ӯ дар «Достонҳои шарқӣ» аз чандин силсила ассоциацияҳои бениҳоят фароҳам омадаанд ва бисьёре аз ин ассоциацияҳо ба тасаввуроти асримиёнагии таърихию ҷуғрофии тоҷикон асос ёфта, номи кишварҳо, вилоятҳо, шаҳру деҳаҳои сершумори Шарқро фаро гирифтаанд. Гоҳ масофаҳои бузурги ҷуғрофӣ ба тарзи аҷиби ҳайратафзое ба ҳам пайванд ёфтаанд. Чунончи яке аз тарзҳои ин пайванд: «Аввал як маҳсии кемухтии сурхи нақшини ямании бидидам. Сонӣ як чакмани дарозу тангӣ сафеди гавҳаркории уйғурӣ ба назарам расид.. Баъд ду чашм дидам... ду олуи дудхӯрдаи саёҳи ҷозибадори калони бухорой... олу, олу, олу...» Ин ҷо қаҳрамон гӯё дар як лаҳза дар тасаввури худ масофаҳои тӯлонии Шарқи асрҳои миёнаро ба ҳам пайвастааст. Ин тарз бо ҷузъиёти конкрети ҳаёти маишӣ /маҳсии яманӣ, чакмани қашқарӣ, олуи бухорой ва ғайра/ дар як ҷашмандоз ба ҳам пайвастани маҳалҳои дур аз якдигар низ як навъи ифодаи ҷаҳонбинии мардумони асрҳои гузашта мебошад.

Нависанда алоқаҳои пурвусъати мардумони давронҳои пештараро ба тарзҳои гуногун чи дар соҳаи моддиву маишии ҳаёт ва чи дар маънавиёт падид овардааст. Қаҳрамонони Т. Зулфиқоров на ҷисман, балки фикран дар кишварҳову замонҳои гуногуни дуру наздик сайр доранд, саъяшон бар ин аст, ки ба Хираднomaи халқҳои гуногун, ба моҳияти бузургтарин масъалаҳои умумибашарӣ роҳ ёбанд.

На танҳо замони бадей, балки фазои бадей низ пургунҷоиш аст. Нисбати худхоссаи фазову замон дар насри Т. Зулфиқоров имкон медиҳад, ки хонанда дар бораи Дунё тасаввури ба худ хосе пайдо кунад. Ҳудудҳои замониву фазоии Қайҳон ба ҳам наздик омада, гӯё тамоми дунё ба чашмандози қаҳрамон медарояд. Ҳамагирии муносибатҳои фазоиву замонии таҳкия, муносибатҳои гуногуни фазоиву замониро якҷоя фаро гирифтани он барои ҷамъбастҳои вусъатноки иҷтимоиву фалсафӣ ва ахлоқӣ замина тайёр менамояд.

Чунон ки медонем, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хофиз, Ҳилолӣ, Бедил ва дигар классикони бузурги адабиёти форсиву тоҷикӣ дар шуури қаҳрамонони бисёр нависандагони ҳозираи тоҷик ҳамеша ҳозиранд. Шеъри олӣ, ки гоҳ лирикии нозук, гоҳ хирадмандонаи ҳикматомез, гоҳе фалсафист, дар шуури қаҳрамон замонҳои мухталифи таърихиро ба ҳам пайванд дода, робитаи сахти ҷустуҷӯҳои маънавии даврахои гуногун, меросбарию ягонагии тараққиёти маънавии ҳамаи наслҳоро ифода менамояд.

Ин равия дар насри Темур Зулфиқоров инкишоф ва такмил ёфт. Дар асарҳои ӯ на танҳо лирикаи ишқии фалсафӣ ва дидактикӣ, балки инчунин баъзе лаҳзаҳои инкишофи афкори фалсафии мардуми эронӣ ва бисёр халқҳои дигар барои ташаккули шуури қаҳрамон роли калон бозидааст. Ҳудуди олами маънавии инсон дар насри Т. Зулфиқоров хеле васеъ шуда, на фақат масъалаҳои фалсафии ҳастии инсон, балки инчунин инкишофи афкори фалсафиро ба миқёси дунё дар бар гирифт. Қаҳрамон бо ҷустуҷӯҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва маънавии худ гӯё ҳама олами башариятро фаро гирифтан мехоҳад. На фақат қаҳрамони «Достони розгӯиҳои Умари Хайём», ки шоиру мутафаккир аст, балки қаҳрамони «Бозгашти Хоҷа Насриддин» ҳам шахсияти интеллектуалӣ мебошад ва олами маънавии ӯ монанди олами фикри инсон васеу беҳудуд аст.

Васеъ шудани уфуқи олами интеллектуалии инсонро дар эҷодиёти баъзе аз дигар нависандагони тоҷик ҳам дида метавонем. Лекин дар асарҳои Т. Зулфиқоров олами маънавии инсон боз хусусияти фалсафӣ гирифта, асосан дар гирди масъалаҳои ҷовиде, аз қабили муборизаи Некиву Бадӣ, моҳияти ишқу марг, ҷангу сулҳ, маънои зиндагии инсон инкишоф мeёбад. Андешаҳои шиддатноке дар сари мураккабтарин масъалаҳои

фалсафаи ҳастии инсон, фалсафаи таърих ба қарамони насри шоиронаи Темур Зулфиқоров, ба «Достонҳои шарқӣ»-и ӯ хос аст.

Мавзӯи аслии андешаронимҳои фалсафии «Достонҳои шарқӣ» — муборизаи Некиву Бадӣ дар дунёфаҳмии халқҳои эронӣ решаҳои таърихии қадимӣ дорад. Манзараҳои ҳаракати доимӣ ва муборизаи ҳамзидҳо, ки дар воқеияти реалӣ ҳаст, аз замонҳои қадим дар мифҳо, дар тасаввуроти идеологии овони «Авасто» акс ёфтааст. Дар «Готҳо»-и Зардушт /ибтидои ҳазораи якуми то милод/, ки қисми асосии шеърии «Авасто» мебошад, «системаи образҳо ба қутбнишонии ҳамагонӣ /тазод/, ки бархӯрди воқеии ҳамзидҳои табиату ҷамъиятро дар худ акс медиҳад, асос ёфтааст»[1]. Муборизаи доимии худои некӣ Аҳуро-Маздо ва худои бадӣ Ангро-Маню, ки баъдтар, дар адабиёти классикӣ бо номи Ҳурмуз ва Аҳриман омадаанд, аз ҳамин ҷо сар зада буд.

Ин мубориза дар бунёди фалсафии ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии қаҳрамонони «Достонҳои шарқӣ»-и Темур Зулфиқоров акс андохтааст.

Ин хусусан дар «Бозгашти Хоҷа Насриддин» бо қувваи азиме ифода ёфтааст. Дар ин асар Хирадманд ва Мустабид бо таъмими ниҳоӣ сахт ба ҳам муқобил гузошта шудаанд. Инҳо Хоҷа Насриддини некукор, дунёдида, ҳикмати асрҳо андӯхта ва амир Темури ҷаҳонгири хунхор мебошанд. Ин ҳам муҳим аст, ки Некӣ ва Бадӣ як оғоз дорад: Хоҷа Насриддин ва амир Темур на танҳо аз як кишваранд ва ҳатто дар як деҳа ба воя расидаанд, балки як зан онҳоро шир додааст. Пиразан Мамлакати Қубаро бо ҳасрат хитоб мекунад: «Оре!... Манам, ки аз як пистон Мустабидро шир додам!.. Аз пистони дигар Хирадмандро!..»

Ба ин тариқ, оғозгоҳҳои Нек ва Бад, Ҳурмуз ва Аҳриман дар дили инсон, дар дили мардумон аст. Он гуфтаи Ҷалолиддини Румӣ, ки дар дунё чизе нест, ки аз ту берун бошад ва ҳар чӣ ҷӯӣ, аз худ хоҳӣ ёфт /ва Т. Зулфиқоров ин гуфтаро дар достони «Нахустин ишқи Хоҷа Насриддин» зикр кардааст/, низ шояд ба ҳамин маънӣ фаҳмида шавад, ки оғози Некиву Бадӣ дар дили инсон аст. Азизи Насафӣ, ки аз ҳамзамонони Ҷало-

---

[1] *И. С. Брагинский.* От Авесты до Айни, Душ.: «Ирфон», 1981, с. 23.

лиддини Румист, низ гуфтааст: «Ҳар чӣ мехоҳӣ, дар худ талаб кун, аз беруни худ чӣ металабӣ?[1]

Лекин диққати Темур Зулфиқоровро на танҳо ин ҷиҳати масъалаи худшиносии шахс, на фақат мубоaccess зан қувваҳои зидди якдигар дар дили ҳар кас ба худ кашидааст, балки нависанда диққаташро бештар дар шахси амир Темур таҷассум ёфтааст, ҷамъ овардан мехоҳад.

Зарурати мубориза қатъӣ бо Бадӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Қаҳрамони «Достони розгӯиҳои Умари Хайём» аламомез фикр мекунад, ки «дар империяи салҷуқиёни омада...» «халқҳо аз ҳам ҷудо мурдавор хомӯшанд». Дарди дили қаҳрамон ва азоби андешаҳои ӯ нағз ифода шудааст: «Оре!.. Империя шабест торик кӯрдил гуногунзабон ва безабон... Шабест торик кӯрдил... Фақат корде корди бурроне корди шаб фақат Корд биност ҷило дорад рост ба нишон мерасад».

Дар «Бозгашти Хоҷа Насриддин» ин масъала боз ҳам тундтар ба миён гизошта шудааст. Насриддин деҳқонеро дид, ки рӯи роҳе дароз кашидааст ва мунтазир аст, ки «саворон чиғатой» — «нӯкари амир» ояду ӯро кушад. Дар ин лаҳза андешаҳои Хоҷа Насриддин омехтаи дарду алам аст: «Дигар қуввате надорам, ки бубинам, тоқат бикунам!.. Оре! дигар наметавонам дар ин роҳ дар ин роҳи хоболудон бошам!.. Дар сарзамини хоболудон мурдагон наметавонам хобид!» Ва инак, Хоҷа Насриддин хитоб кардааст: «Эй мардум, мардуми мӯъмин! Чӣ хомӯшед?.. Чӣ пинҳон доред?.. Чӣ қомат хамида медоред?.. Магар дар ягон замон ягон кас зин дар пушт ба дунъё омада буд?... Аз тарс чашм пӯшидаед, вале дилро магар метавон пӯшида дошт».

Дар ин гуна мавридҳо асарҳои таърихии Темур Зулфиқоров бо замони мо ошкоро ҳамсадо мешаванд. Инак, андешаҳои «амир Темур — ин қассоби халқҳо», ки низ кӯшиш дорад, ки ба ранги ҳикмати халқ гап занад: «Боғбонҳо баҳорон ва тирамоҳон дарахтонро шох мезананд... Ва дарахтон тоза шуда бо саховат шира мегиранд!... Ман ҳам аз шохи дарахти халқҳо навдаҳои зиёдатӣ буридам!..»

Ин суханони Темури ҷаҳонгир ба назарияҳои на-

---

[1] *Азизи Насафӣ.* Зубдат-ул-хақоиқ.— Дар кит.: Пять философских трактатов на тему офоқ ва анфус, критический текст А. Е. Бертельса, М., 1970, с. 204.

жодпарастони гитлерӣ, ки аз дасташон миллионҳо нафар ба кӯи нестӣ рафт, бисёр монанд аст. Ё магар Сталинро ба ёд намеорад?

Хоҷа Зулфиқори дарвеш — яке аз персонажҳои чанд асари Темур Зулфиқоров боре гуфтааст: «Чунин аст... Чунин буд... Чунин хоҳад буд... Замон фақат дар назари аҳмақон дар ҳаракат аст, чараён дорад... Дар назари хирадмандон замон беҳаракат аст, чараён дорад... Дар назари хирадмандон замон беҳаракат аст...» Ин ҷо боз ҳам муборизаи доимии Неку Бад дар назар аст. Ва фикри нависандаю персонажи ӯро ба замони мо меорад, ба замоне меорад, ки муборизаи халқҳо бо ҳама гуна диктатураҳои хунхор, хунтаҳои ҳарбӣ, режимҳои апартеид, ниятҳои ҷаҳонгирӣ, гегемонизм ва ғайра соате қатъ намегардад.

Буньёди аслии кӯшишҳои Темур Зулфиқоровро дар роҳи аз нав дарк кардани ҷустуҷӯҳои маънавию фалсафии асрҳои миёна ҳамеша мақсади имрӯзие ташкил мекунад ва ин мақсад даъват ба фаъолият, ба мубориза мебошад. Нависанда дар асоси сабақҳои рӯзгорони гузашта моро дар шароити имрӯз ба мубориза даъват менамояд, дар шароите, ки, аз як тараф, инқилоби илмию техникӣ музаффарона ба пеш қадам зада, дари олами кайҳонро ба рӯи инсоният калонтар мекушояд, аз сӯи дигар, аз дару даричаҳои кайҳон ба сари аҳли башар доруи марг пошидан мехоҳанд.

Дарьё, ки ҳамеша ҷорист, зан, ки дар ҳар шароит ҳам бача калон мекунад, кори ҳамешагии фикри инсон, ки ба асрори ниҳонии табиату ҷамъият роҳ мееёбад, ҷаҳду ҷадали мардум ба сӯи некиву озодӣ, ки ҳеҷ гоҳ қатъ намешавад — ин ҳама дар китобҳои Темур Зулфиқоров рамзи ҳаёти бардавом мебошанд. Нависанда чунин фикрро устувор менамояд, ки Мустабид ба боди фано хоҳад рафт, «аммо хирадманд хоҳад монд...», «Халқ хоҳад монд...»

Мунаққидон аз муҳимтарин худхоссагиҳои насри шоиронаи Темур Зулфиқоров — «таъмими лирикиву фалсафӣ, шартияти тамсилӣ, рангомезиҳои романтикии он» бисьёр сухан ронда буданд. Нависанда фақат асосҳои ҳаётӣ, танҳо баъзе вазъиятҳои хоси замонеро, ки бароӣ оғоз ёфтани ҷустуҷӯҳои иҷтимоиву маънавӣ чун таконе хизмат кардаанд, таъкид менамояду бас. Андешаи қаҳрамонон мавҳуму муҷаррад нестанд, балки аз шароити ба тарзи хеле умумӣ тарҳкашӣ шудаи воқея-

ти объективӣ бисьёр табиӣ сар задаанд ва бо васеъ шудани чашмандози қаҳрамон ва таҷрибаи ҳаётии ӯ кам-кам амиқ мераванд.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки ба Темур Зулфиқоров худхоссагии ҷустуҷӯҳои шахсияти Шарқи асрҳои миёнаро бо баъзе ҷузъиёти хурд ва тобишҳои нозукаш нишон додан муяссар гардидааст. Вай махсусиятҳои тарзи тафаккури гузаштагон, он шаклҳои худзоҳирии шахсро, ки ба ҷаҳонбинӣ ва рӯҳиёти дар давоми асрҳо ташаккулёфтаи вай мувофиқ аст, ифода намудааст.

Албатта, ба баъзе ҷузъиёти зисту маишат ва фикру андешаи қаҳрамонони Т. Зулфиқоров эрод гирифтан мумкин аст. Чунин ҷузъиёти нодақиқ ба эътимодбахшоии таърихии асарҳои ӯ халал меоранд. Чунончи, Хоҷа Насриддин боре Иброҳим, Буддо, Исои Масеҳ ва Муҳаммадро худо ба шумор овардааст. Ва ҳол он ки ин фикр комилан хилофи ҷаҳонбинии мусулмонест: мусулмонон фақат Аллоҳро худо медонанду бас.

Хусусан озодрафторие дар тасвири муомилаи маҳрамонаи Хоҷа Насриддин бо Қутлуқ ва Ҳанифа, ки ба бейбоиҳои замони ҳозира монанд буда, аз одоби муоширати пештараи Шарқ дур аст, боиси эътироз мегардад.

Ба назар мерасад, ки ба андешаи он мунаққидоне, ки аз баъзе сустиҳои тарзи таҳкия ва ҳикояпардозии Темур Зулфиқоров сухан ронда буданд, шарик шудан мумкин аст. Мунаққидон, масалан, гуфта буданд, ки дар насри ӯ гоҳ «андешапарварии озод дар бораи зиндагӣ ба фикрронии мавҳуми сунъӣ мегузарад, ҷои оҳанги табиии номаҳдудро сохтакории қасдӣ ва тақлиди услуб мегирад»[1]. Ба ақидаи мо, ҳақ ба ҷониби С. Бобоева аст, ки гуфта буд: «Шакли пурмаҷози насри Т. Зулфиқоров гоҳ аҳамияти мутлақу мустақил пайдо мекунад, ба якрангӣ табдил меёбад. Паи ҳам омадани хитобҳои бениҳоят ва такрорҳои сершумор боиси он мегардад, ки образ дар байни ҳиссиёти фаровон гум мешавад, маънои таҳкия номуайяну норавшан мемонад»[2].

Ба фаҳми мо, ба он ақидаи Қазбек Султонов розӣ шудан мумкин нест, ки «анафораҳои лексикиву банд-

---

[1] *В. Оскоцкий.* В багрянце осени. «Коммунист Тадж.» 30 окт. 1981.

[2] *С. Бабаева.* «Я бегу по берегу половодья...», «Памир», 1981, № 4, с. 96.

банд, параллелизмҳои фаровон..., паи ҳам омадани тавсифҳо, хитобҳои бешумор, фишори мусиқавии речитатив, мавҷҳои оҳанги шеъри мансур, қобилияти печонии намоишкоронаи созмони бадей» ва монанди инҳоро дар насри Темур Зулфиқоров «тақлиди ниҳонии ҳаҷвомези ба ном услуби шарқӣ ва пурмаҷозии он» дониста буд[1]. Мо бар инем, ки дар «Достонҳои шарқӣ» «тақлиди ҳаҷвомез» нест. Лекин пайдо шудани чунин таасурот ки гӯё дар асарҳои Т. Зулфиқоров «тақлиди ниҳонии ҳаҷвомези услуби шарқӣ» ҳаст, ба ҳар ҳол сабаб дорад. Ин таассурот, ба пиндошти мо, аз он ҷо сар задааст, ки дар насри Т. Зулфиқоров воситаҳои ҳикояпардозии шартиву тамсилӣ аз ҳад зиёд омада, нависанда баъзан ҳадду андозаро риоя намекунад ва худро бо шавқу завқ ба оғӯши мавҷҳои пурталотуми ҳиссиёту ҳаяҷон мезанад. Бо баъзе падидаҳои зоҳирии ҳикояпардозии ҳиссиётомезу ҳаяҷонангези адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ саргарм шудани нависанда хавфе дорад: суиистифода натиҷаҳои акс ва номатлубе метавонад диҳад. Шояд ба ҳамин сабаб мунаққид сабки Темур Зулфиқоровро ҳатто «тақлиди ҳаҷвомез» гумон кардааст.

Мураккабиҳои услубии сохтакорона ва барқасд дар насри Т. Зулфиқоров чизи асосӣ нест. Муҳим он аст, ки «Достонҳои шарқӣ» ҳодисаи нав ва чашмрабое дар адабиёт буда, на танҳо бо махсусияти дарки амиқи иҷтимоиву фалсафии таърих ва масъалаҳои ҷовидонии умумиинсонӣ, балки инчунин бо рангомезии нақшҳо ва мураттабии хушоҳанги сухани шоирона касро ба ҳайрат меорад. Аз баъзе саҳифаҳои достонҳои Темур Зулфиқоров ба муоина мебинем, ки сухани шоирона, ки дар ниҳояти дараҷа ҳаяҷономез аст, дар наср чӣ қувваи азиме метавонад пайдо кунад.

Анатолий Ким гуфта буд: «Ҳар сатри Зулфиқоров як мисраъ шеъри хушсадоест, ки тамомияти оҳангӣ дорад. Ҳар ҷумлаи ӯ ба як пораи мусиқӣ монанд аст, ки дорои тору пуди зудавҷи зиндае мебошад»[2]. Чунин таассуроте, ки Анатолий Ким аз насри Темур Зулфиқоров ҳосил кардааст, шояд тасодуф набошад. Тафаккури

---

[1] *К. Султанов.* Сложность и многообразие связей. «Вопр. лит.», 1978, № 11, с. 117.

[2] *А. Ким.* Пора мудрости—пора редкая. «Лит. обозр.». 1979, № 11, с. 49.

шоиронаи ин ду нависанда ба ҳам қаробате дорад. Владимир Лакшин дар бораи «Нилуфар» /«Лотос»/-и Анатолий Ким гуфта буд, ки «дар беҳтарин саҳифаҳои ин повесть сухан монанди сангҳои пурбаҳою пурҷилои Шарқ аз дарун нур медиҳад ва барои ифодаи орзупарвариҳо, эҳсосоти маънавӣ ва кушода шудани чашми ақл, ки ба таҷрибаи маишии маҳдуд фарохие мебахшад, хеле мувофиқ аст»[1]. Маҳз ҳамин рангомезиҳои шарқии сухан ва мусиқавияти он Анатолий Ким ва Темур Зулфиқоровро ба ҳам наздик меорад ва агарчи ин сифатҳо дар асарҳои ҳар кадоми онҳо ба тарзи дигаре зоҳир мегардад, ин ҳар ду аз якдигар дур нестанд.

Оҳанги сухани Темур Зулфиқоров аксаран ғамгиниву маҳзуние, дарди дилфишоре дошта, гоҳ фиғони дил аз он шунида мешавад. Мусиқии насри ӯ пуршиддату пурфишоир буда, мазмуни фоҷиавии вазъият, фоҷиаи инсонро дар арсаи олам ифода менамояд.

Сохти шоиронаи ғайриоддии суханпардозии Т. Зулфиқоров, рангомезиҳои дурахшнок ва мусиқавияти насри ӯ, ки ба ин эътибор худи ӯ асарҳояшро достон /поэма/ номидааст, решаҳои чуқури миллӣ дорад. Решаҳои он ба замини адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ, насри мусаҷҷаъ ва мураккабтарин навъҳои он, нақшҳои serrangу бор ва мусиқии серсадои он чуқур рафтааст.

Насри классикии мо ҳам дар бисёр мавридҳо насри шоирона буд ва гоҳ аз шеър кам фарқ дошт. Ин наср пораҳои шеъри аълои ишқиву фалсафӣ, дидактикӣ ва ҳикматомезро фаровон дар бар гирифта буд ва дар изтиробомезии эмоционалӣ қувваи махсус дошт. Бисёр хусусиятҳои поэтикаи «Достонҳои шарқӣ»-и Темур Зулфиқоров аз ҳама пештар маҳз бо ҳамин анъанаҳои классикии адабиёти форсиву тоҷикӣ алоқаманд аст.

На танҳо рангинӣ ва мусиқавияти насри Т. Зулфиқоров, балки ҳатто истифодаи аломатҳои китобат, масалан, аксаран аз вергул даст кашидани ӯ шояд бо анъанаҳои классикии миллӣ алоқае дорад. Маълум аст, ки сифатчинӣ — истифодаи силсилатавсифҳо дар насри классикӣ ҳодисаи маъмулӣ буд. Инро аз насри реалистии устод Айнӣ ҳам муҳим аст, ки устод Айнӣ дар ин мавридҳо байни ин тавсифҳо вергул намегузорад ё пайвандаки «ва», «-у» /ки одатан ба ҷои вергул ҳам исти-

[1] *В. Лакшин.* О доме и мире. «Лит. обозр.», 1981, № 10, с. 40.

фода мешавад/ намеорад, балки онҳоро бо изофат ба ҳам мепайвандад. Изофат дар навиштаҳои Айнӣ гоҳ ҷои вергул, «ва», «-у»-ро мегирад. Бо изофат паси ҳам омадани чандин тавсиф дар навиштаҳои ӯ чунин маъниӣ дорад, ки ин сифатҳо сахт ҳамбастаи якдигаранд, наздикии махсусе байни онҳо ҳаст. Ба дарёфти камина, вергул нагузоштани Темур Зулфиқоров ҳам маҳз чунин ҳамбастагию ҳамназдикии махсус ва алоқамандии сахти изофиро ифода менамояд.

Дар айни замон, тамоман равшан аст, ки робитаҳои эҷодии Темур Зулфиқоровро фақат бо чорчӯби миллӣ маҳдуд набояд донист. Насри ӯ ҳодисаест, ки доираи васеътар дошта, тамоюли гуногуни инкишофи адабии замонҳои гузаштаю ҳозира ва Шарқу Ғарбро дар худ инъикос додааст. Шояд ҳақ ба ҷониби Лев Озеров бошад, ки ҳам достонҳои қадимии русӣ, ҳам шеъри Велемир Хлебников ва насри Андрей Белийро дар қатори саргаҳу сарчашмаҳои эҷодиёти Темур Зулфиқоров ном бурдааст. Казбек Султонов бошад, дар «суханбозиҳои нозук-и» вай нақше аз «мовизм»-и В. Катаев, ки «усули тасвирро тезию тундие мебахшад», дидааст.

Т. Зулфиқоров дар сарсухани китоби «Амирону шоирону хирадмандон» гуфта буд: «Падари ман тоҷик, модарам рус аст. Аз ин рӯ, ду маданият, ду тамаддун дили маро ба худ мекашад, ба ҳаяҷон меорад, азият медиҳад, ки яке — Осиё ва дигаре — Русь аст».

Бешак, ин ҷо фақат аз материал, мавзӯот ва масъалаҳо сухан нарафтааст, балки услуб ҳам дар назар аст. Ду оғозгоҳ дар поэтикаи Т. Зулфиқоров ба таври табиӣ ба ҳам як шуда, як омезаи худхоссаи эҷодии фардиасос ба миён овардааст. Яке аз онҳо бо анъанаҳои романтикии адабиёти классикии форсу тоҷик ва дигаре адабиёти рус вобастагӣ дорад. Ин омеза, ин синтез дар «Достонҳои шарқӣ» ҳам, дар «Достонҳои русӣ» ҳам, дар «Қиссаи абхазӣ» ҳам, дар силсилашеърҳои «Қиссаи маҷорӣ» ҳам асоси поэтикаро ташкил додааст.

Павел Нерлер дар бораи достонҳои Темур Зулфиқоров бисьёр мушоҳидаҳои муҳим баён намуда, аз ҷумла таъкид карда буд, ки «поэтикаи ӯ маҳз нисбат ба материали Шарқ тамоман ҳодисаи табиӣ ва синтетикӣ менамояд, аммо нисбат ба материали дигар /чунончи, материали Маҷористон ё Руси Қадим/ ҳамоҳангӣ ха-

лал мебинад ва баъзе сохтакориҳои ин системаи оригиналӣ ва комилан ташаккулёфта маълум мегардад»[1].

Ба фаҳми мо, дар «Достонҳои русӣ»-и Темур Зулфиқоров «халал дидани ҳамоҳангӣ»-и услуб ба назар намерасад. Поэтикаи «Достонҳои русӣ» аз «Достонҳои шарқӣ» хеле фарқ дорад. Дар «Достонҳои русӣ» унсурҳои шарқӣ нисбатан кам аст. Услуби нависанда дар «Қиссаи Иван Грозный» аз бисьёр ҷиҳатҳо ба поэтикаи адабиёти Руси Қадим такья кардааст ва ин комилан мувофиқи материали таърихӣ ва замони воқиаҳост. Дар айни замон, ин ҷо ҳам хусусиятҳои асосии суханпардозии нависанда нигоҳ дошта шудааст. Ин ҷо низ баъзе унсурҳои услуби «Достонҳои шарқӣ» боқӣ монда бошад ҳам, боке нест: адабиёти русӣ аз қадим аз «унсурҳои шарқӣ» бегона набуд.

Бесабаб нест, ки эҷодиёти Темур Зулфиқоров на фақат дар республикаҳои Шарқи Советӣ ҷолиби диққат омадааст, балки шавқу ҳавас нисбат ба он ҳамагонист. Ҳикояву повестьҳои Т. Зулфиқоров дар ҳама ҷо боиси баҳсу мунозира мегардад ва баъзеҳо ҳавохоҳи услуби вай бошанд, баъзеҳо ба он бо чашми инкор менигаранд[2]. Вале солҳои охир оҳанги эътироф торафт қувват меёбад ва нависандагону мунаққидони мухталифтабъе бозҷустҳои эҷодии ӯро бо диққат зери назар гирифтаанд. Мо гуфтаҳои бисьёре аз онҳоро дар боло ба ҳар муносибат зикр кардем. Ҳоло ба фикри нависандаи нисбатан ҷавон Пётр Краснов диққат ҷалб кардан мехоҳем, ки гуфтааст:«Кори Темур Зулфиқоров дар суханофаринӣ ва баррасии таърихи рӯҳи инсон, ки дар ҳамаи замонҳо ташнаи илҳому баландпарвозӣ буд, барои ман бисьёр ҷолиб аст, зеро аз он ҷиҳат, ки материали таърих дар дасти эҷодкор то чӣ андоза мазмуни ҳозира метавонад бигирад ибратомӯз аст»[3].

Доираи хонандагони достонҳои Т. Зулфиқоров торафт васеъ мешавад ва инро аз афзоиши тиражи китобҳои вай фаҳмидан мумкин аст. Асарҳои ӯ ба забо-

---

[1] *П. Нерлер.* Странствия души. «Памир», 1983, № 6, с. 85.

[2] Чунончи, ниг.: *П. Ульяшов.* Словесное марево? «Лит. газ.», 3 марта 1982; *С. Соложенкина.* Радость чистых красок. «Лит. газ.», 3 марта 1982; *Ю. Смирнов.* Два берега Сиемы. «Памир», 1982, № 9; *Л. Золотаревский.* Откуда приходит свет. «Памир», 1983, № 1; *К. Гердов.* Ритм древних караванов. «Лит. обозр.», 1985, № 10; *В. Коркин.* «...Это трудная книга». «Лит. обозр.», 1985, № 10.

[3] «Лит. газ.», 18 июня, 1986.

ни полякӣ, маҷорӣ, немисӣ ва ғайра тарҷумаву чоп шудаанд. Рассом Лариса Даватц дар асоси «Достони розгӯиҳои Умари Хайём» як силсила асарҳои графикӣ офаридааст.

Ин ҳама гувоҳӣ медиҳад, ки эҷодиёти Темур Зулфиқоров боиси андешаҳои ҷиддӣ ва ҳатто эҷоди бадеӣ гардидааст.

Насри шоиронаи Темур Зулфиқоров, достонҳои мансуру манзуми ӯ баъзе бозҷустҳои ғоявию эстетикиеро, ки ҳоло дар адабиёти советӣ дида мешаванд, он гуногуниву рангорангии шаклу воситаҳоро, ки солҳои ҳафтоду ҳаштод ривоҷ ёфт, аз баъзе ҷиҳатҳо ғаномандие мебахшанд. Ҷустуҷӯҳои эҷодии ин нависанда дар ҷараёни мураккаби дарки ғоявию бадеии масъалаҳои ҷовиди ҳастӣ ва он арзишҳои маънавӣ, ки бо таҷрибаи чандин асри инкишофи таърихии халқҳо гирд омадааст, сурат мегирад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат бисёр муҳим аст.

1982



# IV. ОИНАИ ТАНҚИД

## ОИНА ВА ОИНАДОРОН

Соли 1979 журнали «Литературное обозрение» ба баъзе мунаққидон анкетае фиристод. Дар ин анкета аз ҷумла гуфта шуда буд, ки ба гувоҳии тадқиқоти социологӣ, дар шаҳри Острогожски вилояти Воронеж фақат 1 фоизи хонандагон аз рӯи «тавсия»-и мунаққидон барои хондан китоб интихоб мекардаанд. Ғайр аз ин дар он анкета чунин муқоисае ҳам ҳаст: адади нашри журнали «Советский экран» 2 миллион нусха, «Вопросы литературы» 26 ҳазор нусха ва «Литературное обозрение» 30 ҳазор мебошад.

Оё ин рақамҳо гувоҳи онанд, ки танқиди адабӣ дар байни оммаи хонандагон чандон эътибор надорад?

11 мунаққиди намоён, ки ба саволҳои анкетаи «Литературное обозрение» ҷавоб гуфтанд, ба як овоз таъкид намудаанд, ки он 1 фоиз ва ин тиражҳои кам ҳаргиз аломати камэътибории танқиди адабӣ ё сустиву ақибмондагии он нест. Аз ҷумла Анатолий Бочаров гуфт: «Шубҳае нест, ки танқидро аз беллетристика камтар мехонанд. Чӣ ҷои баҳс? Нисбат ба он ки телефильм мебинанд, адабиётро камтар мехонанд, нависандагонро камтар аз актёрони кино ва ё дикторони телевизион мешиносанд». Аммо дар ин асос магар ҳукм кардан мумкин аст, ки адабиёти ҳозираи мо ақиб мондааст ва ё камтаъсир аст? Ҳаргиз не! Инро дар ҳаққи танқид ҳам гуфтан мумкин нест.

Дар ин масъала бояд саргарми рақамбозӣ нашавем. Фаромӯш набояд кард, ки чунин рақаму фоизҳо ҳар дафъа аз якдигар хеле фарқ карданашон мумкин аст. Чунончи андак пештар аз он ки «Литературное обозрение» анкетаашро фиристод, дар Тоҷикистон ҳам натиҷаҳои як анкетаро ҷамъбаст карданд. Ин анкетаро идораи маҷаллаи «Помир» интишор дода буд ва натиҷаҳои он чунин аст: «Дар интихоби китобхонҳои Норак фоизи таъсири танқид ба 13 баробар аст дар заводи алюминии Тоҷикистон аз ин ҳам кам — 10, дар интихоби китобхонҳои районҳои Ленину Орҷоникидзеобод 9 фоиз ва ҳоказо. Мақоми танқид дар интихоби китобҳои адибони ҷавон дар байни китобхонҳои институти лоиҳакашӣ андак баландтар (то 17 фоиз)».

Аммо котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Масъуд Муллоҷонов аз ин рақам чунин хулосаҳо баровардааст: «Таҳлили ҷавобҳо (ҷавоби саволҳои анкетаи «Помир» — М. Ш.) нишон дод, ки дар интихоби хонандагон танқиди адабии мо чандон таъсире надоштааст..., мақолаҳои танқидӣ ва таклифҳои мунаққидони моро кам мехондаанд ё агар хонанд ҳам, ба он аҳамият намедодаанд».

Инак, мунаққидони номдори мо Т. Мотылёва, А. Михайлов, И. Золотусский, А. Бочаров ва дигарҳо он 1 фоизи шаҳри Острогожскро аломати сустии танқид надониста некбинона гап зада бошанд, ҷои тааҷҷуб аст, ки М. Муллоҷонов 9—17 фоизи Тоҷикистонро нишонаи бетаъсирии танқид ҳисоб кард ва аз минбари пленуми Иттифоқи нависандагони республика мунаққидонро хеле коҳиш намуд.

Мо, мунаққидон, аз ин муомила бояд наранҷем, балки он рақамҳо, он 9-17 фоизро мояи ифтихори худ донем ва ба он хонандагоне, ки ба фикри баъзе мунаққидон каму беш эътибор медодаанд, аз дилу ҷон ташаккур гӯем.

Аз он рақамҳо диққати маро 9 фоизи районҳои Ленин ва Орҷоникидзеобод бештар ба худ мекашад. Мо медонем, ки дар байни аҳолии ин районҳо хонандагони тоҷик бисьёртаранд. Бинобар он метавон гуфт, ки онҳо асарҳои мунаққидони тоҷикро ҳам бештар мехонанд.

Камина ақида дорам, ки рақамҳои мазкур аз дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар шуури оммаи хонандагони тоҷик рӯй дода истодаанд, гувоҳӣ медиҳанд. Нисбат ба адабиёт ва адабиётшиносӣ меҳри махсус доштани мар-

думони тоҷик кайҳо боз маълум буд. Имрӯз онҳо нисбат ба танқиди адабӣ низ меҳр пайдо кардаанд. Аз ҳамин сабаб, китоби мунаққидон 3-5 ҳизор нусха чоп мешавад ва зуд ба фурӯш меравад. Лекин агар адади нашри китоби мунаққид як ё ду ҳазор нусха бошад, ончунон зуд аз дуконҳо ғайб мезанад, ки гоҳ ҳатто муаллиф китоби худро ёфта наметавонад. Бо ҷуръат метавон гуфт, ки мардуми адабиётдӯсти тоҷик имрӯз танқиди адабиро ҳам дӯст медорад. Мо, мунаққидони тоҷик, хушбахтем, ки чунин хонандагони қадршинос дорем!

Чунон ки 1 фоизи Острогожск нишонаи ақибмондагии танқид нест, ин 9-10 фоизи Тоҷикистон ҳам бояд боиси хотирҷамъӣ ва чашм пӯшидан аз нуқсонҳои танқид нашавад, балки масъулиятшиносии мунаққидони тоҷикро афзунтар кунад.

Оре, имрӯз савияи ғоявию назарии танқиди тоҷик нисбат ба 20-25 соли пеш ба маротиб баландтар аст. Ба дараҷаи муайяни камолоти илмию иҷтимоӣ расидани танқиди тоҷикӣ аз ҳамин ҳам маълум мегардад, ки моҳияти баъзе процессҳои адабии имрӯзаро дуруст муайян карда, бо андак дер мондан бошад ҳам, ба асарҳои нави адибони тоҷик баҳои дуруст дода истодааст. Инро аз он китобҳое, ки мунаққидон дар солҳои охир чоп кардаанд, дидан мумкин аст. Дар ин китобҳо, ки ба қалами А. Сайфуллоев, Л. Демидчик, Ю. Бобоев, А. Ҳакимов, Ю. Акбаров тааллуқ доранд, умдатарин масъалаҳои адабиёти муосир ва муҳимтарин асарҳои он тадқиқ шудаанд. Дуруст муайян кардани муҳимтарин масъалаҳо ва ҳодисаҳои адабӣ солҳои охир ба танқид бештар муяссар шуда истодааст ва инро яке аз нишонаҳои амиқрафти назари мунаққидон донистан лозим аст. Фақат дуруст муайян кардани ҳодисаҳои асосии адабӣ ва дар роҳи дарки моҳияти онҳо ҷидду ҷаҳд намудан ба танқид имкон медиҳад, ки ба пешрафти адабиёт ёрмандӣ кунад. Аз ҳамин сабаб аст, ки баъзе асарҳо, эҷодиёти баъзе нависандагон бештар ба доираи диққати танқид дохил мешаванд, аммо баъзеи дигар камтар диққати танқидро ба худ мекашанд ё тамоман намекашанд, ин ҳодисаи табиист. Як вақтҳо, 20-25 сол пештар мунаққидон кӯшиш мекарданд, ки дар бораи ҳамаи нависандагон ва асарҳои калонтар баробар гап зананд, арзиши ғоявию бадеии ҳамаи онҳоро баробар муайян кунанд, ягон фактро фаромӯш

накунанд, гӯё «ҳамаро бо як чашм бинанд». Ин, ба фикрам, як аломати сустии танқид буд ва дар муайян кардани тамоюлоти асосии инкишофи адабиёт, дар диққат ҷалб кардан ба ин тамоюлот имкони танқидро маҳдуд мекард. Албатта, танқид бояд тамоми адабиётро фаро гирад, лекин ҳамаро баробар не, балки ҳар рӯйдодро мувофиқи мақому мартабааш аз назар гузаронад.

Баъзе боқимондаҳои он гуна «баробарбинӣ», мутаассифона, ҳоло ҳам дар танқиди мо ҳаст. А. Сайфуллоев, ба назарам, дуруст қайд кардааст, ки гоҳ дар навиштаҳои мо байни Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Раҳим Ҷалил фарқе намемонад. Албатта ҳарсеи инҳо дар жанри таърихӣ ва таърихии инқилобӣ асар менависанд, вале ҳар кадомашон услуби хос доранд. Муайян кардани симои эҷодии ҳар кадоми онҳо, фазилатҳо ва баъзе ҷиҳатҳои сусти шеваи хосашон дар баробаи таъин намудани умумияти эҷодии ҳарсеяшон аҳамият дорад. Ҳоло ин гуна тадқиқи танқидӣ ҳам сар шудааст. Абдухолиқ Набиев, Худой Шарифов ва дигар мунаққидон дар тадқиқи поэтикаи насрнависони намоёни тоҷик ба комёбӣ наздик омада истодаанд.

Дар байни баъзеҳо фикре ҳам ҳаст, ки вазифаи танқиди адабию бадей асосан аз ошкор кардани камбудиҳои санъаткорон иборат мебошад. Гӯё танқид асосан бояд айбу нуқсон ҷӯяд ва дардҳои адабиёту санъатро гӯяд. Мунаққиди ҷавон Валентин Курбатов дар «Литературное обозрение» гуфтааст, ки танқид «Дар адабиёт монанди беморинома /больничная карта/ мебошад ва аз вазъи саломатии ин организми бузург хабар медиҳад». Ба назарам, дар ин ташбеҳ ҳамон ақида ифода ёфтааст, ки диққати танқид бештар бояд ба ҳодисаҳои манфӣ равона шавад. Таъсири ҳамин ақида дар Тоҷикистон ҳам дида мешавад. А. Сайфуллоев бо мисоли як мақолаи Ю. Бобоев таъкид карда буд ки агар мунаққид ба камбудиҳои нависанда махсусан диққат ҷалб накунад, «чунин танқид на ба оммаи хонандаҳо ва на ба нависанда ҳеҷ гуна кӯмаке расонида наметавонад». Ин ҷо эҳтимол назари яктарафа зоҳир шуда бошад. Агар аз танқид ба хонандаю адабиёт кӯмак расидан ё нарасиданро вобаста ба дараҷаи ошкор шудани норасоиҳо донем, мумкин аст, ки рафта-рафта танқид ба айбҷӯиву айбшуморӣ табдил ёбад.

Ал. Михайлов ба қарибӣ чунин гуфтаҳои Лев Толс-

тойро таъкидан гӯшрас кард: «Аҳамияти танқид дар он хоҳад буд, ки ҳар чизи нағзеро, ки дар як асари санъат ҳаст, қайд кунад ва бо ин кор раҳнамуни фикри ҷомеа гардад». Ин талаби нависандаи бузург ба назари ман бисьёр муҳим менамояд. Ба фикри камина, якумин вазифаи танқид ин аст, ки сифатҳои мусбати асари бадей, он чизи муҳиммеро, ки дар асар ҳаст ва барои ҷамъият, такомули шахс, барои пешбурди адабиёт арзише доранд, муайян ва нишон диҳад. Вазифаи асосии танқид таъин кардани процесҳо ва моҳияти онҳо, муайян намудани ин аст, ки дигаргуниҳои ҷиддии ҳаёти ҷамъият дар адабиёт чӣ тавр акс андохта, чӣ дигаргуниҳое ба вуҷуд оварда истодаанд.

Иҷрои ҳамин вазифаи асосӣ ба танқиди тоҷикӣ ҳамеша даст намедиҳад ё аксаран дертар муяссар мешавад. Мунаққидони мо ҳанӯз ошкор кардани процесҳо ва муайян намудани моҳияти онҳоро дуруст ёд нагирифтаанд ва бештар дар ҳамин кор азоб мекашанд. Дар ин роҳ чӣ муваффақиятҳо ба даст овардани танқиди тоҷикӣ ва чӣ камбудиҳо доштани онро аз маҷмӯаи коллективии «Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт» /1977/ дидан мумкин аст. Дар ин маҷмӯа мақолаҳое ҳастанд, ки муаллифашон инкишофи таърихии адабиёти тоҷикиро дар як давраи муайян /асосан дар давраи ҳозира — солҳои шасту ҳафтод/ хеле бо амиқназарӣ баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои Л. Демидчик, Ю. Бобоев, А. Сайфуллоев мушоҳидаву хулосаҳои ҷолиб доранд ва барои фаҳмидани ин ки ҳоло дар адабиёти тоҷик чӣ ҳодисаҳо рӯй дода истодаанд, чӣ барои хонандаҳо, чи барои худи нависандаҳо ва чи барои муҳаққиқон шавқангез хоҳанд буд. Аммо дар паҳлуи ин асарҳо мақолаҳои А. Афсаҳзод ва Б. Худойдодов ҳам чоп шудааст, ки асосан аз баёни умумии ғайри конкрет ва номбари фактҳо иборат буда, фикри муҳим ва таҳлилу ҷамъбастеро дар бар намегиранд. Аз ин мақолаҳо тасаввуре пайдо мешавад, ки гӯё инкишофи адабиёт фақат аз пайдоиши асарҳои нав ба нав иборат асту бас.

Мақолаҳои хуби ин маҷмӯа ҳам, ба фикри мо, аз норасоӣ холӣ нестанд. Чунончи, дар мақолаи А. Сайфуллоев гоҳ осори назари сатҳӣ, дар навиштаи Ю. Бобоев муғлақбаёнӣ ва беэътиноӣ ба тарзи баён ба назар мерасад. Лекин муҳим он аст, ки онҳо назари моҳиятҷӯй доранд ва бо муқоисаву муқобила инкишофи ҳодисаҳоро падидор кардан мехоҳанд.

Албатта, процесҳои адабӣ гуногунанд ва дар байни онҳо рӯйдодҳои манфӣ ҳам ҳастанд. Бешубҳа, ин рӯйдодҳои номатлуб ё зарарнок ҳам бояд дар маркази диққати танқид бошанд. Манфиати ҷамъият ва санъату адабиёт аз мо талаб мекунад, ки нисбат ба камбудиҳо, хусусан нисбат ба нуқсонҳои ғоявӣ, ки ба инкишофи маънавию ахлоқии мардумони советӣ халал мерасонанд, бемуросо бошем ва бо қатъият рафтор кунем.

Дар мавридҳои зарурӣ бояд рӯҳи ҷанговаронаи танқид ба дараҷаи кофӣ баланд бошад, тезию тундии публицистии он бояд кам нашавад. Ин ҳам яке аз шартҳои асосӣ дар дахолати танқид ба процессҳои адабӣ, як шарти иҷро шудани роли ташаккулдиҳандагии танқид ва таъсир расонидани он ба инкишофи адабиёт мебошад.

Танқид бояд қувваи фаъол бошад. Танқид фақат дар он сурате ки ба ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагон шарик шавад ва ёрмандӣ кунад, ба инкишофи процесҳои муҳими пешбар мусоидат намуда, барои бартараф шудани монеаи роҳи онҳо таъсири кофӣ расонад, вазифаи худро ба сифати як қувваи бонуфузи ҷамъиятӣ ва илмию адабӣ иҷро карда метавонад.

Ба маънои муайяне танқидро оинаи адабиёт номидан мумкин будагист. Танқид ҳама ҳастии адабиёт, тамоми неку бади онро бояд оинавор дар худ инъикос кунад. Дар ин сурат, мо, мунаққидон, оинадори адабиёт ҳастем. Оина вазъиятро айнан ва бетарафона акс медиҳад, вале мо, оинадорон, бояд беҳис ва бетараф набошем. Мо бояд дӯсти ғамхору дилсӯзи адабиёт ва ҳаками баинсофу нозукбини он бошем.

1979

## БАРОИ ТАНҚИДИ ТАҲЛИЛИИ ОБЪЕКТИВӢ

### 1

Анҷумани XXVII-и КПСС дар шароити нав, дар даврони навсозӣ ва дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодӣ аз ходимони адабиёту санъат масъулиятшиносии амиқи гражданӣ, фаъолиятмандии иҷтимоии дилсӯзона, ҷустуҷӯйҳои ғоявию бадеии ҷасурона талаб намуд. Анҷумани партия хусусан ба роли ҷамъиятии танқиди адабию бадеӣ аҳамияти калон дод. Ҳам дар таҳрири нави Программаи партия, ҳам дар Маърӯзаи сиё-

сии Комитети Марказӣ ва ҳам дар Резолюцияи оид ба ин маърӯза вазифаҳои муҳимми танқиди марксистӣ-ленинӣ, ки аз талаботи тозаи замони мо сар мезананд, баён шудаанд.

Ҳоло мунаққидони тоҷик натиҷаи муҳокимаҳои доманадори кори худро дар партави материалҳои Анҷумани XXVII ба андеша гирифтаанд. Ин материалҳо дар ҳақиқат, ба андешаҳои ҷиддӣ водор месозад, то ки вазифаҳои худро боз ҳам дақиқтар муайян кунем.

Танқиди адабии тоҷик солҳои шасту ҳафтод диққати худро дар сари процесҳои асосие, ки дар адабиёт ҷараён доранд, марказият дод. Имрӯз — дар солҳои ҳаштод ҳам танқид ба тамоюлоте, ки адабиётро пеш мебарад, ба чунин ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, ки дар адабиёт зиёдтар самара меоранд, ба асарҳое, ки аз чанд ҷиҳат ё лоақал аз ягон ҷиҳат ҷолибанд, бештар диққат мекунад. Рӯйдодҳои мусбат ва оянданоки адабиёт бештар мавриди баррасии танқиди тоҷикӣ қарор ёфтаанд. Ба ин тарз интихоб шудани бинишгоҳи танқид имкон медиҳад, ки роҳҳои инкишофи адабиётро дуруст муайян кунем, он чиро, ки пешрафти адабиётро таъмин карда истодааст ва таъмин хоҳад кард, ба мулоҳиза гирем.

Лекин дар ин муддат як ҷиҳати дигари танқид, дигар як вазифаи муҳимми он, ки мубориза бо камбудиҳои адабиёт аст, камтар дар маркази диққати мо ҷой гирифт. Танқид ба баъзе тамоюлоти носолим, ки ба пешрафти адабиёт халал мерасонанд, аз ҷумла ба муборизаи зидди падидаҳои пасттабъию камзавқӣ дар мазмуну шакли баъзе асарҳои бадеӣ камтар аҳамият дод. Дар натиҷа рӯҳияи ҷанговаронаи танқид суст шуд.

Анҷумани XXVII-и КПСС водор месозад, ки ин тарафи масъала низ ҳамеша дар маркази диққати мо бошад. Дар Резолюцияе, ки Анҷумани XXVII аз рӯи Маърӯзаи сиёсии Комитети Марказии КПСС қабул кард, гуфта шудааст:

«Ба танқиди адабию бадеӣ лозим аст, ки нармдилӣ ва риояи мансабро тарк карда, ҳангоми баҳо додан ба асарҳо меъёрҳои дақиқи эстетикӣ ва синфиро ба асос гирад, ба муқобили беғоягӣ пурнависии тантанаомез, саргармӣ бо майда-чуйдаҳои зисту маишат, бар зидди замонасозӣ ва кӯтоҳназарӣ фаъолонатар мубориза барад».

Чунон ки мебинем, партия қувват додани рӯҳияи размҷӯёнаи танқидро талаб мекунад, то ки пеши роҳи

зуҳуроти беғоягию бемаслакӣ баста шавад, назари нораво ё рӯякӣ ба масъалаҳои ҷиддии иҷтимоиву сиёсӣ ва манъавию ахлоқӣ пешгирӣ гардад, асарҳои каммазмуну пастсифат, асарҳое, ки аз фикри амиқ ва ҳиссиёти баланд, аз бинишн граждании баркамоле маҳруманд, сари вақт баҳое сазовори худ бигиранд. Ин аз муҳимтарин вазифаҳои танқид аст, ки то ҳол, мутаассифона, ғайри қаноатбахш иҷро мешуд.

## 2

Дар андак муддати пас аз Пленуми апрели /с. 1985-и/ КМ КПСС ва Анҷумани XXVII-и партия дар танқиди адабии тоҷик баъзе дигаргуниҳои умедбахш рӯй доданд. Рӯҳияи навсозиву бозсозӣ, суръатафзоӣ ва дигаргуниҳои куллӣ, рӯҳияе, ки Анҷумани XXVII дар ҷамъият устувор намуд, боиси афзоиши фаъолиятмандии иҷтимоиву граждании мунаққидони адабиёт гардид. Ҳоло баъзе мунаққидони мо на танҳо масъалаҳои адабиётро бо ҷасорати бештаре пеш мегузоранд, балки ба дигар соҳаҳои маданияту санъат ҳам бо назари фаъолтаре менигаранд, ҳатто ба масъалаҳои иқтисод, тартиби хоҷагидорӣ ва ғайра дахл карда истодаанд.

Дахолати онҳо ба муҳокимаи инкишофи санъати мусиқӣ ва театр /масалан, баромадҳои С. Табаров/, мактабу маориф ва кӯдакистонҳо, забон, маданияти сухан ва монанди инҳо дар ин муддат беш аз пеш қувват ёфт, ҳатто масъалаҳои бинокорӣ, ободии шаҳру қишлоқҳо боғдорӣ, нонвоиву нонфурӯширо фаро гирифт /баромадҳои Ю. Акбаров, А. Абдуманнонов ва дигарон/. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки мунаққидони адабиёт аз қарорҳои Анҷумани XXVII рӯҳбаландие касб кардаанд ва ба ҷӯш омадаанд. Замон аз мо фаъолиятгарии иҷтимоиву граждании қатъиву фаврӣ талаб дорад. Аз ин дидгоҳ вусъати рӯзафзуни доираи амали мунаққидони адабиёт сазовори дастгирист. Лозим аст, ки чунин фаъолияти онҳо минбаъд боз васеътар шавад.

Соли 1986 дар танқиди адабии тоҷик навъҳову шаклҳои тоза пайдо шуд: ду фикр дар бораи як асар ё дар сари як масъала фикри мунаққид дар бораи фикри хонанда, муҳокимаи дастҷамъии як асар аз тарафи хонандагон ва нашри мазмуни мухтасари он,— ин ҳама дар матбуоти мо чизи навъ аст. Афзоиши гуногуни навъҳову шаклҳои жанри танқид аз ҳодисаҳои муҳиммест.

Ин навъҳои тоза рӯҳияи мубоҳисаву мунозира ва андешапарвариро дар танқид қувват доданд ва чӣ барои хонандагон, чи барои равшан кардани баъзе масъалаҳои процесси ҷории адабӣ босамар омаданд. Дар ин кор ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ташаббус нишон дод. Ин ҳам муҳим аст, ки ба ин кор аз аввал на танҳо мунаққидони таҷрибадор, масалан, профессор Р. Ҳодизода, балки ҷавонон, чунончи М. Раҷабов низ ҷалб шуданд. Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» бо вуҷуди бисьёр камбудиҳояш кам-кам, дар ҳақиқат ба маркази танқиди ҷории фаврӣ табдил ёфта истодааст. Умедворем, ки ташаббускорӣ ва роли ташкилгарии он дар соҳаи танқид минбаъд зиёдтар аз ҳозир вусъат хоҳад ёфт.

Ба гумони камина, баҳсе, ки аз мактуби кушодаи Ғаффор Мирзо дар бораи ғазал оғоз шуда буд, хеле пурсамара давом кард. Ҳам мунаққидону адабиётшиносон ва ҳам худи шоирон дар ин мубоҳиса фаъолона иштирок намуданд.

Аз ин миён мақолаи Аҳмад Абдуллоев «Гуноҳи жанр чист?» /«Адабиёт ва санъат», 10 июли с. 1986/, Гулназар «Ғазал хуб аст, аммо...» /11 дек. с. 1986/ Аълохон Афсаҳзод «Ғазал умри дароз дорад» /4 дек. с. 1986/ бояд алоҳида қайд шавад. Бо чунин мақолаҳо, хусусан бо мақолаи А. Афсаҳзод имконе ба миён омад, ки ба инкишофи яке аз жанрҳои асосии назм бо назари таърихӣ, бо диди таҳлилии диалектикаҷӯй нигоҳ андохта, ниҳоят мӯйро аз хамир ҷудо кунем. Дар ҳақиқат, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва монанди инҳо ҳамеша аз фаъолтарин жанрҳои шеъри тоҷикӣ буданд, ки пояҳои халқият, мазмуни ҳаётӣ ва маънавию фалсафии онро устувор медоштанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки онҳо имрӯз низ чунин қобилият доранд. Муҳимтар он аст, ки имрӯз ба ин навъҳои кадимӣ монанди Лоҳутӣ, Иқбол ва дигарон рӯҳи нав, рӯҳи замонӣ дамидан лозим аст. Ва ҳол он ки бисьёр шоирони мо аз роҳи тақлиди маҳз пой кашида наметавонанд. Аксарияти ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳои имрӯза як воситаи ифодаи фикру ҳисси олӣ нестанд, дар онҳо, ба қавли Гулназар, «қолиб ҳасту рӯҳ нест».

Афсӯс, ки баъзе рафиқоне, ки дар баҳс иштирок доштанд, байни ғазали асил ва тақлиди бемуваффақият ё каммуваффақият фарқ нагузоштанд. Ман, аз ҷумла ба чунин фикри А. Абдуллоев розӣ шуда наме-

тавонам, ки гуфтааст: «Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ, М. Фарҳат, Ф. Ансорӣ, А. Баҳорӣ, Бурҳон Фаррух, Ашур Сафар анъанаҳои Айниву Лоҳутиро давом дода, дар қатори шеъри нав жанрҳои қасидаю ғазалу рубоиро низ васеъ ба кор бурда, асарҳои оличанparam лоиқи замон офариданд». Албатта, аксари шоирони номбурда асарҳои хубе доранд, вале ман дар байни ғазалиёту рубоиёти онҳо «асарҳои оличанparam лоиқи замон»-ро ҳанӯз надидаам. А. Абдуллоев дар он хулосаи умумии худ ҳамин чизро ба назар нагирифтааст, ки фаъолияти ҳар нависанда на аз рӯи жанр ё мавзӯу масъалаҳои эҷодиёти ӯ, балки ба эътибори савияи ғоявию бадеии асарҳои вай бояд арзиш ёбад.

Танқид дар мавриди баррасии процесҳои ҷории адабӣ ба инкишофи жанрҳои алоҳида бештар диққат дода истодааст. Ба муносибати Анҷумани IX нависандагони тоҷик дар «Садои Шарқ» ва «Адабиёт ва санъат» чанд мақола чоп шуд, ки дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои насри таърихӣ ва ҳозирамавзӯъ, повесть, ҳикоя, очерк, лирика ва достон, адабиёти бачагон, танқид, инчунин эҷодиёти насрнависону шоирони ҷавон ба муҳокима омадааст. Ин мақолаҳо ба қалами А. Сайфуллоев, С. Табаров, Ю. Акбаров, А. Набиев, А. Абдуманнонов, М. Раҷабов, Ё. Содиқов, И. Усмонов ва дигарон тааллуқ доранд. Таъкидан гӯшрас кардан мехоҳем, ки бо баъзеи ин мақолаҳо инкишофи адабиёти ибтидои солҳои ҳаштод нисбат ба пештара ба савияи баландтаре баррасӣ ва ҷамъбаст гардид. Аз ин навиштаҳо дида мешавад, ки дар таҳлили конкрет ва фарогирии умумӣ, дар муайян кардани моҳияти рӯйдодҳои ҷудогонаи адабӣ ҳоло маҳорати чанде аз мунаққидони мо баландтар меравад.

Афзудани сахтгирию серталабии танқид низ аз баъзе мақолаҳо ба назар мерасад. Ба ин муносибат, мақолаи мазкури Аълохон Афсаҳзод, мақолаи Аҳмад Абдуллоев «Барои шеъри хушсифат» /«Адабиёт ва санъат», 13 ноябри с. 1986/, Юсуф Акбаров ва Азим Аминов «Соҳилҳову уфуқҳои назм» /«Коммунист Таджикистана», 26 марти с. 1986/ ва баъзе асарҳои дигар ҷолибанд. Хусусан мақолаҳоеро, ки Атахон Сайфуллоев умуман дар бораи роману повесть, инчунин дар бораи «Сарбозони бесилоҳ»-и Ф. Ниёзӣ ва «Хатлон»-и Ҷ. Икромӣ навишт, махсусан қайд кардан лозим аст. Як асари А. Сайфуллоев дар бораи повести ҳозираи тоҷикӣ

бо номи «Сояравшанҳо» /«Свет и тени»/ дар маҷаллаи «Литературное обозрение» /1986, №12/ чоп шуд, ки нахустин мақолаи проблемии як мунаққиди тоҷик дар ин журнал аст.

Аз ин мақолаҳо бовар ҳосил мешавад, ки танқиди тоҷикӣ барои ҳамовозӣ ба рӯҳи замон, барои ошкор кардани норасоиҳо ва монеаҳои роҳи ҷӯяндагии эҷодӣ, барои беибо гуфтани ҳақиқати ҳол қобилияти басанда дорад.

3

Вобаста ба фаъол шудани рӯҳияи размҷӯёнаи танқид, сахтгирӣ ва ошкоргӯии он баъзе масъалаҳои муҳим пеш меояд, ки онҳоро ҳамаҷониба муҳокима кардан лозим аст. Мо, мунаққидон дар ин роҳ вазифаҳои худро амиқан ва ҳамаҷониба бояд дарк намоем ва бо эҳтиёткории тамом анҷом диҳем. Дар ин маврид, дар мавриди ошкор кардани камбудиҳои ғоявию бадеӣ эҳтиёти махсус зарур аст, то ки ба субъективизм, ба баҳои дур аз ҳаққоният роҳ надиҳем. Чӣ қадар ки таърифу тавсифи маҳз, ситоиши муболиғаноку хушомадомез ва болобардору кафгирзаниҳо ба адабиёт ва эҷодиёти ҳар нависанда зарар дорад, зарари нуқсонҷӯии маҳз ва баҳои манфии беасос аз он камтар нест. Агар мунаққид фақат норасоӣ ҷӯяд ва хурдагирӣ кунад, мумкин аст, ки ҳар чиз ба назари ӯ айбу нуқсон намудан гирад. Он гоҳ барои нигоҳи объективӣ замина кам мемонад.

Агар хато накунам, нишонаҳои ҳукми яктарафа аз мақолаҳои ёдшудаи А. Сайфуллоев, ки ҳар кадоме аз онҳо баъзе мушоҳидаву мулоҳизаҳои ҷиддӣ доранд, низ ба назар мерасанд. Чунончи, қаҳрамони повести Б. Фирӯз «Тору пуд» дар бораи чанд ронанда гуфтааст, ки ин мардум «коҳиланд. Аз коҳилӣ на ақлашонро кор мефармоянду на ҳунарашонро». А. Сайфуллоев дар мақолаи «Тадқиқи бадеии ахлоқи ҳамзамонон» /«Садои Шарқ», 1986, №2/ аз ин гапи қаҳрамон хулоса баровардааст, ки «нависанда ронандаҳо барин вакилони сершумори синфи коргарро ба коҳилӣ гунаҳкор кард». Ва ҳол он ки, ба фикри мо, дар ин ҷо гунаҳкор донистани як синфи ҷамъият ё як қисми он дида намешавад, балки сухан аз он касоне меравад, ки ҳоло дар пеши чашм ҳастанд ва барои илоҷи воқиаи ногуворе чора андешидан намехоҳанд. Аз матн маълум аст, ки суха-

не, ки дар бораи чанд нафар гуфта шудааст, ба тамоми як синф нисбат надорад.

А. Сайфуллоев дар мақолаи «Бурду бохти санъаткор» /«Садои Шарқ», 1986, №11/ ба Ҷалол Икромӣ маслиҳат додааст, ки дар романи «Хатлон» эшони Санги Ҳамворро бо ягон персонажи мусбат ба мубоҳиса даровардан даркор аст, то ин ки эътиқодоти илмии персонажи мусбат ва бебуньёд будани марому маслаки муллое бештар маълум гардад /чунон ки дар романи Нодар Думбадзе «Қонуни абадият» як рӯҳонӣ ва қаҳрамони асосӣ байни худ баҳси аҷибе ороста буданд/. Ҷ. Икромӣ дар ин бора фикри худро аз ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» /5 марти с. 1987/ баён намуд. Ба ин муносибат, таъкид кардан мехоҳем, ки мо, мунаққидон аз тавсия додан ба нависанда бояд худдорӣ кунем. Тавсияи бевоситаи мунаққид, ба ҳар ҳол, ба одоби танқид мувофиқ намеояд. Агар мунаққид дар асар норасоие бинад вазифаи ӯ ин аст, ки он норасоиро ҳарчӣ мӯътамадтар намоён кунад, аммо роҳи ислоҳи онро худи нависанда хоҳад ёфт ва шояд хеле беҳтар аз чашмдошти мунаққид масъаларо ҳал хоҳад кард.

Боз ба баъзе эродҳои А. Сайфуллоев, ки дар мақолаҳои мазкур ва дигар навиштаҳои ӯ бисьёранд, эрод гирифтан мумкин аст. Аз асарҳои дигар мунаққидон ҳам эродҳои беасос ё камасос метавон дарёфт кард. Вале ҳоло аз инҳо гап накушода, ба як масъала, ки ба пиндошти мо, хеле муҳим аст,андаке таваққуф кардан мехоҳем, то ки дар ин бора фикри дигарҳоро ҳам фаҳмидан мумкин шавад.

Чанд гоҳ аст, ки Соҳиб Табаров дар мақолаҳояш ба он шеърҳои шоирони тоҷик, ки ба «ватани хурд» бахшидаанд, эрод мегирад. Агарчи ӯ нагуфтааст, ки конкретан кадом шеърҳоро дар назар дорад, ба қалами Лоиқ, Бозор Собир, Камол Насрулло ва Гулрухсор тааллуқ доштани онҳоро таъкид намудааст, мисраъҳоеро аз қабили «Ман Ватан меёбам аз ҳар резасанги кӯҳсор», «...Ватану масоҳати он аз хоки вуҷуди ман шавад сар» зикр намудааст. Ӯ ақида дорад, ки дар чунин образҳо ва «дар ашъори ин қабил шоирон «ватани хурд» бештар бе алоқамандӣ бо Ватани калон /бо таъбири Миршакар «Ватанам СССР»/ меояд». /С. Табаров. Замон ва танқиди адабӣ, «Адабиёт ва санъат», 20 марти с. 1986, саҳ. 4/. Мунаққид ба исрор чунин андешае баён карда истодааст ,ки «дар ин гуна шеърҳо мафҳу-

ми «Ватан» ва «дӯстии интернационал» бо мафҳуми «ватани хурд» ва дилбастагӣ ба кӯҳсори тоҷик иваз карда мешавад» /С. Табаров. Сарвати бебаҳои маънавӣ, «Тоҷикистони Советӣ», 12 дек. с. 1986/.

Моро ҳамин чиз ба ташвиш овардааст, ки ин хулосаҳо, ин айбҳои ҷиддии иҷтимоиву сиёсӣ, ки мунаққид ба шоирон нисбат медиҳад, натиҷаи таҳлили шеърҳои конкрет нестанд ва маънои умумиву мутлақ доранд. Агар масъаларо ба таври умумӣ ва мутлақ гирем, бояд гӯем, ки барои чунин хулосаҳо ва ҳукми қатъӣ асос надорем. Проблемаи «ватани кӯчак» аз солҳои шаст дар шеъри советӣ, дар назми ҳамаи халқҳои мамлакати мо мавриди андешапарвариҳои шоирона қарор ёфтааст ва онро ба «Ватани бузург» муқобил гузоштан ва ё хилофи ҳамбастагиҳои интернационалӣ донистан ҳаргиз ҷоиз нест. Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои иҷтимоиву фалсафии бозҷустҳои фикри шоирона дар ин муддат — аз солҳои шаст то имрӯз маҳз ҳамин аст, ки моҳияти «ватани кӯчак» амиқан дарк шуд ва он ҳақиқат дар шуури мо устувор гардид, ки овози «Ватани бузург» аз «ватани хурд» аст. Ин ду мафҳум — мафҳуми «Ватани бузург» ва «ватани кӯчак» зотан ҳаргиз хилофи якдигар нестанд, балки сахт ҳамбастаи якдигаранд. «Ватани хурд» як ҷузъи Ватани бузург аст. Он кас, ки қадри «ватани хурд», яъне, масалан қадри зодгоҳи худро намедонад, ба гумон аст, ки қадри Ватани бузургро фаҳмида тавонад ё меҳри Ватани бузург дар дили ӯ як ҳисси пурзӯр ва пурраву мукаммал бошад. Ба ин андеша мо ақида дорем, ки агар шоир «Ман Ватан меёбам аз ҳар резасанги кӯҳсор» гуфта бошад, ин гапи ӯ чунин маънӣ дорад, ки ба кӯҳсор ва резасанги он бо чашми ҳавобаландиву нописандӣ наменигарад, онро азиз медорад, оғозгоҳи Ватани бузург мешуморад, Ватани бузургро бе он тасаввур карда наметавонад. Ин, бегумон, як ҳисси табиии хирадмандона аст.

Барои ин ки масъала равшан шавад, боз ба баъзе паҳлуҳои он мухтасаран диққат ҷалб кардан мехоҳем.

Чанде пеш /14-XII-1986/ дар «Правда» мақолаи Леонард Лавлинский «Дар паси мисраи лирикӣ» чоп шуд, ки дар бораи китоби шеърҳои чанд шоири ҳозираи рус мебошад. Л. Лавлинский дар ин мақола, аз ҷумла дар бораи баъзе шеърҳои маҷмӯаи Ю. Беличенко «Шукуфти явшон» /«Полынь зацвела», 1986/ чунин

таъкиде дорад: «Ин шеърҳо моҳиятан дар бораи онҳое гуфта шудаанд, ки шоир нахустин тасаввуроти худро оид ба некиву меҳнатдӯстӣ, шаъну шараф ва мардӣ аз онҳо ҳосил кардааст, яъне ин шеърҳо инчунин дар ҳаққи сарзамини падарии ӯ — сарзамини Кубань аст, дар ҳаққи он ватани хурд аст, ки мо ҳар чӣ шудем, аз он шудем. Ю. Беличенко инро равшану возеҳ дарк намудааст ва бечиз нест, ки навиштааст: «Шояд /ниҳоят/ бифаҳмем, ки иваз кардани ҷой аз иваз кардани хун ҳам хавфноктар ва дарднoктар аст».

Аз ин андешаҳои шоир ва мунаққид мебинем, ки масъалаи «ватани кӯчак» масъалаи ҷиддии иҷтимоиву маънавӣ буда, ба буньёди ҳастии ҷамъиятиву ахлоқии инсони имрӯз дахл дорад. Аз ин андешаҳо равшан мегардад, ки шеърҳое, ки ба «ватани хурд» бахшида шудаанд, дар айёми мо махсусан аҳамияти калони тарбиявӣ пайдо кардаанд. Ҳоло дар тамоми Ватани паҳновари мо, аз ҷумла дар Тоҷикистон чунин вазифаи муҳимме пеш омадааст ки дар дили мардум меҳри зодгоҳ, меҳри оғозгоҳҳои маънавиро қувват додан лозим аст. Бо қувваи сухани бадеӣ меҳри «ватани хурд» — бомгӯшаи падар, шаҳру деҳ ва маҳаллаву гузари худ, дарьёчаи шӯхи кӯҳсорон, сангу шахи кӯҳистон ва монанди инҳоро дар дили мардум устувор кӯчокӯчи бисьёр, кӯчбардориҳои заруру нозарур ва гоҳ булҳавасона хонабардӯшиҳо боиси кам шудани меҳри ёру диёр дар дили мардум гардид. Акнун коре бояд кард, ки дар дили мардум меҳри ёру диёр, азиздошти замин ва обу хок, шавқи кору меҳнат, эҳсоси инсофу одамият қувват гирад.

Мардумони тоҷик асрҳо боз ба кушодани заминҳои нав ва обод кардани гӯшаҳои нообод майли тамом дошта, ҳар ҷо хористоне буд, гулистон мекарданд. Ин фаъолияти онҳо хусусан дар замони мо авҷ гирифт ва имрӯз ҳам вусъат меёбад. Замон талаб мекунад, ки мо бештар қобили ҷунбишу ҳаракат ва кӯчбардорӣ бошем. Лекин инсон аз оғозгоҳҳои аввала ҷисман дур равад ҳам, рӯҳан бо он бояд пайванди қавӣ дошта бошад, рӯҳан аз он бояд канда нашавад. Ин пайванди пурзӯри рӯҳӣ дар ҷои нав пояҳои ҳастии маънавии ӯро устувор мекунад, маънавияти ӯро аз оғозгоҳҳои тозае қувват мебахшад. Агар инсон аз оғозгоҳҳои аввалаи одамии худ рӯҳан канда шавад, дар баъзе мавридҳо камтар, дар баъзе мавридҳо бештар ва гоҳ ба куллӣ аз моҳияти ин-

сонии худ маҳрум мегардад. Пояҳои пайванди маънавии инсон ва оғозгоҳҳои одамии ӯро устуворӣ бахшидан даркор аст, то ки моҳияти одамии ӯ устувор бошад.

Ин яке аз бузургтарин вазифаҳои иҷтимоии замон, вазифаи инсондӯстона ва гражданини ҳар яки мост. Адабиёти ҳозираи русӣ дар роҳи иҷрои ин вазифа кӯшишҳои қаҳрамонона ба харҷ дода истодааст. Нависандагони дигар республикаҳо, аз ҷумла шоирони тоҷик ҳам дар ҳамин роҳ мекӯшанд. Мутаассифона, на ҳамаи шеърҳое, ки шоирони тоҷик ба «ватани хурд» бахшидаанд, мазмуни амиқи гуманистӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ дорад, на ҳамаи шоирон масъаларо бо тамоми амиқияташ дарк кардаанд, на ҳамаи онҳо моҳияти маънавию ахлоқии масъаларо бо фикри расои шоирона падид меоранд. Диди рӯякӣ, васфи маҳз ва бемақсад тасвири урьёни дур аз ҳиссиёти олӣ ва маҳрум аз андешаҳои ҷиддӣ дар шеъри онҳо бисьёр аст. Чунин норасоиҳо имкон намедиҳад, ки парвози фикру ҳисси шоир аз заминаи ватани хурд ба фазои Ватани бузург расад, ба паҳнои олам барояд, ба сари масъалаҳои умдаи ҳастии инсон ва камолоти шахс равад. Ватандӯстӣ танҳо ситоиши Ватан нест. Шеъри ватандӯстӣ бояд мазмуни амиқи иҷтимоиву фалсафӣ дошта бошад.

Аз мо, мунаққидон, лозим аст, ки норасоиҳо ва шаклҳои конкрети зоҳир шудани онҳоро нишон дода, дар роҳи баланд бурдани мазмуни иҷтимоиву фалсафии шеъри ватандӯстӣ мубориза кунем. Аммо ҳамаи шеърҳои оид ба ватани хурдро яклухт бадном кардан мумкин нест. Зеро он маҳдудияту камбудиҳо ба ҳамаи шеърҳои тоҷикии оид ба «ватани хурд» хос нестанд. Баъзе шоирони мо дар ин ҳусус фикру андеша ва ҳиссу ҳаяҷони баркамол доранд. Дар ҳаққи чунин шеърҳо қадршиносӣ зарур аст. Маънидоди амиқи иҷтимоиву фалсафӣ ва ташвиқу таблиғи чунин шеърҳоро аз вазифаҳои муҳимми танқид бояд донем.

4

Оре, рӯҳияи сахтгириву серталабӣ ва кушодагӯӣ, тезу тунд ба миён гузоштани масъалаҳои кулливу ҷузъии ҳаёту адабиёт ҳоло дар танқиди тоҷик кам-кам қувват ёфта истодааст ва умед аст, ки дар оянда самараҳои матлуб бештар хоҳад дод. Ин рӯҳия бояд ба принципи объективияти илмӣ такья намояд. Агар дар

ин роҳ принципҳои асосии танқиди объективӣ аз ягон ҷиҳат халал бинад ва риоя нашавад, ҳам ба танқид ва ҳам ба санъат зарар мерасад.

Ин матлабро аз он сабаб такроран таъкид кардан мехоҳем, ки ҳоло дар танқиди тоҷикӣ баъзе тамоюлоти нави носолим ҳам оғоз ёфтааст. Аз ҷумла ҳаминро дар назар дорем, ки Юсуф Акбаров чанд гоҳ — дар чандин навиштаи худ ба Аскар Ҳаким бо кинавариву ниқорҷӯӣ муомила карда, ба гиребони ӯ сахт часпид ва ҳоло ҳам намедонем, ки онро сар додааст ё не. Мо ин тарз истифода шудани сухани танқидиро ҳаргиз нишонаи ҷиддияту принципдорӣ ба шумор гирифта наметавонем. Кинавариву ниқорҷӯӣ ба танқиди асил алоқамандие надорад.

Адабиёту санъат ва танқид аз бисьёр ҷиҳатҳо ба илми табобат монанд, аст, зеро мардумро давову дармони маънавӣ медиҳад, дардҳои ахлоқи иҷтимоиро муолиҷа мекунад, дар роҳи сиҳҳати маънавию ахлоқии ҷамъият мубориза мебарад. Медонем, ки табиби асил ба ҳамаи табобатхоҳон ба як чашм менигарад ва ҳатто ба душманаш бояд душманӣ зоҳир накунад. Мунаққиди ҳақиқӣ низ чунин аст. Дар танқид низ аз рӯи муносибати шахсӣ, аз рӯи таваҷҷӯҳу бетаваҷҷӯҳӣ, ошноиву бегонагӣ ва ғайра рафтор кардан манъ аст. Албатта, танқид аз жанрҳоест, ки ҷанбаи субъективӣ дар онҳо бештар амал мекунад, вале ин ҷанба ҳатман бояд бо назари объективӣ созвор омада бошад. Ҷанбаи субъективӣ шахсияти мунаққид ва муносибати хоси ӯро ба масъалаҳои ҳаёту адабиёт пурзӯртар намоён карда, барои ҳар чӣ амиқтар ошкор гардидани ҳақиқати объективӣ замина тайёр менамояд. Лекин боло гирифтани ҳиссиёти субъективӣ, хусусан бо хашму ғазаб сухан рондани мунаққид моро аз сари ҳақиқати воқеӣ дур мебарад, миёни танқиду адабиёт ҷудоӣ меандозад, мумкин аст, ки ба пайдоишу ривоҷи гурӯҳбозӣ сабаб шавад. Аз ин рӯ, нисбат ба нависандае кина парваридани мунаққидро бояд сахт маҳкум кунем.

Яке аз камбудиҳои калони танқиди тоҷикӣ ҳукми беасос аст. Ин камбудӣ кайҳо боз давом дорад, вале ҳоло қувват гирифта, ба тамоюли муайяне табдил ёфта истодааст. Яке аз зуҳуроти он ҳамин аст, ки, масалан, мунаққиде ба нависандае эродҳои сахт мегирад, вале фикраш ба ранги ҳукми қатъии бедалел ифода ёфтааст. Он гоҳ фаҳмида наметавонем, ки мунаққид чаро чунин

хулосаҳо баровардааст. Мисоли инро аз навиштаҳои С. Табаров, Ю. Акбаров ва дигарон бисьёр мебинем ва шояд дар навиштаҳои камина ҳам роҳ ёфта бошад.

Расул Ҳодизода дар бораи достони Темур Зулфиқоров «Шикори шоҳ Баҳроми Гӯри Сосонӣ» /«Охота царя Бахрама-Гура Сасанида», 1985/ дар як мақолаи газетӣ ҳамагӣ чор ҷумла сухан рондааст, ва бо ҳамин чор ҷумла арзиши як асарро тамоман ба ҳеҷ баровардааст. Ба фикри Р. Ҳодизода, ҳангоме ки ин асари Т. Зулфиқоровро мехонем, гӯё «беихтиёр саволе ба миён меояд ин асаре, ки чунин номи пурсадои таърихӣ дорад, барои чӣ ва барои кӣ навишта шуда бошад? Паи ҳам омадани номҳову мафҳумҳои таърихӣ, мифологӣ, динии қадимӣ ва исломӣ, ки аксаран ба ҳам алоқае надоранд, тасвири воқиаҳои таърихӣ ва афсонавӣ, ки гоҳ ба онҳо унсурҳои даҳшатангезӣ илова гардидааст, хонандаи ҳайратзадаро гаранг мекунад. Аммо назари худи нависанда дар паси пардаи ин ҳама воқиаҳо пинҳон мондааст» /Р. Ҳодизода. Ҳаёт, адабиёт, танқид, «Коммунист Таджикистана», 19 марти с. 1986/.

Дар назари аввал гӯё ин ҷо мунаққид дар баёни фикр далелу бурҳон дорад. Вале дар ҳақиқат чунин нест. Мо на паи ҳам ва омехтаи якдигар омадани номҳои таърихӣ ва мифологию афсонавӣ ё динӣ, на ба асари бадеӣ дохил шудани унсурҳои даҳшатангезиро ба сари худ айб шуморида наметавонем. Дар таърихи адабиёт, аз ҷумла дар адабиёти айёми мо асарҳое ҳастанд, ки дар онҳо қаҳрамонҳои афсонавӣ, шахсиятҳои таърихии замонҳои гуногун, гоҳ ҳатто персонажҳои нависандагони чандин аср паҳлуи ҳам омадаанд. Баъзе чилваҳои аҷиби ин ҳодисаро дар асари Херман Ҳессе «Зиёрати кишвари Шарқ» мебинем. Вале хонандагон ва мунаққидон ба чунин хусусияти он асарҳо эрод нагирифтаанд, балки, баръакс, аз нимкосаи таги ин коса таваҷҷӯҳоти ғоявию фалсафӣ ҷустаанд, зеро рӯ овардан ба таърих ва асотиру афсона аксаран нишонаи бозҷустҳои иҷтимоиву фалсафист. Аз ин ҳақиқат қатъи назар карда, дар бораи асарҳои Т. Зулфиқоров ҳукм баровардан мумкин нест. Ба чунин эрод, ки фикри асосии Т. Зулфиқоров дар паси пардаи воқиаҳо панҳон мондааст, низ розӣ шуда наметавонем, зеро, ба назари мо, фикри ӯ муайян аст ва ба хубӣ ифода шудааст. Ба ин сабаб, дар сурате ки мунаққид аз далелу бурҳони ҷиддӣ, аз мулоҳизаронии доманадор худдорӣ кардааст, бо қатъия-

те «ин асар ба кӣ лозим аст?» гуфтани ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ ба сифати баҳои танқидӣ қобили қабул наметавонад буд. Дар бораи асарҳои Темур Зулфиқоров мақолаҳои бисьёре навишта шудаанд ва дар бораи асари нави ӯ бо назардошти он мақолаву мубоҳисаҳо, дар асоси таҳлилу мулоҳизаҳои наве хулосаи ҷиддӣ баровардан имконпазир хоҳад буд /хоҳ хулосаи мусбат бошад, хоҳ манфӣ/. Агар чунин мебуд, шояд мо ба ҳукмҳои қатъии мунаққид розӣ мешудем.

Инкори куллии арзиши як асар ё эҷодиёти як нависанда аз мунаққид масъулиятшиносии олӣ, ба ниҳояти дараҷа эҳтиёткорӣ ва боварбахшии мантиқии бечуну чаро талаб мекунад. Шӯридагӣ ва хашму ғазаб дар ин кор ҳаргиз чун далелу бурҳон хизмат карда наметавонад. Буньёди мӯътамади хулосаву ҳукм аз шартҳои асосии объективияти танқид аст. Афсӯс, ки чун фикри танқидӣ ба роҳи қатъият ва кушодагӯӣ қадам гузошт, дар чанд маврид ин ҳақиқат фаромӯш шуд.

Ба пиндошти мо, мисоли барҷастаи фаромӯш гардидани оддитарин шартҳои фикррониии танқидӣ мақолаи шоир Қутбӣ Киром «Мавқеъ ва масъулияти суханвар» мебошад, ки дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» 6 марти с. 1986 чоп шуда буд.

Ин мақола дар байни аҳли адаб ва хонандагон шӯре андохт. Ҷавоби босавоби Лоиқ ин шӯру валваларо хеле паст кард ва бисьёр масъалаҳоро равшан намуд. Вале Лоиқ дар ҷавобаш фақат ба баъзе «эродҳои конкрет»-и Қутбӣ Киром, танҳо ба фактҳои алоҳида дахл кард, аммо мақолаи Қутбӣ Киром ҷиҳатҳои дигаре ҳам дорад, ки онҳоро аз назар гузаронидан зарур аст.

Қутбӣ Киром дар ин мақола зимнан баъзе ақидаҳои адабӣ ҳам баён намудааст. Вай маҳз аз рӯи баъзе ақидаҳои устувори нораво ё нопухта ба шеъри ду ҳамкасби худ Лоиқ ва Бозор Собир баҳо додан хостааст. Азбаски ин ақидаҳо пайравони дигар ҳам дорад, барои равшан кардани моҳияти онҳо кӯшише пеш гирифтан лозим меояд.

Ба фикри мо, бисьёре аз ин ақидаҳои Қутбӣ Киром норавшан ё ғалат ҳастанд.

Қутбӣ Киром, масалан, дар бораи мисраи Лоиқ «Ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!» бо хашму ғазаб сухан ронда, онро бебуньёд мешуморад ва сабабашро чунин эзоҳ медиҳад: «Кушандагӣ на дар хусусияти борон ва на дар шеър аст» /бояд гуфт, ки

ин ҷумла чандон дуруст сохта нашудааст/. Сонитар ба хосияти кушандагии шеър андак тан диҳад ҳам, чунин суолу хитобҳо пеш овардааст: «Аз кай шеъри одамкуш ба «мақому манзилат»-и баланд соҳиб шуд? Ин чӣ бемантиқӣ ва саҳлангорист?! — гуфтааст Қутбӣ Киром.

Чунон ки мебинем, шоир бо ҳиссиёти баланд қалам рондааст. Лекин хоҳ ҳиссиёташ баланд бошад, хоҳ паст, бояд гӯем, ки шеър ҳамеша силоҳи мубориза буд ва имрӯз низ чунин вазифаашро иҷро мекунад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» гуфта буд: «Шеър ҳам монанди илм як шамшер аст». Ин гуфтаи устод ақидаи мардумони чандин асрро ифода мекунад. Аммо дар масъалаи ин ки шамшер кушанда аст, касе шубҳа надорад. Дар ҳақиқат, шеър дар муборизаҳои иҷтимоӣ ҳам душманро маънан маҳв мекунад, дар талошҳои маънавию ахлоқӣ, чунончи дар мусобиқаи шоирон ҳам рақибро мағлуб менамояд ва ин мағлубият то ба дараҷаи нобудии маънавӣ метавонад расад.

Дар мисраи боло зикр шудани калимаи «борон» ҳам /«шеърборон»/ суханро аз мантиқ дур набурдааст. Ҳатто фақат зоҳири мантиқро ба назар гирем ҳам, борони сахт низ метавонад инсонро хонавайрон ва ҳатто нобуд кунад.

Қутбӣ Киром таъкид кардааст, ки «вазифаи муқаддаси шоири советӣ дар рӯи замин/? васф кардани ширинӣ ва зебоӣ, нотакрории ҳаёт, муборизаи тезу тунди имрӯзи ҷаҳон, мағлубнопазирии /? — мағлубиятнопазирии/ рӯҳи инсони нав, ба мардию ҷонсупорӣ раҳнамун кардани ҳамасрон аст».

Ин гуфтаи Қутбӣ Киром фақат қисман дуруст аст, танҳо як тарафи масъаларо дар бар мегирад. Зеро вай зарурати «васф кардани ширинӣ ва зебоӣ, нотакрории ҳаёт»-ро ба он маънӣ фаҳмидааст, ки гӯё шоир аз талхиҳои зиндагӣ, аз лаҳзаҳои ногувор, аз ғаму андӯҳ ва ғайра, ки дар ҳаёти ҳар кас пеш омаданаш мумкин аст, набояд дам занад. Гӯё дар шеър фақат «ширинӣ ва зебоии ҳаёт»-ро васф кардан лозим будаасту бас. Агар чунин фаҳмиши Қ. Киромро қабул кунем, тасаввури мо дар бораи вазифаҳои адабиёт хеле ва хеле маҳдуд хоҳад шуд.

Азбаски дар як байт аз «бахти ноҳамвор»-и қаҳрамони лирикӣ сухан рафта, дар байтҳои дигар бетолеӣ ё бебарории кори қаҳрамон зикр шудааст, Қ. Киром

дар бораи ғазалҳои Лоиқ мегӯяд, ки «дар ҳамаи ин ғазалҳо қариб ангезаи шоири имрӯз — суханвари советӣ дида намешавад». Ин гап чӣ маънӣ дорад? Маънои он ҳамин аст, ки нависандаи имрӯза боз ҳам бояд аз «бахти ноҳамвор»-и касе сухан нагӯяд, танҳо аз хушбахтиву шодкомиҳо гап занад, зиндагиро фақат чун як ид ва тантана тасвир намояд. Ба фаҳми Қ. Киром, сӯзу гудози ошиқона ҳам «ангезаи суханвари советӣ» набудааст. Охир, шоирон ҳамеша ҳассостарини ошиқон ба шумор меомаданд. Пас, чӣ шуд, ки имрӯз Қутбӣ Киром «суханварони советӣ»-ро аз сӯзу гудози ишқ дуртар доштан мехоҳад?

Албатта, тамоман ҳаққонист, ки Қутбӣ Киром аз ҳамкасбонаш шеъри иҷтимоимазмун ва граждании талаб мекунад, тасвири «мубориза тезу тунди имрӯзи ҷаҳон, мағлубиятнопазирии рӯҳи инсони нав»-ро мехоҳад. Ин талаб талаби ҷамъият аз шеъру шоир аст. Лекин Қутбӣ Киром аз сӯзу гудоз ва оҳу нолаи қаҳрамони лирикии шеъри ишқӣ мазмуни иҷтимоиву сиёсӣ кашидан хостааст, чунин вонамуд кардааст, ки шикоятҳои ошиқонаи ин қаҳрамон шикоят аз замон аст.

Вай дар бораи мисраи Лоиқ «Тирборон кардани мо кӯшиши беҳуда аст» чунин суолҳои хашмомез овардааст: «Оё дар ҷамъияти мо чунин гуфтани шоир дуруст аст? Ки ӯро тирборон мекунад?»

Камина ақида дорам, ки агар Қутбӣ Киром барин нависандае ин қадар худро ба нофаҳмӣ зада, бо чунин даъвоҳои калони беасос ба сари як ҳамкасби худ мушти сиёсӣ бардорад, бешубҳа, ин худ як тирборон аст. Азбаски чунин тирборон хеле пештар аз имрӯз сар шуда буд, Лоиқ ҳақ дошт, ки бигӯяд:

> Тирборон кардани мо **кӯшиши беҳуда аст,**
> Ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!

Бисьёре аз фикрҳои Қутбӣ Киром дар ин мақола чун як ҳукми қатъӣ, ҳукми бетаҳлил ва бедалелу бурҳон баён шудаанд. Ва ҳол он ки ҳукми беисбот эътибор надорад. Ҳангоме ки ӯ дар ҳаққи эҷодиёти Лоиқ ва Бозор Собир, дар ҳаққи баъзе асарҳо ва образҳои шеърии онҳо ҳукмҳои қатъӣ мебарорад, вақте ки аз хусуси баъзе образҳои шоиронаи Бозор сухан меронад, тасаввуре пайдо мешавад, ки муаллифи мақола моҳияти образи шоиронаро ҳеҷ фаҳмидан намехоҳад, ки на-

мехоҳад. Шоир Қутбӣ Қиром дар ин маврид ба тарзи ҳайратафзое як навъ вазнингӯшии эстетикӣ зоҳир намудааст.

Бисьёр образҳои ассоциативии ба худ хос, ки дар шеърҳои Бозор Собир ҳастанд, чунончи, «дар бадан шира бастани маҳтоб», «назме, ки ба он ҳамерасонам лаб», «тортанакҳои ғазалбоф», «чу шир дам кашидани сафедии рӯй», «бо роҳи дида ба гулӯ бурдан» ва ғайра, ки ҳамагӣ аз худмахсусии нигоҳи шоиронаи вай гувоҳӣ медиҳанд, низ боиси суолу хитобҳои хашмомези Қутбӣ Қиром гардидаанд, вале, ба дарёфти мо, хашми ӯ аксаран ба зоҳирбинӣ асос ёфтааст.

Як вақт Расул Ҳамзатов дар китоби «Доғистони ман» аз чунин тасаввури халқи худ ҳикоят карда буд, ки мардуми кишвари кӯҳсори камзамин пеш аз сафари мамлакатҳои дигар бояд чанги мӯзаашонро афшонанд, то ки заррае аз хоки ватан бо худ набаранд ва хоки онро кам накунанд. Ин «маслиҳат»-и хирадмандонаю шоиронаи халқ ба нависандагони тоҷик маъқул омад ва дар чанд шеър, аз ҷумла дар шеъри Бозор Собир «Тоҷикистон» бо баъзе тобишҳои наве инкишоф ёфт. Аммо Қутбӣ Қиром образҳои халқии ин шеърро бар акси моҳияти онҳо эзоҳ дода, аз онҳо маъниҳое баровардааст, ки гӯё Бозор Собир Тоҷикистонро «ҳақиру бенаво ва мӯҳтоҷи чанги домане» ба қалам додааст.

Зиёда аз ин, Қутбӣ Қиром дар як шеъраш /ки низ «Тоҷикистон» ном дорад/ аз ин хусус бо хашм сухан ронда, аз алфози дашномомез ҳам худдорӣ накардааст:

> Зи дунё бехабарҳо, нохалафҳое
> Туро камхок мегӯянд,
> Туро ғамнок мегӯянд.
> Ҳамехоҳанд бо доманфишонӣ хокат афзоянд?!
> Чӣ номардӣ?!
> Чӣ бедардӣ?!

Дар назари камина ин мисраъҳо аз мантиқи олдӣ маҳруманд. Не, касе, ки ғами мардум, ғами халқу Ватанро мехӯрад, бедард ва номарду нохалаф нест, ин сифатҳоро ба касоне, ки аз ин ғамҳо дуранд, нисбат додан лозим аст.

Азбаски дар бораи шеъри Бозор Собир «Тоҷикистон» дар мавриди дигаре муфассалтар сухан рондаем,

ҳоло аз овардани он шеър худдорӣ карда, фақат ҳаминро таъкид мекунем, ки дар ин шеъри ӯ як меҳру муҳаббати самимии ғамхоронаю дилсӯзона нисбат ба Ватан ифода шуда, эҳсосоти ватандӯстонаи комилан халқиву деҳқонӣ ва назари интернационалистии замонӣ зоҳир гардидааст.

Мо ба он гуфтаи Қ. Киром ҳам розӣ шуда наметавонем, ки гӯё аз шеърҳои Бозор Собир «бӯи мағоки китобҳои чангзадаи таърих бармеояд, ки имрӯз касеро ба кор намеравад, махсусан шеъри «Теғи Сино». Маълум нест, ки Қ. Киром ин ҷо калимаи «мағок»-ро ба кадом маънӣ ба кор овардааст. Онро ба кадом маънӣ ки фаҳмида бошад, ҳамин чиз равшан аст, ки нисбат ба таърих аҷаб назари соддалавҳонае дорад. Не, шоири мӯҳтарам, таърих «китобҳои ҷангзадае» нест, балки саросар сабақҳои ибратомӯзест, ки ҳар кас ва тамоми ҷамъият ҳар лаҳза бояд ба андеша гирад, то ки вазифаҳои бузурги иҷтимоиву таърихии худро барои имрӯз ва фардо дуруст таъин карда тавонад. Он кас, ки аз имрӯзу фардо парво надорад, аз дирӯзу парерӯз чашм мепӯшад. Афсӯс, ки ин ҳақиқатро баъзеҳо ҳанӯз нафаҳмидаанд.

Бегумон, гоҳ-гоҳ ба таърих рӯ овардани баъзе аз шоирони мо, аз ҷумла Лоиқ ва Бозор Собир як зарурати таърихист, ин худ як ҳукми таърих аст, ки бояд иҷро кунем. Мутаассифона, дар ин кор гоҳ назари баркамоли таърихӣ кам зоҳир мешавад. Дар мавриди дарки бадеии баъзе рӯйдодҳои таърих бо нозукбинӣ корбаст наомадани меъёрҳои иҷтимоӣ аз Бозор Собир содир шуда буд. Аз ин бобат дар Иттифоқи нависандагон ва матбуот сухан рафт. Баъзе камбудиҳои шеърҳои мавзӯи таърихро танқид ҳанӯз нагуфтааст. Бо вуҷуди ин, аксари чунин шеърҳо, аз ҷумла шеъри Бозор Собир «Теғи Сино»-ро чизе, ки «имрӯз касеро ба кор намеояд» донистан мумкин нест. Онҳо як қисми муҳимми шеъри ҳозираи мо мебошанд ва мазмуни имрӯзаи ҳофизаи таърихии ҷамъяти мо дар онҳо акс ёфтааст. Дар ин бора дар ҷилди V-и «Таърихи адабиёти советии тоҷик» муфассалан сухан рафтааст.

5

Мутаассифона, инкори куллӣ, инкори бетаҳлилу беасос на танҳо дар ин мақолаи Қутбӣ Киром дида мешавад, балки гоҳ-гоҳ, чунонки зикраш гузашт, аз навишта-

ҳои баъзе мунаққидон ҳам ба назар мерасад. Шояд дар баъзе навиштаҳо ин айб аз ман ҳам гузашта бошад. Чунин рафтори нораво аз мо, мунаққидон, сар шуда буд ва Қутбӣ Қиром онро ба ниҳояти ифрот расонид. Ман ин равияро на дар мақолаи Қутбӣ Қиром, на умуман дар танқид равияи солим ба шумор оварда наметавонам. Бозсозиро аз инкори дастовардҳои муҳим, аз саркӯбии намояндагони барҷастаи адабиёту санъат, аз айбҷӯиҳои маҳзи сиёсимазмун сар кардан ҳамоно нишонаи нафаҳмидани моҳияти давраи нави таърихи мост.

Ба ин муносибат як ба таърих назар андохтан лозим меояд.

Медонем, ки солҳои сиву чил дар танқиду адабиётшиносии мо социологизми вулгар хеле нуфуз дошт. Социологҳои вулгар аз таги нохуни нависандагони советӣ чирк мекофтанд, ба ҳар калимаю ибораи нависанда бо назари шубҳа нигоҳ мекарданд ва ҳамин ки шубҳае пайдо шуд, ба сари нависанда мушти саркӯбӣ мебардоштанд.

Бояд нагузорем, ки имрӯз танқиди тоҷикӣ боз ба солҳои сиву чил, боз ба социологизми вулгар баргардад. Баъзе мақолаҳои имрӯза, ки ба қалами мунаққидони гуногун тааллуқ доранд,— албатта, баъзе мақолаҳо на ҳамаи онҳо,— дар ҳақиқат рӯҳан кам ё беш ба мақолаҳои солҳои сиву чил монандӣ пайдо карда истодаанд. Чунин мақолаҳо одатан оҳанги сахти танқидӣ доранд, вале асоси таҳлилӣ ва назари таърихӣ дар онҳо суст аст ё тамоман дида намешавад. Ин ҳолат моро ба ташвиш меорад, зеро хеле хавф дорад: агар фақат камбудӣ ҷӯем, рафта-рафта танқид аз айбҷӯии маҳз иборат хоҳад шуд.

Албатта, зарур аст, ки танқид ба муқобили камбудиҳо, каҷравиҳо, беғоягиву бемаслакӣ, асарҳои пастсифат ва ҳоказо сахт мубориза кунад, ҳамеша серталабу сахтгир бошад. Ин яке аз вазифаҳои асосии танқид аст, ки иҷрои онҳоро ҳамаи ҳуҷҷатҳои партиявӣ, хусусан материалҳои Анҷумани XXVII аз мунаққидон талаб менамояд. Лекин дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо як нуктаи муҳим низ таъкид шудааст, ик пас аз Анҷумани XXVII-и партия дар як сармақолаи «Правда» чунин баён шуд: «Принципдории ғоявӣ ва серталабию сахтгирӣ, эҳтиром нисбат ба истеъдод, одоби муомила нормаи кори ташкилотҳои партиявӣ бо зиёиёни бадеакор мебошад» /«Правда». 16 марти 1986/. Бешак, нормаи

кори мо мунаққидон, низ ҳамин аст: принципдории ғоявӣ ва серталабию сахтгирӣ ҳатман бояд ҳамбаста бо эҳтироми тамом ва одоби муомила бошад. Ва ҳол он ки ба моҳияти ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии нависанда диққат надодан, мазмуни аслии ин ҷӯяндагиҳоро муайян накарда ҳукми қатъӣ баровардани мунаққид низ як нишонаи дурӣ аз эҳтирому одоб аст.

Ба ин муносибат, ҳаминро хотиррасон мекунем, ки пас аз Анҷумани XXVII-и КПСС якумин мақолаи танқиди адабӣ, ки дар «Правда» чоп шуд, мақолаи Евгений Сидоров буда, «Дар бораи лирика ва мунаққидони он» ном дорад /«Правда», 13 марти с. 1986/. Мунаққиди намоёни мо Е. Сидоров дар ин мақола аз он хусус сухан меронад, ки ҳоло дар инкишофи лирика як навъ бӯҳроне рӯй додааст. Мо ба ҳамин чиз махсусан диққат намуданӣ ҳастем, ки мунаққид аз бӯҳрону кризис гап зада, дар ягон ҷои мақола сухани сахт нагуфтааст ва заррае хашму ғазаб зоҳир накардааст. Ҳарчӣ гуфтааст, ҳама аз андешаву мулоҳизаҳои ҷиддии эҷодиву илмӣ иборат аст. Алҳақ, маданияти танқид, танқиди ҳақиқии илмӣ бояд чунин бошад! Фақат чунин танқид қобил аст, ки ба ҳалли масъалаҳои ҷиддии эҷодӣ ёрӣ диҳад.

Аз ин мақолаи Е. Сидоров як лаҳзаро зикр кардан мехоҳем. Вай гуфтааст: «Дар чунин вазъияте, ки ҳоло дар назм рӯй додааст, танқид бояд чӣ кор кунад? Пеш аз ҳама, дар назди танқид вазифае истодааст, ки ҳар чиро, ки эҷод шудааст, ҷиддан дарк намояд, роҳҳои оянданоки инкишофи назми советиро таъин ва дастгирӣ кунад. Эмпиризм бояд ҷои худро ба назари таҳлилӣ диҳад».

Ин аст, ки эмпиризм ва ҳиссиётпарварӣ не, балки назари таҳлилӣ ва мулоҳизаҳои ҷиддӣ лозим аст. Назари таҳлилии объективӣ яке аз принципҳои асосии методологияи танқид мебошад. Ин принципро бо нуқсонҷӯии маҳз амалӣ карда наметавонем. Серталабию сахтгирии танқид он гоҳ самара хоҳад дод, ки ҷиҳатҳои солиму пурқуввати процесси адабӣ ё эҷодиёти як нависанда ва ё як асари ӯро муайян намоем ва дар партави ҳамин ҷиҳатҳои солиму пурқувват ҷиҳатҳои сусту норасоиҳоро нишон диҳем. Ҳатто аз асари каммазмуни пастсифат, аз нуқсонҳои ҷиддӣ сухан равад ҳам, бояд асоси таҳлилии хулосаҳо пурқувват бошад. Он гоҳ хулосаву ҳукмҳо аҳамияти объективӣ пайдо мекунад.

Ҳиссиётпарварии субъективӣ, эмпиризм яке аз ҷиддитарин монеаҳои роҳи инкишофи танқид мебошад. Ақидаи камина ин аст, ки агар мунаққиде як нависандаро бад бинад, ҳақ надорад, ки дар бораи ӯ чизе нависад, зеро дар ин сурат бетарафона, объективона қалам ронда наметавонад. Солҳои охир чанд бор ба ин ҳақиқат бовар ҳосил кардем.

Маълум аст, ки Саъдӣ гуфта буд:

Ку душмани шӯхчашми бебок,
То айби маро ба ман намояд?

Оре, душман айбу нуқсонро ошкортар ва сахттар мегӯяд. Аз ин рӯ, гоҳ ба гапи душман бо диққат гӯш кардан лозим меояд. Ин яке аз омилҳои худшиносист. Вале танқид душмани адабиёт нест. Агар мунаққиде нависандаеро бад бинад, фақат дар сурате ки ҳиссиёти шахсӣ ва қаҳру ғазаби худро фурӯ нишонда тавонист, ҳақ пайдо мекунад, ки дар бораи он нависанда мулоҳизаи танқидӣ ронад. Хайрхоҳӣ аз шартҳои асосии танқид аст. Ҳама серталабиву сахтгирии мунаққид бояд аз рӯи хайрандешӣ сурат бандад. Агар хайрандешӣ бо назари таҳлилии объективӣ як шавад, ҳам роҳи ситоишу саногӯӣ, ҳам роҳи айбҷӯӣ ва дашному носазо баста мешавад.

Адабиёт ва танқиди онна ситоишу накӯҳиши маҳз, балки тадқиқи амиқи таҳлилӣ, як навъи андешаронии ҷиддӣ ва моҳиятҷӯии иҷтимоиву фалсафист, ки буньёди он бар некназариву дилсӯзӣ, бар гуманизми олии фаъолу сахтгир аст.

Ба фикри мо, фақат ба ҳамин асос дар танқид навсозиву бозсозӣ ба амал овардан мумкин аст. Холо дар газетаи «Правда» ва дигар рӯзномаву моҳномаҳои Маскав мақолаҳое чоп шуда истодаанд, ки муаллифони онҳо вазъияти адабиётро бо назарии серталабӣ баррасӣ намуда, дар бораи масъалаҳои муҳимми ҳаёт ва санъат андешаҳои ҷолиб баён мекунанд. Вале бисьёр мунаққидони тоҷик ҳанӯз чунин навназарии ҷиддиятомез зоҳир накардаанд. Фаъолиятафзоии танқидни ҷасурона дар адабиёти тоҷикӣ ҳамагонӣ нест. Бисьёре аз мунаққидони мо ҳоло ҳам нофаъоланд ва корашонро дигар накардаанд. Ва ҳол он ки шароити нави ҷамъият, дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавию маданӣ, ки дар мамлакат рӯй дода истодааст, аз му-

наққидон ҳам дигарсозии кори худ ва суръатафзои хоҳон аст. Мо дар ин роҳ аз мунаққидоне монанди Худой Шарифов, Абдураҳмон Абдуманнонов, Аҳмад Абдуллоев, Абдухолиқ Набиев, Маъруф Раҷабов, Азим Аминов ва дигарон бештар умедворӣ дорем.

Дар маърӯзаи Пленуми январи /с. 1987/-и КМ КПСС гуфта шудааст: «Идеология ва психологияи касодӣ ба ҳолати соҳаи маданият, адабиёт ва санъат низ таъсир расонд. Меъёрҳои баҳои эҷодиёти бадеӣ паст шуд». Ин аст, ки вазъият баланд кардани меъёри санҷиш, ба кор гирифтани меъёрҳои бадеияти ҳақиқиро тақозо дорад. Чун вазъияти ҳозираи адабиёти тоҷикиро аз назар мегузаронем, ба таъкид бояд гӯшрас кунем, ки меъёри бадеият хусусан дар шеър паст рафтааст. Онро чӣ шоирон ва чӣ мунаққидон паст гирифтаанд. Пас, барои мунаққидони шеър масъулияти махсус пеш меояд. Зарур аст, ки биниши сахтгирона дар танқиди шеър бештар амиқ равад, вазъият умуман ва бо падидаҳои конкреташ муайян гардад, ҳарчӣ фикру ҳисси шоиронаро аз парвози баланд бозмедорад, як-як нишон дода шавад. Вақти он аст, ки танқид барои тараққиёти нави шеъри тоҷикӣ роҳ тоза кунад.

Ин вазифаро бо нақли мазмун иҷро кардан имконпазир нахоҳад буд. Нақли маҳз, бозгӯи оддии мундариҷаи асари бадеӣ аз камбудиҳои ҷиддии танқиди тоҷикист, ки солҳои сол аз он халос шуда наметавонем. Баъзе рафиқон дар мақолаи танқидӣ ҳатто мазмуни шеъри лирикиро баён кардан мехоҳанд ва ҳол он ки аксарияти кулли шеъри лирикӣ сужет надорад ва мазмуни он қобили нақл нест. Нақли мундариҷа хусусан дар танқиди наср ва достон бисьёр аст. Мақолаву китобҳои танқидии басьёре навишта шудаанд, ки пас аз хондани онҳо ба хондани худи асарҳои бадеӣ эҳтиёҷ намемонад, зеро мунаққид сужет ва сарнавишти қаҳрамони онҳоро баён намудааст. Чунин танқидро танқиди натуралистӣ номем, шояд аз ҳақиқат дур наравем. Албатта, дар танқиди наср гоҳ аз ёдоварии баъзе лаҳзаҳои сужети асар гузир нест, вале ин ёдоварӣ бояд як ҷузъи таҳлил ва асоси андешаҳои моҳиятҷӯӣ бошад, хонандаро ба фаҳмидани масъалаҳои асар ва консепсияи бадеии нависанда тайёр кунад. Хонанда на барои фаҳмидани мундариҷаи асарҳои бадеӣ, балки барои беҳтар пай бурдан ба моҳияти ғоявию эстетикии онҳо, барои ҷавоб ҷустан ба саволҳое, ки ҳангоми хондани

асарҳои бадеӣ ба миён омада буданд, ба навиштаҳои мунаққидон рӯ меорад. Мақолаи мунаққид монанди худи асари бадеӣ ба саволҳову дархостҳо ва ҷустуҷӯйҳои маънавиву ахлоқии хонанда ҷавоб мегӯяд ва бояд чунон навишта шавад, ки агар хонанда то шинос шудан бо мақолаи мунаққид як асари бадеии ҷолибе-ро ҳанӯз нахонда бошад, ба кофтуков дарояд, ёбад ва хонад, яъне ҷустуҷӯҳои маънавии худро давом диҳад, амиқтар барад.

Танқид аз муҳимтарин омилҳои амиқбурди бозҷустҳои маънавиву ахлоқии шахс ва ҷамъият аст, ки фикрҳоро ба ҷунбиш меорад ва ба самтҳои нав равона месозад. Чунин қувваи азими танқид хусусан дар давраҳои муҳимми инкишофи ҷамъият, дар овони гардиши таърихӣ ва дигаргуниҳои куллӣ аҳамияти махсус дорад. Аз ҳамин сабаб, дар айёми мо, дар даврони навсозиву дигарсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ масъалаҳои танқиди адабию бадеии марксистӣ-ленинӣ дар маркази диққат қарор ёфт. Танқид дар ин шароит барои решакан шудани «идеологияву психологияи касодӣ» бояд баробари адабиёту санъат роль бозад ба амиқрафту суръатафзоии фикри ҷӯяндаи санъаткорон, ба нав шудани тафаккури иҷтимоиву маънавии ҷамъият ёрмандӣ кунад.

Ҳоло на танҳо афзоиши фаъолиятмандии иҷтимову граждании танқид, балки беш аз пеш вусъат додани навназарӣ, мувофиқи талаботу вазифаҳои тозаи ҷамъият мавриди баррасӣ қарор додани рӯйдодҳои адабӣ ва корбаст овардани меъёрҳои олии бадеият зиёда зарур аст.

1987



# V. ОДАМИЯТ ВА МАЪНАВИЯТ

## ҲИКМАТИ АСРҲО

Пеш аз инқилоб дар мактаби кӯҳнаи тоҷикӣ «Гулистон»-и Саъдӣ, девони Ҳофиз ва мухтасари девони Бедил аз ҷумлаи китобҳои дарсӣ буданд. Дар охирҳои таълим девони Навоиву Фузулӣ ҳам ба қатори китобҳои дарс медаромад. Инро ҳам бояд таъкид кунем, ки на ин ки девони форсиву тоҷикии Навоиву Фузулӣ, балки маҳз девони ӯзбекиву озарии онҳо китоби дарс интихоб шуда буданд.

Талабагон ба воситаи ин шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон, ба воситаи намунаҳои оличанобӣ лирикаи фалсафӣ ва жанри дидактикии ахлоқомӯзӣ, ки дар Шарқ хеле инкишоф ёфта буд, ба дороиҳои баланди инсонӣ ва таҷрибаи маънавии замонҳову халқҳои гуногун ошно мешуданд. Усули таълими мактаби кӯҳна аз бисьёр ҷиҳатҳо схоластикӣ буд: кӯдаконро маҷбур мекарданд, ки он девонҳоро пурра ё қисман аз ёд кунанд. Вале ин схоластика баъзе бартариҳо ҳам доштааст: одам аз кӯдакӣ асарҳои бузургони сухани бадеъро аз бар карда ва ба як умр дар ёд нигоҳ дошта, ҳама умр кам-кам ба моҳияти он пай мебурд, бо афзоиши таҷрибаи ҳаёти худ мазмуни фалсафӣ ва арзиши эстетикии онро амиктар мефаҳмид. Инсон аз аввал, аз кӯдакӣ имконе пайдо мекард, ки ҳофизаи худро бо суръат инкишоф диҳад, онро аз дороиҳои нав ба нави маънавию эстетикӣ ғаномандӣ афзояд. Ин холат, бегумон, барои дарки

зиндагии худ ва атрофиён, барои тарбияи худ ва инкишофи доимӣ замина тайёр менамуд.

Албатта, на ҳар кас метавонист, ки ин имконниятро ба кор андозад ва афзун созад. Ғайр аз ин, худи он таълими миёнаву олӣ, мактабу мадраса ҳам ба донишҷӯён бисьёр чизҳо дода наметавонист ва норасоиҳои ҷиддӣ дошт, ки ба ин сабаб, дар асри XIX аз тарафи Аҳмади Дониш, дар оғози садаи XX аз ҷониби пайравони ӯ, хусусан дар замони мо ба танқиди сахт дучор шуд.

Вале имрӯз, ки ҳофизаи таърихии мо тезиву шиддат меёбад ва дарки таҷрибаи таърихии халқҳо аҳамияти калон пайдо мекунад, ба фаҳми камина, ин чиз бисьёр муҳим аст, ки таълими кӯҳнаи пеш аз инқилоб, ба ҳар ҳол, ба устувор кардани пояҳои маънавии ҳастии инсон, устувор кардани парастиши сухан, ҳикматпарварӣ ва ақлу хирад равона шуда буд. Ин маънавият ба фарогирии натиҷаҳои ҷустуҷӯи фалсафиву ахлоқии барҷастатарин намояндагони бисьёр наслҳои гузашта ва халқҳои гуногун такья дошт.

Инро хулосаи якум аз таҷрибаи таълими кӯҳна метавон донист. Хулосаи дуввум бояд ин бошад, ки маънавият дониши аълои забони модарӣ, чунин дониши онро, ки ба олитарин падидаҳои тараққии забон — ба навиштаҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Аттор ва монанди инҳо асос ёфтааст, дар назар дошт. Хулосаи сеюм ин метавонад буд, ки чандзабонӣ — донистани забони арабӣ, ӯзбекӣ ва озарӣ аз муҳимтарин шартҳои маънавият дониста шуда буд ва ин ҷандзабонӣ ҳам дар асосӣ барҷастатарин осори адабиёти бадей — асарҳои Навоӣ, Фузулӣ ва дигарон ба даст меомад.

Ба ин тарз, дар гузашта зарур буд, ки маънавият, донистани забони модарӣ ва адабиёти худ, чандзабонӣ ва фарогирии адабиёти дигар халқҳо, яъне дарки андӯхтаҳои таърихии иҷтимоиву ахлоқии башарият ба структураи шахсияти инсон аз аввал, бо шири модар дохил шавад ва ҳама умр давом ёбад. Ин ният чандин қарн амалӣ шуда, шак нест, ки натиҷаҳои ҷиддӣ медод.

Чанд гоҳ пеш аз ин мо имкон доштем, ки бо касоне, ки дар вақташ маълумоти кӯҳна гирифтаанд ё қисман аз он баҳра бардоштаанд, ҳамсӯҳбат шавем. Дар ин сӯҳбатҳо аксаран маро ҳамин чиз ба ҳайрат меовард, ки сухани онҳо зебову рангин буд, нисбат ба шеър

ва каломи шоирона меҳри махсус доштанд, ҳар лаҳза байте аз классикон мегуфтанд, сухани ҳикматомез ва мақолу зарбулмасалҳои аҷибе, ки аз онҳо мешунидам, маънои гапи оддӣ ва ё рӯйдодҳои муқаррарии зиндагиро амиқан ва ғайри чашмдошт равшан мекард. Аксари онҳо аз саросемагӣ бегона буданд, ба зиндагӣ муносибати ҷиддӣ доштанд, ба андешапарварӣ ва ҷамъбасту хулоса майле зоҳир менамуданд. Баъзеи онҳо, ки таҷрибаи рӯзгор андӯхтаанд, таҷассуми хирадмандии Шарқ буданд.

Оре, мо ҳамсолону қарибсолон, ки бахши огоҳонаи зиндагиамон солҳои панҷоҳу шаст фаро расид, ба мардумоне, ки тафаккур ва маданияти эстетикии кӯҳна доштанд, бо ҳайрату тааҷҷуб менигаристем. Онҳо чи ба эътибори мазмуни маънавияти худ ва чи аз ҷиҳати шаклҳои зоҳир шудани он дар ҷамъияти мо як андоза бегона, кӯҳнамаром, номафҳум ва асроромез менамуданд. Замони мо аз ҷиҳати шароити иҷтимоиву таърихии ташаккули шахс, ба эътибори тамоюли асосии таълиму тарбия тамоман дигар буд ва моро ба роҳи тозае, ба сӯи оянда равона мекард, донишҳои нави замонӣ, илму техникаи ҳозира, ба тарзи худ сохтану дигар кардани дунъё моро ба худ мекашид. Аммо он мардуми кӯҳна бештар бо гузашта пайванд доштанд, ба ҳама чиз бо назардошти замонҳои сипаришуда ва меъёрҳои устувори пештара нигоҳ мекарданд ва ин ҳолат гоҳ имкон намедод, ки навиро дуруст фаҳм кунанд. Мутаассифона, мо натавонистем, ки имконоти интеллектуалии ҳамаи онҳоро пурра истифода намоем, ақлу хирад ва равшанбинии онҳоро ба сӯи замони нави ҳозира ва оянда гардонем.

Сохтмони дунъёи нав душвориҳо, мураккабиҳо ва зиддияту ихтилофҳое дошт, ки бисъёре аз онҳоро то ҳол нодида мегирифтем ва фақат ҳоло ба андеша овардаем. Ва ҳол он ки барои тоза кардани роҳи сӯи оянда ҳамаи онҳоро бояд донем, моҳият ва сабабҳои пайдоиши онҳоро муайян намоем.

Ҳоло ҳар чӣ бештар бовар ҳосил мешавад, ки талафоти асосии инсон дар замони тӯфонии мо ҳамоно хеле суст шудани пояҳои маънавии ҳастии ӯст. Аз ҳамин ҷост, ки тасаввуроти рӯякиву нодурусте дар бораи ин, ки мақсад аз ҳаёти инсон чист, пайдо шуданд, баъзе мафҳумҳои асосии ҳастӣ аз қабили одамият, адлу инсоф, некӣ, раҳмдиливу меҳрубонӣ хеле арзиш гум кар-

данд. Ин мафҳумҳо қадамҳои амалии мардумро ҳар чӣ камтар муайян намуда, ба андеша гирифтани вазифаи инсон дар зиндагӣ кам шуд. Гоҳ чунон ба дид меояд, ки гӯё ҳама сиришти инсон дигар шудааст ва одамизод хислатҳои аслии худро аз даст додааст.

Инсон аз қадим ҳастии худро бе меҳнату кор тасаввур карда наметавонист. Маълум аст, ки меҳнат инсонро инсон кард, сифатҳои инсонии ӯро ба вуҷуд овард, асоси ҳастии ҷисмониву маънавии ӯст. Вале дар замони касодиву карахтӣ шоҳиди чунин ҳодисаҳои ҳайратангез гаштем, ки хоҳиши кор, хоҳиши меҳнат кардан дар дили мардум то рафт кам мешуд, намехостанд, ки бо меҳнати ҳалол ва поквиҷдонона мавҷудияти худ ва ҷамъиятро устувор доранд. Мардумоне пайдо шуданд, ки кадом вақт хоҳанд, ба кор меомаданд, кадом вақт хоҳанд, аз кор мерафтанд, вазифаашонро бо дили ноҳоҳам, ба нуги даст иҷро мекарданд. Ягон навъи ташвиқу таблиғ, ягон чорабинии тарбиявӣ дар дили онҳо меҳри корро ба ҷунбиш оварда наметавонист. Аз хоҳиши кору меҳнат маҳрум шудани инсон чӣ маънӣ дорад? Бегумон, ин ҳолат чунин маънӣ дорад, ки инсон аз моҳияти инсонии худ маҳрум гардидааст, он асосеро, ки дар дили ӯ сифатҳои одамиро пайдор медорад, аз даст додааст. Яъне мо ба сӯи фоҷиаи мавҷудияти одамизод, ба сӯи фоҷиаи маънавии моҳиятсӯзе рафта истода будем. Ин ҳама дар натиҷаи он рӯй дод, ки одамизод аз замин, аз ҳар чизе, ки асоси меҳнат буд, ҷудо шуд, ба самараи меҳнати фидокорона манфиатмандии ӯ намонд, дид, ки меҳнат маънои аслии худро дигар соҳиб нест.

Ҳоло ҷамъияти мо омилҳоеро, ки ба амиқрафти бемаънавиятӣ сабаб мешуданд, қадам ба қадам ошкор карда, бодиққат омӯхта истодааст, то ки ҳангоми бозсозии инқилобӣ он омилҳоро решакан кунад, барои софкории маънавияту ахлоқ шароити зарурӣ ба вуҷуд орад. Мо он омилҳоро бояд донем, моҳияти онҳоро амиқан фаҳмем, то ки илоҷи воқиаро беҳтар ёбем.

Ин омилҳо бисьёр буданд. Баъзеи онҳо хусусан дар баъзе минтақаҳои мамлакат бештар зиён оварданд.

В.И. Ленин аз нахустин солҳои инқилоб ба пролеткульт зарбаи сахт дод. Вале нигилизми таърихӣ басо ҷонсахт омад. Худро ба гузашта муқобил гузоштан, ҳама падидаҳои онҳоро қабул надоштан, нисбат ба тасавуроту эътиқодот ва анъанаҳое, ки асрҳо боз такомул меёфтанд, бадгумонӣ зоҳир намудан, фаромӯш карда-

ни аҳамияти бузурги таҷрибаи таърихии маънавӣ ва арзишҳои ҷовиди умумиинсонӣ хусусан дар республикаҳои Осиёи Миёна чуқур реша давонд. Баъдтар гузашта бо агару магар ва қайду шартҳои бисьёре қисман эътироф шуда бошад ҳам, вазъият моҳиятан дигар нашуд. Инкори гузашта, чунин муносибате ба таърих, ки ба ҳама ҳодисаҳо, пеш аз ҳама, чун ба чизи манфие, зарарноке ва ғайри қобили қабуле нигоҳ мекунанд, боис шуд, ки мо дар бисьёр соҳаҳои ҳаёт аз таҷрибаи наслҳои гузашта тамоман даст кашидем, чунин самтнамоҳои маънавию ахлоқии устувореро, ки чандин бор аз санҷиши замон гузаштаанд, гум кардем.

Китоби дастнавис дар Шарқ хеле маҳбубият дошт, боиси инкишофи санъати олии хушнависӣ ва оройиши бадеӣ гардида буд, дар давоми чанд сад сол бағоят интишор ёфта, даст ба даст ва хона ба хона рафта, шояд на дар ҳама ҷо, лекин хусусан дар шаҳрҳои калон, дар марказҳои қадимии маданият ба дараҷаи қобили мулоҳиза ба ҳаёти рӯзмарра, ба маишат дохил шуда буд. Тасодуфи нест, ки, масалан, тафаккури китобии халқи тоҷик тараққи карда буд, парастиши сухани навишта, ки ҳикмати асрҳоро фаро гирифтааст, таҷрибаи маънавии чандин наслро ҷамъбаст намудааст ва роҳи шахсро дар ҳаёт равшан карда метавонад, ривоҷ ёфта буд. Ва ҳамин китоб, ки муқаддас ба шумор мерафт, якбора чизи зарарноке қаламдод шуд, чун сӯзишворӣ истифода гардид, онро ба дарьёву наҳрҳо партофтанд, ба деворҳо лой карданд, дар қабристонҳо гӯр карданд. Солҳои сӣ ба таври умумӣ нобуд шудани китобҳои дастхату чопи сангӣ маънавияти инсонро хароб кард. Фақат як қисми китобҳо аз нобудӣ наҷот дода ва дар ганҷинаҳои Бухорову Самарқанд ва Тошканду Душанбе гирдоварӣ шуданд.

Хароб шудани осори меъморӣ низ боиси харобкорӣ дар маънавият гардид. Аз Бухорои солҳои кӯдакии ман ҳоло ниме боқӣ намондааст. Самарқанд ва ноҳияҳои дигар ҳам хеле талаф доданд. Маблағу қувваи бисьёре сарф намуда, бо ҳар баҳона мадрасаҳо, масҷидҳо, тимҳо, мазорҳо, ҳаммомҳо, корвонсаройҳо ва ғайраро нест кардем. Ва ҳол он ки аксари онҳо асари санъат ва ҳамаи онҳо якҷоя таърихи мо буданд. Самарқанду Бухоро аз садаи X то замони мо ба илм ва адабиёту санъати форсу тоҷик бисьёр намояндагони барҷастае додаанд, вале ҳоло оромгоҳи аксари онҳоро ҷустан суд на-

дорад. Ҳатто қабри Аҳмади Дониш, ки соли 1897 аз дунъё чашм пӯшид ва аҳамияти прогрессивии эҷодиёти ӯ ҳеҷ гоҳ шубҳае ба миён наоварда буд, имрӯз мавҷуд нест.

Чунин муборизаи зидди дин, ки аз асоси илмӣ маҳрум ва аз сабаби нодуруст фаҳмида шудани моҳияташ нодуруст ташкил шуда буд, таърих, маданият ва маънавиятро дар назари мардум беарзиш кард. Азбаски маънавиятро танҳо як мафҳуми динӣ медонистем, аҳамияти муҳимтарин дороиҳое, ки асосҳои ҳастии инсонро ба тарзи анъана устувор медоштанд, ба ҳеҷ расид. Ҳақ ба ҷониби Расул Ҳамзатов аст, ки гуфта буд: «Он гоҳ ки масҷидҳоро вайрон мекардем, ҳам таърих, ҳам меъморӣ, ҳам маданияти халқро ба харобӣ медодам: /«Огонёк», 1987, №41, саҳ. 6./.

Набояд гумон кард, ки хароб намудани гузашта ва решакани он ҳоло паси сар шудааст. Навъҳои гуногуни он имрӯз ҳам давом дорад. Ҳар сол дар бисьёр ноҳияҳои Осиёи Миёна як қисми он қабатҳои замин, ки аз назари археологҳо арзише дорад, аз даст меравад ва ин ҳам аз бемаънавиятии одамон — заминкушоён, роҳбарони колхозҳову совхозҳо, ташкилотҳои бинокорӣ ва ғайра рӯй медиҳад.

Ба ин маънӣ ҳам, профессорон Г. Герасименко, О. Обичкин ва Б. Попов ҳақ доштанд, ки дар «Правда» /15 февр. 1988/ аз «вакууми маънавӣ, ки дар шуури таърихии халқ ба вуҷуд омадааст», сухан ронанд.

Нигилизми таърихӣ, аз ҷумла нигилизми миллӣ, ба зиндагии мукаррарии ҷорӣ назари вусъатноки маънавӣ андохта натавонистан, масъалаҳои онро ҳамбаста ба қонунҳои умумии ҳастӣ дарк накардан аз мактаб оғоз меёбад. Мактаб аз тайёр кардани инсон барои ҳаёти ҳақиқии маънавӣ дур аст. Соли 1987 анҷумани навбатии муаллимони Тоҷикистон баргузор гардид. Бо материалҳои он, ки дар рӯзномаҳо бисьёр чоп шуданд, шинос шавем, мебинем, ки чи дар маърӯзаи асосӣ, чӣ дар баромадҳо дар бораи мазмуни таълиму тарбия чизи муҳимме гуфта нашудаст ва калимаи «маънавият» боре ба чашм намехӯрад. Ин калимаро аз дарс аз шӯрои педагогҳо, аз Вазорати маориф ҳам намешунавем. Метавон гуфт, ки ин калима дар Тоҷикистон ба остонаи мактаб қадам нагузоштааст.

Мутахассисон муайян кардаанд, ки ба боди фаромӯшӣ рафтани маънавият дар мактаби мо аз соли 1928

сар шуда буд: он гоҳ барномаи инкишофи умумии ҷавонон, ки А. Луначарский пеш ниҳода буд рад шуд. Аз ҳамон вақт мактаб аз маънавият ҳар чӣ дуртар меравад. Боре директори як мактаби Москва дар рӯзномаи «Известия» /27 янв. 1988/ шикоят карда буд, ки тақсими соатҳо дар мактаб таносуб надорад: барои навъҳои гуногуни меҳнат 1.024 соат ҷудо кардаанд, 958 соат ба силсилаи илмҳои физикаву математика ва 947 соат ба ҳамаи илмҳои дигар дода шудааст. Яъне, зиёда аз сеяки соатҳо барои меҳнат аст ва ҳол он ки бунгоҳи моддӣ дар мактабҳо ночиз буда, масалан, чунонки дар Пленуми IX-и КМ ПК Тоҷикистон /марти 1988/ қайд шуд, то соли 1988 дар республикаи мо 72 фоизи мактабҳои миёнаву ҳаштсола устохона надоштанд, яъне соатҳои дарси меҳнат қамсамар ё бесамар сарф мешуданд. Ба илмҳои дақиқ низ вақт аз ҳад зиёд расидааст. Албатта, чунин тақсими соатҳо маҳсули давроии инқилоби илмиву техникист, ки донишу ихтисосро шиори худ медонад.

Лекин ҳатто ҳамон вақтҳо ки ин тақсими соатҳо тасдиқ шуда буд, дар ҳар қадам бовар ҳосил мекардем, ки фақат донишу малакаи меҳнатӣ ба сари худ инсонро инсон карда наметавонад, барои одамизод, пеш аз ҳама, маънавият даркор аст.

Тоҷикон, ки дар умри дарози худ одаму ноодам ва олиму ноолимро бисьёр дидаанд, аҷаб зарбулмасали ҳаққонӣ баровардаанд: «Олим шудан чӣ осон, одам шудан чӣ душвор!» Ин ҳикмат ҷойгоҳи маънавиятро дар ҳастии инсон таъкид мекунад. Аммо системаи маориф ва таълиму тарбияи имрӯза ба фаҳмиши хилофи ин зарбулмасал асос ёфтааст. Буньёди он бар чунин фаҳмиш аст, ки чун одамизод ба дуньё омад, зотан инсон аст ва акнун аз ӯ мутахассисе, кордоне, ватандӯсте, интернационалисте ва ғайра сохтан даркор аст. Мо бинои ҳастии инсонро бе таҳкурсӣ сохтан мехоҳем.

Сифати асосӣ дар ҳастии одамӣ одамият аст. Ва ҳол он ки одамият бидуни рӯҳу дил, бидуни маънавият тасаввур намешавад. Қомилан ба зуҳур овардани моҳияти инсонии инсон, фаъол кардани моҳияти аслии ӯ бояд мақсади асосии таълиму тарбия, коллективи меҳнатӣ, кори идеологӣ, ҳар як чорабинӣ, тамоми ҷамъият бошад. Одамӣ, пеш аз ҳама, бояд одам бошад, баъд мутахассисе — олим, табиб, инженер, юрист, геолог ва ғайра, на баръакс. Танҳо дар ҳамин сурат одам мета-

вонад мутахассис, ватандӯст ва интернационалисти ҳақиқӣ шавад. Дар акси ҳол, ихтисос, дониши фаровон, назари пурвусъат, кордӯстиву маҳорат ва дигарҳо, инчунин ватандӯстиву интернационализм ва ғайра мумкин аст, ки аз маънои аслии худ, аз асоси гуманистӣ маҳрум монанд. Маъмурони бюрократ, судьяҳои беинсоф, технократҳое, ки илму техникаро нағз медонанд, вале ба зарари халқу мамлакат ба кор меоранд (дарьёҳоро гардондан, дар Зиддӣ обанбор сохтан мехоҳанд), ҳама ба ҳамон дарди бемаънавиятӣ гирифторанд. Он шиорҳо, ки дар рӯзномаҳо зуд-зуд ба чашм мерасанд: «Ташаббускорон тарбия намоем!», «Ватандӯстони ҳақиқӣ тарбия мекунем!», «Интернационалистҳо ба воя мерасонем!» ва монанди инҳо он гоҳ дуруст фаҳмида ва амалӣ хоҳанд шуд, ки як ҷузъи шиори асосии ҷомеъе қарор гирад ва он шиор ин бошад: «Инсони ҳақиқии асил тарбия бояд кард!» Ҳама сифатҳои инсон бояд аз одамият сар занад.

Ҳам мутахассис шудан ва ҳам одам шудан моҳиятан як умр давом мекунад. Вале ба ҳар ҳол чунон ки аз ҳикмати боло дидем, барои одам шудан бештар ҷаҳду ҷадал лозим аст, ҳам худи инсон, ҳам атрофиёни ӯ, ҷамъият бояд хеле қувваю кӯшиш ба харҷ диҳанд. Ба ин маънӣ, на танҳо ҳар кас худ ҷавобгар аст ва бояд масъулиятшинос бошад, балки тамоми ҷомеа, ҳама муҳити иҷтимоӣ бояд то ҳадди имкон шароит ҳозир намояд, ки одам одам шавад. Ин аз ҷумла вазифаи мактаб, чи мактаби миёна ё касбомӯзӣ ва чи мактаби олист.

Он талаботи рӯзафзун он умеде, ки аз мактаб, аз бозсозии он дорем, моҳиятан маҳз аз ҳамин мақсад сар мезанад. Ҳоло аҳли ҷомеа беш аз пеш зарурате эҳсос мекунанд, ки дар процесси таълим чунин илмҳое, ки ба инсон барои шинохти моҳияти инсонии худ ёрмандӣ карда метавонанд, ҷойгоҳе босазо дошта бошанд, чунин илмҳо дар мактаб бештар таълим дода шаванд, ки ташаккули шахсияти одамро ба ҷараёни зарурӣ дохил намуда, худшиносии маънавию ахлоқӣ, иҷтимоиву таърихӣ ва миллии ӯро суръате мебахшанд, дили ӯро наҷобате ато мекунанд, ҳиссиёт, тахайюл, мабдаъҳои эҷодкории ӯро инкишоф медиҳанд, маданияти ботинии ӯро таъмин менамоянд. Чунин илмҳо чӣ дар мактаби миёнаву олӣ, чӣ дар таълими умумиву махсус ва техникиву касбӣ бояд баробар мавқеъ ишғол намоянд. Тамоми таълим аз нахустин қадамҳо мунтазаман буньёди

инсониро дар вуҷуди инсон бояд устуворӣ бахшад, тасаввуроти оид ба вазифаи одамӣ ва мақсади ҳаёти ӯро то рафт амиқ барад, барои маданияти маънавӣ зерпояи мутаҳкаме ба вуҷуд орад.

Аз ин рӯ, ҳоло бисьёр мутахассисон бар инанд, ки фикри гуманитарӣ кардани маориф ва таълиму тарбия пурсамар аст. Амалӣ шудани ин фикр дар баъзе ҷойҳо,— чӣ дар мамлакати мо, чӣ дар хориҷ натиҷаҳои муҳим дода истодааст. Месазад, ки онро ҳамаҷониба ба муҳокима гирем. Гуманитарикунонии амиқрави таълим дар даврони навсозӣ ва демократӣ кардани ҷамъият, ҳангоми устувор намудани пояҳои гуманистии он як ҳодисаи табиӣ хоҳад буд. Яке аз мақсадҳои бозсозӣ софкории ахлоқ, солим гардонидан ва гуманистӣ кардани ҷамъият аст. Бозсозӣ бо соҳаи иқтисод, планкашӣ, идора, хоҷагидорӣ бояд маҳдуд нашавад, балки амиқан ба маънавият такья орад. Зеро он навсозӣ беҳсозии ҳақиқӣ хоҳад буд, ки пояҳои устувори маънавию ахлоқиро соҳиб аст.

Адабиёт, таърих, забони модарӣ, асосҳои санъати мусиқӣ, рассомӣ, меъморӣ ва театру кино бештар имкон доранд, ки мабдаъҳои маънавию инсонӣ, тахайюл ва эҷодро тараққӣ диҳанд. Инҳо бояд унсури асосии структура ва мазмуни таълим дар мактаби маълумоти умумӣ ва касбҳои техникӣ, дар мактаби олӣ бошанд ва баробари илмҳои ихтисосӣ мавқеъ ишғол намоянд. Дар ҳеҷ соҳаи таълим барои онҳо бояд мавқеи дуввумдараҷа, фақат мавқеи ёварӣ таъин накунем. Маънавияту ахлоқ, инкишофи ҳамаҷонибаву гармоники шахс дар ягон соҳаи зиндагӣ, дар ягон пояи ташаккули инсон наметавонад аҳамияти дуввум пайдо кунад. Вай ҳама ҷо ва ҳамеша чизи асосист. Маҳз як барномаи пурвусъати инкишофи манъавию эстетикӣ лозим аст, ки ҳамаҷониба санҷида шуда бошад, ҳамаро дар бар гирад ва ҳамеша такмил пазирад.

Аммо мазмуни барномаи умумии гуманитарӣ ва шаклҳои иҷрои он аз рӯи ихтисоси талабагону студентон, синну сол, майлу рағбат ва қобилияти онҳо бояд ҳар дафъа ба тарзи дигаре таъин гардад.

Ин барнома инчунин дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои педагогӣ — муаллимони забони модарӣ, адабиёт ва санъат барои мактаби миёна ва мактабҳои олии гуманитарию ғайригуманитарӣ, омӯзишгоҳҳои касби техникӣ чорабиниҳои конкрете дар бар гирад.

Ҳоло зарурати афзудани роли адабиёту санъат дар таълим, зарурати баланд кардани савияи маданияти умумӣ ва тарбияи инсони дорои маълумоти ҳамаҷониба ҳар чӣ бештар эҳсос мешавад. Мақсади барномаи А. Луначарский низ ҳамин буд. Барномаи А. Луначарский солҳои дар ҳаёт будани В.И. Ленин амал мекард, ба он фикри В. И. Ленин, ки мегуфт: «донистани маданияте, ки ҳама инкишофи башарият ба вуҷуд овардааст», зарур аст, такья мекард. Имрӯз аз зарурати ҳатмии чунин як барномаи умумӣ ки мувофиқи замони мо бошад, олимон, методистон, ходимони адабиёту санъат, ҳатто иқтисодшиносон сухан меронанд. Хусусан он муҳокимаи масъаларо, ки дар ҷамъомади Клуби корин рӯзномаи «Советская культура» /7 янв. 1988/ сурат гирифт, инчунин мақолаи Михаил Антонов «Пас чӣ ходисае ба сари мо омадааст?»-ро /«Так что же с нами происходит?», «Октябрь», 1987, № 8/ қайд кардан лозим аст. Мубоҳисаҳои солҳои охир имкон доданд, ки бисьёр паҳлуҳои масъала чунончи масъалаи ҷойгоҳи адабиёту санъат, забони модари ва таърих дар мактаб равшан шуд дар бораи ба куллӣ дигар кардани мазмуну усули таълими забони модарӣ ва адабиёт дар мактаби русии маълумоти умумӣ таклифҳои конкрет пешниҳод гардидаанд. Ин таклифҳо барои ҳалли масъала дар мактаби миллӣ низ ёрмандӣ хоҳанд кард.

Лекин масъалаҳои гуманитарӣ кардани факультетҳои ғайрифилологӣ, мактаби олии техникӣ, кишоварзӣ, тиббӣ, политехникӣ ва ғайра, системаи маълумоти касбҳои техникӣ, яъне душвортарину мураккабтарин қисми масъала ҳанӯз мавриди гуфтугузори ҷиддӣ ва конкрет қарор наёфтаанд.

Дуруст аст, ки баъзе мактабҳои олӣ аз паи ҷустани роҳҳои ҳалли амалии масъала қадамхое бардоштаанд. Чунончи, дар Омӯзишгоҳи олии техникии ба номи Н.Э. Баумани Москва кафедраи социология ва маълумоти гуманитарӣ кушода шудааст. Он ҷо қарор додаанд, ки барои барномаи гуманитарӣ илова бар дарсҳои ихтисосӣ ҳафтае ду соат вақт диҳанд, аз ҷумла аз адабиёти хориҷӣ /шояд фақат адабиёти Аврупои Ғарбӣ дар назар бошад/ шаш соат лекция хонда шавад. Дар Тоҷикистон барои гурӯҳҳои тоҷикии факультетҳои ғайрифилологӣ 10 соат дарси забони модарӣ ҷорӣ кардаанд.

Мо ақида дорем, ки инро роҳи ҳалли масъала на-

метавон донист. Дар ин соатҳои каме дар бораи забон ва адабиёту санъат тасаввуроти умумие ба вуҷуд овардан инконпазир нест. Аз ин ҷиҳат таҷрибаи Эстонияи бародар ҷолиби диққат аст. Дар мактабҳои Эстония адади соатҳои математикаро кам карда, ба дарси санъат илова намудаанд. Дар натиҷа, чунонки дар матбуот таъкид гардида буд, дониши математика беҳтар шудааст. Ба назари мо, ин таҷриба сазовори омӯзиш ва пайравист.

Ҳақ ба ҷониби он рафиқонест /аз қабили профессор М.Б. Бобохонов, номзади илми таърих А. Мирбобоев ва дигарон/, ки миқдори соатҳои таърихи халқи тоҷикро дар мактабҳои республикаи мо тамоман ғайри қаноатбахш донистаанд. Барои таърихи халқи тоҷик дар мактаби тоҷикии маълумоти умумӣ 39 соат, дар факультетҳои ғайри таърих 36 соат вақт ҷудо шудааст. Бинед, ки барои таърихи панҷҳазорсола, ки рӯйдодҳои пуршӯри он аз ҷиҳати мазмуни иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавию маданӣ басо ибратомӯзанд, ҳамагӣ қариби чил соат вақт додаанд! Ин ҳам аҷиб аст, ки дар китоби дарсии мактаби миёна барои таърихи қадим ва асрҳои миёна ҳамагӣ нимаи ҳаҷмро ҷудо кардаанд. Ё ки дар программаи нави адабиёт барои синфҳои V-VII фақат чоряки соатҳо ба адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ /барои адабиёти ҳазорсола!/ тахсис шудааст.

Аҳволи дарси мусиқӣ аз ин ҳам бадтар аст. Метавон гуфт, ки мусиқӣ дар мактаби маълумоти умумӣ тамоман нест. Хатмкардагони мактаби миёна моҳиятан аз мусиқӣ бесаводанд. Ҳатто дар мактабу омӯзишгоҳҳои мусиқии Тоҷикистон фақат мусиқии русӣ ва аврупоиро меомӯзанд ва аз Шашмақом ё танбӯр ва ё танбӯриёни машҳур Ф. Шаҳобов ва Ш. Соҳибов, аз бисьёр чизҳои дигар хабаре намеёбанд. Инро тамоман ҳолати нораво донистан лозим аст. Асосҳои мусиқӣ, на танҳо таъриху назарияи мусиқии русию аврупоӣ, балки инчунин мусиқии Шарқ — арабӣ, ҳиндӣ, хитоӣ, мусиқии ҳозира, масалан, рок-мусиқӣ, илова бар ин дар Тоҷикистон эстетикаи Шашмақом бояд ҳам дар мактаби маълумоти умумӣ, ҳам дар мактабу омӯзишгоҳҳои махсуси мусиқӣ, ҳам дар мактабҳои олии ихтисоси гуногун мақоми муайян дошта бошад. Албатта, дар ҳар кадоми ин қисматҳои таълим миқдори соат, ҳаҷму мазмуни дониш бояд дигар бошад, вале, ба ҳар ҳол, бояд он қадар соат ҷудо шавад, ки барои фароҳам оварда-

ни таҳкурсии шахсияти дорои инкишофи ҳарҷониба басанда аст.

Ба пиндошти мо, ҳақ на ба ҷониби онҳоест, ки мегӯянд: гап дар миқдори соат ва ҳаҷми материал нест. Дар баъзе мавридҳо, бешубҳа, чунин аст. Вале принципан миқдору ҳаҷм аз муҳимтарин нишонаҳоест, ки ҷойгоҳу аҳамияти илмеро дар структураи умумии таълим муайян мекунад. Миқдори соатҳое, ки барои як илм ё ки як қисми он ҷудо кардаем, ҳаҷми материали программаи таълим, мазмун, хусусияти умумӣ ва методикаи онро таъин менамояд. Инро бояд фаромӯш накунем ва миқдори соатро аз рӯи зарурати ҳатмӣ муайян созем.

Барномаи гуманитарӣ кардани таълим агар қабул шавад, бояд планҳои таълим ва тақсими соатҳоро хеле тағйир диҳад. Ин барнома набояд, ки иловаи андаке ба системаи мавҷуда бошад. Барномаи гуманитарӣ он гоҳ маъние хоҳад дошт, ки чун яке аз принципҳои умдаи тамоми таълим эътироф мегардад, ҳангоми муайян кардани концепцияи илмии мактаби миёнаву олӣ, ҳангоми таъин намудани ҳаҷми асосии дониши талабагону донишҷӯён роли ҳалкунанда мебозад.

Муваффақияти амалӣ кардани барномаи гуманитарӣ он гоҳ муяссар хоҳад шуд, ки аз маълумотдиҳӣ ва шарҳу эзоҳи маҳз, аз фаҳмиши социологии вулгари адабиёту санъат, аз қориёна ёд кардани қоидаҳои грамматикаву имло қатъиян даст кашем. Ин барнома вазифае ба ӯҳда мегирад, ки фаҳми санъат ва ҳама ҳусну наҷобати онро ёд диҳад, маданияти тафаккуру тахайюл ва мабдаи эҷодиро тараққӣ кунонад, барои аз худ кардани системаи забони модарӣ ва маданияти сухан замина фароҳам орад, ба сӯи арзишҳои ҷовиди умумибашарии маънавию ахлоқӣ роҳ кушояд. Бидуни инҳо соҳибмаълумотии замонӣ ва фаъолияти амалии пурсамари инсонро ба тасаввур овардан мумкин нест.

Роҳи бемаънавиятии инсон, аз ҳама пеш, роҳи таълимии бемаънавиятро бастан муҳимтарини вазифаҳои айёми мост. Вақти он расидааст, ки маҷмӯи масъалаҳои ҷиддиеро, ки ба ин вазифаи замон /вазифаи муҳимми тамоми ҷаҳон, на фақат мамлакати мо/ дахл доранд, васеъ ва ҳамаҷониба орем, концепцияи умумии комилан илмие ба вуҷуд оварда ва барои амалӣ гардидани он заминаи устуворе ҳозир намоем.

1988

## ДАРСИ АДАБИЁТ ОДАМИЯТ МЕОМӮЗАД

I

Ба муносибати суръат гирифтани муҳокимаи Лоиҳаи ҚМ КПСС «Роҳҳои асосии навсозии маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси мамлакат» масъалаҳои таълими адабиёти тоҷик дар мактаби миёна ва факултети филологияи мактаби олӣ, масъалаҳои усули таълими он низ баррасӣ шуд. Кормандони маорифу маданият дар ин бора фикру таклифҳои худро дар саҳифаҳои матбуот баён карданд ва аксари ин мулоҳизаҳо хеле ҷолиб буда, сазовори омӯзиши махсусанд.

Пеш аз ин дар саҳифаҳои «Литературная газета» дар бораи программаи адабиёти мактаби миёна мубоҳисаи аҷибе ба миён омад. Ҳамаи олимону нависандагоне, ки дар ин баҳс иштирок намуданд, аз программаи адабиёт норозигӣ изҳор карданд, ҳаҷми программа ва материали он, шарҳу эзоҳи эҷодиёти нависандагон ва асарҳои бадеӣ, талаботеро, ки программа дар назди дарс ва муаллим мегузорад, аз бисьёр ҷиҳатҳо ғайри қаноатбахш донистанд. Аз ин муҳокима маълум шуд, ки дар шароите ки масъалаи маънавияту ахлоқ дар ҷамъият ҳар чӣ бештар аҳамият пайдо кардааст, аҳли илму адаб ба дарси адабиёт зиёдтар диққат карданро талаб менамоянд.

Албатта, дар мактаби маълумоти умумӣ асосҳои ҳамаи илмҳои замонро аз худ кардани талабагон зарур аст. Лекин набояд фаромӯш кунем, ки дарси физикаю химия, ҷуғрофия, ҷабр ва мӯҳанди инҳо асосан дониш медиҳад, аммо барои ташаккули симои маънавию ахлоқии донишҷӯён маҳз дарси адабиёту санъат роли асосӣ мебозад. Дарси адабиёт дарси маънавият аст, одамият меомӯзад. Муайян шудани симои инсонии шахс ва умуман ташаккули шахсият, идеали эстетикӣ ва масъулиятшиносии ҷамъиятии вай аз ҳама бештар ба дарси адабиёт вобастагӣ дорад, вобаста ба он аст, ки дарси адабиёт чӣ тарз ташкил шудааст, дили инсоният ва маданияти муаллими адабиёт ба чӣ поя аст. Агар шахсе аз илмҳои бисёре дониши фаровон ба даст орад, вале пояи маънавияту одамияти ӯ суст бошад, ӯро инсони ҳақиқӣ ба шумор овардан мумкин нест. Модомки одам шудан душвортар аз фаро гирифтани илму дониш аст, лозим аст, ки дар тарбияи наврасону ҷавонон ба дарси

адабиёт бештар аз дигар дарсҳо аҳамият диҳем. Бояд дар ёд дорем, ки манъавияту одамият ва ахлоқу одоб дар айёми мо ҳар чӣ бештар аҳамият пайдо карда истодааст.

Инак, андешаҳои нависандаи номдори мо Сергей Залыгин, ки дар газетаи «Правда» (29 сент. 1986) чоп шуда буд: «Башарият ҳамеша мекӯшид ки байни некиву бадӣ ҳудуди халалнопазире гузорад, муайян кунад, ки ҳар кас чӣ касест: дар ин дуньё некукор кисту бадкирдор кист. Лекин на назария, на амалия, на фалсафа, на илоҳиёт, на илми мантиқ, на социология, ҳатто эстетика, ки гӯё махз барои иҷрои ҳамин вазифаи комилан конкрет ба вуҷуд омада буд, ин вазифаро иҷро карда натавонист. Он гоҳ иҷрои он ба зиммаи адабиёт гузошта шуд. Адабиёт ин вазифаро қабул карда, ба гардани на чандон пурзӯри худ гирифт».

Аз ин ҷост, ки ҳангоми ислоҳи мактаби таълими умумӣ ва навсозии мактаби олӣ ба роли адабиёт бояд диққати махсус дода шавад.

Аз ҳамин сабаб буд, ки ҳангоми мубоҳисаи «Литературная газета» хеле кам шудани соати дарсҳои адабиёт боиси эътирози аҳли ҷамоа гардид. Ба хурсандӣ бояд қайд кунем, ки ҳоло дар плани таълими мактаби миёна соати адабиёт зиёдтар шудааст: барои дарси адабиёт дар мактаби русӣ 25 фоиз ва дар мактаби тоҷикӣ 15 фоиз вақт илова кардаанд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро дар мактаби русӣ зиёдтар ва дар мактаби тоҷикӣ камтар илова кардаанд? Магар ба хонандагони тоҷик маънавияту ахлоқ камтар даркор аст?

Сӣ-чил сол боз дар Тоҷикистон одате ҷорист, ки дар мактаби миёна ва олӣ барои ҳар дарси дигаре соат лозим шавад, асосан аз соатҳои забону адабиёти тоҷикӣ мегиранд. Ба фаҳми мо, инро одати нораво бояд шумурд. Адабиёти ҳазорсолаи форсиву тоҷикӣ яке аз бузургтарин адабиётҳои дунёст ва барои тарбия имконниятҳои камназир дорад. Агар ин имкониятҳоро кам ё бад истифода кунем, дар пеши таърих ҷавобгар хоҳем буд. Мо ақида дорем, ки соати дарсҳои адабиёти тоҷикиро пайваста зиёд кардан даркор аст, вале кам кардан ҳаргиз мумкин нест. Дарси адабиёт чӣ дар мактаби миёна ва чӣ дар мактаби олӣ бояд зиёдтар шавад, торафт такмил ёбад, бештар самара диҳад. Тақозои вазифаҳои тарбиявии мактаби миёна ва олӣ ҳамин аст.

## 2

Соли 1986 лоиҳаи программаи нави адабиёти тоҷик барои синфҳои V—XI чоп шуд. Ба фикри мо бояд ҳаминро ба назар гирем, ки ин лоиҳа ҳам монанди программаҳои пештара аз чанд ҷиҳат нуқсон дорад. Қамбудии асосӣ ба назари мо он аст, ки моҳияти асарҳои бадеӣ, он чӣ аз ҳар асари бадеии мавриди омӯзиш бояд дар маркази диққати муаллим қарор гирад ва мақсади аслии дарс бошад, дар бисьёр мавридҳо равшан ва буррову гӯё ифода нашудааст, талаби программа норавшану номуайян аст. Аз рӯи чунин программа нуқтаи асосии ҳар дарсро муайян кардани муаллим, сифати баланди ҳар дарсро таъмин намудани ӯ душвор аст.

Муаллифони лоиҳаи программа вазифаи худро ба муносибати ба таълими ёздаҳсола гузаштани мактаб ба тарзи механикӣ ҳал кардаанд: пештара материалҳои синфи IV-ро ба синфи V, материалҳои синфи V-ро ба синфи VI гузаронидаанд ва ҳоказо. Он чиро, ки талаба пештар дар синфи IV мехонд, акнун бояд дар синфи V хонад, материали синфи V-и пештараро дар синфи VI хонад ва то охир ба ҳамин минвол. Яъне инкишофи талабаро як сол-як сол ақиб партофтан лозим меояд. Ва ҳол он ки мақсад аз таълими ёздаҳсола ин нест. Ба андешаи мо, модомки ба таҳсили талабагон як сол зам мешавад, ба программа материали нав илова кардан даркор аст ва ин материал дар синфи VIII асосан аз адабиёти классикии тоҷик ва адабиёти ҷаҳон бояд гирифта шавад.

Чунон ки дар программаи пештара буд, дар лоиҳаи нав ҳам яке аз принципҳои асосӣ ин аст, ки мехоҳанд дар китоби хониши синфҳои V—VIII номи нависандагони гузаштаву имрӯза ҳар чӣ бештар дохил гардад. Дар натиҷа мавзӯъҳои хурде, ки барои онҳо як ё ду соат вақт додан лозим меояд, бисёр шудааст. Дар синфи V мувофиқи синну соли бачагон зиёд шудан адади мавзӯъхои хурди 1—2-соатӣ шояд дуруст бошад. Лекин аз синфи VI сар карда, мавзӯъҳоро калонтар гирифтан даркор будагист. Агар дар программа мавзӯъҳои хурд ва порчаҳои майдаи асарҳои калони классикӣ бисьёр бошад, талаба аз адабиёт ва асарҳои асосии он таассуроти канда-канда ҳосил мекунад, тасаввуроти нисбатан пурраи яклухт ҳосил карда наметавонад. Ва

ҳол он ки асари бадеиро фақат аз рӯи порчаҳои ҷудогона омӯхтан мумкин нест.

Барои порчаҳои «Гулистон»-и Саъдӣ дар синфҳои VI, VII ваVIII чорсоатӣ, ҳамагӣ 12 соат вақт додаанд. Дар иң 12 соат, ки се сол қашол меёбад, оё талаба аз «Гулистон» таассуроти яклухти то андозае мукаммал ҳосил хоҳад кард? Иң аз эҳтимол дур аст. Ва ҳол он ки «Гулистон» яке аз бузургтарин шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон аст ва чанд сад сол дар мактаби ибтидоӣ китоби дарс буд, кӯдакон онро пурра аз ёд медонистанд. Пас, имрӯз дар программаи мактаби ҳаштсола ин қадар мавқеи ночиз доштани онро нишони қадрношиносӣ метавон донист.

Мақсади асосӣ ҳамаи нависандагони гузаштаву имрӯзаро ҳатман ба программаи синфҳои V—VIII дохил кардан набояд бошад. Мақсади асосӣ бо муҳимтарин ва мувофиқтарин асарҳои адабиёт ба талабагон таъсири эмоционалии мукаммалу амиқ расонидан, дар бораи инсон, ҳаёт ва ҷамъият, дар бораи масъалаҳои муҳимми ҳастии иҷтимоию маънавии шахс тасаввуроти амику ҳамаҷониба ба вуҷуд овардан аст. Ин мақсад бо асарҳои калонтари яклухт ба даст меояд. Аз ин рӯ, ба пиндошти мо, дар программаи синфҳои VI—VIII достонҳои алоҳидаи «Шоҳнома», «Гулистон»-у «Бустон»-и Саъдӣ, масалҳои Ҷалолиддини Румӣ, ҳикояҳои ҳикматомези Авфию Убайд, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Қалилаву Димна» ва монанди инҳо бояд мавқеи зиёдтар дошта бошад. Инҳо барои иҷрои вазифаи тарбиявии дарси адабиёт бештар имкон фароҳам меоранд.

Тавсияи программаҳои пештара ва лоиҳаи нав барои аз бар кардани порчаҳои бадеӣ низ ба назари мо ғайри қаноатбахш менамояд. Лоиҳаи нав дар синфи V аз ёд донистани 9 порчаи хурд, дар синфи VI — ҳамагӣ 11 порча, дар синфи VII — фақат 13 порча, дар синфи VIII аз ин ҳам камтар — 5 порчаро тавсия намудааст. Мо ақида дорем, ки ин миқдор барои мактаби тоҷикӣ кам аст. Бачагони мо бояд шеърро бисёр донанд, ғайр аз порчаҳои калон, дар ҳар дарс як-ду байт аз бар кунанд. Ба ин кор бояд мактаби ибтидоӣ замина тайёр намояд: дар мактаби ибтидоӣ шеър аз ёд кунонидан бояд яке аз вазифаҳои асосӣ бошад, то ки меҳри суханн бадеъ дар дили кӯдак бештар ҷой гирад, кӯдак бештар малака ҳосил кунад, хофизаи ӯ пурзӯр шавад. Он

гоҳ дар мактаби ҳаштсола шеър аз бар кардан душвор намеояд ва камтар вақт мегирад.

Аҳли адабро ҳамин чиз хеле ба ташвиш овардааст, ки ба программаю китобҳои хониши мактаби ибтидоӣ шеъри суст бисьёр дохил шудааст. Бисьёр шеърҳои ин китобҳо аз шеърияти асил дуранд, ба ташаккули табъи баланди кӯдакон мусоидат карда наметавонанд, баръакс, зарар меоранд. Барои китоби хониш ва хрестоматияҳои мактаби ибтидоию миёна аз шоирони ҳозира фақат шеърреро, ки ба сифати асари бадеи олист, гирифтан мумкин аст. Медонем, ки мактаби кӯҳнаи тоҷикӣ, мактаби ибтидоии пеш аз инқилоб бо вуҷуди бисьёр камбудиҳояш, ки устод Айнӣ нағз тасвир кардааст, дорои як хусусияти ибратомӯз буд: китоби Аттор, мунтахаби девони Ҳофизу Бедил дар он мактаб китоби дарс буд. Завқи эстетикии талабагон аз аввал бо шеъри олии Ҳофизу Бедил тарбия меёфт. Агарчи кӯдакон аксаран маънои ин шеърҳоро намефаҳмиданд, азбаски ҳамаи онҳоро ҳифз мекарданд, ба як умр дар ёдашон мемонд ва як умр кам-кам аз онҳо маънии олӣ кашф менамуданд, аз санъати баланди онҳо ҳаловат мебурданд. Ин яке аз сабабҳоест, ки мардуми мо дар шеър табъи баланд доштанд. Ин анъанаро имрӯз ҳам давом додан зарур аст. Албатта, мо намегӯем, ки имрӯз ҳам ба программаи мактаби ибтидоӣ шеъри Ҳофизу Бедилро даровардан лозим аст. Фақат ҳаминро таъкид кардан мехоҳем, ки дар интихоби шеър барои мактаби ибтидоӣ хеле эҳтиёт шудан, бо табъи баланд шеър интихоб кардан даркор аст.

## 3

Яке аз камбудиҳои программаи пештара, лоиҳаи нав, умуман дарси адабиёт дар мактаби миёна ин аст, ки ба адабиёт, хусусан ба адабиёти классикии тоҷикӣ бештар аз дидгоҳи социологизми вулгар нигоҳ мекунанд: аз ҳар асар, аз ҳар порча ва байт асосан маънои иҷтимоии сиёсӣ, фикрҳои зидди замони феодалӣ ва зидди ҷавру зулм меҷӯянд, аҳамияти тарбиявии адабиётро бештар дар ҳамин мебинанд. Бешубҳа адабиёти классикии мо ҳамеша фикрҳои олии иҷтимоиву сиёсӣ дошт ва бо ноинсофию беадолатии иҷтимоӣ фаъолона мубориза мекард. Бинобар ин, чи дар мактаби миёна, чи дар мактаби олӣ, чӣ дар тадқиқоти илмӣ

афкори иҷтимоиву сиёсии гузаштагон бояд қисми муҳими омӯзиши адабиётро ташкил намояд. Лекин адабиёт танҳо аз ин иборат набуд ва зӯр зада аз ҳар байт чунин маъниҳо кашидан хилофи ҳақиқати воқеист.

Адабиёти классикии мо асосҳои маънавии ҳастии инсонро хеле ҳаматарафа ва амиқ ба андеша гирифтааст. Масъалаҳои ҷовиди умумиинсонӣ, муҳимтарин масъалаҳои сиришти инсон ва тобишҳои нозуки некиву бадӣ, симои инсонии одамизод ва пояҳои маънавию ахлоқии ҳастии вай ҳамеша диққати нависандагони мутафаккири замонҳои гузаштаро ба худ мекашиданд. Аҳамияти ин масъалаҳо имрӯз торафт меафзояд. Пас, мактаби миёна ҳам бояд ба қадри ҳол аз ин масъалаҳои адабиёт дур намонад, талабагонро мувофиқи синну сол ва фаҳми онҳо аз масъалаҳои ҷиддии фалсафаи ҳаёт ва арзиши умри инсон огоҳ кунад. Инсон аз аввал, аз овони наврасӣ дар сари ин масъалаҳо фикр карданро кам-кам бояд ёд гирад. Дарки некиву бадӣ, одамиву ноодамӣ, наҷобату разолат, мақсади зиндагии инсон, худшиносии иҷтимоиву маънавии шахс—ҳама аз аввал, аз овони наврасӣ оғоз ёфта, дар муддати умр амиқ меравад ва мактаб, хусусан дарси адабиёт дар ин процес роли бузург мебозад.

Даст кашидан аз социологизми вулгар ва эзоҳоти оддии примитив, бештар диққат кардан ба асоси маънавии ҷамъбастҳои бадеӣ, ба маркази диққат гирифтани моҳияти эстетикии адабиёт (адабиёт ба сифати санъати сухан, ба сифати бадеияти олӣ), ба назари мо, ҳоло вазифаи асосист, ки дар назди программаи адабиёт, китоби дарсӣ ва худи дарс истодааст.

## 4

Аз ин ҷо, як масъалаи дигар пеш меояд. Ин ҳам бошад, масъалаи усули таълими адабиёти классикии тоҷикӣ дар мактаби миёна аст.

Тарзҳои таълими адабиёти классикии тоҷикӣ барои мактабҳои миёна ҳанӯз муайян нашудааст. Он чӣ муайян шудааст, бештар ба материали адабиёти советии тоҷик ва адабиёти рус, ба материали адабиёти реалистӣ мувофиқ меояд, аммо барои адабиёти классикии тоҷикӣ, ки асарҳои он ҳазор сол ё чорсад-панҷсад сол пеш аз ин навишта шудаанд, дигар тарзҳои таълим даркор аст. Афсӯс ки бо ин кор ҳанӯз ҷиддан машғул

нашудаем ва муаллимони пешкадам ҳам дар таълими адабиёти классикии тоҷикӣ душворӣ мекашанд.

Ҳоло дар таълими адабиёти классикии тоҷикӣ дар синфҳои V—VIII асосан як роҳу равиш ба назар мерасад: бештар муаллим мазмуни асари классикиро ба талабагон нақл мекунад, аммо дар синф худи матнро хондани талабагон кам воқеъ мешавад. Талабагон матни асари бадеиро асосан дар хона мехонанд. Лекин азбаски асари бадеӣ ба асрҳои гузашта тааллуқ дорад ва аз фаҳми талабагони имрӯза нисбатан дур аст, онро дар хона мустақилона хондани талабагон кам фоида меорад ё фоидае намеорад: фаҳмида наметавонанд ва намехонанд. Пас, ягона роҳи аз мазмуни ҳар асар огоҳ шудани талаба нақли муаллим аст. Ва ҳол он ки худи асарро нахонда ё андак хонда, асосан аз нақли умумии муаллим фаҳмидани мазмуни он, бегумон, хилофи принципҳои асосии педагогика мебошад. Ин тарзи таълим дар мактаби тоҷикӣ солҳои сол давом дорад. Шояд на ҳамаи муаллимон ва на дар ҳамаи мавридҳо чунин амал мекарда бошанд, вале аксарият ба ҳамин тарз дарс медиҳанд.

Вақти он расидааст, ки барои даст кашидан аз ин тарзи таълим замина тайёр кунем. Чунин заминае тайёр намудан душвор аст ва ба зудӣ муяссар нахоҳад шуд. Бинобар ин, ҳар чӣ зудтар бояд чораҷӯӣ сар кунем.

Бо ин мақсад аввал таҷрибаи муаллимони пешқадамро омӯхта, ба дастраси ҳамаи муаллимон гузоштан лозим меояд. Ғайр аз ин, баъзе чораҳои дигар дидан зарур аст. Ба ин муносибат камина мехоҳам ба муҳокимаи аҳли кор як таклиф гузорам. Ин таклиф қариб 20 сол пештар дар як мақолаи камина баён шуда буд, вале ҷолиби диққат наомад. Аз ин рӯ, ҳоло такроран гӯшгузор кардан мехоҳам.

Талаба моҳияти асари бадеиро он гоҳ ба хубӣ мефаҳмад, ки матни онро худаш бо диққат хонда бошад. Муаллим бе он ки зарурати махсусе дар миён бошад, мазмуни асарро набояд гӯяд, балки ба хониши диққаткоронаи талаба ёрӣ диҳад, онро ташкил намояд, ба ҷараёни дуруст равона созад. Ин ёрии муаллим ҳангоми хондани матни классикӣ бештар аҳамият пайдо мекунад. Дар мактаби ҳаштсола қисми зиёди матни классикӣ бояд дар синф (на дар хона) бо роҳбарии муаллим хонда шавад. Талабагон баяд асосан дар синф бо

роҳбарии муаллим ба хондану фаҳмидани матни классикӣ машғул шаванд. Вагарна фаҳмидани асарҳоеро, ки 500—600 сол пеш аз ин навишта шудаанд, ҳеҷ гоҳ ёд нахоҳанд гирифт.

Махсусияти адабиёти классикии тоҷикиро бояд фаромӯш накунем. Ба ин адабиёт даст ёфтани наврасону ҷавонон душвориҳо дорад. Ин душвориҳо бояд асосан дар синҳои V—VIII бартараф шаванд. Ба ганҷинаи адабиёти классики тоҷикӣ роҳ ёфтани наврасону ҷавонон асосан аз синфҳои V—VIII сар мешавад. Барои ин кор дар мактаби ибтидоӣ (синфҳои I—IV) имконият кам аст: синну соли талабагон монеъ меояд. Инкишофи талабагон имкон медиҳад, ки маҳз дар синфҳои V—VIII таҳкурсии шеърфаҳмии онҳоро мустаҳкам кунем. Талабагон маҳз дар ҳамин синну сол бештар қувваи дарёфт доранд, маҳз дар ҳамин синфҳо барои фаҳмидани сухани олии классикон барои роҳ ёфтан ба андӯхтаҳои маънавии ҷандин аср нахустин малакаҳои устувор пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, синфҳои V—VIII дар системаи таълими адабиёти классикии тоҷикӣ муҳимтарин марҳилаест, пурмасъулияттарин давраест, ки ба чӣ тарз тай шудани он дар инкишофи маънавии талабагон ба як умр таъсир мегузорад. Агар талабагон дар синфҳои V—VIII хондану фаҳмидани матни классикиро ба қадри ҳол ёд нагиранд, ин камбудиро дар синфҳои IX—X ислоҳ кардан душвор аст. Зеро чунон ки маълум аст, дар курси системавии таърихи адабиёт (дар синфҳои IX—XI) барои таҳлили конкрети порчаҳои ҷудогонаи адабӣ имкон кам аст.

Ин аст, ки дар синф байт ба байт ва сатр ба сатр хондани матни классикӣ, фаҳмидани маънои он, пай бурдан ба сирру асрори вай, яъне ба адабиётфаҳмӣ тайёр шудани талабагон асосан дар синфҳои V—VIII сурат мегирад. Бинобар ин, ба ин синфҳо аҳамияти махсус додан ва усулҳои таълимро мувофиқи махсусиятҳои материал муайян кардан лозим меояд.

Мо дар чунин ақидаем, ки ҳамаи ин махсусиятҳои мактаби тоҷикиро ба назар гирифта, аввало дар синфҳои V—VIII барои адабиёти классикии тоҷикӣ бештар вақт ҷудо кардан даркор аст. Ҳоло дар ин синфҳо барои адабиёти классикии тоҷикӣ соат бисьёр кам аст. Дар лоиҳаи программаи нав чунин манзараеро мебинем: синфи V—105 соат, адабиёти классикии тоҷикӣ — 16 соат, синфи VI—105 соат, адабиёта классикӣ — 21 соат,

синфи VII—70 соат, адабиёти классикӣ — 25 соат, синфи VIII—70 соат, адабиёти классикӣ — 22 соат. Ҳамагӣ дар ин синфҳо аз 350 соати адабиёт фақат 84 соат, яъне танҳо камтар аз чоряки соатҳо ба адабиёти классикии тоҷикӣ дода шудааст у бас.

Ба ақидаи мо, ин миқдор тамоман ғайрикофист. Барои бартараф кардани он душвориҳое, ки аз махсусиятҳои таълими адабиёти классикии тоҷикӣ сар мезананд, миқдори соатҳоро барои ин мақсад камаш ду баробар зиёд кардан лозим меояд.

5

Ин як тарафи масъала аст. Масъалаи **махсусиятҳои** таълими адабиёти классикии тоҷикӣ дар синфҳои V—VIII тарафи дигаре ҳам дорад, ки низ ба ғоят муҳим аст.

Барои таълими адабиёти классикии тоҷикӣ дар синфҳои V—VIII нисбат ба ҳозира ду баробар вақт ҷудо кунанд, ҳам ин кор он гоҳ фоидае хоҳад овард, ки муаллимон барои пурмаҳсул истифода кардани ин вақт имкон дошта бошад. Ба фикри мо, ҳоло аксари муаллимони адабиёт ба ин кор тайёр нестанд, онҳо иқтидор надоранд, ки матни мураккаби классикиро ба талабагон сатр ба сатр ва байт ба байт хононда, ҳамроҳи онҳо таҳлил кунанд, барои нозукиҳои матнро амиқ фаҳмидани талаба ёрӣ диҳанд. Ҳоло худи муаллимон аксаран аз фаҳмиши шеъри олии классикӣ оҷизанд.

Пас, лозим аст, ки аввал муаллимонро ба ин кори душвор тайёр кунем. Аммо тайёрии муаллими мактаби миёна ба кори мактаби олӣ, ба кори факультети филологияи университет ва институтҳои педагогӣ вобастагӣ дорад. Зарур аст, ки тарзи таълими адабиёти классикии тоҷикӣ аввал дар мактаби олӣ андак ё хеле дигар шавад.

Ҳоло донишҷӯёни мактаби олӣ адабиёти классикии тоҷикиро бештар монанди таърих меомӯзанд: асосан лекцияи муаллимонро гӯш мекунанд, аммо бо худи матни конкрет камтар сару кор доранд. Медонем, ки савияи илмии лекцияи муаллимони мактаби олӣ сол то сол баланд шуда истодааст. Лекин лекция чиро дар бар мегирад? Бештар аз таърихчаи замон, тарҷумаи ҳоли нависандагон, характеристикаи умумии эҷодиёт ва асарҳои алоҳидаи онҳо иборат аст. Вале дарси ама-

лӣ дар мактаби олӣ кам аст. Студентон кам имкон доранд, ки бо роҳбарии профессорону доцентҳои таҷрибакор бевосита матни классикиро омӯзанд, хондану фаҳмидани онро ёд гиранд. Онҳо дар баъзе мавридҳо чунин имкон тамоман надоранд. Аз ин рӯ, муаллимони мактаби миёна ҳам аз таҳлили матни классикӣ оҷизанд. Аз ҳамин сабаб, дар мактаби миёна ҳам дарси адабиёт бештар аз гуфтани тарҷумаи ҳоли нависанда ва мазмуни асарҳои ӯ иборат аст.

Таклифи мо ин аст, ки барои ин вазъият дар факультети филологияи мактаби олӣ дарси амалиро зиёд кардан лозим аст. Мо комилан тарафдори фикри Абдуманнон Насриддинов ҳастем, ки гуфтааст: «Дар мактабҳои олӣ ҷорӣ кардани машғулияти таҷрибавии (практикуми) адабиёт ва дар он ақаллан як асари классикиро... бо ҷузъиёташ омӯхтан аз талаботи ҳатмии рӯз аст» («Газетаи муаллимон», 26 авг. 1986). Таклифи камина низ 20 сол пеш ҳамин буд, имрӯз ҳам ҳамин аст. Чунин ба назар мерасад, ки хеле зиёд кардани дарси амалӣ дар мактаби олӣ дар шароити ҳозира яке аз муҳимтарин чораҳое барои ба дараҷаи лозима боло бурдани маданияти адабиётфаҳмии студентон аст, муҳимтарин шарти ба муаллимӣ тайёр кардани онҳо мебошад.

Ба ақидаи мо, дарси амалӣ бояд на аз курсҳои боло, балки аз курси якуми мактаби олӣ сар шуда, то курси охир давом кунад ва тартиби он тахминан чунин бошад: донишҷӯён бо раҳнамунии муаллим (на ҳар муаллим, балки муаллими таҷрибакоре) на як асари классикиро (чунонки А. Насриддинов таклиф кардааст), балки чанд асарро, камаш як достони «Шоҳнома» ва лоақал нисфи «Гулистон»-ро дар синф хонанд, мисраъ ба мисраъ ва сатр ба сатр таҳлил кунанд, кӯшиш намоянд, ки ба мазмуни ҳар байту ҳар ҷумла, ба сирру асрори санъати олии он амиқан сар фурӯ баранд, маънои таҳтонии ҳама ташбеҳу истиораҳо, талмеҳҳо, таносуби сухан ва ғайраро фаҳманд, фикри асосии ҳар бобу фаслу қисм ва тамоми асарро муайян кунанд.

Ҳангоми ин машғулият онҳо бояд луғатҳои гуногун ва баъзе шарҳу эзоҳномаҳои заруриро дар даст дошта бошанд ва истифода намоянд. Ғайр аз ин, барои машғулиятҳои амалии студентон ва ба ёрии муаллимони мактабҳои миёна дар асоси таҷрибаи муаллимони мак-

табҳои олӣ луғатҳои махсус тартиб додан лозим аст, масалан, эзоҳномаи таъбироти сабку равияҳои алоҳидаи адабӣ, разму маҷозҳо, талмеҳҳо ва ғайраро чоп кардан зарур аст.

Мо бовар дорем, ки агар дар чунин машғулиятҳои амалии мунтазам лоақал як достони «Шоҳнома» ва «Гулистон» хонда шавад, мустақилона, ба ёрии муаллим ё бо андак ёрии ӯ хондани дигар асарҳои классикӣ ба донишҷӯён чандон душворӣ нахоҳад овард.

Ҳоло муаллимони мактабҳои олӣ дар таълими адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ таҷрибаи фаровон андӯхтаанд. Онҳо имкон доранд, ки дарсҳои амалиро низ ба савияи зарурӣ анҷом диҳанд. Ба фикри мо, вақти он расидааст, ки онҳо дар асоси ин таҷрибаи худ масъалаи ҷорӣ намудани дарси амалӣ, муайян намудани шаклҳои гуногун ва методикаи онро ҳамаҷониба муҳокима кунанд ва таклифҳои конкрет пеш гузоранд.

Агар аз ҳоло корро чунон ташкил намоем, ки таълими студентон дар мактаби олӣ на танҳо таълими назарӣ, балки инчунин таълими амалӣ бошад, имкон хоҳем ёфт, ки пас аз даҳ-понздаҳ сол яъне то охири асри ҷорӣ як идда муаллимҳои навназару покизакор тайёр карда, дар мактаби миёна, дар синфҳои V—VIII дар омӯзиши адабиёти классикии тоҷик як андоза дигаргунии матлуб ба миён орем. Дар ин муддат ба муаллимони ҳозираи мактаби миёна ба воситаи курсҳои дарозмуддати такмили ихтисос усулҳои нави таълими адабиёти классикии тоҷикро омӯхтан имконпазир хоҳад буд.

Мо ақида дорем, ки дар шароити Тоҷикистон яке аз муҳимтарин масъалаҳои ислоҳоти мактаби миёна ва навсозии мактаби олӣ ҳамоно ба дараҷаи зарурӣ боло бурдани савияи таълими адабиёти классикии тоҷикӣ мебошад. Ба дараҷаи талаботи имрӯза расонидани таълими адабиёти классикии тоҷикӣ аз зарууртарин вазифаҳост. Ин масъаларо фақат дар доираи мактаби миёна ҳал кардан мумкин нест. Ҳалли он ба тарзҳои таълими адабиёт дар мактаби олӣ сахт вобаста аст. Масъаларо фақат бо назардошти алоқамандии сахти мактаби миёнаю олӣ бояд ҳал кунем.

Ба муносибати ислоҳи мактаби миёна ва таълими умумӣ боз як масъалаи муҳим пеш меояд. Лозим аст, ки дар мактабҳои русиву ӯзбекии Тоҷикистон ҳам аз синфи V то XI дарси адабиёти тоҷикӣ ҷорӣ шавад. Ҳеҷ мумкин нест, ки талабагони синфҳои русиву ӯзбекии республика аз адабиёти тоҷикӣ огоҳии мунтазами систематик надошта бошанд. Чунин огоҳии талабагон на танҳо барои тарбияи интернационалӣ аҳамият дошта, дар роҳи мустаҳкам кардани дӯстии халқҳо роли муҳим мебозад, балки дар зиндагии ҳар яке аз хатмкардагони мактаби миёна, барои инкишофи маънавии онҳо солҳои сол хизмат хоҳад кард.

Ғайр аз ин, бояд фаромӯш накунем, ки дар ҳамаи синфҳои русии мактабҳои республика як миқдор фарзандони аҳолии таҳҷой, аз ҷумла тоҷикбачагон ҳам таълим мегиранд. Талабагони тоҷик чанд фоизи ҳайати ҳар синфи русиро ташкил мекунанд. Ҳоло вазъият чунон аст, ки инҳо таҳсили миёнаро бо охир мерасонанду аз адабиёти халқи худ бехабаранд. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки таълими умумии онҳо ноқис аст.

Зотан дар мамлакати мо халқи «худ» ва халқи «дигар» нест. Мо ҳама як халқем. Ҳама бояд таърихи ҳамдигар, маданият, адабиёт ва санъати якдигарро донем. Ин огоҳии мо бояд аз мактаби ибтидоӣ, ҳатто аз боғчаи кӯдакон сар шавад, мунтазаман давом кунад, то рафт такмил ёбад ва амиқ гардад.

Устувор намудани пояҳои маънавии таълиму тарбия яке аз мақсадҳои асосӣ аз ислоҳи кори мактаби миёна ва олист. Барои ин ки кӯдакон, наврасон ва ҷавонон аз аввал қадам ба қадам арзишҳои бузурги маънавиеро, ки башарият дар тӯли асрҳо гирд овардааст, аз худ кунанд, барои ин ки онҳо аз оғоз мунтазаман ба сӯи ҳаёти ҳақиқии маънавӣ раҳсипор гарданд, таълими адабиёти гузаштаю имрӯзаи тоҷикӣ аҳамияти махсус дорад. Месазад, ки дар яке аз муҳимтарин давраҳои инкишофи ҷамъияти мо — давраи навсозию дигаргуниҳои бузурги иҷтимоиву иқтисодӣ ва ислоҳоти мактаби миёнаю олӣ масъалаҳои таълими адабиёти классикии тоҷикӣ ба савияи баландтаре ҳал гардад.

Он гоҳ бештар имкон хоҳем дошт, ки ҷавонону наврасон аз мактаби миёнаву олӣ на танҳо илму дониш

ба даст оранд ва ихтисос омӯзанд, балки одамият низ ёд гиранд, асосҳои маънавии ҳастии онҳо устувор гардад. Асоси шахсияти инсон на фақат илму дониш ва ихтисосу касб, балки, пеш аз ҳама, маънавият аст.

1986

## МУНДАРИЧА

I. Ёде аз гузаштагон . . . . . . . . . . . . 3

«Ба асобағал одат накунед» . . . . . . . . . —
Устодӣ чунин бояд! . . . . . . . . . . . . . 7
Мавзӯи шарқи хориҷӣ дар шеъри М. Турсунзода . . 11

II. Бозҷустҳои маънавию ахлоқӣ . . . . . . . . 18

Андешапарварӣ — фаъолиятмандии иҷтимоӣ . . . . —
Садоқат ба идеалҳои олӣ . . . . . . . . . . 29
Зарраҳои одамият . . . . . . . . . . . . . 53
Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публицистӣ . . . . . 73
Дар сари роҳҳои нав . . . . . . . . . . . . 91
Як назар ба бурду бохти ҳикоя . . . . . . . . 101
Тафаккури таҳлилӣ ва амиқрафти реализм . . . 115
Адабиёт ва фалсафаи ҳастӣ . . . . . . . . . 137
Қувваи ҷамъиятии адабиёт . . . . . . . . . . 158
Истиқлоли фикр ва концепция даркор аст . . . . 168

III. Ҷустуҷӯи ҳақиқат ва дӯстӣ . . . . . . . —

Мактаби одамият . . . . . . . . . . . . . 192
Ҷустуҷӯи роҳи бузурги некӣ . . . . . . . . . 197

IV. Оинаи танқид . . . . . . . . . . . .

Оина ва оинадорон . . . . . . . . . . . . 216
Барои танқиди таҳлилии объективӣ . . . . . . 221

**V. Одамият ва маънавият** . . . . . . . . 243
Ҳикмати асрҳо . . . . . . . . . . . . —
Дарси адабиёт одамият меомӯзад . . . . . . . 255

**Шукуров Муҳаммадҷон**

Ш 95 Мактаби одамият: Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият. Душанбе: Адиб, 1991, 272 саҳ.

ISBN 5—8362—0277—X

Масъалаҳои маънавият ва ахлоқи иҷтимоӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷикӣ, роли адабиёт барои ташаккули шахсияти инсони дорои маънавияти олӣ дар мақолаҳои ин маҷмӯа мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Мақолаҳо дар солҳои гуногун навишта шудаанд, вале аксаран аз ягон ҷиҳат ба вазъи имрӯзаи адабиёт вобастагие доранд. Муаллиф ба масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ амиқан сар фурӯ бурдани адибонро талаб мекунад, ки чунин дархост ҳоло бештар аҳамият пайдо намудааст.

**Шукуров Мухаммаджан**

Школа человечности. Некоторые проблемы литературы и духовности.

В статьях сборника рассмотрены решение проблем духовности и социальной нравственности в современной таджикской литературе, роль литературы в формировании личности человека высокой духовности. Статьи написаны в разные годы, но часто какой-либо своей гранью обнаруживают непосредственную связь с сегодняшними задачами литературы. Автор требует глубокого проникновения в проблемы философии бытия, а это ныне приобретает особое значение.

Ш $\frac{4803000000—563—233}{М\ 512(13)—91}$ 87—91

ББК 83.3 Тоҷик

*Мухаммаджан Шукуров*

**ШКОЛА ЧЕЛОВЕЧНОСТИ**

*(на таджикском языке)*

Ороиши *Л. Шаропова*
Муҳаррири ороиш *А. Боймуродов*
Муҳаррири техникӣ *Я. Бекназарова*
Мусаҳҳеҳ *Р. Атоева*

ИБ № 563

Ба матбаа 04. 06. 90 супурда шуд. Ба чопаш 23. 08. 91 имзо шуд. Формати $84 \times 108^1/_{32}$. Коғази типогдрафии № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 14,385. Ҷузъи ра ıгаи шартӣ 14,49. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,732. Адад.ı нашр 4000. Супориши № 277. Н··"аш 2 сӯм.

Нашриёти «Адиб», 734003, Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33.
Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.

734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

2 сўм.